ISSN 2413-5151

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ
2021. №3.
Қисми II

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук
2021. №3.
Часть II

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences
2021. No.3.
Part II

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2021

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 10 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:
Хушвахтзода Хушвахт **Қобилҷон** *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:
Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:
Исмонов Карометулло *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

08.00.00 –иқтисод

Ғаниев Таваралӣ Бобоевич *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Давлатзода Қудрат Қамбар *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Чая Влидимир Тигранович *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Исайнов Ҳисайн Раҳимович *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Исраилов Мукаш Исраилович *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қирғизистон)*
Калемуллоев Мунир Воҳидович *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
Кодирзода Диловар Бахриддин *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Низомов Самариддин Фахриевич *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Низомова Туҳфамо Давлатовна *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Одинаев Ҳаёт Абдулҳақович *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Умаров Ҳоҷимуҳаммад *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*
Шамсов Илёс Сафарович *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор*

12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ

Азиззода Убайдулло Абдулло *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Ғаюров Шукрулло Карометуллоевич *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Диноршоев Азиз Мусоевич *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
Раҳмон Дилшод Сафарбек *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Сотиволдиев Рустам Шарофович *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Шарипов Тақдиршо Шарифович *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*

23.00.00 –сиёсатшиносӣ

Зокиров Гулмаҳмад Нозимович *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
Қурбонов Абдураҳмон Шерович *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
Маҳмадизода Нозим Давлатмурод *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*
Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
Потселуев Сергей Петрович *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)*
Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*
Сафранчук Иван Алексеевич *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.

Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:

Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ: *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ*: 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ: *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (*www.vestnik-tnu.com*).*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ
– 2021. – №3.
Қисми II
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №181/МҶ-97 от 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2021

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 10 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:
Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт *Доктор экономических наук, профессор, ректор Таджикского национального университета*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:
Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:
Исмонов Карорматулло *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

08.00.00 – Экономика

Ганиев Таварали Бобоевич *Доктор экономических наук, профессор*
Давлатзода Кудрат Камбар *Доктор экономических наук, профессор*
Иброхимзода Илхомуддин Раджабали *Доктор экономических наук, профессор*
Исайнов Хисайн Рахимович *Доктор экономических наук, профессор*
Исраилов Мукаш Исраилович *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)*
Калемуллоев Мунир Вохидович *Кандидат экономических наук, доцент*
Кодирзода Диловар Бахриддин *Доктор экономических наук, профессор*
Низомов Самариддин Фахриевич *Доктор экономических наук, профессор*
Низомова Тухфамо Давлатовна *Доктор экономических наук, профессор*
Одинаев Хаёт Абдулхакович *Доктор экономических наук, профессор*
Умаров Ходжимухаммад *Доктор экономических наук, профессор*
Файзуллоев Машраб Курбоналиевич *Доктор экономических наук, профессор*
Чая Влидимир Тигранович *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)*
Шамсов Илёс Сафарович *Доктор экономических наук, профессор*

12.00.00 – Юриспруденция

Азиззода Убайдулло Абдулло *Доктор юридических наук, профессор*
Гаюров Шукрулло Карорматуллоевич *Доктор юридических наук, профессор*
Диноршоев Азиз Мусоевич *Доктор юридических наук, профессор*
Муртазозода Джамшед Сайдали *Доктор юридических наук, профессор*
Насриддинзода Эмомали Сайфиддин *Доктор юридических наук, профессор, член-корр. НАНТ*
Рахмон Дилшод Сафарбек *Доктор юридических наук, профессор*
Сотиволдиев Рустам Шарофович *Доктор юридических наук, профессор*
Шарипов Такдиршо Шарифович *Доктор юридических наук, профессор*

23.00.00 – Политология

Зокиров Гулмахмад Нозимович *Доктор политических наук, профессор*
Курбонов Абдурахмон Шерович *Доктор философских наук, профессор*
Махмадизода Нозим Давлатмурод *Доктор философских наук, профессор*
Муҳаммад Абдурахмон Навруз *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ*
Нуриддинов Раймалихон Шахбозович *Доктор политических наук, профессор*
Поцелуев Сергей Петрович *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)*
Сафарализода Худжамурод Куддуси *Кандидат политических наук, доцент*
Сафранчук Иван Алексеевич *Кандидат политических наук (Российская Федерация)*

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:

В области экономических наук: *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

В области юридических наук: *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

В области политических наук: *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук.
– 2021. – №3.
Часть II
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство №181/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2021

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences
Founder of the journal:

TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 10 times a year.

CHIEF EDITOR:
Khushvakhtzoda Kobildzhon Khushvakht — *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:
Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich — *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:
Ismonov Karomatullo — *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

08.00.00 - Economy

Ganiev Tavarali Boboevich	*Doctor of Economic Sciences, Professor*
Davlatzoda Kudrat Kambar	*Doctor of Economic Sciences, Professor*
Chaya Vladimir Tigranovich	*Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)*
Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali	*Doctor of Economic Sciences, Professor*
Isainov Khisain Rakhimovich	*Doctor of Economic Sciences, Professor*
Israilov Mukash Israilovich	*Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)*
Kalemulloev Munir Vohidovich	*Candidate of Economic Sciences, Associate Professor*
Kodirzoda Dilovar Bahriddin	*Doctor of Economic Sciences, Professor*
Nizomov Samariddin Fakhrievich	*Doctor of Economic Sciences, Professor*
Nizomova Tuhfamo Davlatovna	*Doctor of Economic Sciences, Professor*
Odinaev Hayot Abdukhakovich	*Doctor of Economic Sciences, Professor*
Faizulloev Mashrab Kurbonalievich	*Doctor of Economic Sciences, Professor*
Shamsov Ilyos Safarovich	*Doctor of Economic Sciences, Professor*
Umarov Khojamuhammad	*Doctor of Economic Sciences, Professor*

12.00.00 – Jurisprudence

Azizzoda Ubaydullo Abdullo	*Doctor of Law, Professor*
Gayurov Shukrullo Karomatulloevich	*Doctor of Law, Professor*
Dinorshoev Aziz Musoevich	*Doctor of Law, Professor*
Murtazozoda Jamshed Saidali	*Doctor of Law, Professor*
Nasriddinzoda Emomali Saifiddin	*Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST)*
Rahmon Dilshod Safarbek	*Doctor of Law, Professor*
Sotivoldiev Rustam Sharofovich	*Doctor of Law, Professor*
Sharipov Taqdirsho Sharifovich	*Doctor of Law, Professor*

23.00.00 – Political sciences

Zokirov Gulmahmad Nozimovich	*Doctor of Political Sciences, Professor,*
Kurbonov Abdurakhmon Sherovich	*Doctor of Philosophy, Professor*
Mahmadizoda Nozim Davlatmurod	*Doctor of Philosophy, Professor*
Muhammad Abdurahmon Navruz	*Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST*
Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich	*Doctor of Political Sciences, Professor*
Potceluev Sergey Petrovich	*Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)*
Safaralizoda Khujamurod Quddusi	*Candidate of Political Sciences*
Safranchuk Ivan Alekseevich	*Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)*

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

In the field of economic sciences: 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.

In the field of jurisprudence: 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.

In the field of political sciences: 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences
– 2021. – №3.
Part II
ISSN 2413-5151

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.

Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2021

ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

УДК:657(575.3) (076)

ТАҲҚИҚИ МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

Хушвахтзода Қ.Х., Набиев Б.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Даромаднокӣ ва натиҷабахшии рушди иқтисод ва таъмини инкишофу тараққии он ҷалби сармоягузориро ҳамчун яке аз шартҳои асосии тараққиёти прогресси илмӣ-техникӣ ва фаъолияти истеҳсолӣ талаб намуда, мавзӯи мубрам ва муҳимми таҳқиқи илмӣ боқӣ мемонад. Махсусан, сармоягузорӣ барои рушду тавсеаи равандҳои технологии истеҳсоли маҳсулот бо мақсади гирифтани даромад дар оянда моҳияти иқтисодии сармояро шарҳ медиҳад. Ин раванд бештар ба он алоқаманд аст, ки сармоя яке аз омилҳои рушди иқтисод, дар маҷмӯъ таъминкунандаи рушди босуботи он, ба ҳисоб меравад.

Муаммоҳои ҷалби сармоягузорӣ дар тамоми муносибатҳои иқтисодӣ ҳамчун яке аз шартҳои муҳимми фаъолияти фоиданок баррасӣ гардида, муайянкунандаи вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва дар маҷмӯъ рушди устувори иқтисодро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯи сиёсати фоидаовару муваффақонаи фаъолияти ҷалби сармоя, омӯзиши назария ва аз худ кардани донишҳои амалиро тақозо мекунад. Инчунин, омилҳои ҷалби сармоя, ҳавасмандкунии фаъолияти сармоягузорӣ ҳамчун механизми муҳимми таъсиррасон барои рушди соҳаҳои иқтисоди кишвар ба ҳисоб меравад.

Мафҳуми «инвеститсия» (сармоягузорӣ) дар илми иқтисоди муосир доираи васеи истифода дорад: аз ҳама навъи маблағгузориҳо ба мақсади гирифтани фоида, ба даст овардани натиҷаҳои матлуби иҷтимоиву иқтисодӣ сар карда, то сармоягузории васоити пулӣ ба тариқи истисно қоғазҳои қиматнок ва дигар арзишҳои фондию пулиро дар бар мегирад. Дар баъзе адабиёти илмӣ сармоягузорӣ ҳамчун гузоштани сармоягузории дарозмуддат дар истеҳсолот, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт, коммуникатсия ва дигар соҳаҳои иқтисод фаҳмида мешавад. Тафсири гуногуни мафҳуми «сармоягузорӣ» дар адабиёти иқтисодӣ комилан тибқи талабот ва қонунияти аз рӯи таҳаввуллоти назарияи иқтисодӣ анҷом дода шудааст. Аз ин рӯ муайян кардани моҳияти сармоягузорӣ зарурати аниқ намудани он ҳамчун категорияи иқтисодиро талаб мекунад. Назарияи сармоягузорӣ ҳамзамон бо бозори ҷаҳонӣ шакл гирифтааст, ки тавассути кашфиётҳои бузурги иқтисодии асрҳои XV-XVI ташаккул ёфтааст. Ин вазъият барои ба вуҷуд омадани назарияи сармоягузории марҳилаи таърихии меркантилизм таъсир гузошт [12,с.312].

Дар асоси ин сиёсат принсипҳои таҳиянамудаи Томас Ман, Давид Юм ва Ҷон Лок имконпазир гардид. Барои ин аксари онҳо ба он розӣ буданд, ки сармоягузорӣ омили асосии рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили қонунҳои сармоягузориро классикҳои назарияи иқтисодӣ А.Смит ва Д. Рикардо оғоз намуда, муаммои сармоягузориро аз нуқтаи назари ҷамъ кардани сармоягузории хусусӣ дида баромаданд [15,с.399].

Дар таҳқиқоти асосгузорони назарияи иқтисодӣ равандҳои азнавистеҳсолкунии сармоягузории алоҳида, тақозо ва арза, сармоягузорӣ дар захираҳои табиӣ баррасӣ шудаанд. Маркс ва ҷонибдорони ӯ бештар ба афзалияти истеҳсолоти ҷамъиятӣ розӣ шуданд, ки онҳо ба коркард ва назорати ҷиддии иҷрои нақшаҳои панҷсола такя мекарданд. Ин равиш дар кадом фосилаи вақт бояд ба муваффақият расад муайян нест, вале он баъдтар ба рукуд дучор гардид. Идома ёфтани ин афкор дар назарияи неолибераризм, махсусан дар таҳқиқоти О. Мизес, инъикоси худро ёфтааст [20,с.5].

Саҳми бузургро дар инкишофи назарияи сармоягузорӣ, ки он бо назарияи сармоягузории ғарбӣ маъмул аст, самти муайян кардани фарқи сармоя аз пулҳои сарфшудаи даромадро минбаъд Ҷ.М. Кейнс ва тарафдорони ӯ бунёд гузошта, кӯшише

барои таҳқиқи моҳияти сармоягузорӣ дар алоқа бо равандҳои иқтисодӣ намудаанд. Тибқи андешаи онҳо, андӯхти сармоягузорӣ аз рӯи моҳият ин фақат даромади боқимонда аст ва вобаста ба он ки чӣ тавр барои талабот хароҷот карда мешавад [11,с.82].

Ҳамчунин, ҳал кардани раванди истеъмолот ва сармоягузориро бо ҳаҷми даромад муайян мекунад. Аз ин рӯ, Ҷ.М. Кейнс ва А. Маршал, ба андешаи мо, самти дурусти ҷустуҷӯи илмиро муайян карданд, зеро дар баъзе мавридҳо иқтисоди кишварҳои сармоягузор, дар маҷмӯъ, ба талаботи афзун кардани даромадҳо ва даромаднокӣ дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин вобаста аст.

Мувофиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба сармоягузорӣ», «таҳти мафҳуми тамоми намуди ҳуқуқ ба моликият (ба ҷуз моликияти шахсии истифодашавада ё фаъолияти фурӯши маҳсулот бе коркарди онҳо) васоити пулӣ, қоғазҳои қиматнок, таҷҳизоти истеҳсоли технологӣ ва натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ дар асоси ҳуқуқи моликияти ба сармоягузор дахлдошта ва объектҳои фаъолияти сармоягузориро фарогиранда, ба мақсади гирифтани даромад ё ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ фаҳмида мешавад» [2].

Ҳамин тавр, раванди ҷалби сармоягузорӣ равандест, ки дар он захираҳо ба хароҷот дар мутобиқат бо ҷобаҷокунии мақсадноки сармоягузорӣ ба мақсади гирифтани даромад табдил меёбанд.

Дар шароити имрӯза рушди иқтисод ва соҳаҳои муҳимми он бо ҷалби сармоягузорӣ яке аз авомили муҳимтарин ва шарти баланд кардани сатҳи фаъолнокии захираҳои сармоягузории соҳаҳои мушаххаси иқтисод барои сармоягузорони потенсиалӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин бармеояд, ки ҷалби сармоягузорӣ шарти асосии фаъолнокии фаъолияти сармоягузорӣ ва асоси амалӣ намудани сиёсати сармоягузории давлат ба ҳисоб рафта, таъминкунандаи истифодаи мақсаднок ва бонизоми неруи табии–захиравӣ аст. Ҷалби сармоягузорӣ ба маънии васеъ имконият, сарчашма ва васоити пулие фаҳмида мешавад, ки метавонанд барои расидан ба мақсади муайян ва гирифтани даромади мушаххас, мақсаднок истифода шаванд.

Дар адабиёти иқтисодӣ то ҳол, афкори ягона доир ба «ҷалби сармоягузорӣ» вуҷуд надорад. Ба андешаи Одинаев Ш.Т., Рачабов Ш.Х. ва дигарон, «ҷалби сармоягузорӣ, яке аз фишангҳои муҳимми таъсиргузорӣ ба рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Баъзан як қатор минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастгирии сармоягузорӣ ниёз дошта, ҷалби сармоягузорӣ дар он минтақаҳо дар сатҳи паст қарор дорад» [13,с.256]. Аз ин рӯ, моҳияти ҷалби сармоягузорӣ бо ягон тарз дар таҳаввулоти назариявӣ иваз намешавад, танҳо муҳтаво ва мазмуни он иваз мегардад, ки дорои аҳамияти хос аст.

Дар баробари таҳқиқ намудани мафҳуми «сармоягузорӣ», мо ба андешаи амалӣ намудани ҷалби сармоягузорӣ бармегардем, ки он ба таври мушаххас дар муҳтаво ва мундариҷаи аҳамиятнокии он зоҳир мегардад. Ин шартҳо ҷанбаи субъекти таҳқиқи моҳияти ҷалби сармоягузориро муайян мекунанд. Дар ин замина ду вазифа ҳал карда мешавад: фаъол намудани ҷалби сармоягузорӣ ва шавқовар будани фаъолияти сармоягузорӣ бо роҳи бунёди муҳити мувозини мусоид, ҳам барои хориҷиҳо ва ҳам барои сармоягузорони ватанӣ. Дар аксар назарияҳои илмии мавҷуда се самти афкори иқтисодии муосири ҷалби сармоягузорӣ вуҷуд дорад: назарияи фармонҳо, назарияи тиҷорати байналхалқӣ ва назарияи молияи байналхалқӣ. Назарияи моделҳо ва лоиҳаҳои гардиши байналхалқии сармоягузорӣ дар таҳқиқоти Литвиненко И.Л. [10] аз рӯйи принсипи «мақсаднок» ва сиёсати ҷалби сармоягузорӣ ба 5 кластер гурӯҳбандӣ шудаанд (ҷадвали 1).

Таҳлили назарияҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки ҷалби сармоя ба се соҳа равона карда шудааст, ки дар он афзалият ба навъи идораи фоидаовари фаъолияти сармоягузорӣ дода шуда, базаҳои эътимодноки қонунгузорӣ ва лоиҳаҳои манфиатовар барои дастгирии рушди иқтисод ва рушди соҳаи мазкур ба ҳисоб гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, ба роҳ мондани ҷалби сармоягузорӣ ба сифати воситаи муҳим муҳокима мегардад, ки ба рушди

соҳаи иқтисод ёрӣ расонида, дар амал барои ҳавасмандгардонӣ ба фаъолияти соҳибкории расмӣ мусоидат мекунад.

Ҷадвали 1. Банизомдарории назарияҳои хориҷӣ аз рӯйи принсипи «мақсаднокӣ»- и сиёсати ҷалби сармоягузории хориҷӣ

Table 1. Systematization of foreign theories according to the principle of "expediency" of the policy of attracting investments

Номи назария (лоиҳаҳо, моделҳо)	Сол	Муаллифон	Хулосаҳои асосӣ
Гурӯҳи I: Назарияи инъикоскунандаи алоқамандии дуҷониба байни сиёсати сармоягузориҳои хориҷӣ ва сиёсати тиҷоратӣ			
Назарияи неоклассикии муносибатҳои дуҷонибаи омилҳои истеҳсолот	1933	О. Хекшер, Б. Олин	Монеаҳои гумрукӣ бортаъминкунандагони хориҷиро аз макони ташкили истеҳсолот дур меронад.
Модели субститутсияи тиҷорат ва сармоягузорӣ	1957	Р. Манделл	Гардиши сармоя ба самти муваққатан воридкунанда равона гардидааст.
Модели тиҷорати иловашуда ва сармоягузорӣ	1980	Д.Ҷ Маркузен	Тиҷорати озоди байналхалқӣ барои инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ ҳавасмандкунанда аст.
Таъсири сармояи хориҷӣ ва тиҷорат ба шуғл ва сатҳи маоши моҳона	1995	Р. Болдвин, Ҷ. Оттавиано	Ширкатҳои фаромиллӣ (ШФ) барои истеҳсоли молҳои гуногун дар мамлакатҳои гуногун махсус гардонида шудааст ва онҳоро ба кишварҳои сеюм содир мекунанд.
Модели алоқамандии дуҷонибаи содирот ва истеҳсолоти хориҷӣ	2001	Б. Блониген	Истеҳсолот дар хориҷа бо тиҷорати дохилифирамавии маҳсулоти нимтайёр баробарӣ мекунад.
Гурӯҳи II: Назарияҳои инъикоскунандаи алоқамандии дуҷониба миёни сиёсат дар доираи сармоягузории хориҷӣ, бо сиёсат дар бахши рақобат			
ШФ ва номукаммалии бозор (рақобати инҳисорӣ)	1960-1969	С. Хаймер, Ч. Киндлебергер	Ба сармоягузори хориҷӣ афзалияти инҳисорӣ дар назди рақиби маҳаллӣ зарур аст.
Олигополия ва сармоягузории бевоситаи хориҷӣ	1973-1978	Ф.Т. Никкербоккер, Х. Грэм	Дар соҳаҳои олигополӣ аз қафои сарвари бозор ба тариқи автоматӣ назорат ва пайгирӣ мекунанд.
Гурӯҳи III: Назарияҳои муҳокимакунандаи сиёсат дар бахши сармоягузории хориҷӣ ба сифати қисмати таркибии стратегияи саноатӣ			
Сикли истеҳсолоти байналхалқии молҳо	1966	Р. Вернон, Л. Уэльс	Дар сатҳи ба камолрасӣ ва стандартизатсия барои рақобати муваффақ фирма ҷойи нисбатан мувофиқи ба роҳ мондани истеҳсолотро меҷӯяд.
Интернализатсия	1976-1985	П. Бакли, М. Кессон, Ҷ. Макманус	Қисми аксари амалиётҳои иқтисодии байналхалқӣ, амалиётҳои дохилиширкатии байни қисматҳои дохилии комплексҳои калони хоҷагӣ (ШФ) ба ҳисоб мераванд

Сарчашма: муаллиф таҳия кардааст.

Тамоми масъалаҳое, ки ба фаъол гардидани фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунанд, пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 10 декабри соли 1992 ба миён омадаанд. Барои «… мукаммал кардани фаъолияти сармоягузории давлат дар замони муосир бояд сиёсати мақсаднокро ба роҳ монд, ки маҷмӯи меъёрҳои амалкунанда ва ба ҳам алоқамандро пешниҳод кунад» [2].

Ин мукаммалшавӣ дар раванди гузаштан аз модели агро-саноатии истеҳсолот ба саноатӣ-агрорию инноватсионии рушди иқтисод, механизми муҳимми ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ ба вуҷуд меояд, вале ба барои сармоягузорӣ неруҳои воқеии истеҳсолии соҳа ва комплексҳо мусоидат мекунанд.

Чун дигар давлатҳои дунё, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби сармоягузорӣ мароқи зиёд зоҳир намуда, кӯшиш мекунад, ки шароити нисбатан мусоид барои фаъолияти

сармоягузорӣ ва инноватсионӣ фароҳам созад. Инчунин, нақши муҳимро дигари пешбарандаро дар ин самт, барои танзими раванди ҷалби сармоя, 12 майи соли 2002 қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба сармоягузорӣ» бозид, ки ба он солҳои 2015 ва 2018 тағйиротҳо ворид карда шуд. Қабули қонуни мазкур барои тағйир додани сиёсати давлат дар муносибат бо сармоягузорон ва мақсадҳои гузошташуда, ки барои ҷалби сармоягузорӣ мусоидат мекунад, пешбинӣ гардида буд. Зеро беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ба фаъол кардани ҷалби сармоягузорӣ сахт алоқаманд аст. Ин раванд бештар ба он алоқаманд аст, ки ҷалби сармоягузорӣ яке аз омилҳои муайянкунандаи рушди иқтисод ба ҳисоб меравад.

Новобаста аз маъмул будани он ба сифати предмети таҳқиқот, муносибати ягона барои муайян кардани он мавҷуд нест ва муҳтавои иқтисодии он то ҳол хеле кам коркард шудааст.

Дар алоқа ба ин ҷадвал омӯзиши нақшу ҷойгоҳи сармоягузорӣ ва ҷалби он дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ, таҳлили комплексии умумӣ фароҳам кардани фаъолияти сармоягузориро талаб мекунад. Тавре аз ҷадвал маълум мегардад, амалинамоии назарияҳои алоқамандии сармоягузории хориҷӣ бо тиҷорат, рақобат ва стратегияи саноатӣ дар шароити кишвари мо ва консепсияи рушди сармоягузории хориҷӣ саривақтӣ ҳисобида мешавад. Дар ҳолати ба инобат нагирифтани алоқамандӣ бо тиҷорат иқлими мусоиди сармоягузорӣ фароҳам намешавад, алоқамандӣ бо рақобат сармоягузор кишварро тарк мекунад ва алоқамандӣ бо саноат ширкатҳои фаромиллӣ дигар иштирокчиёнро аз бозор мебароранд.

Ба андешаи мо, ҷалби сармоягузорӣ омили асосии ҳавасмандкунии сармоягузории соҳаҳо буда, муаммои асосии сиёсати меҳварии мамлакат барои амалӣ намудани фоидаоварии лоиҳаҳои сармоягузории комплекси энергетикии мамлакат ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҷалби сармоягузорӣ имконият, сарчашмаҳо, воситаҳое мебошад, ки метавонанд барои расидан ба мақсадҳои муайян ва ҳалли масъалаҳои мушаххас истифода шаванд.

Бинобар ин, фаъол будани ҷалби сармоягузорӣ ҳамчун раванде муайян карда мешавад, ки харҷи захираҳои молиявӣ аз ҳисоби вазифаҳои мақсадноки сармоягузорӣ ба вуҷуд меояд ва мақсади ниҳоии он ба даст овардани фоида мебошад. Инчунин, сармоягузории пулӣ дар соҳаҳои энергетикӣ, таъминкунандаи иқтидорҳо барои шуғл, истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо ва ё маблағгузорӣ барои татбиқи лоиҳаҳо ҳастанд, ки гирифтани фоидаро барои ташкилотҳо дар муддати муайяни вақт таъмин мекунанд [20,с.5].

Ҷадвали 2. Таҳаввулоти назариявии фаъолияти сармоягузорӣ
Table 2. Theoretical development of investment activities

№	Таҳқиқотчиён	Ақидаҳо
1.	М. Сузукӣ, Л.Х. Саидмуродов, А.А. Солиев	Омилҳое мавҷуданд, ки бо ёрии онҳо сатҳи кушодии иқтисодиёт муайян карда мешавад, инҳо тиҷорати хориҷӣ, ҳаракати сармоя, мубодилаи асъори миллӣ дар байни давлатҳо ва ғайраҳо маънидод карда мешавад [17,с.71]
2.	Иброҳимов И.Р.	Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон номувозинатии ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ ва ҳаракати сармоя мушоҳида карда мешавад [4,с.44]
3.	Саидмуродов Л.Ҳ., Солиев А.А.	Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ воситаҳои аз ҳама аҳамиятнок барои таъмини рушди устувории иқтисодиёти давлатҳо ба ҳисоб меравад [16,с.75]
4.	Қаюмов Н.Қ.	Иқтидори захираҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 527 млрд. кВт. дар як сол баҳогузорӣ карда мешавад ва дар шароити ҳозира аз онҳо ҳамагӣ 3,1%-и он истифода бурда мешавад [7,с.403]
5.	Ҳофизов Ҳ.А.	... сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ мафҳумҳои гуногуне мебошанд, ки дар мавриди якум рафторҳои мушахассаона дар назар дошта шуда, дар мавриди дуюм бошад, “сармоягузории системавӣ” дар назар дошта мешавад. Дар ин ҳолат онҳо тафовут дошта бошанд ҳам, аммо дар умумияти ин мафҳумҳо ягон шубҳа нест [21,с.24]
6.	Исмоилов А.А.	Агар давлат диққатро барои устувор гардонидани иқтисодиёт ҷалб намояд,

		он гоҳ лозим аст, ки дар сатҳи қонунӣ ташкил намудани иқлими мусоиди сармоягузорӣ, махсусан барои сохтори аграрӣ, ки ҳамчун соҳаи асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, лозим мебошад [6,с.135]
7.	Расулов Ғ.	Дар бозори ҷаҳонии сармоя Тоҷикистон, ҳамчун қарзгиранда боқи монда, бо пасандози дохилии нокифоя, барои ҷалби сармояи хориҷии мустақим эҳтиёҷи зиёд дорад, ки танзими сармоягузорӣ дар ин самт бояд васеъ роҳандозӣ гардад [14,с.10]
8.	Тағоев Ҷ.Х.	Ҷолибияти сармоягузории минтақа ба фазои сармоягузорӣ вобаста буда, ҷаззобияти сармоягузорӣ натиҷаи муҳити муқарраршудаи сармоягузорӣ мебошад[19,с.16]
9.	Давлатов Қ.Қ., Саторов М.М.	Ҷолибияти сармоягузории минтақа ин маҷмӯи омилҳои мусбат ва манфӣ ба бартарияти сармоягузор дар интихоби объекти сармоягузорӣ, ки дар он омилҳои мусбат аз омилҳои манфӣ зиёданд ва омилҳои манфӣ ба осонӣ бартараф карда мешаванд [1,с.41]
10.	Султанов З.С.	… хеле муҳим аст, ки ҳаҷми қарзҳои дарозмуддатро барои рушди секторҳои воқеии иқтисодӣ ва рушди устувор афзоиш дод, зеро имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши ҳаҷми маблағгузориҳои қарзӣ, асосан ба қарзҳои хурд ва қарзҳои кӯтоҳмуддат тааллуқ дорад [18,с.14]
11.	Исайнов Ҳ.Р.	…дар кишварҳои хориҷӣ ба ҳамкории давлат бо шахсони хусусӣ ва тиҷорат таваҷҷуҳ доранд, ҳар касе ки объекти сармоягузорӣ барои бозори нисбатан пешгӯишаванда дорад ва давлат, ки даромад барои шароити судмандро татбиқ мекунад, кафолати давлатиро барои ҷалби сармоягузорӣ пешниҳод мекунад [5,с.43]

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Аз ин рӯ, он лоиҳаҳои татбиқшудаистода афзалиятноканд, ки дар даврaҳои оянда барои корхонаҳо даромаднокиро таъмин мекунанд. Ин муносибатҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ хеле муҳим аст, ки моҳияту мундариҷаи иқтисодии сармоягузориро инъикос намуда, имкон медиҳанд, то онро дар дилхоҳ сатҳи таҳлилӣ истифода барем.

Таҷрибаи даҳсолаи охир нишон медиҳад, ки ҷалби сармоягузорӣ омили асосии рушди соҳаи иқтисод аст. Дар кишварҳои дар ҳоли гузариш қарордошта ҷалби сармоягузорӣ аҳамияти хос дорад, зеро ин кишварҳо рушди бонизомро ба даст оварда, сармоягузории бештарро тақозо мекунанд. Дар шароити ноустувории макроиқтисодӣ ва набудани захираҳои молӣ хавфи сармоягузор бештар мегардад. Аз ин рӯ, механизимҳои танзими фаъолияти ҷалби сармоягузории даромаднок дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди ҷумҳурӣ хело муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро «фаъолияти сармоягузорӣ фаъолиятест, ки мақсади муайяни расидан ба комёбиҳои молиявӣ тариқи сарф кардани миқдори пулҳое мебошад, ки дар ихтиёри сармоягузор мебошанд. Барори ин фаъолияти пурра аз баргардонидани ин маблағҳо вобаста мебошад» [22,с.24].

Тавре аз ақидаҳои дар ҷадвал оварда маълум мегардад, оид ба моҳияту мафҳум ва фаъолияти сармоягузорӣ тадқиқотҳои зиёде ба анҷом расидааст. Хусусан, оид ба иқтидорҳои истеҳсоли неруи барқ дар кишвар, ки сармоягузории хело зиёдро тақозо менамояд. Мо аксари онҳоро дар шароити ҷумҳурӣ мубрам ва ҳалли онҳоро вазифаи аввалиндараҷаи танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ меҳисобем.

Ҳамзамон, тавре аз таҳқиқотҳои овардашуда бармеояд, рушди тамоми дигар соҳаҳои иқтисодӣ ба неруи барқ вобастагӣ дорад, ки иқтидорҳои коркарднашудаи кишвар хело зиёд аст. Бинобар ин, ба ақидаи мо, дар соҳаи сармоягузорӣ давлат бояд афзалиятро ба рушди сармоягузории соҳаи эенергетика равона намояд, ки ба пешрафти иқтисодӣ самараи дукарата медиҳад.

Дар илми иқтисод категорияи «ҷалби сармоягузорӣ» гуфта, маҷмӯи имконоти захираҳои соҳавии сармоягузориеро мефаҳманд, ки имкон медиҳад, то ҳосилнокии меҳнат афзоиш дода шавад. Қобилияти субъектҳои хоҷагидорӣ, ки муайянкунандаи пасандози захираҳои молиявӣ мебошанд, ҳамзамон бо фоидаи тақсимнашуда вобаста мебошад.

Дар алоқа ба ин ҷалби сармоягузорӣ гуфта, маблағгузории воситаҳои пулӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ фаҳмида мешавад, ки дар барномаҳои сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои гуногун амалӣ карда шудаанд (инчунин, онҳо метавонанд дар шакли таҷҳизот, мошинҳо, воситаи меҳнат ва дигар воситаҳо баромад кунанд). Аз ин рӯ, дар раванди ташаккули сармоягузорӣ захираҳои молиявӣ ба моддӣ табдил меёбанд, ва баръакс, дар марҳилаи

гирифтани даромад ё гирифтани фоида захираҳои моддӣ ба дороии молиявӣ табдил меёбанд.

Муайянкунии нисбатан дақиқ дар алоқа бо аҳамияти омилҳои ҷалби сармоягузорӣ дар Лоиҳаи сиёсати давлатии ҷалби сармоягузорӣ ва ҳифзи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чунин шакл оварда шудааст: «Неруи сармоягузорӣ маҷмӯи хосиятҳо ё шартҳои қобилияти ҷалби сармоя» аст. Неруи сармоягузории мамлакат, неруи захиравии ашёи хом, интелектуалӣ меҳнатӣ, тиҷоратӣ, истеҳсолӣ, иқтисодӣ - ҷуғрофӣ, демографӣ ва молиявиро дар бар мегирад» [8,с.33].

Тибқи ақидаи *Леонтев В.Е., Ахтямова Г.Д. ва Кагилев А.В.*: «… ба сифати воситаи асосии ҷалби сармоягузорӣ дар неруи энергетикӣ мумкин аст маблағгузории лоиҳавиро чун тарзи амалӣ кардани лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ махсус қайд кард, дар он ба сарчашмаҳои пардохти пешниҳодкардаи захираҳои молиявӣ, ҷараёни воситаҳои пулӣ хизмат мекунанд, ки дар натиҷаи амалӣ намудани лоиҳаҳои мазкур ба даст омадаанд» [9,с.3].

Ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаҳои ҳаётан муҳимми иқтисодии дилхоҳ давлат омили асосии рушд аз дараҷаи муайяни қобилияти фаъолнокии сармоягузорӣ вобаста аст ва ҳамчун фишанги танзими истифодаи захираҳои пулӣ хизмат мекунад. Аз ин рӯ, ҷалби сармоягузорӣ тамоми аломатҳои низоми муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодиро дар бар мегирад, ки дар он субъект (сармоягузор), объекти сармоягузорӣ (соҳаҳо, мисол комплекси энергетикӣ), алоқа байни онҳо (сармоягузорӣ ба мақсади гирифтани даромад) ва фазое, ки онҳо вуҷуд доранд (фазои сармогузорӣ) мебошанд. Ин раванд ба сифати омили худсоз баромад менамояд, зеро тамоми унсурҳои боқимондаро дар як ҷо ҷамъ мекунад. Аз ин бармеояд, ки ба мо нақшаи сохтории ҷалби сармоягузориро дар комплекси энергетикӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ пешниҳод намоем.

Дар алоқа ба ин вазифаи асосии сиёсати сармоягузории давлат механизми фаъол кардани ҷалби сармоягузорӣ ва идораи он, таъминкунандаи базаҳои захиравӣ, рушди устувор ва натиҷабахшу фоидаовар фаъолият намудани соҳаҳо ба ҳисоб меравад.

Стратегияи рушди иқтисоди миллӣ таъмини даромаднокии доимиро аз ҳисоби ҷалби сармоягузорӣ ва афзоиши ҳаҷми захираҳои сармоягузорӣ, асоснок мекунад. Дар ин ҷо рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, аз ҳисоби фаъол кардани фаъолияти сармоягузорӣ дар раванде, ки мақсадҳои дарозмуддати стратегӣ амалӣ мешаванд, таъмин мегардад. Ҳамин тавр, рушди ҳаҷми сармоягузорӣ дар соҳаи энергетикаи Тоҷикистон аз ҳисоби танзими давлатӣ, ҳамчун сарчашмаи амалишавии мақсадҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад, таъмин карда мешавад.

Вазифаи муҳимтарини соҳаи энергетика дар ин шароит, дар маҷмӯъ, ба даст овардани даромаднокӣ ва натиҷабахшии энергетикии мамлакат ба ҳисоб меравад. Ин мумкин аст ҳангоми фаъолсозии ҷалби захираҳои саромоягузорӣ ба миён ояд. Яъне, вақте ки ду паҳлӯи як масъала, ҳам фаъолсозии ҷалби сармоягузорӣ ва ҳам истифодаи захираҳои босамари сармоягузорӣ, бо роҳи ташкили шароити мусоид барои сармоягузорӣ ҳал карда мешаванд. Барои ин зарур аст, ки низоми босамари истифодаи захираҳои саромоягузорӣ ва дигар захираҳо, инчунин, ҳавасмандсозӣ барои ҷалби сармоягузорӣ ва мукаммалсозии механизмҳои татбиқи лоиҳаҳои соҳавии сармоягузорӣ бунёд карда шавад. Аз ин рӯ, меъёри нишондиҳандаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба тарзи гуногун пешниҳод карда мешавад, аз он ҷумла дар комплекси энергетикӣ бо иштироки сармоягузорони ватаниву хориҷӣ бо худ раванди бетанаффусро манзур месозанд. Бахусус баҳодиҳии босамари лоиҳаҳои сармоягузорӣ шарти асосии таъмини бехатарии энергетикии давлат ба ҳисоб мераванд.

Барои сармоягузорон муҳимтарин нишондиҳандаҳои соҳаи энергетика сохтори тавозуни энергетикӣ ба ҳисоб меравад, ки бевосита ба самаранокии он ва хароҷот барои истеҳсоли неруи барқ алоқаманд аст. Тағйири нарх барои энергияи барқӣ номутаносиб мегузарад ва дар назди сохтори тағйирнаёбандаи тавозуни энергетикӣ мумкин аст, бо калавишҳои чашмраси сарфа кардан дучор гардад ва рақобаткунандагонро муаррифӣ кунад ва ё аз байн барад. Омилҳои фазои сармоягузорӣ дар ин шароит бо таҷаммуи шартҳо ташаккул меёбад, ки ба се сатҳ тақсим карда мешаванд: суботи сиёсӣ, бехатарии иқтисодӣ ва устувории фоидаоварии сиёсати интихобшудаи иқтисодӣ, сатҳи таваррум дар шароити иқтисоди озод.

Ин шартҳо муҳим будани ҷалби сармоягузориро муайян мекунад, то истифодаи даромаднокии захираҳои сармоягузорӣ ба ҳисоб гирифта шаванд. Қайд кардан зарур аст, ҳар он чи ки ба сарчашмаҳои буҷетӣ дахл доранд, андозҳо мебошанд, ки наметавонанд амалан аз ҳад баланд гарданд ва ҳам дар баробари ин хароҷоти давлатӣ низ аз якчанд зинаҳо поин фарояд.

Аз ин бармеояд, ки дар шароити мазкур талабот ба сармояи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мумкин аст, сатҳи ҳақиқии сарфаро баланд бардорад, ки бо худ ҳатто беқурбшавии пулро низ афзоиш диҳад ё қарзҳои зуруриро аз хориҷа дастрас кунад. Ҳангоми асоснок кардани меъёрҳои даромаднокӣ ва самаранокии лоиҳаҳои саромоягузорӣ бештар ба он диққат бояд дод, ки чӣ тавр сарчашмаҳо бо фоиданокиашон дар сатҳи сифатан баланд тарҳрезӣ мешаванд. Омилҳои ҷалби сармоягузорӣ вақте воқеӣ мегарданд, ки фазои озоди сармоягузорӣ, истеҳсолот, ба даст овардани фоида ва доимӣ сарфа кардан таъмин гардад. Ҳамин тавр, сармоягузориҳо бояд маҳсулнокии баланди меҳнатӣ, истифодаи бо ҳам мутобиқи даромаднокию гардиши сармоягузориро фароҳам созанд. Дар алоқа ба ин даромаднокӣ ва таъсирбахшӣ истифода кардани захираҳои сармоягузориро зарур аст, аз мавқеи устувории соҳаҳои энергетикӣ ва ҷобаҷогузории сиёсии ташаккулдиҳандаи сатҳи рушд муайян кард, ки дар вектори иқтисоди саноатию индустриявӣ меъёргузорӣ карда мешаванд. Баъзе олимон чунин категорияро аз мавқеи муносибати нишондиҳандаҳои гуногуни захираҳои энергетикӣ таҳлилу баррасӣ карда, гурӯҳи дигари олимон тавсифи ҷузъҳои алоҳидаро аз мавқеи ягонагӣ ва яклухтии онҳо таҳлил менамоянд. Аз ин рӯ, моҳияти иқтисодии категорияи «даромаднокии энергетикӣ» маънои нисбатан васеъ дорад, аз он нуқтаи назар, ки муносибатҳои гуногуни нишондиҳандаҳо ё ин ки интихоби содаи тавсифи алоҳидаи маълумоти нишондиҳандаҳоро дар бар мегирад. Он маънои иқтисодияш баҳогузории мураккаби расидан ба мақсадҳои энергетикӣ дар лоиҳаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлатро ифода мекунад. Даромаднокии натиҷабахши энергетикиро мумкин аст, дар намуди индикаторҳои тавсифкунандаи кӯшиши ҳифзи захираҳои энергетикӣ ва сармоягузорӣ дар низомҳои иҷтимоиву иқтисодӣ муаррифӣ кард.

Дар ин шароит фоидаоварии соҳаи энергетика ҳамчун нишондиҳандаи муҳимтарини иқтисодӣ, ки муносибати дуҷонибаи натиҷаҳои бадастомадаи иқтисодӣ ва хароҷоти истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани техника ва технологияи нав, истифодаи оқилонаи захираҳои пулӣ, фаъол кардани реҷаи истифодаи неруи барқ ва ғайраро дар бар мегирад. Инчунин, меъёрҳои нишондиҳандаҳои сатҳи даромаднокӣ (сатҳи ҳосилнокии меҳнат), афзоиши даромад, баланд бардоштани сатҳи боздеҳи фондҳо, даромаднокӣ, кам кардани хароҷот, устувории моддии маҳсулот, хароҷоти энергетикӣ, беҳ кардани шароити зисти аҳолӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Дар комплекси энергетикӣ даҳсолаи охир ба муаммои даромаднокии энергетикӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад, хусусан, стратегияи рушди энергетикӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ коркард шуда истодаанд, ки заминаҳои истифодаи неруи барқ ва даромаднокии энергетикии истеҳсоли ватаниро пайгирӣ мекунанд. Тасдиқи ин гуфтаҳо мубрамияту муҳиммияти мушкилоти даромаднокии энергетикӣ дар шароити саноатикунонии иқтисодӣ мебошад. Бинобар ин меъёри нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ба якчанд гурӯҳ тақсим шуда, имкон медиҳад, даромаднокии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳо муайян карда шавад.

Бинобар ин, баҳогузории даромаднокӣ ва натиҷабахшии сармоягузорӣ муаммоҳои мураккаб ба ҳисоб меравад, ки баҳодиҳии сифатию миқдориро дар ҳама ҳолатҳои сармоягузорӣ ба иқтисод ва соҳаҳои алоҳида мисли комплекси энергетикӣ тақозо мекунад. Дар он шартҳои иловагие ба миён меояд, ки онҳоро ҳангоми ин баҳогузорӣ бояд ба ҳисоб гирифт. Ба сифати индикатори даромаднокӣ ва натиҷабахшии энергетикӣ, пеш аз ҳама, тамоми нишондиҳандаҳои таъсиргузор ва устувори фаъолияти соҳаҳоро овардан зарур аст. Барои чен кардан чунин нишондиҳандаҳоро қабул кардан мумкин аст:

- дар маҷмӯъ, истеҳсоли энергия ва ба ҳисоб гирифтани он барои як шахрванд;
- саҳми корхонаҳои соҳа дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти ҷумҳурӣ;
- сохтори сармоя дар соҳаҳо;
- куҳнашавии фондҳои асосӣ;
- пурра кардани тавоноии истеҳсолии корхона;

- паст кардани дараҷаи олудашавии муҳити зисти корхонаҳои соҳа (аз рӯйи намуди олудашавӣ);

- муҷаҳҳазшавии фондӣ дар соҳаҳо;

- нархҳо ва тарифҳо аз рӯйи намуди энергия;

- нишондиҳандаҳои сарфаи захираҳои энергетикӣ ва ғайраҳо.

Барои танзими фоиданок ва натиҷабахш будани соҳаи энергетика зарур аст, ки ба масъалаҳои модернизатсияи истеҳсолӣ ва муҷаҳҳазсозии истеҳсолӣ-техникӣ, ҷиҳати кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани фоиданокии истеҳсолӣ чораандешӣ намуд ва барои ин нақши марказиро иҷрои вазифаҳои баланд бардоштани даромаднокии неруи барқ ташкил медиҳанд.

Дар кишварҳои рушдкарда ин муаммоҳо бо дигар тарзу усулҳо амалӣ гашта, ҷанбаҳои дигар доранд, ки бештар аз шакли ниҳодии сармоягузорӣ вобастаанд. Механизми таъсиррасонии сармоягузорӣ дар ин ҳолат на танҳо ба миқдори ҳаҷми андӯхт, балки ба шумораи истеъмолкунандагон миёни истеъмолкунӣ ва андӯхт дар доираи захираҳои энергетикии истифодашуда муайян карда мешаванд. Умуман, барои ҳамаи давлатҳо воситаи баҳисобгирии баланд бардоштани даромаднокӣ истифодаи захираҳои сармоягузорӣ мебошад.

Чи тавре ки маълум аст Ҷумҳурии Тоҷикистон аз собиқ ИҶШС сатҳи хеле пасти даромаднокӣ ва натиҷабахшии сармоягузориро ба мерос гирифтааст (аз рӯйи масштаби ҷаҳонӣ). Бо дарназардошти сатҳи бамеросмонда, таъмини афзоиши масштабҳои сармоягузорӣ хеле нокифоя мебошад. Аз ин рӯ, барои таъмини рушди натиҷабахшии сармоягузорӣ, танзими давлатӣ ва фаъол намудани фаъолияти сармоягузорӣ талаб менамояд. Дар ин раванд мавқеи махсусро такмили сифати лоиҳаҳои сармоягузорӣ, асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ, баҳодиҳӣ ва экспертизаҳои он ташкил медиҳанд.

Аз рӯйи баҳодиҳии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон омили асосии ба сатҳи паст оварда, расонидани фаъолнокии сармоягузорӣ аз инҳо иборатанд: ҳаҷми номуайяни сармоягузории давлатӣ, фоизи баланд барои қарзи тиҷоратӣ, гаронии андоз барои доираҳои истеҳсолӣ, инчунин, набудани чорабиниҳои ҳавасмандкунӣ ва низоми амалкунанда имкон намедиҳад, то аҳолӣ пасандозҳои худро ба сифати захираҳои сармоягузорӣ ба амонат гузоранд.

Таҳлили ҳамаҷонибаи назарияҳои асосии рушди фаъолнокии сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ нишон медиҳад, ки раванди ҷалби сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, ба меъёрҳои дастгирӣ ва механизмҳои таъсиррасони давлатӣ ба ин соҳа вобаста аст. Дар шароити муосир ба сифати фишанги муҳим ва таъсиррасони танзими давлатӣ ва ислоҳот метавонанд воситаҳои иқтисодии ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ баромад намоянд, аз ҷумла, реҷаҳои махсуси молиявию андозбандӣ, имтиёзҳои андозбандӣ, инчунин, андозбандии қарзӣ истифода гарданд.

Механизми мазкур дар он шароите рушд меёбад, агар даромаднокии буҷет барзиёд таъмин карда шавад, чунки дар замони муосир ошкор намудани сарчашмаҳои нави андозбандӣ аз ҳисоби захираҳои рушди истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳо зарур аст. Баҳогузории даромаднокӣ дар ин шароит ҳалли як қатор ҷанбаҳои гуногунро талаб мекунад, аммо интихоби стратегияи сармоягузорӣ мумкин танҳо пас аз гузаронидани тадқиқоти ҷиддии натиҷабахшии фаъолият қарор қабул карда шавад. Чунин тарзи банақшагирии стратегӣ имкон медиҳад, ки барои истифодаи усулҳои гуногун ва моделҳои асосноккунандаи қабули самти муайяни стратегӣ баррасӣ карда шаванд.

Бо натиҷагирӣ дар фарҷоми фасли мазкур қайд кардан зарур аст, ки раванди фаъолсозии фаъолияти сармоягузорӣ ва фароҳам кардани натиҷабахшии ҷалби сармоягузорӣ ба мақсади гирифтани даромад ва таъмини рушди иқтисодии соҳаҳо, механизми муҳимми рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин бармеояд, ки омӯзиши таъсири шароити мавҷуда барои таъсиррасонии равандҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ муташаккил ва комил пешниҳод мегарданд ва муносибати бевосита ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии мо доранд. Татбиқ кардани ин вазифаҳо ба баланд бардоштани мавқеъ, саҳм ва таъсиррасонии соҳаҳо, инчунин, фароҳам сохтани шароит барои рушди неруи сармоягузориро тақозо мекунад.

Дар маҷмӯъ, аз рӯи таҳлили гузаронида шуда, чунин хулосаҳо бароварда мешаванд:

1. Дар натиҷаи баррасии назарияҳои муҳаққиқони хориҷӣ ошкор гардид, ки амалинамоии назарияҳои алоқамандии сармоягузории хориҷӣ бо тиҷорат, рақобат ва стратегияи саноатӣ дар шароити кишвари мо ва консепсияи рушди сармоягузории хориҷӣ саривақтӣ ҳисобида мешавад. Дар ҳолати ба инобат нагирифтани алоқамандӣ бо тиҷорат–иқлими мусоиди саромоягузорӣ фароҳам намешавад, алоқамандӣ бо рақобат сармоягузор кишварро, тарк мекунад ва дар алоқамандӣ бо саноат ширкатҳои фаромиллӣ дигар иштирокчиёнро аз бозор мебароранд;

2. Зимни таҳлили таҳаввулоти назариявии таҳқиқотҳои ватанӣ, ақидаҳои олимони дохилӣ гурӯҳбандӣ шуда, муайян гардид, ки оид ба моҳияту мафҳум ва фаъолияти сармоягузорӣ, иқтидорҳои истеҳсоли неруи барқ дар кишвар, ки сармоягузории хело зиёдро тақозо менамояд, мавҷуданд. Мо амалинамоии аксари онҳоро дар шароити ҷумҳурӣ мубрам ва ҳалли онҳоро вазифаи аввалиндараҷаи танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ меҳисобем;

3. Ҳамзамон, тавре аз таҳқиқотҳои овардашуда бармеояд, рушди тамоми дигар соҳаҳои иқтисодӣ ба неруи барқ вобастагӣ дорад, ки иқтидорҳои коркарднашудаи кишвар хело зиёд аст. Бинобар ин, ба ақидаи мо, дар соҳаи сармоягузорӣ давлат бояд афзалиятро ба рушди сармоягузории соҳаи эенергетика равона намояд, ки самараи дукарата ба пешрафти иқтисодӣ медиҳад;

4. Дар шароити муосир ба сифати фишанги муҳим ва таъсиррасони танзими давлатӣ ва ислоҳот метавонанд воситаҳои иқтисодии ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ баромад намоянд, аз ҷумла, реҷаҳои махсуси молиявию андозбандӣ, имтиёзҳои андозбандӣ, инчунин, андозбандии қарзӣ истифода гарданд.

Муқарриз: д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р.

АДАБИЁТ

1. Давлатов К.К. Социально-экономическая сущность и особенности инвестиционной привлекательности региона / К.К. Давлатов, М.М. Сатторов // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе: Сино, 2014. - №2/1(127). - С.41.
2. Закон Республики Таджикистан «Об инвестиции» от 15.03.2016. -Душанбе: ЦБПИ. –Адлия. - 6.0.
3. Закон Республики Таджикистан «Об инвестициях». - Душанбе, о т 15 марта 2016 года, №1299.
4. Иброхимов, И.Р. Теоретические основы государственного регулирования рынков малой открытой периферийной экономики (на примере Таджикистана): диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук / И.Р. Иброхимов. –Душанбе, 2019. -С. 44-45.
5. Исайнов Х.Р. Водно-энергетический потенциал Центральной Азии: Тенденции, проблемы и перспективы развития / Х.Р. Исайнов //Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2014. - №2/1(127). - С.42-48.
6. Исмоилов А.А. Особенности использования инвестиций в АПК в условиях становления рыночных отношений: На материалах сельскохозяйственных предприятий Республики Таджикистан: дис. … канд… экон. наук / А.А. Исмоилов. – Душанбе: Таджикский аграрный университет, 2004. – 135 с.
7. Каюмов Н.К. Переходная экономика Таджикистана: концепции, цели и механизмы развития / Н.К. Каюмов. – Душанбе, 2013. -С.403-408.
8. Концепция государственной политики привлечения и защиты инвестиций Республики Таджикистан // Утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан от «29» декабря 2012 года, №755. -С.33.
9. Леонтьев В.Е. Механизмы привлечения инвестиций в рамках реформы электроэнергетики России / В.Е. Леонтьев, Г.Д. Ахтямова, А.В. Кагилев // Вестник Ивановского государственного энергетического университета. - 2007. -Вып. 1. -С.1-4.
10. Литвиненко И.Л. Формирование региональной стратегии привлечения прямых иностранных инвестиций [Электронный ресурс]//Режим доступа: www.iubip.ru (Дата обращения: 5.11.2014г.).
11. Людвиг Фон Мизес. Человеческая деятельность: трактат по экономической теории/М.: Издательство: «Социум», 2005. – 717 с.
12. Маковецкий М.Ю. Инвестиционное обеспечение экономического роста: теоретические проблемы, финансовые инструменты, тенденции развития / М.Ю. Маковецкий. -М.: АНКИЛ, 2005. –С. 312.
13. Одинаев Ш.Т. Инвестиционная привлекательность регионов: особенности и пути достижения / Ш.Т. Одинаев, Ш.Х. Раджабов, Б.С. Музаффаров // Вестник Таджикского национально университета. -Душанбе: Сино, 2013. - №2/5(85). -С.256-258.
14. Расулов Г. Инностранные инвестиции и их роль в развитии экономики Республики Таджикистан: автореферат на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Г. Расулов. – Душанбе, 2005. – С. 10.
15. Рикардо Д. Начала политической экономии и налогового обложения. Антология экономической классики. В2-х т. Т. 1 / Д. Рикардо. -М.: Эконов-ключ, 1993. – С. 399.
16. Саидмуродов Л.Х. Открытая экономика Республики Таджикистан: макроэкономическое равновесие в условиях внешнего инвестирования. Монография / Л.Х. Саидмуродов, А.А. Солиев. -Душанбе: Ирфон. 2004. -С. 74-81.

17. Сузуки, М. Макроиқтисодиёти кушод ва инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ: Монография / М. Сузуки, Л.Ҳ. Саидмуродов, А.А. Солиев. – Душанбе: Ирфон, 2007. - С. 71-73.
18. Султанов З.С. Влияние финансово-кредитных механизмов на экономическое и социальное развитие / З.С. Султанов // Финансы, учет и аудит: проблемы и перспективы развития в РТ. Мат.респуб. науч. - практ. конф. – Душанбе: РТСУ, 2015. -С.12-18.
19. Тагоев Дж.Х. Пути активизации инвестиционной деятельности предприятий (на примере сельскохозяйственных предприятий Республики Таджикистан): Монография / Дж.Х. Тагоев. -Душанбе: Ирфон, 2009. - 30 с.
20. Тарасова Е.В. Инвестиционное проектирование: конспект лекций / Е.В. Тарасова. -М.: «ПРИОР», ИВАКО Аналитик, 1998. -С.64.
21. Хофизов Х.А. Инвестиционное обеспечение освоения и использования природно-ресурсного потенциала региона (на материалах Согдийской области Республики Таджикистан): дисс. на соис. уч. степ. канд. экон. наук. 08.00.05 / Х.А. Хофизов. – Душанбе, 2019. – С. 24.
22. Хофизов Х.А. Характеристика инвестиционных рисков Зеравшанского региона / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2016. -№ 2-8. -С.24-29.
23. Хушвахтзода К.Х. Методологические основы государственного регулирования инвестиций в сельскохозяйственное производства региона / Хушвахтзода К.Х., Саидахмадов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. - №3. –С.70-79.

ТАҲҚИҚИ МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

Мақола ба омӯзиши сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ бахшида шудааст. Аҳамияти амалӣ ва назариявии мавзӯъ аз зарурати баланд бардоштани самаранокии хоҷагии халқ барои рафъи буҳрон иборат мебошад. Дар мақола нуқтаи назари назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба мафҳумҳои сармоягузорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ истифода ва баррасӣ карда шудааст. Дар натиҷаи таҳлили назарияи олимони ватанию хориҷӣ маълум шуд, ки татбиқи назарияи сармоягузорӣ ҳадс мезанад, ки фаъолияти сармоягузорӣ бо тиҷорат, рақобат ва стратегияи саноатӣ алоқаманд аст ва агар ин муносибат ба назар гирифта нашавад, таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар ғайриимкон хоҳад буд. Дар ҷараёни таҳлили таҳаввулоти назариявии таҳқиқоти ватанӣ андешаҳои олимони ватанӣ гурӯҳбандӣ карда шуданд ва муайян карда шуд, ки дар кишвар аз ҷиҳати консепсия ва фаъолияти сармоягузорӣ потенсиали истеҳсоли неруи барқ мавҷуд аст, ки сармоягузории назаррасро талаб мекунад. Мо татбиқи аксари онҳоро дар шароити кишвар баррасӣ мекунем ва ин бояд вазифаи афзалиятноки танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ бошад. Интизор меравад, ки рушди дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ асосан аз неруи барқ вобаста аст, ки дар мамлакати мо имкониятҳои истифоданашудаи он бузурганд. Аз ин рӯ, дар сиёсати сармоягузории давлат афзалият бояд ба комплекси энергетикӣ бдода шавад. Дар асоси омӯзиш ва натиҷаҳои бадастомада оид ба зарурати тақвияти фаъолиятҳои муштарак оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани иқтидори сармоягузории соҳаи энергетика бо мақсади ҷалби захираҳое, ки технологияҳо ва таҷҳизоти навтаринро метавонанд татбиқ намоянд.

Калидвожаҳо: сармоягузорӣ, энергетика, потенсиал, назария, даромаднокӣ, муносибат, фаъолияти сармоягузорӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ВОПРОСОВ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

Статья посвящена исследованию инвестиции и инвестиционной деятельности в условиях рыночных отношений. Практическая и теоретическая значимость темы обусловлена необходимостью повышения эффективности национальной экономики в целях преодоления кризисных явлений. В статье использованы и рассмотрены теоретические точки зрения отечественных и зарубежных ученых относительно понятий инвестиций и инвестиционной деятельности. В результате анализа теории отечественных и зарубежных ученых было выявлено, что осуществление теории инвестиций предусматривает, что инвестиционная деятельность связана с бизнесом, конкуренцией и промышленной стратегией и в случае непринятия в расчет данной связи, невозможно будет обеспечить достойный инвестиционный климат в стране. В ходе анализа теоретической эволюции отечественных исследований, взгляды отечественных ученых были сгруппированы и определено, что существует с точки зрения концепции и инвестиционной деятельности потенциал производства электроэнергии в стране, требующий значительных инвестиций. Мы рассматриваем реализацию большинства из них в условиях страны, и это должно стать приоритетной задачей государственного регулирования инвестиционной деятельности. Ожидается, что развитие прочих сфер экономической деятельности в основном зависит от электроэнергии, что неиспользованный потенциал является огромным в нашей стране. Поэтому в инвестиционной политике государства приоритетным должен быть энергетический комплекс. На основании проведенного исследования и полученных результатов сделаны заключения о необходимости усиления совместной деятельности по улучшению инвестиционного климата и повышению инвестиционного потенциала энергетического сектора в целях привлечения ресурсов, способствующих внедрению новейших разработок, технологий и оборудования.

Ключевые слова: инвестиции, энергетика, потенциал, теория, доходность, взаимосвязь, инвестиционная деятельность, инвестиционная привлекательность.

RESEARCH OF THEORETICAL ISSUES OF INVESTMENT ACTIVITY IN A MARKET ECONOMY

The article is devoted to the study of investment and investment activity in the conditions of market relations. The practical and theoretical significance of the topic is due to the need to improve the efficiency of the national economy in

order to overcome the crisis. The article uses and considers the theoretical points of view of domestic and foreign scientists regarding investments and investment activities. As a result of the analysis of the theory of domestic and foreign scientists, it was revealed that the implementation of the investment theory presupposes that investment activities are related to business, competition and industrial strategy, and if this relationship is not taken into account, it will be impossible to ensure a decent investment climate in the country. In the course of analyzing the theoretical evolution of domestic research, the views of domestic scientists were grouped and it was determined that there is a potential for electricity production in the country in terms of the concept and investment activity, requiring significant investments. We are considering the implementation of most of them in the conditions of the country and this should become a priority task of state regulation of investment activities. It is expected that the development of other spheres of economic activity mainly depends on electricity, that the untapped potential is huge in our country. Therefore, in the investment policy of the state, the priority should be given to the energy complex. Based on the study and the results obtained, conclusions were made on the need to strengthen joint activities to improve the investment climate and increase the investment potential of the energy sector in order to attract resources that contribute to the introduction of the latest developments, technologies and equipment.

Keywords: investments, energy, potential, theory, profitability, interconnection, investment activity, investment attractiveness.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Набиев Баҳодур Аҳмадович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-67-50-65**

Сведения об авторах: ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17
Набиев Баходур Ахмадович - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-67-50-65**

Information about the authors: ***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Department of Accounting. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Av., 17
Nabiev Bakhodur Akhmadovich - Tajik National University, assistant of the Department of Accounting. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-67-50-65**

УДК 339.14

ТАҲҚИҚИ МОЛҲОИ НИЁЗИ АВВАЛА ДАР АСОСИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ САБАДИ ИСТЕЪМОЛӢ

Раҳматов Б.К., Шерова Н.Д., Каримов Н.Я.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сабади истеъмолии расман, дақиқ, саҳеҳ ва вобаста ба имкониятҳои иқтисодии мардум муайянгардида, метавонад дар ҷараёни татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат талаботи ҳаётан муҳимми инсонро аз рӯи меъёри даромадҳо қонеъ гардонида, сатҳи зиндагии шаҳрвандонро муътадил нигоҳ дорад.

Тибқи моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ” ҳангоми муайян кардани маҷмӯи маҳсулоти озуқаи сабади истеъмолӣ меъёрҳои илман асоснокшудаи талаботи ҳадди ақали гурӯҳҳои иҷтимоию демографии аҳолӣ ба маводи ғизоӣ, инчунин таркиби кимиёвӣ ва арзиши ғизонокии маҳсулоти озуқа ба инобат гирифта мешаванд [2,с.3].

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ”, сабади истеъмолӣ - маҷмӯи ҳадди ақали маҳсулоти хӯрокворӣ, ғайрихӯрокворӣ ва хизматрасонӣ, ки барои нигаҳдории саломатии инсон, таъмини ҳаёт ва фаъолияти ҳаррӯзаи аҳолӣ заруранд, дар бар мегирад.

Тибқи банди 2-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тавсияномаҳои методӣ оид ба муайян намудани сабади истеъмолӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз 29 декабри соли 2012 №775) Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси нишондиҳандаҳои

тавсияномаҳои методӣ барои таҳияи тартиби муайян намудани арзиши ҳадди ақали сабади истеъмолӣ чораҳои заруриро андешида истодаанд.

Ҳадди ақали зиндагӣ арзиши сабади истеъмолӣ ва маблағи пардохти ҳатмӣ буда, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ” ва Тавсияномаҳои методӣ оид ба муайян намудани сабади истеъмолӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии муайян намудани ҳадди ақали зиндагӣ, баҳисобгирии он ҳангоми ба шаҳрвандон таъйин кардани кумакҳои давлатии иҷтимоӣ, инчунин кафолати давлатии гирифтани даромади ҳадди ақали пулиро дар мавриди татбиқи дигар тадбирҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Таркиби сабади истеъмолӣ аз маҷмӯи маҳсулоти озуқаворӣ, ғайриозуқаворӣ ва хизматрасонӣ иборат мебошад. Ба сабади истеъмолӣ гурӯҳи молу хизматрасониҳое ворид карда н, ки барои зиндагии шахси алоҳида аз рӯи талаботҳои муҳимтарин зарур мебошад.

Маҳсулоти озуқаворӣ (ба 11 гурӯҳ ҷудо мешавад): нон, маҳсулоти нонӣ, ярмаҳо, лӯбиёгиҳо, картошка, сабзавот, маҳсулоти полизӣ, меваҳои тару тоза, қанд ва маҳсулоти қаннодӣ, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, моҳӣ ва маҳсулоти моҳигӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, тухм, равғани растанӣ ва дигар маҳсулот.

Маҳсулоти ғайриозуқаворӣ: а) барои истифодаи инфиродӣ: гурӯҳи болопӯш (палто, костюму куртаҳо), тагпӯш, маҳсулоти бофандагӣ, сарпӯшҳо ва маҳсулоти чарчинворӣ, пойафзол, лавозимоти мактабӣ.б) барои истифодаи умум: лавозимот барои рахти хоб, молҳои зарурии аввалиндараҷа, санитарию доруворӣ, молҳои таъйиноти фарҳангию маишӣ ва хоҷагӣ. Ба хизматрасонӣ инҳо дохил мешаванд: манзили зист, гармидиҳӣ, таъмини оби хунуку гарм ва обпарто, таъмини гази табиӣ, қувваи барқ, хизматрасонии нақлиёти мусофирбарии ҷамъиятӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ.

Тибқи таҷриба, дар аксари мамолики дунё ба гурӯҳи озуқавории сабади истеъмолӣ 11 намуди маҳсулоти мавриди ниёзи аввал ворид шудаанд. Ба номгӯи маҳсулоти асосии хӯроквории сабади истеъмолии Тоҷикистон нону маҳсулоти нонӣ, рустаниҳои ғалладонаӣ, лӯбиёӣ, гӯшту маҳсулоти гӯштӣ, моҳӣ, ширу маҳсулоти ширӣ, равған, қанду маҳсулоти қаннодӣ, картошка, сабзавот, полизӣ ва чой дохиланд.

Тибқи меъёрҳои қабулгардида, дар сабади истеъмолии кишвар дар як шабонарӯз истеъмоли 404 грамм маҳсулоти нонӣ, 111 грамм маҳсулоти гӯштӣ, 25 грамм маҳсулоти моҳӣ, 316 грамм маҳсулоти ширӣ, 25-30 грамм тухм ҳадди ақалли барои зиндагӣ ва фаъолият зарурӣ муайян шудааст.

Вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ метавонанд ба меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии хӯрокворӣ тағйиру иловаҳо пешниҳод намоянд. Сабади истеъмолӣ маҷмӯи намунавии ҳадди ақалли намудҳои молу маҳсулот ва хизматрасониҳои дар як шабонарӯз ё сол барои инсон зарурӣ мебошад.

Муайян гардидани меъёрҳои илман дақиқи сабади истеъмолӣ ва ба инобат гирифтани он барои муътадил нигоҳ доштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, татбиқи босамари сиёсати иҷтимоии давлат, таҳияи барномаҳои миллии ташкили истеҳсолоти рақобатпазир, идорасозии босамари захираҳои табиӣ ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ ва корхонаҳои саноатӣ бо ашёи хоми маҳаллӣ, ояндабинии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва рушди устувору босуботи кишвар нақши калидӣ дорад [12,с.117]. Он, ҳамчунин, барои муайян кардани буҷети минималии истеъмолӣ (ҳадди ақалли барои зиндагӣ ва фаъолият зарурӣ) нишондиҳандаи асосии воқеӣ ва барои дақиқ намудани имконоти харидории асъорҳои миллӣ омили асосӣ ба шумор меравад.

Моддаи 5-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақалли зиндагӣ» тақозо менамояд, ки ҳангоми муайян кардани маҷмӯи маҳсулоти озуқаи сабади истеъмолӣ меъёрҳои илман асосноки талаботи физиологии инсон барои ҳадди ақалли зиндагӣ, номгӯй, инчунин таркибу ғизонокии маҳсулоти озуқа, бояд маҳаки асосӣ бошанд. Ба маҳсулоти ғайриғизоӣ асосан либос (болопӯш, курта, костюм, тагпӯш), пойафзол, рахти хоб, доруворӣ ва молҳои саноатию маишӣ, ба хизматрасониҳо манзили зист, таъминот бо об, гармӣ, барқ ва нақлиёти ҷамъиятӣ дохиланд [2,с.7].

Маъмулан, дар сабадҳои истеъмолӣ арзиши маҳсулоти ғайриғизоӣ ва хизматрасониҳо ними (50%-и) арзиши маҳсулоти озуқавориро ташкил медиҳад. Вобаста

ба намудҳо ва фаровонии маҳсулоти ғизоӣ дар минтақаҳои зист номгӯи маҳсулоти ғизоии сабадҳои истеъмолии мамлакатҳои ҷаҳон аз ҳам каму беш фарқ мекунанд. Ҳангоми муайян намудани меъёрҳои тавсиявии сабадҳои истеъмолӣ имконият ва захираҳои кишварҳо, инчунин, расму оин ва хусусиятҳои миллиро ба назар мегиранд. Барои мисол, нону маҳсулоти нонӣ барои як нафар дар як сол барои сабади истеъмолии Федератсияи Русия 126,5 кг ва дар Тоҷикистон бощад 147,5 кг муайян гардидааст, яъне ин ҷо хусусиятҳои миллии мардуми тоҷик ва, умуман, Осиёи Марказӣ, ки маҳсулоти нониро зиёдтар истеъмол мекунанд, ба инобат гирифта шудааст [5,с.269]. Меъёри тавсиявии истеъмоли моҳӣ, гӯшт, қанд, шир низ дар сабади истеъмолии Тоҷикистон дар муқоиса бо Русия фарқ мекунад. Дар бораи сабзавоту мевагӣ ва полизии дар Тоҷикистон фаровон бошад, ҳоҷати шарҳ ҳам нест. Таркиби сабади истеъмолӣ сохтори зеринро соҳиб мебошад (расми 1).

Расми 1. Сохтори сабади истеъмолӣ
Figure 1. Structure of the consumer basket



Тағйир ёфтани таркиби сабади истеъмолӣ аз сатҳи нархҳои истеъмолӣ вобаста мебошад. Индекси нархҳои истеъмолӣ дар моҳи декабри соли 2019-ум 100,8%, аз он ҷумла ба молҳои озуқа - 100,8%, молҳои ғайриозуқа - 100,6% ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ - 100,9%-ро ташкил дод.

Аз аввали соли 2019 индекси нархҳои истеъмолӣ - 108,0%, аз он ҷумла ба молҳои озуқа - 110,9%, ба молҳои ғайриозуқа - 104,2% ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ - 105,5%-ро ташкил кард (ниг. ба расми 2).

Расми 2. Тағйироти индекси нархҳои истеъмолии молҳои озуқа, ғайриозуқа ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ (дар охири моҳ ба ҳисоби фоиз нисбат ба моҳи декабри соли 2018)
Figure 2. Changes in the index of consumer prices for food, non-food and paid services to the population (at the end of the month as a percentage compared to December 2018)



Аз маълумоти расми 2 дида мешавад, ки давоми моҳҳои январ - декабри соли 2019 афзоиши нархи молҳои озуқа нисбат ба нархи молҳои ғайриозуқа бештар тағйир ёфтааст, ки ин ҳолат ба сабади истеъмолӣ таъсири калон мерасонад.

Дар сурати мавҷуд будани тарози (баланси) озуқаворӣ барои якчанд сол, метавон такя ба он тамоюли тағйироти мавҷудияти умумӣ, воридот, содирот, инчунин барои истеъмоли аҳолӣ ва барои хӯроки чорво мавҷуд будани озуқавориро мушоҳида кард. Агар мавҷудияти умумии захираи озуқаворӣ барои истеъмол ба шумораи аҳолӣ тақсим карда шавад, дар он сурат нишондиҳандаи муҳим - ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ барои як сол мавҷуд будани озуқаворӣ ҳосил мешавад. Нишондиҳандаи мавҷудияти озуқаворӣ дар

миқёси миллӣ ба ҳисоби миёна оварда шудааст ва дар он манбаи дастрас будан ба хонавода ба назар гирифта намешавад (ниг. ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳар нафар аҳолӣ (ба ҳар нафар аҳолӣ, кг дар як моҳ)

Table 1. Consumption of food products per capita (per capita, kg per month)

	2018	2019
Маҳсулоти ғалладона (ба ҳисоби орд)	13,78	13,22
Картошка	3,87	3,53
Сабзавоту полизӣ	7,37	7,20
Меваҷоту буттамева	3,22	2,77
Қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ	1,41	1,29
Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ	1,18	1,09
Шир ва маҳсулоти ширӣ	5,04	5,32
Тухм, дона	7	8
Равғани растанӣ	1,52	1,46
Моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ	0,04	0,04

Манбаъ: Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо ва ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи Тоҷикистон. -Душанбе: АОПҶТ, 2019. -С.117-118.

Аз маълумоти ҷадвали 1 дида мешавад, ки мавҷудияти маҳсулоти озуқа ба ҳар нафар аҳолӣ ба воситаи тарози (баланси) озуқаворӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар тарози (баланси) озуқаворӣ ҳар кадом маҳсулоти асосии озуқа аз ҷиҳати мавҷудияти умумии худи маҳсулот ва истеъмоли он дар давраи муайян нишон дода мешавад, ки маъмулан як солро дар бар мегирад. Мавҷудияти умумии физикӣ худи маҳсулот маҷмӯи захираи он дар оғози давра, истеҳсол ва воридоти маҳсулоти зикршуда дар ҳамон давра мебошад.

Яке аз тарзҳои ошкоркунии ҳисоби истеъмоли килокалория бо озуқаворӣ ва хӯроки мукаммал таъмин набудани як аъзои хонавода дар як рӯз мебошад.

Дар соли 2019 истеъмоли озуқа бо ҳисоби килокалория ба як нафар узви хонавода 2547,13 килокалорияро нисбат ба 2659,09 киллокалорияи соли 2018 дар як шабонарӯз ташкил кард, ки аз меъёри тавсиянамудаи Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (ТУТ) (дар як рӯз 2100 килокалория) андаке зиёд аст.

Дар соли 2019 истеъмоли нон ва маҳсулоти нонӣ ба ҳисоби миёна ба як нафар узви хонавода 158,69 килограммро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2018 ба 6,7 килограмм ба як узви хонавода кам шудааст [4,с.111].

Умуман, дар ҷумҳурӣ дар соли 2019 истеъмоли картошка ба ҳисоби миёна ба ҳар нафар аҳолӣ 42,4 кг, сабзавоту полизӣ 86,4 кг, шир ва маҳсулоти ширӣ 63,8 кг, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 13,1 кг, равғани растанӣ, маргарин ва дигар равғанҳо 17,5 кг, тухм 92 дона, қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ 15,4 кг, меваҷот 33,2 кг-ро ташкил кардааст. Таносуби бештари хароҷоти хонаводаҳо барои хариди маҳсулоти хӯрокворӣ ба маҳсулоти нонӣ 30,4% рост меояд.

Айни замон, қайд кардан зарур аст, ки истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар гурӯҳҳои даҳфоиза нобаробар аст. Масалан, истеъмоли картошка дар соли 2019 ба ҳисоби миёна ба як узви хонаводаи 10 фоизаи гурӯҳи аҳолии бештар таъмин, нисбат ба 10 фоизаи гурӯҳи камтаъмини аҳолӣ 35,2% зиёд буд, мутобиқан, истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ - 2,2 баробар, тухм - 1,8 баробар, меваҷот - 2,1 баробарро ташкил додааст (ниг. ба ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Ҳиссаи хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо барои маҳсулоти хӯрокворӣ(ба ҳисоби фоиз)

Table 2. Proportion of household consumption expenditures for food (as a percentage)

	2018	2019
Ҷумҳурии Тоҷикистон	**52,4**	**53,4**
аз он ҷумла:		
аҳолии шаҳр	52,5	54,0
аҳолии деҳот	52,3	53,7
Минтақаҳо		
ш.Душанбе	52,7	56,0
ВМКБ	55,4	57,5
Вилояти Суғд	43,7	45,2

Вилояти Хатлон	58,6	59,4
НТҶ	55,1	56,6
Гурӯҳҳои камбизоаттарин		
Хонаводаҳое, ки 3 ва бештар фарзанд доранд	51,6	55,4
Нафақахӯрон	56,7	62,2

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти омори солонаи Тоҷикистон. -Душанбе: АОПҶТ, 2019. -С.112-114.

Аз маълуморти ҷадвали 2 бар меояд, ки дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 ҳиссаи хароҷот ба озуқаворӣ дар шаҳрҳо 1,5% ва дар деҳот 1,4% зиёд шудааст. Дар хонаводаҳое, ки 3 ва ё бештар фарзанд доранд, ҳиссаи хароҷоти истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ 3,8% ва дар нафақахӯрон бошад 5,5% зиёд шудааст.

Ҳамин тариқ, аз таҳлил ва омӯзиши нишондиҳандаҳои сабади истеъмолӣ ва омилҳои ба таркиби он таъсиррасон хулосаҳои зерин бароварда шуд:

1) Меъёри хароҷоти маҳсулоти хӯрока бояд зиёд карда шавад, то зиндагии муътадил ва қобилияти зиндагӣ доштани аҳолиро таъмин намояд;

2) Меъёри хароҷоти молҳои ғайриозуқа бояд аз нуқтаи назари саломатӣ муайян карда шавад, то ҳаёти муътадили аҳолии қобили меҳнатро таъмин карда тавонад;

3) Дар рафти асосноккунии меъёри хароҷоти молҳои ғайриозуқа на танҳо таҷрибаи оилаҳои камбизоат, балки хадди ақал оилаҳои синфи миёна қабул карда шаванд, то бо ин роҳ ба стандартҳои сатҳи ҷаҳонӣ наздик шавем;

4) Сифатан беҳтар намудани таркиби сабади истеъмолӣ;

5) Тағйир додани амалияи ҳисобкунии нишондиҳандаҳои сабади истеъмолӣ, хусусан бо фоиз ифода намудани онҳо.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Мухсинов Д.С.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев А.Х. Особенности деятельности финансового рынка в условиях рыночной экономики / А.Х. Абдуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. -№2/5. –часть 2. -С. 49-53.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ»: матни расмӣ // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – Душанбе, 2009. – №5. – 328 с.
3. Насирова У.Н. Стратегия повышения уровня жизни населения в условиях трансформации экономики (на примере Республики Таджикистан): аавтореф. дисс. на соиск. уч. ст. канд. экон. наук / У.Н. Насирова. - Худжанд, 2014. -24 с.
4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. – 478 с.
5. Рахмонов Э.Ш. Предпринимательство и развитие экономики / Э.Ш. Рахмонов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2001. – №3.
6. Раҳматов Б.Қ. Омилҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.Қ. Раҳматов // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «Баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: ҳолати муосир ва дурнамои рушд» санаи баргузории конфронс 14-15 марти соли 2014. -С.268-271.
7. Фасехзода И.С. Развитие системы продовольственного обеспечения населения в условиях рыночной экономики / Фасехзода И.С., Р.М. Пираков // Наука и образование сегодня. –М., 2019. -№2(37). -С.21-31.
8. Фасехзода И.С. Кластерный принцип организации мониторинга и прогнозирования продовольственного рынка страны и ее регионов / Фасехзода И.С., А.А. Солиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. –Душанбе, 2014. -№2/8(149). -С.3-7.
9. Шамин, Е.А. Сравнительный анализ методов оценки конкурентоспособности организации / Е.А. Шамин // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. - 2010. -№12. -С.26-28.
10. Шарипов Б.К. Внедрение инновационного проекта в промышленном регионе / Б.К. Шарипов // Вестник ТНУ. - Душанбе, 2017. - № 2/4. –часть 2. -С.62-65.
11. Шутьков, А.А. Аграрная реформа, ее этапы и результаты: проблемы модернизации и продовольственной безопасности / А.А. Шутьков // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2017. - №4. - С.2-6.
12. Юлдашева Г.Р. Стратегия повышения доходов сельского населения [Текст]/ Г.Р. Юлдашева, Р.М. Сагатгареев, М.И. Шишкин. -Ижевск: КнигоГрад, 2008. -131 с.
13. Ялунина, Е.Н. Пищевая промышленность как субъект агропромышленного комплекса и рынка продовольственных товаров / Е.Н. Ялунина // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2015. -№1. -С.12-17.
14. Янина Т.Ф. Проблемы использования ресурсного потенциала ЛПХ в системе продовольственного обеспечения / Т.Ф. Янина, М.А. Ананьев // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. -2015. -№5.

ТАҲҚИҚИ МОЛҲОИ НИЁЗИ АВВАЛА ДАР АСОСИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ САБАДИ ИСТЕЪМОЛӢ

Дар мақолаи илмӣ зикр шудааст, ки ҳадди ақалли зиндагӣ, ки дар маҷмӯъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст, бояд бо мақсадҳои зерин истифода гардад: а) баҳо додани сатҳи зиндагии аҳолӣ барои таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва барномаҳои иҷтимоии мақсаднок; б) таҳлил ва пешбинии сатҳи зиндагии аҳолӣ; в) асоснокунии кумакрасонии иҷтимоии давлатӣ ба камбизоатон; г) тадриҷан наздик кардани андозаҳои муқарраршавандаи ҳадди ақалли музди меҳнат, нафақаҳо, ҷубронпулиҳо, кумакпулиҳо ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ; д) муайян кардани ҳадди камбизоатӣ ва татбиқи тадбирҳо оид ба дастгирии иҷтимоии аҳолӣ.

Муаллифони мақола қайд менамоянд, ки сабади истеъмолӣ аз маҷмӯи маҳсулоти озуқа; маҷмӯи маҳсулоти ғайриозуқа ва маҷмӯи хизматрасониҳо иборат мебошад. Вобаста ба ин, қайд карда шудааст, ки ҳангоми муайян кардани маҷмӯи маҳсулоти озуқа меъёрҳои илман асоснокшудаи талаботи ҳадди ақали гурӯҳҳои иҷтимоию демографии аҳолӣ ба маводи ғизоӣ, инчунин таркиби кимиёвӣ ва арзиши ғизонокии маҳсулоти озуқа бояд ба инобат гирифта шаванд.

Инчунин, дар мақола қайд карда шудааст, ки ҳангоми муайян кардани маҷмӯи маҳсулоти ғайриозуқа, ки ба таркиби сабади истеъмолӣ дохил мешаванд, қонеъгардонии талаботи ҳадди ақали ҳаётан муҳимми гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ ба маҳсулоти ғайриғизоӣ бо назардошти хусусиятҳои ҷинсиву синнусолӣ ва либос, инчунин барои ташкили чорабиниҳои маданию маишӣ ҳатман ба назар гирифта шавад. Муҳаққиқон зикр менамоянд, ки ҳангоми муайян намудани маҷмӯи хизматрасонии дар таркиби сабади истеъмолӣ вуҷуддошта, қонеъ намудани талаботи ҳадди ақали аҳолӣ ба хизматрасонии манзилию коммуналӣ, маишӣ, нақлиётӣ ва алоқа бояд ба инобат гирифта шавад.

Дар мақола оварда шудааст, ки андозаи ҳадди ақали зиндагӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоию демографӣ дар асоси сабади истеъмолӣ ва маълумоти оморӣ оид ба сатҳи нархҳои истеъмолии маҳсулоти озуқа, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ, бо назардошти ҳамаи намудҳои савдо ва хароҷот барои бочҳои давлатӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ҳар семоҳа ҳисоб карда мешавад, ки ин муҳим аст.

Калидвожаҳо: сабади истеъмолӣ, даромад, музди меҳнати ҳадди ақал, бекорӣ, ақаллияти рӯзгузаронӣ, нархҳои истеъмолӣ, сатҳи зиндагӣ, шуғли аҳолӣ, молҳои ниёзи аввала, маводи озуқа, истеъмолот, аҳолии қобили меҳнат.

ИССЛЕДОВАНИЕ ТОВАРОВ ПЕРВОЙ НЕОБХОДИМОСТИ НА ОСНОВЕ ПОКАЗАТЕЛЕЙ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОЙ КОРЗИНЫ

В статье говорится, что прожиточный минимум, который обычно исчисляется в Республике Таджикистан, должен использоваться для следующих целей: а) для оценки уровня жизни населения с целью разработки и реализации адресной социальной помощи и социальных программ; б) анализ и прогноз уровня жизни; в) обоснование государственной социальной помощи малоимущим; г) постепенное приближение к установленной минимальной заработной плате, пенсиям, пособиям и другим социальным выплатам; д) определение черты бедности и реализация мер по социальной поддержке населения.

Авторы статьи отмечают, что потребительская корзина состоит из набора продуктов; набор непродовольственных товаров и набор услуг. В связи с этим, было отмечено, что при определении продуктового пакета следует учитывать научно обоснованные критерии минимальных требований социально-демографических групп населения к продуктам питания, а также химический состав и пищевую ценность продуктов питания.

В статье также отмечается, что при определении набора непродовольственных товаров, входящих в потребительскую корзину, необходимо обеспечить минимальные жизненные потребности основных социально-демографических групп населения в непродовольственных товарах с учетом пола, возраста и одежды, а также культурных мероприятий необходимо учитывать домашнее хозяйство.

Исследователи отмечают, что при определении пакета услуг, входящего в потребительскую корзину, необходимо учитывать удовлетворение минимальных потребностей населения в жилищно-коммунальных услугах, жилье, транспорте и связи.

В статье говорится о прожиточном минимуме на душу населения и социально-демографических групп на основе потребительской корзины и статистических данных об уровне потребительских цен на продукты питания, непродовольственные товары и услуги с учетом всех видов торговли и расходов на государственные пошлины и платежи обязательный расчет рассчитывается ежеквартально, что немаловажно.

Ключевые слова: потребительская корзина, доход, минимальная заработная плата, безработица, прожиточный минимум, потребительские цены, уровень жизни, занятость, основные товары, продукты питания, потребление, трудоспособное население.

RESEARCH FIRST NEEDS BASED ON CONSUMER CART INDICATORS

The article says that the subsistence minimum, which is usually calculated in the Republic of Tajikistan, should be used for the following purposes: a) to assess the living standards of the population for the development and implementation of targeted social policy and social programs; b) analysis and forecast of the standard of living; c) justification of state social assistance to the poor; d) gradual approximation to the established minimum wage, pensions, benefits, allowances and other social payments; e) determination of the poverty line and implementation of measures for social support of the population.

The author of the article notes that the consumer basket consists of a set of products; a set of non-food products and a set of services. In this regard, it was noted that when determining a food package, one should take into account scientifically grounded criteria for the minimum requirements of socio-demographic groups of the population for food, as well as the chemical composition and nutritional value of food.

The article also notes that when determining the set of non-food products included in the consumer basket, it is necessary to ensure the minimum life needs of the main socio-demographic groups of the population for non-food products, taking into account gender, age and clothing, as well as cultural events. household needs to be considered.

The researcher notes that when determining the package of services included in the consumer basket, it is necessary to take into account the satisfaction of the minimum needs of the population in housing and communal services, housing, transport and communications.

The article talks about the subsistence minimum per capita and socio-demographic groups based on the consumer basket and statistical data on the level of consumer prices for food, non-food products and services, taking into account all types of trade and the cost of government duties and payments. compulsory calculation is calculated on a quarterly basis, which is important.

Keywords: consumer basket, income, minimum wage, unemployment, subsistence minimum, consumer prices, standard of living, employment, basic goods, food, consumption, working-age population.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Раҳматов Бахтовард Кушиевич*** **–** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибии. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **931-54-13-13**

Шерова Наргис Давроновна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

Каримов Нурмахмад Ярмахмадович **–** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, маллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. Нахимов, 64/14. E-mail: **karimov.23.1971@mail.ru**. Телефон**: (+992) 919-27-77-70**

Сведения об авторах: ***Рахматов Бахтовард Кушиевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **931-54-13-13**

Шерова Наргис Давроновна - Таджикский национальный университет, профессор кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

Каримов Нурмахмад Ярмахмадович - Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **karimov.23.1971@mail.ru**. Телефон**: (+992) 919-27-77-70**

Information about the authors: ***Rakhmatov Bakhtovard Kushievich*** - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Department of Accounting. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. Phone: **931-54-13-13**

Sherova Nargis Davronovna - Tajik National University, Professor of the Department of Economic Theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

Karimov Nurmakhmad Yarmakhmadovich - Tajik State University of Finance and Economics, senior lecturer at the Department of Accounting. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. E-mail: **karimov.23.1971@mail.ru**. Phone: **(+992) 919-27-77-70**

УДК 338.432

МАФҲУМИ ИҚТИСОДИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ҚАРЗ ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Одинаев Ш.Т., Давлатова Г.М.
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ

Мафҳуми "сармоягузорӣ" тарҷумаи калимаи лотинӣ "investire" буда, ба маънои гузаштани маблағ ва дигар дороиҳо (сармоя)-ро ба ягон намуд фаъолият (корхона) ба муддати тӯлонӣ истифода мешавад. Бояд қайд кард, ки дар низоми иҷтимоию иқтисодии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ сармоягузорӣ дар шакли маблағгузориҳои мутамаркази анҷом дода мешуд. Аз ин рӯ, истилоҳи "сармоягузорӣ" аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ҳамчун сармоягузориҳои асосӣ, маҷмӯи хароҷоте, ки дар шакли сармоягузории дарозмуддат ба саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ амалӣ шудаанд, баррасӣ гардидааст.

Табиист, ки ин амалия ба он оварда расонд, ки фаҳмиши фаъолияти сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ танҳо бо сармоягузории асосӣ дар ҷараёни сохтмон маҳдуд аст.

Асарҳои муҳаққиқон ва иқтисодчиёни хориҷӣ дар бораи васеътар муайян кардани мазмуни иқтисодии мафҳуми "сармоягузорӣ" фарқ мекунанд. И. Бернард ва Ҷ.К. Коллӣ дар "Луғати тафсирии иқтисодиёт ва молия" байни мафҳумҳои "сармоягузорӣ" ва "сармоягузории капиталӣ" фарқ гузоштаанд. Ба ақидаи онҳо «сармоягузориҳои асосӣ аз

сармоягузорӣ бо он фарқ мекунанд, ки он аз раванди истеҳсолӣ ҳам аз ҷиҳати ҳавасмандӣ ва хусусияти корхонае, ки онро амалӣ менамояд, ҷудо карда шудааст. Фоидаи имконпазир ё хатаре, ки ӯ дучори он мешавад, на аз қобилияти истеҳсолии ӯ, балки аз эътимоди сармоягузор вобаста аст" [1].

Умуман, идеяи ҷудо кардани қисми муайяни сарвати иҷтимоӣ, ки барои ташкили истеҳсолоти иҷтимоӣ зарур аст, аз ҷониби намояндагони яке аз аввалин мактабҳои илмӣ – меркантилизм, пешниҳод шуда буд (В. Стаффорд, Де Сантис, Г. Скаруфи).

Албатта, меркантилистҳо ҳатто истилоҳи "сармоягузорӣ"-ро ба таври возеҳ истифода накардаанд, аммо муҳтавои гуфтори онҳо далели он аст, ки ҷамъоварии ганҷҳо барои худи миллат нест, балки танҳо яке аз пайвандҳо дар ҷараёни таҷдиди иҷтимоӣ мебошад. Ҳамин тариқ, мо мебинем, ки намояндагони меркантилизм зарурати сармоягузорӣ ба бахши истеҳсолиро барои бартараф кардани зуҳуроти номатлуб дар иқтисодиёт ва афзун намудани сарвати миллат қайд кардаанд [13].

Бояд қайд кард, ки физиократҳо (Ф. Квеснай) байни фаҳмиши моҳияти сармоягузорӣ дар сатҳи хоҷагии инфиродӣ ва, дар маҷмӯъ, дар сатҳи истеҳсолоти иҷтимоӣ, фарқияти байни сармоягузорӣ ба хароҷот барои ба даст овардани сарвати миллат ва омилҳои моддии истеҳсолот, ки истифодаи онҳо барои деҳқон даромад медиҳанд, фарқ намекунанд. Бори аввал физиократҳо ба назарияи иқтисодӣ номи ин омилҳои моддӣ ва иҷтимоӣ - сармояро ворид карданд.

Сармоягузорӣ ҳамчун раванде ба таҷдиду афзун кардани сармояи истифодашаванда амал мекунад, ки бо ёрии онҳо раванди истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ гузаронида шуда, боигарии миллат афзоиш меёбад.

Хусусияти фарқкунандаи сармоягузорӣ дар сатҳҳои мухталифи иқтисодиёт ворид намудани хароҷоти деҳқон ба харидани воситаҳои истеҳсолот ва киро кардани коргарони кишоварзӣ мебошад, дар ҳоле, ки дар сатҳи миллӣ танҳо омилҳои моддии истеҳсолот ба сармоя тааллуқ доранд [6].

Адам Смит мисли физиократҳо ба объективии ҷараёни ташаккули сармоя таъкид намуда, онро бо вазифаи асосии кори худ - омӯзиши сабабҳои сарвати халқ пайваст кард.

Мувофиқи ақидаи А. Смит, сармоягузорӣ боигарии иҷтимоиро афзун мекунад ва, ҳамзамон, ба субъекте, ки бо намудҳои муайяни фаъолият машғул аст, даромад меорад. Бо вуҷуди ин, Смит қайд мекунад, ки агар ягон мол бо мақсади ба даст овардани даромад истифода шаваду он барои соҳибаш сармоя бошад, пас дар маънои иҷтимоӣ сармоя нест.

Дутарафа будани тафсири сармоягузориро аз ҷониби А. Смит қайд кардан ғайриимкон аст, ки на ҳамеша сармояи шахси воқеӣ метавонад ба сармояи иҷтимоӣ тааллуқ дошта бошад.

Мутаносибан, сармоягузориҳо дар миқёси иҷтимоӣ хароҷотро барои иваз кардан ва афзун кардани сармояе, ки дар шаклҳои гуногун мавҷуданд:

- ҳама навъҳои техника ва таҷҳизоти муфид;
- иншооти истеҳсолӣ ва иморатҳо;
- беҳбудии замин;
- қобилиятҳои бадастоварда ва муфид барои ҳамаи сокинони кишвар;
- сармояи муомилотӣ, ки ба фаъолияти сармояи асосӣ хизмат мекунад.

Дар натиҷа боигарии миллӣ меафзояд ва соҳиби сармоя аз ҳисоби офаридааш даромад ба даст меорад.

Шакли дигари сармоягузорие, ки аз ақидаи А.Смит бар меояд, арзиши ба даст овардани молу мулк мебошад, ки бе зиёд кардани сарвати миллӣ ба соҳибмулк даромад меорад. Манбаи ин даромад даромадест, ки тавассути меҳнати самарабахши коргарон ба вуҷуд омадааст, яъне дар ин ҳолат на афзоиши сарвати миллӣ, балки аз нав тақсим кардани он ба амал омадааст.

Ҳамин тавр, тафсири дуҷонибаи моҳияти раванди сармоягузорӣ дар таълимоти А.Смит аз объекти номуайянии худи сармоягузорӣ – сармоя иборат аст. Аз як тараф, классик молу мулки шахсро, ки ба вай даромад оварда метавонад, аз тарафи дигар, омилҳои истеҳсолот, ки қодиранд афзоиши сарвати ҷомеаро низ таъмин кунанд, дар назар дорад [13,с.137].

Бояд қайд кард, ки таърифи ҷараёни сармоягузорӣ аз ҷониби иқтисоддонҳои амрикоӣ Уилям Ф. Шарп, Гордон Ҷ. Александр ва Ҷеффри В.Бейли дар китоби

"Инвеститсияҳо" оварда шудааст: "Ба маънои васеъ калимаи сармоягузорӣ "имрӯз тақсим кардани пул бо мақсади дар оянда фоидаи бисёртар ба даст оваранд мебошанд». Онҳо вақт ва хатарро бо раванди сармоягузорӣ ба таври бебаҳо пайванд медиҳанд. Азбаски мукофот дертар меояд, арзиши он одатан пешакӣ номаълум аст ва хатари нагирифтани ягон мукофот вуҷуд дорад [16].

Бояд қайд кард, ки таҳқиқоти бузурги Карл Маркс дар ин роҳнамо аст. Вай сармояро ҳамчун арзиши зиёдатӣ баррасӣ кардааст [9]. Худмаблағгузории сармояро омӯхта, Маркс се марҳилаи онро муайян мекунад:

- сармоядор дар бозори молу меҳнат ҳамчун харидор бо мақсади ба даст овардани омилҳои зарурии истеҳсолӣ пайдо мешавад;

- воситаҳои истеҳсолот ва қувваи корӣ, истеъмоли самараноки молҳои аз ҷониби сармоядор харидашуда ва ташкили молҳо бо музди меҳнат, ки аз арзиши омилҳои истеҳсолот арзиши бештар доранд;

- фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда ва сармояи пулӣ аз маблағи арзиши барзиёд, бештар аст.

Вай ба он эътибор додааст, ки ҳадафи ниҳоии муомилоти сармоя ин ба даст овардани арзиши изофавии соҳиби воситаҳои истеҳсолот мебошад. Аз ин рӯ, дар марҳилаи аввал пул барои ба даст овардани омилҳои зарурии истеҳсол, ки дар шакли сармояи доимӣ ва тағйирёбанда амал мекунад, сармоягузорӣ карда мешавад.

Умуман, бояд қайд кард, ки К.Маркс равандҳои сармоягузориро дар сатҳҳои инфиродӣ ва иҷтимоӣ муайян намуд, паҳлу ва самти мақсадноки онҳоро таҳқиқ кард, аммо ин равандҳо аз ҷониби вай на аз нуқтаи назари қонунҳои фаъолияти иқтисоди бозорӣ, балки дар доираи он муносибатҳои синфии байни сармоядорону коргарон, ки ба истисмори коргар асос ёфтаанд, таҳлил карда шуд.

Дар далелҳои Ҷ.М. Кейнс, талаботи сармоягузорӣ ҳамчун унсури талабот дар маҷмӯъ ва омиле, ки ба шуғл таъсир мерасонад, амал мекунад. Арзиши он, аз як тараф, тавассути ном аз ҳисоби хароҷоти ҷомеа оид ба молҳои сармоягузорӣ тавсиф намуда, муайян карда мешавад, аз тарафи дигар, хароҷоти сармоягузорӣ ҳамчун фарқи байни ҳаҷми пешниҳоди маҷмӯӣ ва хароҷоти пешбинишуда ба молҳои истеъмолӣ муайян карда мешавад [5].

Дигар иқтисодшиноси маъруф олими амрикоӣ Ҷ.Самуэлсон мафҳуми "сармоягузорӣ"-ро ба тариқи тафсирӣ пешниҳод карда, онҳоро ҳамчун "... арзиши истеҳсолот, ҷамъоварии воситаҳои истеҳсолот ва афзоиши захираҳо" шарҳ додааст [12].

Воқеан, айни замон дар иқтисодиёти аксар кишварҳои пешрафта сармоягузориҳои молиявӣ торафт афзуда истодаанд, категорияи "сармоягузорӣ" аз як корхонаи истеҳсолӣ ба молиявӣ васеъ шуда истодааст.

Олимони иқтисодии муосир низ дар мавқеъи муайян кардани мундариҷаи иқтисодии категорияи "сармоягузорӣ" бархӯрдоранд. Ба гуфтаи В.А. Розиқов, Ш.М. Раҳимов, С.Г. Сафаров "сармоягузорӣ системаи амалиёт оид ба рушди истеҳсоли молҳо (хизматрасониҳо) мебошад, ки ҷалби воситаҳои мувофиқро талаб мекунад ва тартиби татбиқи онҳоро бо мақсади ба даст овардани даромад (фоида)-и чашмдошт ва натиҷаҳои иҷтимоӣ пешбинӣ менамояд" [11]. Ба андешаи мо, ин равиш то андозае қатъист.

Бо истифода аз равиши гуманистӣ ба сармоягузорӣ, М.Т. Каримова, Б.С. Музаффаров, А.Б. Мирсаидов ва Ш.Т. Одинаев бо сармоягузорӣ ҳамаи намудҳои моликият, арзишҳои зеҳнӣ, иттилоотӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба онҳоро, ки барои рушди захираҳои инсонӣ ва объектҳои ҳама гуна фаъолият сармоягузорӣ мекунанд, бо мақсади таъмин намудани фоидаи капиталӣ, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ сарчашма мегиранд [4,с.125; 10,с.279; 8,с.258]. Албатта, муаллифон дар таърифи мазкур, ба андешаи мо, ба ҷанбаи муҳимтарини сармоягузорӣ тамаркуз мекунанд. Бо вуҷуди ин категорияи "сармоягузорӣ" бештар ба соҳаи истеҳсолот ва муомилот мансуб аст.

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 15 марти 2016 таҳти рақами №1299 «Дар бораи сармоягузорӣ», сармоягузорӣ ҳамчун пули нақд, коғазҳои қиматнок, амволи дигар, аз ҷумла ҳуқуқҳои амволӣ, дигар ҳуқуқҳое, ки арзиши пулӣ доранд, ба тиҷорат ва (ё) дигар фаъолият бо мақсади ба даст овардани фоида ва (ё) муваффақ шудан ба самараи муфид маблағзорӣ карда мешаванд, баррасӣ карда мешавад [7].

Тафсири ҷолиб аз ҷониби Э.Ҷ. Долан ва Д. Линдсей пешниҳод шудааст: "Зиёд намудани ҳаҷми сармояи дар низоми иқтисодӣ амалкунанда, яъне афзоиши пешниҳоди захираҳои истеҳсолӣ, ки одамон анҷом медиҳанд, сармоягузорӣ номида мешавад. Сармоягузорӣ маънои рад кардан аз истеъмоли кунунӣ ба манфиати истеъмоли оянда... Ҳамзамон, мо худро дар мавқеи беҳтар мебинем ва бобати қонеъ кардани хоҳишҳои фардо» замина мегузорем [3].

Ба андешаи мо, бо ин фикр розӣ шудан душвор аст, зеро худи мафҳуми "сармоягузорӣ" маънои маблағгузорӣ ба бахши иқтисод дар дохили кишвар ва хориҷаро дорад. Ба ибораи дигар, дар ин ҷо сухан дар бораи молия (хариди коғазҳои қиматнок) ва сармоягузориҳои воқеӣ (сармоягузории асосӣ дар саноат, кишоварзӣ, сохтмон, маориф ва ғайра) меравад. Бо тафсири дар боло зикршудаи сармоягузорӣ, ба фикри онҳо, розӣ шудан ғайриимкон аст. Якум, сармоягузории одӣ ин маблағгузорӣ нест ва, дувум, сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисод якхел нест, аммо мафҳумҳо мухталиф мебошанд.

Ҳангоми таҳлили тамоми нуктаҳои дар боло зикргардида оид ба тафсири моҳияти сармоягузорӣ, мушаххас «яктарафии иқтисодӣ» ба назар мерасад, яъне аз ҷониби бисёр иқтисоддонҳо сармоягузорӣ ҳамчун объекти сармоягузорӣ ё сарчашмаи он ҳисоб карда мешавад.

Ба ақидаи мо, "сармоягузорӣ" як категорияи мураккаби иқтисодӣ буда, бояд дар алоқамандӣ бо маҷмӯи элементҳои таркибии он баррасӣ шаванд, ки дар расми 1 бо намуди ҷамъ оварда шудааст.

Расми 1. Мазмуни иқтисодии категорияи "сармоягузорӣ"
Figure 1. The economic content of the "investment" category



Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Ҳамин тариқ, сармоягузорӣ ин ҷараёни маблағгузорӣ бо мақсади ба даст овардани фоида ё самараи дигари фоидаовар ба воситаҳои пулӣ, ҳуқуқҳои моликият, коғазҳои қиматнок ва дигар ҳуқуқҳое, ки арзиш дар объектҳои сармоягузорӣ дошта мебошад.

Ш. Раҳимзода дар китоби худ "Муомилоти пулӣ ва қарз" қайд мекунад; «Қарз ин маблағи пулиест, ки бо шартҳои баргардонидашавӣ ва додани иловапулӣ муваққатан ба каси дигари ҳуқуқӣ ё воқеӣ дода шудааст. Кредит ҷамъи муносибатҳои иқтисодӣ аст” [15].

Тибқи дастурамал «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ», қарз пардохт (пулакӣ) ё ройгон додани молҳои моддӣ (мол ё пул) бо шартҳои қабул (баргардондан) пас аз муддати муайяни вақт, муодили онҳо дар шакли муқарраршуда бо розигии тарафҳо мебошад [2]. Ин мафҳум хусусияти шартномавии муносибатҳои қарзиро таъкид намуда, ки интиқоли онҳо маънои уҳдадориро баҳри пардохти қарз дорад. Олимони дар боло номбаршуда қарздиҳиро ҳамчун як раванди мураккаби иқтисодӣ шарҳ медиҳанд, ки ташкили он бо назардошти принсипҳои асосӣ, ки хусусияти ҳаракати қарзро инъикос мекунанд, сурат мегирад.

Ш. Раҳимзода қайд мекунад, ки асоси қарз, моҳияти онро метавон ҳамчун ҷунбиши арзиш бар асоси пардохт ба манфиати татбиқи ниёзҳои иҷтимоӣ муайян кард. Ин хусусияти қарз дигар таърифҳои моҳияти онро истисно намекунад. Аз ин рӯ, Ш. Раҳимзода якчанд таърифи қарзиро пешниҳод мекунад:

1. муносибати байниқарздиҳанда ва қарзгиранда;
2. баргардонидани ҷараёни арзиш;
3. ҳаракати воситаҳои пардохт дар асоси баргардонидан;
4. ҳаракати арзиши қарз;
5. ҳаракати сармояи қарзӣ;
6. ҷойгиркунӣ ва истифодаи манбаъҳо дар асоси баргардонидан.

Таърифҳои дар боло овардашуда моҳияти қарзро аз ҷониби ягон тараф тавсиф мекунанд. Бо ифодаи пурра Ш. Раҳимзода қарзро аз ҷониби қарздиҳанда, ҳамчун арзиши нарх барои истифодаи қарзгиранда дар асоси бозгашт ва ба манфиати ниёзҳои иҷтимоӣ тавсиф менамояд.

Ҷамъбасти ҳамаи таърифҳои дар боло овардашударо чунин шаҳр додан лозим аст: «қарз категорияи молиявию иқтисодӣ буда, муносибатҳои иқтисодии байни қарздиҳанда ва қарзгир дар бораи ҳаракати арзиши қарзро дар асоси муҳлатнокӣ, пардохт, бозгардонӣ ба вуҷуд меорад. Дар доираи фаъолияти худ, сармоягузории қарзӣ таваҷҷуҳи махсус дорад ва таърифи моҳияти иқтисодии он дар илми иқтисод баҳснок аст».

Ба андешаи мо, истилоҳи "маблағгузории лоиҳавӣ" низ барои ин таъриф мувофиқ аст, яъне он меъёрҳои асосӣ баррасии қарзро ҳамчун сармоягузорӣ муқаррар намекунад, муҳлати истифодаи қарз муайян карда намешавад ва вазъи иқтисодии субъекти хоҷагӣ ба назар гирифта намешавад.

Инчунин, сармоягузории қарзӣ низоми ташкилии ҳамкориҳои сармоявӣ байни корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва бонкҳо мебошад, ки сармоягузории самараноку дарозмуддати захираҳои кредитиро ба арзиши аслӣ, ҷараёни бозгашти арзиши қарз ва ноил шуданро ба ҳадафҳои сармоягузорӣ таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, истилоҳи " сармоягузории қарзӣ " дар адабиёти иқтисодӣ хеле маъмул аст, аммо тафсирҳои он чандон зиёд нестанд, ин самт барои Тоҷикистон ҳанӯз нав буда, хуб омӯхта нашудааст. Бояд қайд кард, ки мутахассисони молиявӣ-амалӣ мазмуни сармоягузории қарзиро ин тавр муайян мекунанд. "Сармоягузории қарзӣ навъи қарздиҳие мебошад, ки дар он қарз бо мақсади татбиқи лоиҳаи нави тиҷоратӣ, модернизатсияи истеҳсолот, сохтмон ва ғайра равона карда шудааст".

Сармоягузории қарзи аз ҷониби муассисаи молиявӣ ба шахси инфиродӣ ё ҳуқуқӣ барои барномаи мушаххаси сармоягузорӣ додашаванда мебошад ва дар нақшаи он аз қарзи классикӣ фарқ нест – ин шакл ҳам уҳдадориҳои қарзгиранда, инчунин, бо шартномаи қарзӣ ва ҷадвали пардохтии қарз дорад. Ягона хусусият дар он аст, ки барои мақсадҳои дарозмуддат дода шудааст.

Ба андешаи мо, ҳеҷ яке аз таърифҳои дар боло овардашуда моҳияти сармоягузории қарзиро пурра инъикос намекунад. Дар ҳолати аввал, диққат танҳо ба татбиқи лоиҳаи нав дода шавад. Масалан, дар ҳоле ки агар хариди таҷҳизоти нав лозим бошад, таърифи мавҷуда ба чунин чорчӯба мувофиқат намекунад. Дар таърифи дувум бошад, равшан нест, ки чаро онро ҳамчун қарзи дарозмуддат шарҳ додан лозим набошад.

Ғайр аз ин ҳеҷ яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ ва муайян кардани сармоягузории қарзӣ муқаррар карда нашудааст. Аз ин рӯ, бояд эътироф кард, ки на дар адабиёти иқтисодӣ, на дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва на дар доираҳои мутахассисони ташкилотҳои қарзиву молиявӣ байни мафҳумҳои «сармоягузории қарзӣ», «маблағгузории лоиҳа», «қарздиҳӣ» фарқияти дақиқ вуҷуд надорад.

Дар сармоягузории қарзӣ муносибатҳои иқтисодӣ ва, инчунин, усулу василаҳои танзими онҳо (меъёри фоизӣ, муҳлати қарз, шартномаи қарз ва ғайра), ки дар байни қарзгиранда ва қарздиҳанда дар асоси муҳлатнокӣ, пардохт, баргардонидан ва истифодаи мақсадноку дарозмуддат ба вуҷуд меоянд, фаҳмида мешаванд.

Ба тариқи дигар, бо маблағгузории лоиҳа як ширкати нав бо «тавозуни сифрӣ» таъсис дода мешавад. Ҳамин тавр, пардохтҳо аз рӯи қарз танҳо аз даромади лоиҳаи қарзгирифта амалӣ карда мешаванд. Бояд дар назар дошт, ки чунин маблағгузорӣ нисбат ба қарздиҳии анъанавии сармоягузорӣ хавфноктар аст, аз ин рӯ, талабот барои таҳия ва асосноккунии ин лоиҳаҳо ниҳоят баланд аст.

Бо назардошти хусусиятҳои соҳавии проблемаи баррасишаванда, сармоягузории қарзӣ ба ташкилотҳои кишоварзӣ муносибатҳои иқтисодӣ, усулу воситаҳо, ки танзими

онҳоро дар давраи маблағгузорӣ аз ҷониби қарздиҳанда - бонки ташаббусҳои сармоягузории қарзгиранда - ташкилоти кишоварзӣ ба муҳлати зиёда аз як сол ба вуҷуд омадааст, ифода мекунад.

Муайян кардани макони ҷории чунин зуҳурот ба монанди қарздиҳии сармоягузорӣ бидуни назари ретроспективӣ, яъне бо назардошти таҳаввулоти қарздиҳии кишоварзӣ дар Тоҷикистон ғайриимкон аст.

Ҳамин тавр, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки аз сабаби хусусиятҳои раванди такрористеҳсолкунӣ, соҳаи кишоварзӣ наметавонад танҳо аз ҳисоби маблағҳои худ фаъолият кунад. Вай ба дастгирии молиявӣ ва қарзидиҳии сармоягузорӣ ниёз дорад. Маблағҳои худи соҳаи кишоварзӣ ҳатто барои корҳои мавсимӣ, ҳисоббаробаркунӣ бо буҷет ва музди меҳнат кифоя нестанд, инчунин, барои хариди таҷҳизоти кишоварзӣ, нуриҳо норасоиҳои молиявӣ ба мушоҳида мерасад.

Аз ин лиҳоз, кредити молӣ яке аз намудҳои қадимтарини қарз буда, аз амалиёти савдо ба вуҷуд меояд. Шаклҳои гуногуни қарзҳои молӣ мавҷуданд. Варианти содаи он пешниҳоди захираҳои мавсимӣ барои соҳаи кишоварзӣ аз гарави ҳосили оянда иборат аст. Қарзи молӣ ҳамон вақт самарабахш аст, ки истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ ба қарзҳои бонкӣ эҳтиёҷ надоранд. Ин шакли қарз одатан ҳамгироии амудии истеҳсолиро дар комплекси агросаноатӣ ҳамроҳӣ мекунад.

Муқарриз: д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р.

АДАБИЁТ

1. Бернар И. Толковый экономический и финансовый словарь / И. Бернар, Ж.-К. Колли; пер. с фр.: в 2т. -М., 1994. -1200 с.
2. Дастурамали №186 «Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ», Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2011, таҳти №73.
3. Долан Э.Дж., Линдсей Д. Микроэкономика / Э.Дж. Долан, Д. Линдсей; пер. с англ. -СПб., 1994. -440 с.
4. Каримова М.Т. Нақши фаъолияти сармоягузорӣ дар таъмини рушди иқтисодӣ / М.Т. Каримова // Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир. Паёми Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2016. -№4(54). -С.124-135.
5. Кейнс Д.М. Общая теория занятости, процента и денег / Д.М. Кейнс; пер.с англ. -М.: Прогресс, 1978. -479 с.
6. Кенэ Ф. Избранные экономические произведения / Ф. Кенэ. -М.: Соцэкгиз, 1960. -460 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ». -Душанбе, аз 15 марти 2016 таҳти рақами №1299.
8. Ҷолибияти сармоягузории минтақаҳо: хусусиятҳо ва роҳҳои ноил шудан / Ш.Т. Одинаев, Б.С. Музаффаров [ва диг.] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). -Душанбе: Сино, 2013. -№2/5(117). -С.256-258.
9. Маркс К. Теории прибавочной стоимости / К. Маркс, Ф. Энгельс. соч. - 2-е изд. - Т. 26. -ч. 1-3.
10. Музаффаров Б.С. Такмили механизми ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Б.С. Музаффаров, А.Б. Мирсаидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе: Сино, 2013. -№2/3(165). -С.279-284.
11. Розиқов В.А. Сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии фаъолгардонии он / В.А. Розиқов, Ш.М. Раҳимов, С.Г. Сафаров. –Душанбе: Сарпараст, 2001. -175 с.
12. Самуэльсон Дж. Экономика. - М.: Республика, 1993. -т.2. -С.388.
13. Смит А. Исследования о природе и причинах богатства народов / А. Смит. –М: Госуд. Соц. экон. изд-во, 1935. -Т. 1. -С.130-137.
14. Хушвахтзода К.Х. Методологические основы государственного регулирования инвестиций в сельскохозяйственное производства региона / Хушвахтзода К.Х., Ф.Б. Саидахмадов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. -№3. –С.70-79.
15. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. –Душанбе: ЭР-граф, 2018. -516 с.
16. Шарп У. Инвестиции / У. Шарп, Г. Александер, Дж. Бэйли; пер. с англ. -М.. ИНФРА-М, 2001. –XII. -1028 с.

МАФҲУМИ ИҚТИСОДИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ҚАРЗ ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Дар мақолаи мазкур мафҳуми сармоягузорӣ ва қарз аз нуқаи назари олимони ватанию хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Қайд гардидааст, ки мундариҷаи назариявии истилоҳи “сармоягузорӣ” аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ҳамчун сармоягузориҳои асосӣ, маҷмӯи хароҷоте, ки дар шакли сармоягузории дарозмуддат ба саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ амалӣ шудаанд, баррасӣ карда шуданд.

Муаллифон хусусияти фарқкунандаи сармоягузориро дар сатҳҳои мухталифи иқтисодиёт дида баромада, чунин мешуморанд, ки ба даст овардани фоида, афзоиши боигарии миллӣ ва рушди истеҳсолот аз сармоягузориҳо ва қарз вобастагии калон дорад.

Ба андешаи мо худи мафҳуми “сармоягузорӣ” маънои маблағгузорӣ ба бахши иқтисод дар дохили кишвар ва хориҷӣ онро дорад. Ба ибораи дигар, дар ин ҷо сухан дар бораи молия (хариди коғазҳои қиматнок) ва сармоягузориҳои воқеӣ (сармоягузории асосӣ дар саноат, кишоварзӣ, сохтмон, маориф ва

ғайра) рафта, ҳамчун объекти сармоягузорӣ ё сарчашмаи онҳо ҳисоб карда мешавад. Инчунин, сармоягузории қарзӣ низоми ташкилии ҳамкориҳои сармоявӣ байни корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва бонкҳо мебошад, ки сармоягузории самараноки дарозмуддати захираҳои кредитиро ба арзиши аслии соҳа, ҷараёни бозгашти арзиши қарз ва ноил шуданро ба ҳадафҳои сармоягузорӣ таъмин мекунад. Таҳқиқи мавзӯъ нишон дод, ки истилоҳи "сармоягузории қарзӣ" дар адабиёти иқтисодӣ маъмул бошад ҳам, аммо тафсирҳои он чандон зиёд нестанд ва дар Тоҷикистон ин самт ҳанӯз хеле нав буда, хуб омӯхта нашудааст. Муаллифон инчунин дар рафти таҳқиқи мавзӯъ танзимкунандаи фаъолияти сармоягузорӣ, муайян кардани сармоягузории қарзӣ муқаррар намуда, муносибатҳои иқтисодӣ ва, инчунин, усулу василаҳои танзими онҳо (меъёри фоизӣ, муҳлати қарз, шартномаи қарз ва ғайра)-ро, ки дар байни қарзгиранда ва қарздиҳанда дар асоси муҳлатнокӣ, пардохт, баргардонидан ва истифодаи мақсадноки дарозмуддат ба вуҷуд меоянд, дида баромадааст.

Калидвожаҳо: сармоя, маблағгузорӣ, маҳсулоти кишоварзӣ, қарздиҳӣ, иқтисодиёти миллӣ, сармоягузорӣ, лоиҳа, коғазҳои қиматнок.

ЭКОНОМИЧЕСКАЯ СУЩНОСТЬ ИНВЕСТИЦИЙ И КРЕДИТА В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОМ ПРОИЗВОДСТВЕ

В этой статье рассматриваются сущность инвестиций и долга с точки зрения отечественных и зарубежных ученых.

Было отмечено, что теоретическое содержание термина «инвестиции» рассматривается отечественными исследователями как капитальное вложение, совокупность затрат, понесенных в виде долгосрочных вложений в промышленность, сельское хозяйство, транспорт и другие отрасли народного хозяйства. Авторы рассматривают своеобразный характер инвестирования на разных уровнях экономики и рассматривают его как прибыльность, рост национального богатства и развитие производства. Следует отметить, что понятие «инвестиции» означает вложение во внутренний и внешний секторы экономики. Другими словами, речь идет о финансах (покупка ценных бумаг) и реальных инвестициях (капиталовложения в промышленность, сельское хозяйство, строительство, образование и т. д.), которые рассматриваются как объект инвестиций или их источник.

Кредитное инвестирование - это также организационная система инвестиционного сотрудничества предприятий агропромышленного комплекса и банков, которая обеспечивает эффективное долгосрочное вложение кредитных ресурсов в стоимость отрасли, процесс возврата кредита и достижение инвестиционных целей. Таким образом, термин «кредитные инвестиции» очень распространен в экономической литературе, но его толкования не очень обширны, поэтому он не совсем понятен, учитывая, что направление все еще новое для Таджикистана.

Авторы в ходе исследования устанавливают также регулятор инвестиционной деятельности, идентификацию кредитных вложений, экономических отношений, а также методы и средства их регулирования (процентные ставки, условия займа, кредитные договоры и т.д.) между заемщиком и кредитором рассматриваются возврат и долгосрочное целевое использование.

Ключевые слова: капитал, финансирование, сельскохозяйственная продукция, кредитование, национальная экономика, инвестиции, проект, ценные бумаги.

ECONOMIC ESSENCE OF INVESTMENT AND CREDIT IN AGRICULTURAL PRODUCTION

This article examines the essence of investment and debt from the point of view of domestic and foreign scientists.

It was noted that the theoretical content of the term "investment" is considered by domestic researchers as a capital investment, a set of costs incurred in the form of long-term investments in industry, agriculture, transport and other sectors of the national economy. The authors consider the peculiar nature of investment at different levels of the economy and considers it as profitability, growth of national wealth and development of production. It should be noted that the concept of "investment" means investment in the internal and external sectors of the economy. In other words, we are talking about finance (purchase of securities) and real investments (investments in industry, agriculture, construction, education, etc.), which are considered as an object of investment or their source.

Credit investment is also an organizational system of investment cooperation between enterprises of the agro-industrial complex and banks, which ensures an effective long-term investment of credit resources in the value of the industry, the process of loan repayment and the achievement of investment goals. Thus, the term "credit investment" is very common in the economic literature, but its interpretation is not very extensive, so it is not entirely clear, given that the direction is still new for Tajikistan.

The authors, also in the course of the study, also establishes a regulator of investment activity, identification of credit investments, economic relations, as well as methods and means of their regulation (interest rates, loan conditions, loan agreements, etc.) between the borrower and the lender, the repayment and long-term target usage.

Keywords: capital, financing, agricultural products, loans, national economy, investments, projects, securities.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Одинаев Шохин Талбакович*** **-** Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор. **Суроға:** 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ҳаёти – Нав, 306. Телефон: **(+992) 918-42-57-57**. E-mail: **economic64@mail.ru**

Давлатова Гулрухсор Маҳмадраҷабовна **-** Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, унвончӯ. **Суроға:** 734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ҳаёти – Нав, 306. Телефон: **(+992) 903-30-01-09**

Сведения об авторах: ***Одинаев Шохин Талбакович*** - Институт экономики и системного анализа развития сельского хозяйства ТАСХН, кандидат экономических наук, доцент, заместитель директора. **Адрес:** 734049, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Хаети – Нав, 306. Телефон: **918-42-57-57.** E-mail: **economic64@mail.ru**
Давлатова Гулрухсор Махмадраджабовна - Институт экономики и системного анализа развития сельского хозяйства ТАСХН, соискатель. **Адрес:** 734049, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Хаети – Нав, 306. Телефон: **(+992) 903-30-01-09**

Information about the authors: ***Odinaev Shokhin Talbakovich*** **-** Institute of economics and systems research of agricultural development of the TASKHN, Candidate of Economic sciences, associate Professor, Deputy Director**. Address:** 734049, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Hayti - New 306. Phone: **(+992) 918-42-57-57.** E-mail: **economic64@mail.ru**
Davlatova Gulrukhsor Mahmadrajabovna - Institute of economics and systems research of agricultural development, TASKHN, applicant. **Address:** 734049, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Hayti street - Novaya 306. Phone: **903-30-01-09**

УДК 338.433

РОҲҲОИ АСОСИИ РУШДИ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРИИ КИШОВАРЗИИ ОРГАНИКӢ

Эгамов С.Х.
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур

Ҳангоми гузариш ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ дар ин самт мебояд механизми муносиби ташкилию иқтисодии амалисозии ин раванд ташаккул ёбад. Роҳҳои методологии эҷоди механизми ташкилию иқтисодии рушди кишоварзиро, ки ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ нигаронида шудааст, асоснок карда, худи мафҳуми механизмро баррасӣ намуда, ҷузъҳои асосии онро муайян хоҳем кард.

Ба ақидаи З.В. Никитина механизм пайдарпаии муайяни ҳолатҳо, равандҳо мебошад, ки амал ё падидаи муайянро дар бар мегирад [1,с.52]. Дар асоси таърифи пешниҳодшуда, рушди соҳаи кишоварзӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ равона шудааст, ҳамчун раванде дониста мешавад, ки барои таъмини рушди устувори ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ дар асоси истифодаи принсипҳои истеҳсолоти экологӣ асос ёфтааст. Татбиқи раванди ташкилӣ дар якчанд марҳилаи пай дар пай тавассути маҷмӯи амалҳои ба ҳам алоқаманди ташкилӣ, иқтисодӣ, инноватсионӣ, технологӣ ва идоракунӣ ба амал меояд.

Дар расми 1 механизми ташкилию иқтисодии идоракунии давлатии кишоварзӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ нигаронида шудааст, нишон дода шудааст, ки он ду сатҳи идоракуниро барои татбиқи тадбирҳои ташкилӣ (технологияи кишоварзӣ, сертификатсияи истеҳсолот, таълим) ва тадбирҳои иқтисодиро (субсидия, дотатсия, суғурта, хариди давлатӣ) дар бар мегирад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти муаллиф оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, алалхусус дар минтақаи Ҳисор, маълум гардид, ки дар ду даҳсолаи охир дар соҳаи кишоварзӣ шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии хоҷагидорӣ инкишоф ёфтаанд ва амал мекунанд ва аз ин рӯ раванди табдил ёфтан аз истеҳсолоти анъанавӣ ба органикии кишоварзӣ бояд ба ҳадафҳо ва стратегияҳои рушди ҳар як корхонаи кишоварзӣ мувофиқат кунад. Ҳамаи корхонаҳои кишоварзӣ аз ҷиҳати ҳаҷм гуногунанд ва шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ доранд. Ба ин муносибат, муаллиф самтҳои зерини гузариши ташкилотҳои кишоварзиро ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ пешниҳод менамояд:

- ба корхонаҳо ва холдингҳои калони кишоварзӣ тавсия дода мешавад, ки бахшҳои сохтори истеҳсолии дохилихоҷагӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ махсус мешаванд, бо шарти комилан даст кашидан аз истифодаи маводҳои химиявӣ;
- дар корхонаҳои хурд тавсия дода мешавад, ки гузариш ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ бо истифодаи оқилонаи замин ва риояи сатҳи ҳадди ақали зарурии кимиёвӣ ҳангоми парвариши зироатҳо оғоз карда шавад.

Механизми ташкилӣ ва иқтисодии гузариши корхонаҳои кишоварзӣ ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ тартиби муайяни равандҳо ва тадбирҳои ба ҳам алоқаманде мебошанд, ки ба баланд бардоштани устуворӣ ва самаранокии экологӣ - иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ равона гардидаанд.

Расми 1. Механизми ташкилию иқтисодии идоракунии давлатии кишоварзӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ нигаронида шудааст
Figure 1. Organizational and economic mechanism of state agricultural management focused on organic production



Барои анҷом додани гузариши муносиби ташкилот ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ, тавсия дода мешавад, ки имкониятҳои воқеии гузариш ба самти интихобшудаи истеҳсолӣ дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи потенсиали захираҳои замин корхона муайян карда шавад. Дар асоси маълумоти бадастомада дар бораи мақсаднокии иқтисодии гузаштани корхона ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ қарор қабул карда мегардад.

Барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯрокворӣ дар шароити кунунӣ стратегияи коҳиши хароҷот дар асоси интенсификасияи истеҳсолот ва сафарбар намудани тамоми захираҳои маҳсулоти органикии кишоварзӣ дар шакли лоиҳаҳои сармоягузорӣ зарур аст (расми 2).

Расми 2. Стратегияи коҳиш додани хароҷот дар асоси интенсификасияи истеҳсолот ва сафарбар намудани тамоми захираҳои маҳсулоти органикии кишоварзӣ
Figure 2. Cost reduction strategy based on intensification of production and mobilization of all resources of organic agricultural products

Ҳангоми қабули қарори гузаштани корхонаи кишоварзӣ ба истеҳсолоти органикӣ, роҳбарияти ин корхона бояд масъалаҳои зеринро ҳал кунад:

- интихоби намудҳои маҳсулоти органикии истеҳсолшаванда мувофиқи имкониятҳои корхона ва талаботи бозор;
- муайян кардани варианти муносиби гузариш ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ;
- додани соҳаи алоҳидаи истеҳсолӣ ё воҳиди алоҳида ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ тавассути тағйир додани системаи киштгардон.

Барои иҷрои ин фаъолиятҳо ба корхона лозим аст, ки сохтори ташкилиро танзим кунад, мутахассисонро дар соҳаи техника ва усулҳои нави кор омӯзонад, усулҳои татбиқи технологияҳои инноватсионии истеҳсолоти кишоварзиро омӯзад, ба ташаккули системаи сертификатсия ва маркетинги маҳсулоти органикӣ диққат диҳанд.

Хусусияти системаи сертификатсияи ташкилоте, ки маҳсулоти органикии кишоварзӣ истеҳсол мекунад, дар он аст, ки на маҳсулоти ниҳоии органикии истеҳсолшуда бояд сертификатсия карда шавад, балки тамоми силсилаи технологии истеҳсоли маҳсулоти органикӣ ва коркарди он идора кунад. Танҳо пас аз ин, маҳсулоти ташкилот расман ҳамчун органикӣ, яъне аз ҷиҳати экологӣ тоза ва барои истеъмолкунанда бехатар эътироф карда мешаванд.

Ба корхонаҳои калони кишоварзӣ тавсия дода мешавад, ки истеҳсоли маҳсулоти органикӣ аз рӯи принсипҳои истифодаи оқилонаи замин ташкил карда шавад. Бо ин мақсад, ҳадафи истеҳсолӣ ва иқтисодии ҳар як қитъаи замин дар асоси омӯзиши натиҷаҳои баҳодиҳии ҳамаҷонибаи экологӣ ва иқтисодии тамоми захираҳои заминии ташкилот муайян карда мешавад.

Дар натиҷаи таҳқиқот дар бораи корхонаҳои кишоварзӣ, мо харитаи маърифатии давраи табдили корхонаҳои кишоварзиро ба истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзии органикӣ, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст, таҳия намудем.

Ҷадвали 1. Харитаи маърифатии табдили корхонаҳои кишоварзӣ ба истеҳсолоти кишоварзии маҳсулоти органикӣ

Table 1. Cognitive map of transformation of agricultural enterprises into agricultural production of organic products

№ п/п	Шаклҳои калони ташкилии истеҳсолоти кишоварзӣ	Шаклҳои хурди ташкилии хоҷагидорӣ дар деҳот
1	Тадқиқоти маркетинги бозори берунӣ ва дохилии маҳсулоти органикӣ	Омӯзиши талаботи истеъмолкунандагони маҳсулоти органикӣ ва корхонаҳои коркард дар сатҳи маҳалл
2	Арзёбии имконияти зиёд кардани майдони кишт барои истеҳсоли маҳсулоти органикӣ аз ҳисоби заминҳои корамшуда ва корамнашуда	Арзёбии имконияти зиёд кардани майдони кишт барои истеҳсоли маҳсулоти органикӣ аз ҳисоби заминҳои корамшуда ва корамнашуда
3	Арзёбии лаборатории қитъаҳои замин дар минтақаи фаъолияти корхона барои муайян кардани амнияти экологӣ. Тарҳрезии киштгардон.	Арзёбии лаборатории қитъаҳои замин дар ҳудуди корхона бо мақсади муайян кардани бехатарии экологӣ, тарҳрезии киштгардон.
4	Таҳияи лоиҳа оид ба беҳтар намудани кабудизоркунии истеҳсолот, ҳисоб кардани захираҳои зарурӣ, сметаи арзиши лоиҳа	Гузаронидани арзёбии замин ва захираҳо. Тартиб додани нақшаи тиҷории гузариш ба истеҳсолоти органикӣ
5	Интихоби оптималии гузариш ба истеҳсолоти органикӣ (корхона дар маҷмӯъ ё воҳиди сохтории алоҳида)	Ариза барои дастгирии давлатии молиявии лоиҳа (грантҳо, субсидияҳо)
6	Арзёбии фаъолияти ширкат дар соҳаи идоракунии муҳити зист, омӯзиши аудиторони дохилии низоми менеҷменти сифат	Ҷалби сармоягузорон ба татбиқи лоиҳа, ҷустуҷӯи бозорҳои фурӯш, бастани шартномаҳои дарозмуддат бо корхонаҳо оид ба коркарди маҳсулоти органикӣ
7	Оғози раванди истеҳсолот мутобиқи принсипҳои экологӣ ва идоракунии байналмилалии экологӣ	Ҷалби захираҳои меҳнатӣ, хариди таҷҳизот, тухмӣ, гузаронидани усулҳои агротехникии истеҳсоли органикӣ
8	Гузаронидани маъракаҳои таблиғотӣ, бастани шартномаҳо барои интиқоли маҳсулот ба шабакаҳои бузурги чакана ва корхонаҳои коркард.	Тайёр кардани бастаи ҳуҷҷатҳо ва пешниҳоди ариза ба мақомоти сертификатсия барои тасдиқи вазъи экологии корхона (маҳсулоти корхона)
9	Вуруди ташкилот ба бозорҳои хориҷии фурӯш	Оғози фаъолияти истеҳсолӣ бо мақсади кабудизоркунӣ, истифодаи замин
10	Васеъ кардани майдони истифодаи замин аз ҳисоби заминҳои фонди тақсимот, иҷора, аз ҷумла ба муомилот даровардани заминҳои корамнашуда ва бекорхобида.	Дар ҳолати зарурӣ, зиёд кардани майдони истифодаи замин аз ҳисоби заминҳои фонди тақсимот, иҷора, аз ҷумла заминҳои корамнашуда ва бекорхобида.
11	Пешниҳоди ариза барои дастгирии молиявии давлатӣ дар робита бо татбиқи истеҳсоли маҳсулоти органикӣ	Вуруди корхона ба ассотсиатсияҳо (иттиҳодияҳо)-и истеҳсолкунандагони органикӣ барои оптимизатсияи системаи маркетинг ва фурӯш, хидматрасониҳои машваратӣ ва иттилоотӣ
12	Такмили минбаъдаи системаи идоракунии муҳити зист барои сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда	Такмили минбаъдаи системаи идоракунии муҳити зист барои сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда

Моҳияти пешниҳоди муаллиф аз он иборат аст, ки дар асоси шароити мавҷудаи табиӣ-иқлимӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологие, ки корхона дар он фаъолият мекунад, барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии корхона – истеҳсолкунандаи маҳсулоти органикӣ бо назардошти талаботи бозор шароити мусоидтарин фароҳам оварда мешавад. Гузариши корхона ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ бояд мутобиқи ҳадафҳо ва стратегияи рушди ин корхона сурат гирад. Барои шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии корхонаҳои кишоварзӣ ва миқёси фаъолияти онҳо муаллиф самтҳои гуногуни гузариш ба истеҳсоли маҳсулоти органикиро пешниҳод менамояд.

Барои арзёбии захираҳое, ки барои гузаштан ба истеҳсолоти органикӣ барои корхонаҳо заруранд, биёед сохтори хароҷоти истеҳсоли пиёзро дар хоҷагиҳои деҳқонии минтақаи Ҳисор, ки ба истеҳсоли маҳсулоти органикии кишоварзӣ гузаштаанд, баррасӣ кунем (расми 3).

Расми 3. Сохтори хароҷоти хоҷагиҳои минтақаи Ҳисор барои истеҳсоли маҳсулоти органикӣ

Figure 3. Structure of expenditures of farms of Gissar region for production of organic products



Хароҷотро дар хоҷагиҳои гуногун муқоиса намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки хароҷоти аз ҳама пасттарин дар хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар ноҳияи Рӯдакӣ ва хоҷагии Наврӯз мебошад.

Аммо, дар ҳама хоҷагиҳои деҳқонӣ хароҷоти зиёд барои нуриҳои органикӣ дида мешавад. Дар ҷадвали 2 сохтори арзиши истеҳсоли пиёз дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ноҳияи Ҳисор дар солҳои 2017-2018 оварда шудааст.

Ҷадвали 2. Сохтори арзиши пиёз дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и минтақаи Ҳисор дар солҳои 2017-2018

Table 2. Price structure of onions in dehkan farms of Gissar region in 2017-2018

Номи хоҷагиҳо	Унсурҳои арзиш,%						Арзиши 1 кг пиёз, сомонӣ
	Музди меҳнат, бо нигоҳ доштани маблағ	Нуриҳои органикӣ	Сӯзишворӣ ва молиданӣ	Хароҷоти маъмурӣ	Истеҳлоки воситаҳои асосӣ	Дигар хароҷот	
Хоҷагии деҳқонии «Ватан»	10,3	53,2	8,3	9,7	2,1	16,4	2,50
Хоҷагии деҳқонии «Плодопитомник»	7,8	50,9	9,3	11,6	2,6	17,8	2,60
Хоҷагии деҳқонии «Рудакӣ»	15,0	52,7	6,7	6,7	3,9	15,0	2,40
Хоҷагии деҳқонии «Наврӯз»	8,7	66,8	6,5	9,3	1,6	7,1	2,65
Хоҷагии деҳқонии «Себзор»	7,7	60,8	7,6	7,3	1,6	15,0	1,95

Ба андешаи мо, гузариши ташкилотҳои кишоварзӣ ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад.

Пешниҳод менамоем, ки самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ барои гузариши истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар асоси методологияи байналмилалии таҳлили лоиҳаҳои сармоягузории UNIDO (United Nations Industrial Development Organization) - (Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди саноат) таҳлил ва арзёбӣ карда шавад. Барои арзёбии самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ, арзишҳои меъёрҳои зерин ҳисоб карда шуданд.

Меъёри NPV (англ. Net Present Value) арзиши холиси ҳозира мебошад, ки маблағи фоидаи тахфифшуда аз лоиҳаро аз ҳисоби афзоиши арзиши дисконтшуда барои он ташкил медиҳад ва бо формулаи (1) муайян карда шудааст:

$$NPV = \sum_{t=1}^{n} \frac{\Delta Bt - \Delta Ct}{(1+r)^{t}} = \sum_{t=1}^{n} \frac{(Bt - Bt0) - (Ct - Ct0)}{(1+r)^{t}}, \qquad (1)$$

ки дар он, ΔB = Bt – Bt0 афзоиши фоида дар қадами t аст

ΔC = Ct – Ct0 – афзоиши хароҷот дар қадами t мебошад.

t – рақами қадам (1,2,3 ... .n)

r – меъёри тахфиф

n – давомнокии давраи тахминии лоиҳа

Bt ва Ct – мутаносибан фоида ва хароҷот дар марҳилаи t, дар сурати гузаштан ба технологияи органикӣ

Bt0 ва Ct0 фоида ва хароҷот дар қадами t ҳангоми истифодаи технологияи анъанавӣ мебошанд.

Аз ин рӯ, тахфиф додани ҳамаи даромадҳо ва хароҷоти оянда (аз ҷумла хароҷотҳои сармоягузорӣ) то оғози лоиҳа ва муқоисаи онҳо нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаи мусбати NPV маънои фоидаовар будани лоиҳа ва нишондиҳандаи манфии NPV бошад нишон медиҳад, ки лоиҳаи сармоягузорӣ зиёновар аст.

Меъёри IRR (англ. Internal Rate of Return) – меъёри даромаднокии лоиҳа меъёри тахфифро муайян мекунад, ки дар он NPV ба сифр баробар хоҳад буд, яъне арзиши умумии ҳозираи фоида ба арзиши умумии ҷории фоида баробар хоҳад буд ва бо формулаи 2 муайян карда шудааст :

$$IRR = (r_{min} + (r_{max} - r_{min})) * \frac{NPVmin}{(NRVmin + NPVmax)}, \qquad (2)$$

ки ин ҷо, rmin – меъёри пасттари тахфиф;

rmax – меъёри тахфифи калон аст;

NPVmin – арзиши софи имрӯза бо меъёри пасттари тахфиф;

NPVmax – арзиши софи имрӯза бо меъёри тахфифи баландтар.

Ҳамзамон, аён аст, ки барои ҳама арзишҳои Rate Discount> IRR, арзиши NPV манфӣ хоҳад буд ва барои ҳама арзишҳои Rate Discount <IRR, арзиши NPV мусбат хоҳад буд. Дар маънои иқтисодӣ, арзиши IRR сатҳи миёнаи афзоиши сармояи лоиҳаро нишон медиҳад. Агар лоиҳаи инвеститсионӣ бо истифодаи маблағҳои қарзӣ амалӣ карда шавад, IRR сатҳи миёнаи афзоиши сармояи саҳҳомии ба лоиҳа гузошташударо нишон медиҳад.

Меъёри PI (англ. Profitability Index)) – фоидаи индекси сармоягузорӣ таносуби даромади софи дисконтшуда аз фаъолияти амалиётӣ ва молиявиро ба сармоягузориҳои ҷамъшудаи тахфифӣ ифода мекунад.

Муҳлати баргардонидани лоиҳаи ҷорӣ, ки дар асоси гардиши пули тахфифшуда ҳисоб карда шудааст, барои арзёбии лоиҳа аҳамияти калон дорад. Ин нишондиҳанда фосилаи вақтеро нишон медиҳад, ки пас аз он миқдори афзоиши фоидаи соф ба сифр баробар мешавад ва дар оянда мусбат боқӣ хоҳад монд.

Барои он ки лоиҳа аз ҷиҳати молиявӣ мақбул ҳисобида шавад, шартҳои зерин риоя карда мешаванд:

- барои иҷрошаванда будани лоиҳа (тавозуни ҷамъшуда бо назардошти маблағҳои қаблан ҷамъшудаи худ, инчунин ҳамаи даромадҳо ва хароҷоти лоиҳа дар ҳар як марҳилаи давраи ҳисоббарорӣ, на камтар аз сифр, коэффитсиентҳои тавсифкунандаи вазъи молиявӣ бояд дар ҳудуди қобили қабул бошанд);
- барои самаранок будани лоиҳа (NPV> 0; IRR> Rate; PI> 1; давраи баргардонидан аз давраи ҳисобшуда камтар аст).

Ҳама нишондиҳандаҳои фаъолият барои ду ҳолат ҳисоб карда мешаванд:

• вақте ки имконияти ҷалби захираҳои молиявии беруна барои сармоягузорӣ ба лоиҳа ба назар гирифта нашудааст ё лоиҳа бояд танҳо аз ҳисоби соҳибмулки воқеӣ маблағгузорӣ карда шавад (вазъи «пеш аз маблағгузорӣ»);

• вақте ки ҳисоб кардани гардиши пули лоиҳа ҷуброни истифодаи сармояи қарзӣ (ҷалбшуда)-ро дар назар дорад: гирифтани қарз, пардохти маблағи асосӣ, пардохти фоизи қарз (ҳолати“пас аз маблағгузорӣ”).

Ҳама ҳисобҳо бо нархҳои доимӣ гузаронида шуда, таваррумро ба назар намегиранд, аз ин рӯ даромаднокиро ба дараҷаи кофии эътимод пешгӯӣ кардан мумкин нест. Дар ин ҳолат, меъёри воқеӣ (аз таваррум покшуда)-и тахфиф истифода мешавад, ки арзиши имконпазири сармояро инъикос мекунад.

Ҳамин тариқ, ҳама қиматҳои тахфифшудаи нишондиҳандаҳои бадастомада бо қиматҳо дар нуқтаи “сифр”-и вақт ҳисоб карда мешаванд, яъне дар оғози давраи ҳисоббарорӣ ва ин арзишҳоро муқоисашаванда ва моддӣ мекунад.

Дар асоси методологияи муносибати системавӣ пешниҳод менамоем, ки кишоварзии органикӣ ҳамчун раванди фароҳам овардани тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ба роҳ монда шавад.

Инчунин, пешниҳод карда мешавад, ки самаранокии истеҳсолоти органикӣ дар шакли муносибати омилҳои табиӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, технологӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ карда шавад.

1. Омилҳои табиӣ: релеф, иқлим, вазъи хок, равандҳои биологӣ.
2. Омилҳои ташкилӣ: идоракунии оқилонаи замин, ташкили системаи кишоварзӣ, мавҷудияти системаи таълим ва такмили ихтисоси коргарон, хусусиятҳои системаи идоракунӣ.
3. Омилҳои иқтисодӣ: сарфаи захираҳо, нархгузорӣ, андоз, сиёсати қарзӣ, ташаккули бозори маҳсулоти экологӣ.
4. Омилҳои технологӣ: барои растанипарварӣ инҳоянд: системаи киштгардони хок, сохтори зироат, мавҷудияти нуриҳои органикӣ, тайёр кардани тухмӣ ва нигоҳубини зироат; барои парвариши ҳайвонот: хусусиятҳои системаи парвариш ва нигоҳдории ҳайвонот, системаи ғизохӯрӣ, чорабиҳои байторӣ.
5. Омилҳои иҷтимоӣ: талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти органикӣ, мавҷудияти инфрасохтори экологӣ, огоҳии экологии аҳолӣ, маърифати экологӣ.
6. Ташкилӣ ва технологӣ: истифодаи технологияи нав, шаклҳои нави ташкили истеҳсолот ва меҳнат.

Муқарри: н.и.и., муаллими калон Файзуллоев Т.

АДАБИЁТ

1. Никитина З.В. Теоретические и организационные основы экологического сельского хозяйства / З.В. Никитина, Н.С. Баннова. - Великие Луки, 2005. - 121 с.
2. Назаров А.А. Основы агробизнеса. Учебное пособие / А.А. Назиров. -Худжанд, 2000. - 120 с.
3. Назиров А.Н. Создание хозяйств рыночных типов / А.Н. Назиров // Кишоварз. -Душанбе, 2003. -№3. -С.58-59.
4. Рахматов Т.Р. Аграрный сектор-основа развития экономики страны / Т.Р. Рахматов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - Душанбе, 2001. -№2. -С.31-38.
5. Рудой Е.В. Развитие региональных агропродовольственных рынков на основе их интеграции / Е.В. Рудой // Вест. Новосиб. гос. аграр. ун-та. - 2011. - №1(17). -С. 170-174.
6. Рыбаков А. Будут ли доступны органические продукты? / А. Рыбаков // Животноводство России. - 2013. - №2. - С. 2-5.
7. Рынок капитала, земельных и трудовых ресурсов / В.Р. Боев, А.Е. Романов, А.Ф. Серков [и др.] // Экономика с.-х. и перераб. предпр. - 1997. - №3. -С.9-13.
8. Рязанцев И.И. Теоретико-методологические аспекты развития земельных отношений в современных условиях / И.И. Рязанцев // Вест. Воронеж. гос. аграр. ун-та. - 2012. - №3(34). -С.125-131.
9. Сергеев С.С. Сельскохозяйственная статистика с основами экономической статистики: учеб. / С.С. Сергеев. - 5-е изд., пререраб. и доп. - М.: Финансы и статистика, 1983. - 536 с.
10. Социальная политика Республики Таджикистан в условиях переходной экономики / [Р.К. Рахимов, Н. Каюмов, М. Нурмахмадов и др.] // Экономика Таджикистана: стратегия развития. -Душанбе, 2000. -№2. -С.99-142.
11. Спектор М.Д. Земельная реформа - этап диалектики земельных отношений / М.Д. Спектор //Землеустройство, кадастр и мониторинг земель. - 2014. -№5. -С.47-53.
12. Степенев В.А. Использование и охрана природных ресурсов в России / В.А. Степенев. – 2007. -№ 5. -С.14-18.
13. Сельское хозяйство Республики Таджикистан. Статистический сборник. -Душанбе, 2019.
14. Состояние животноводства в сельскохозяйственных предприятиях и дехканских (фермерских) хозяйствах в 2018 году (на таджикском языке). –Душанбе: Агентство по статистике Республики Таджикистан. - 2018. -125 с.

15. Ткач А.В. Стратегия продовольственного обеспечения / А.В. Ткач, Н.В. Алентьева // Фундаментальные и прикладные исследования кооперативного сектора экономики. - 2010. -№3. -С.45-49.

РОҲҲОИ АСОСИИ РУШДИ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРИИ КИШОВАРЗИИ ОРГАНИКӢ

Мақола ба баррасии роҳҳои асосии рушди маҳсулоти хӯрокворрии кишоварзии органикӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳангоми гузариш ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ дар ин самт мебояд механизми муносиби ташкилию иқтисодии амалисозии ин раванд ташаккул ёбад. Муаллиф роҳҳои методологии эҷоди механизми ташкилию иқтисодии рушди кишоварзиро, ки ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ нигаронида шудааст, асоснок карда, худи мафҳуми механизмро баррасӣ намуда, ҷузъҳои асосии онро муайян намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки татбиқи раванди ташкилӣ дар якчанд марҳилаи пай дар пай тавассути маҷмӯи амалҳои ба ҳам алоқаманди ташкилӣ, иқтисодӣ, инноватсионӣ, технологӣ ва идоракунӣ ба амал меояд.Дар мақола инчунин механизми ташкилию иқтисодии идоракунии давлатии кишоварзӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ нигаронида шудааст, нишон дода шудааст, ки он ду сатҳи идоракуниро барои татбиқи тадбирҳои ташкилӣ ва тадбирҳои иқтисодиро дар бар мегирад. Моҳияти пешниҳоди муаллиф аз он иборат аст, ки дар асоси шароити мавҷудаи табиӣ-иқлимӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологие, ки корхона дар он фаъолият мекунад, барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии корхона – истеҳсолкунандаи маҳсулоти органикӣ бо назардошти талаботи бозор шароити мусоидтарин фароҳам оварда мешавад. Гузариши корхона ба истеҳсоли маҳсулоти органикӣ бояд мутобиқи ҳадафҳо ва стратегияи рушди ин корхона сурат гирад. Барои шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии корхонаҳои кишоварзӣ ва микёси фаъолияти онҳо муаллиф самтҳои гуногуни гузариш ба истеҳсоли маҳсулоти органикиро пешниҳод менамояд.

Калидвожаҳо: истеҳсоли маҳсулоти органикии кишоварзӣ, арзёбии захираҳо, истеҳсолоти органикӣ, сохтори харочоти истеҳсол.

ОСНОВНЫЕ ПУТИ РАЗВИТИЯ ПРОИЗВОДСТВА СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ОРГАНИЧЕСКИХ ПРОДОВОЛЬСТВЕННЫХ ПРОДУКЦИЙ

Статья посвящена рассмотрению основных путей развития производства сельскохозяйственных органических продовольственных продукций. Автор отмечает, что при переходе к производству органической продукции в данном направлении формировать подходящий организационно-экономический механизм продвижения данного процесса. Автор обосновав методологические пути формирования организационно-экономического механизма развития сельскохозяйственной отрасли, который направлен на производство органической продукции, рассматривает само понятие механизма и определяет его основные элементы. Автор отмечает, что реализация самого организационного процесса происходит в несколько этапов посредством комплекса взаимосвязанных между собой организационных, экономических, инновационных, технологических и управленческих операций. В статье также указан организационно-экономический механизм государственного управления сельскохозяйственной отрасли, который направлен на производство органической продукции и состоит из двух уровней управления для претворения организационных и экономических мероприятий. Сущность предложений автора состоит том, что на основе существующих природно-климатических, экономических,социальных и экологических условий в которых функционирует предприятие – производитель органической продукции, для повышения экономической эффективности предприятия – производителя органической продукции с учетом требований рынка будут обеспечены благоприятные условия. Переход предприятия на производство органической продукции должен быть осуществлен в соответствии с целями и стратегией развития данного предприятия. Для различных организационно-правовых форм сельскохозяйственных предприятий и масштаба их деятельности автор предлагает различные направления перехода на производство органической продукции.

Ключевые слова: производство сельскохозяйственной органической продукции, оценка результатов, органическое производство, структура расходов производства.

MAIN WAYS OF DEVELOPMENT OF AGRICULTURAL ORGANIC FOOD PRODUCTS

The article is devoted to the consideration of the main ways of developing the production of agricultural organic food products. The author notes that during the transition to the production of organic products in this direction, to form a suitable organizational and economic mechanism for promoting this process. Having substantiated the methodological ways of forming the organizational and economic mechanism for the development of the agricultural sector, which is aimed at the production of organic products, the author considers the very concept of the mechanism and defines its main elements. The author notes that the implementation of the organizational process itself occurs in several stages through a complex of interrelated organizational, economic, innovative, technological and managerial operations. The article also indicates the organizational and economic mechanism of state management of the agricultural sector, which is aimed at the production of organic products and consists of two levels of management for the implementation of organizational and economic measures. The essence of the author's proposals is that on the basis of the existing climatic, economic, social and environmental conditions in which the enterprise - the producer of organic products operates, in order to increase the economic efficiency of the enterprise - the producer of organic products, taking into account the requirements of the market, favorable conditions will be provided. The transition of an enterprise to the production of organic products should be carried out in accordance with the goals and development strategy of this enterprise. For various organizational and legal forms of agricultural enterprises and the scale of their activities, the author proposes various directions for the transition to the production of organic products.

Keywords: production of agricultural organic products, assessment of results, organic production, structure of production costs.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Эгамов Сухроб Худойқулович*** **-** Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур, муаллими кафедраи технологияи итттилоотӣ дар КАС. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Телефон: **931-22-23-92**

Сведения об авторе: ***Эгамов Сухроб Худойкулович*** **-** Таджикский аграрный университет им. Шириншо Шотемура, преподаватель кафедры информационной технологии в АПК. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 146. Телефон: **931-22-23-92**

Information about the author: ***Egamov Sukhrob Khudoikulovich*** **-** Tajik Agrarian University named after Shirinsho Shotemur, lecturer at the Department of Information Technology in the agro-industrial complex. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 146. Phone: **931-22-23-92**

УДК 338.435

РОҲҲОИ ТАТБИҚ ВА БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ОЛОТҲОИ ҚАРЗӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

Давлатов Н.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Соҳаи афзалиятноки такмил додани механизми қарзӣ ва молиявӣ дар деҳот ин пешниҳоди захираҳои қарзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошад. Ин мушкилот, дар қатори дигарҳо, бо даромади пасти истеҳсолоти хурд, нобаробарии нархҳо ба маҳсулоти кишоварзӣ ва бозори маҳдуди фурӯш ба амал омадааст. Дар тамоми кишвар сатҳи қарздиҳӣ ба хароҷоти солонаи субъектҳои хоҷагидорӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 10-15%-и талабот зиёд нест.

Хусусияти қарздиҳӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ аз он иборат аст, ки аксарияти хизматрасониҳои қарзӣ аз ҷониби ташкилотҳои махсуси ғайрибонкӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки бо кумаки донорҳо сохта шудаанд, пешниҳод карда мешаванд. Меъёрҳои фоизӣ хеле баланд боқӣ мемонанд. Меъёри миёнаи қарздиҳии бонкҳои Тоҷикистон «дар аввали соли 2020 бо сомонӣ 24,40% ва бо асъори хориҷӣ 20,49%»-ро [3,с.73] ташкил дод. Аз ин рӯ, сарфи назар аз шароити бозор барои пешбурди тиҷорат, бо назардошти хусусиятҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, дар ин ҷо дастгирии давлатӣ лозим аст, масалан дар шакли таҳияи механизми додани қарзҳои имтиёзнок аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ, бо дар назардошти имтиёзҳои имконпазири андоз.

Бо назардошти талаботи зиёд ба маблағҳои қарзӣ дар деҳот, ҳаҷми умумии қарзҳои кишоварзӣ пайваста меафзояд ва ба гуфтаи бисёр коршиносони хориҷӣ, дар соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон яке аз самтҳои ояндадор хоҳад буд. Зеро такмили минбаъдаи механизми қарздиҳӣ ва молиявии эҳтиёҷоти субъектҳои истеҳсолоти кишоварзии Тоҷикистон аз бахши бонкӣ талаб менамояд, ки доираи воситаҳои қарзии истифодашавандаро ба таври назаррас васеъ карда, дастрасии онҳоро баланд бардоранд. Дар ин ҳолат ҳамчун афзоиш сифати воситаҳои аллакай истифодашуда, инчунин, ҷорӣ намудани воситаҳои нави қарзӣ, ки дар солҳои охир пайдо шудаанд.

Усулҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидории деҳот ба усулҳои классикӣ ва алтернативии маблағгузорӣ тақсим карда мешаванд (ниг. ба ҷадвали 1). Дар асоси ин тақсимот мо афзалиятҳо ва нуқсонҳои ҳар як усули маблағгузории субъектҳои хоҷагии қишлоқро муайян кардем.

Байни воситаҳои қарзӣ, ки аллакай дар таҷрибаи бонкии Тоҷикистон санҷида шудаанд, аз қабили қарзи овердрафт, хатҳои қарзии ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, қарзҳои сармоягузорӣ ва ғайра. Варианти қарзи мақсадноки бонкӣ қарзи овердрафт мебошад, ки қарзи кӯтоҳмуҳлат буда, андозаи он аз бақияи маблағ дар ҳисоби ҷории муштарии мизоҷ дар доираи лимити қарзи овердрафтӣ зиёд аст.

Бо чунин шакли қарздиҳӣ ҳисоби ҷории муштарӣ на танҳо захира мешавад, балки дар он суратҳисоби дебетӣ мавҷуд аст. Ин маънои онро дорад, ки муштарӣ бидуни кушодани ҳисоби алоҳидаи қарзӣ, ба ғайр аз бақияи пули нақд ва воридоти нақдии худ ба

суратҳисоби ҷорӣ, ҳаққи пардохти иловагии ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва чекҳои кассавиро аз ҳисоби бонк мегирад.

Ҷадвали 1. Роҳҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагии қишлоқ
Table 1. Ways of financing of agricultural subjects

Классикӣ		
Шакл	**Бартарият**	**Камбудӣ**
Қарзи бонкӣ	- қобилияти таҳияи маҳсулоти махсуси бонкӣ барои тиҷорати хурд	- гарави ҳатмӣ; - фоизи баланд; - мавҷудияти таърихи қарзӣ.
Маблағгузории буҷетӣ	- намуди маблағгузории арзон; - фоизи паст ё имтиёзнок.	- муҳлати дарози пардохти маблағҳои ҷалбшуда; - монеаҳои бюрократӣ дар раванди гирифтани маблағ.
Худмаблағгузорӣ	- пардохти фоизҳо; - хавфи пасти пардохтпазирӣ	- ҳаҷми маблағ маҳдуд аст.
Интихобӣ		
Қарзи хурд	- намуди маблағгузории нисбатан арзон; - тартиби соддакардашудаи гирифтани хизматрасониҳои молиявӣ.	- фоизи баланд; - маҳдуд кардани андозаи маблағҳои додашуда.
Факторинг	- афзоиши ҳаҷми фурӯш, шумораи харидорон; - рақобатпазирӣ; - гардиши баланди маблағҳо; -муҳлати назарраси маблағгузорӣ; -муҳлати ҳадди ақалли ҳуҷҷатгузорӣ.	- арзиши баланди хизматрасониҳои факторинг; - пешниҳоди маҳдуд аз рӯи намудҳои маҳсулоти факторингӣ.
Лизинг	- боҷҳои дарозмуддат; - гирифтани таҷҳизот бидуни пардохти тамоми арзиш; - тамоми хароҷоти хариди таҷҳизот ба арзиши маҳсулоти иҷорагир ҳисоб карда мешаванд, ки ин имкон медиҳад, ки пойгоҳи андозбандишаванда кам карда шавад.	- гарав талаб карда мешавад; - пардохти ҳатмии пардохти якуми иҷора; - хидматрасонии гаронбаҳои суғурта барои дороии ба иҷора гирифташуда; - пардохти ҳама намуди пардохтҳои бақайдгирӣ, ки дар ҷараёни амалиёти лизинг ба миён меоянд.
Маблағгузории венчурӣ	- бидуни гарав гузаронида мешавад.	- тағйирот дар сохтори сармояи саҳомӣ; - асосан барои татбиқи лоиҳаҳои хеле самаранок истифода мешаванд.
Форфейтинг	- маблағгузории дарозмуддат; - истифодаи коғазҳои қиматнок.	- фоизи баланд.
Франчайзинг	- гирифтани мол, хизматрасонӣ ва тамғаи тиҷоратӣ; - тамоми сохтори худи бизнес, аз ҷумла одатан нақшаи маркетинг; -фаъолияти дастур, стандартҳо ва назорати сифат; -хавфи камтарини сармоягузорӣ.	Назорати ҷиддӣ аз ҷониби фурӯшандаи франчайзинг

Таҳияи муаллиф.

Овердрафт, ҳамчун шакли қарздиҳӣ, барои шартҳои муштариёни муваффақ ҷорӣ карда мешавад ва аксар вақт ҳадди ақал ду шартро дар бар мегирад:

- дар давраи пешбинишаванда зарур аст, ки дар натиҷа манбаъҳои сармояи кории муштарӣ аз андозаи ҷойгиркунии онҳо зиёд бошанд;
- баъзан розигии мизоҷ талаб карда мешавад, ки барои шакли амонатгузорӣ дар соли ҳадди ақали зарурии муътадили пули нақд сармоягузорӣ карда шавад. Дар натиҷа, кафолати пасандозӣ пайдо мешавад, ки яке аз шаклҳои таъмини пардохти қарз мебошад.

Мушкилоти асосии воқеияти молиявии Тоҷикистон, мисли аксар кишварҳои ИДМ, набудани василаҳои "дарозмуддат"-и сармоягузорӣ мебошад, ки он ба бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳанд, ба соҳаи кишоварзии иқтисодиёти миллӣ маблағгузорӣ кунанд, зеро

онҳо бо вижагиҳои давраи дарозмуҳлати истеҳсолоти дубора ва бо дучоршавӣ ба хавфҳои мавсимӣ тафовут доранд. Сабаби ин ҳолат суст шудани татбиқи амалии кори бахшҳои бонкӣ, воридшавии қарзҳои синдикатӣ ба бонкҳои Тоҷикистон, мавҷуд набудани қарзҳои таъминшуда бо гарав ва бозори истеҳсолии фишангҳои молиявӣ, албатта, “ношаффофӣ”-и ҳисоботи молиявии корхонаҳо дар ин бахши воқеӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, марҳилаи кунунии рушди иқтисодӣ зарурати ҳамгироии фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистонро дар бахшҳои аз ҷиҳати стратегӣ муҳимми иқтисодиёти миллӣ, ки он дар навбати аввал соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ба вуҷуд меорад. Дар доираи чунин муттаҳидшавии бонкҳои тиҷоратӣ, хавфе, ки қарзҳои дарозмуддати байни иштирокчиён баробар тақсим кардашуда алоқманд ба бонкҳои аъзо имкон медиҳад, то захираҳои пардохтпазирии худро дар сатҳи камтар нигоҳ доранд.

Синдикати бонкӣ як иттиҳодияи муваққатӣ дар асоси шартномаҳои якчанд бонкҳои тиҷоратӣ барои татбиқи ҳама гуна лоиҳаи бузурги сармоягузорӣ мебошад. Пас аз ба итмом расонидани маблағгузории барномаҳои банақшагирифташудаи сармоягузорӣ, экологӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, техникӣ ё дигар барномаҳо, синдикат ё кори худро қатъ мекунад ё ба созишномаи нав ворид мешавад.

Қарзи синдикатӣ як намуди махсуси қарз нест, бинобар ин, он бо шартҳои муқаррарӣ, бо назардошти манфиатҳои тиҷоратии қарзгиранда ва қарздиҳанда (синдикат) дода мешавад. Пас аз фарорасии муҳлати баргардонидани қарз қарзгиранда на танҳо маблағҳои гирифташуда ва фоизи қарзро ба қарздиҳандагон бармегардонад, балки ҳамаи харoҷоти вобаста ба ташкил ва гузаронидани амалиёти қарзиро дар доираи муҳлати муқарраркардаи шартнома ҷуброн мекунад. Баргардонидани қарз, пардохти фоизҳо ва ҳаққи хизмат, ки харoҷоти бонкҳои дар амалиёти қарзӣ иштироккунандаро мепӯшонад, мутаносибан ба нақши онҳо ва андозаи иштирок дар амалиёти аъзогӣ анҷом дода мешавад.

Синдикати бонкӣ ҳамеша як бонки пешбар ташкилкунанда дорад, (қарз аз якчанд бонкҳо, ки худи қарзгир ташкил кардааст, одатан ҳамчун амалиёти "клуб" номбар мешавад). Ташкилкунанда тамоми раванди ҷалби қарзи синдикатӣ ё бароориши коғазҳои қиматнокро ба уҳда мегирад. Ба вазифаҳои ташкилкунанда таҳияи меморандуми иттилоотӣ оид ба қарзгир, пешниҳоди ба дигар бонкҳо бо иштироки синдикатсия ва гуфтушунид бо онҳо, таҳия ва тасдиқи созишнома дохил мешаванд. Ташкилкунанда бояд яке аз калонтарин қарздиҳандагон бошад. Ин маънои онро дорад, ки бонк ба эътимоднокии қарзгир эътимод дорад ва барои дигар иштирокчиёни синдикат ҳамчун кафолати иловагӣ хизмат мекунад. Пас, бастани шартномаи қарз, бонк – ташкилкунанда (ё ширкат аз гурӯҳи он), ки ба сифати агенти интиқолдиҳанда (транзаксия) баромад мекунад, маблағи бонкҳо – аъзои синдикатро ҷамъ меорад ва ба қарзгиранда мегузаронад. Ҳамин тариқ, он пардохтҳои фоизӣ ва маблағи пардохташударо тақсим мекунад.

Пас аз имзо кардани Tepl Zee (банки ташкилкунанда худи раванди синдикатсия – ташкили гурӯҳи кредиторонро оғоз мекунад. Пас аз муайян кардани иштирокчиёни асосӣ дар синдикат фаъолияти коркарди қонунии қарз оғоз меёбад. Дар ҷараёни ташкили амалиёт ду комплекси муносибатҳои ҳуқуқӣ оғоз меёбад: яке миёни қарздиҳандаҳо ва дуюм миёни синдикат ва қарзгир. Он дар ду шартнома ифодаи худро меёбад. Шартномаи қарзӣ асосӣ буда, иштирокдорони синдикат низ шартнома мебанданд, ки ин муайянкунандаи муносибатҳи дуҷонибаи онҳо аст.

Бонк – роҳбари синдикат мукофоти махсус барои ташкил ва роҳбарии синдикат, бидуни фоизҳо ва комиссиони пӯшонандаи харoҷоти бевоситаи онҳо мегирад. Шароити қарзи синдикатӣ барои қарзгир чунин аст: ӯ қарзи калон мегирад ва барои ин, одатан, бо як бонк – ташкилкунандаи амалиёт, муносибат мекунад.

Бо қарзгир шартнома баста шуда, таҳлили ҳолати қарзгиранда танҳо аз ҷониби ташкилкунанда гузаронида мешавад. Ин ҷалби захираҳои калон барои қарзгирандаро ба таври назаррас осон мекунад.

Синдикатсиякунӣ ягон фоидае барои бонкҳо дорад? Албатта! Номувофиқии талабот байни қарзгирандагони калон ва қобилияти қарзии бонкҳое, ки ба онҳо хизмат мерасонанд, бояд бонкҳоро барои ташкили синдикатҳо ҳавасманд кунад. Бисёр бонкҳо ба мизоҷони бузурги худ қарздиҳӣ доранд. Ҳатто, агар бонк дорои маблағи кофии озод бошад, он бо стандарти Бонки миллии Тоҷикистон маҳдуд карда мешавад. Қарздиҳии

синдикатшуда ин мушкилотро ҳал мекунад. Инчунин, ба ҳайси ташкилкунанда амал намуда, бонк барои ташкили синдикат комиссияҳои хуб мегирад. Аз тарафи дигар, ҳамроҳ шудан ба иштирокчии синдикат, бонкҳо хароҷоти амалиёти вобаста ба додани қарзро сарфа мекунанд, ки ин барои тафтиши қарзгир ва аз рӯи шартнома асосан ба ташкилкунанда бовариро зиёд мекунад.

Маблағҳои калонтаринро одатан сармоягузорони тиҷоратӣ ҷалб мекунанд, ки аксар вақт рейтинги баландтаринро доранд. Бо иштирок дар синдикат бонкҳои нисбатан хурд дастрасии қарзгирандагони дараҷаи аввалро баланд мебардоранд ва сифати сандуқи қарзии онҳоро беҳтар мекунанд.

Ҳамин тариқ, қарздиҳии синдикатӣ як шакли фоидаовари сармоягузорӣ ба захираҳои озоди молиявии бонкҳо мебошад ва бо дарназардошти сатҳи зарурии дастгирии давлат, онро дар амалияи дастгирии қарзӣ ва молиявии субъектҳои кишоварзӣ метавон татбиқ кард.

Бо васеъ кардани иқтисодиёти миллӣ дар бахши бонкӣ ва молиявии Тоҷикистон бонкҳои тиҷоратӣ бояд механизми тақсим ва мониторинги рушди захираҳои қарзии ба субъектҳои хоҷагии қишлоқ додашударо такмил диҳанд.

Бо назардошти он ки татбиқи муваффақонаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, ба муттаҳидсозии омили инсонӣ асос ёфтааст, муттаҳидсозии саъю кӯшиши корхонаҳои қарзгирифта ва мутахассисони бонкӣ, ки ба раванди тақсим, таҳия ва пардохти қарзҳо хизмат мекунанд, дар рушди манбаъҳои сармоягузорӣ аҳамияти хоса доранд.

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, дар баробари қарздиҳии бонкӣ ба субъектҳои хоҷагии қишлоқ, дар давраи гузариш бояд шаклҳои алтернативии қарздиҳӣ ва амнияти молиявӣ истифода шаванд, ки нисбат ба хизматрасонии анъанавии қарзӣ якчанд афзалиятҳои назаррас доранд.

Маблағгузории хурд ҳамчун роҳи дастгирии молиявии субъектҳои хоҷагии қишлоқ тартиби содакардашудаи додани захираҳои қарзӣ (баррасии дархост 3-5 рӯз), миқдори ками қарзҳо (одатан то 50 ҳазор сомонӣ), фоизҳои баланд (то 2-3% дар як моҳ), муҳлати кӯтоҳтари қарз (одатан то 3 моҳ), баргардонидани қарз, қисман дар ҳар 2 ҳафта, истифодаи қарз - барои пурра кардани сармояи корӣ, зиёд кардани барӯйхатгирӣ (инвентаризатсия), холигии "пӯшида" ба ҳисоб меравад.

Усули зикршудаи дастгирии молиявӣ, пеш аз ҳама, ба ниёзҳои соҳибони тиҷорати инфиродӣ ё оилавӣ равона карда шудааст (шумораи кормандон на бештар аз 5 нафар), ки тиҷорати худро аз нав оғоз намудаанд ва аз хизматрасониҳои бонкҳо истифода бурда наметавонанд, зеро набудани ҳавасмандӣ ба кор бо қарзгирандагони хурд (одатан ҳадди фоизи бонкҳо аз 100-300 ҳазор сомонӣ зиёд аст), мавҷуд набудани таърихи қарз барои соҳибкор ва набудани дороиҳо барои таъмини амволи гарав ба ин раваанд таъсиргузор аст.

Таҷрибаи бомуваффақияти ин нақшаи маблағгузорӣ нишон медиҳад, ки кафолати шахсии шарикони соҳибкорӣ (2-3 нафар) ва кафолати молҳои қарзгиранда ба сифати гарав дода мешавад.

Татбиқи барномаи қарздиҳии хурд вазифаҳои зеринро ҳал менамояд:

- афзоиши шумораи умумии корхонаҳои хурд, ки мустақилона фаъолият мекунанд;
- қонунигардонии бозори ғайрирасмии молиявӣ, ки дар навбати худ ба зиёдшавии воридоти андоз ба низоми буҷети минтақа таъсир мерасонад;
- ташаккули таърихи қарзии соҳибкор. Вусъатдиҳӣ ва таҷдиди корхонаҳои хурд, ки имкон медиҳад ба зерсохтори корхонаҳои хурд бо дастрасӣ ба захираҳои низоми бонкӣ гузаранд;
- ташаккули ҷомеаи ба ном «синфи миёна».

Яке аз василаҳои умедбахши дастгирии қарзӣ ва молиявии субъектҳои кишоварзии Тоҷикистон, ба назари мо, факторинг бояд бошад (аз забони англисӣ - миёнарав, агент), ки маънои ба даст овардани ҳуқуқи ҷамъоварии қарз, фурӯши мол ва хидмат ва пас гирифтани пардохт аз рӯи онҳо фаҳмида мешавад.

Ба ибораи дигар, факторинг қарзест барои қарздиҳии фурӯши дастраскунандагон, ки онро барои корхонаҳои кишоварзӣ бо табиати мавсимии истеҳсолот ва қобилияти пасти истеъмолкунандагони кишоварзӣ фарқ мекунанд, ҷолиб месозад.

Ба ибораи дигар, факторинг як навъи фаъолияти миёнаравӣ мебошад, ки дар он бонки факторинг бо пардохти ҳаққи корхона аз ҷамъоварӣ ва ба суратҳисобаш ворид кардани маблағ аз харидорон (ҳуқуқи ситонидани қарзи дебиторӣ) гирифта мешавад. Ҳамзамон, бонк сармояи корӣ мизоҷро қарз медиҳад ва хавфи қарзӣ ва асъории худро бар дӯш мегирад.

Тафовути калидии факторинг ва қарздиҳии одӣ дар он аст, ки фурӯшанда молро мефурӯшад, вале онро аз харидор намегирад, балки ба агенти молиявӣ мегирад, дар ҳолате бонк онро аз харидор талаб мекунад. Дар ин ҳолат, фурӯшанда барои бонк аз харидор пул гирифта наметавонад.

Факторинг метавонад воситаи муассири баланд бардоштани пардохтпазирӣ ва коҳиши хатари молиявии субъектҳои хоҷагии қишлоқ дар ташкили ҳисоббаробаркуниҳои мутақобила бошад. Бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон амалиёти факторингро инкишоф медиҳанд, зеро онҳоро метавонанд бо унсурҳои баҳисобгирӣ, иттилоот, таблиғот (реклама), фурӯш, хидматрасониҳои ҳуқуқӣ, суғурта ва дигар хизматрасониҳо ба муштариён, ки ба онҳо эътимоднокии баланди муомилоти факторинг ва хароҷоти ҳадди ақалро таъмин мекунанд, пешниҳод намоянд.

Факторинг худ ба бонкҳо имконият медиҳад, ки на танҳо доираи мизоҷонро васеъ кунад ва иртиботро бо онҳо мустаҳкам кунад, балки фоидаи бонкҳоро тавассути васеъ кардани ҳаҷми ин амалиёт афзоиш диҳад. Таҳвилгарони маҳсулот ё молҳои кишоварзӣ бо кумаки он метавонанд чунин корҳоро анҷом диҳанд:

а) афзоиши фурӯш, шумораи харидорон ва рақобатпазирӣ бо роҳи ба харидорон додани имтиёзҳои пардохти мол (батаъхиргузорӣ) бо кафолати эътимоднок;

б) то 90%-и арзиши таҳвилшуда қарз гирад молҳое, ки гардиши маблағҳоро суръат мебахшанд.

Харидорони маҳсулоти деҳот метавонанд:

а) қарзи молӣ гиранд (фурӯшанда молро бо батаъхиргузорӣ, бо кафолат ба ҳисоби миёна то 3 моҳ таҳвил медиҳад);

б) аз хавфи гирифтани молҳои пастсифат канорагирӣ кунанд;

в) ҳаҷми хариди молҳои корхонаҳои деҳотро зиёд кунанд;

г) рақобатпазирии молро такмил диҳанд.

Сабаби асосии инкишофи сусти амалиёти факторинги бонкҳои тиҷоратии ватанӣ ба хавфи баланд рӯ ба рӯ шудани онҳо мебошад, ки он дар шароити ноустувории иқтисодӣ беасосанд. Сабаби дуюм ин рушди нокифояи бахши воқеии иқтисод ва муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар натиҷаи он форфейтинг дар таҷрибаи бонкии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар солҳои 60-70-уми асри гузашта пайдо шудааст ва ҳоло дар тамоми ҷаҳон васеъ истифода мешавад. Ин воситаи молиявӣ як шакли мушаххаси табдил додани қарзи тиҷоратӣ ба бонк буда, ҳангоми харидории он барои харидории ягон мол маблағи кофӣ надорад.

Ҷубронпулӣ дар Тоҷикистон то ҳол тақсимоти дурустро ба даст наовардааст, аммо бо вуҷуди он ки ислоҳоти иқтисодӣ амиқтар мешавад ва муборизаи барои бозорҳои фурӯш шиддат мегирад, он бояд рушди васеътарро гирад.

Яке аз манбаъҳои маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ иштироки ширкатҳои бузурги ватанӣ ва хориҷӣ дар истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Ширкатҳои хориҷие, ки дар Тоҷикистон корхонаҳои коркард таъсис додаанд, қарздиҳии молӣ ва маблағгузории молиявиро дар корхонаҳое таъмин мекунанд, ки барои онҳо ашёи кишоварзӣ мебошанд.

Ҳама ширкатҳо шаклҳои гуногуни маблағгузориро истифода мебаранд - аз нақшаҳои одии қарздиҳии молҳо (таҳвили сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ) то ташкили комплексҳои амудии интегралӣ, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии худро дар замини ба иҷора гирифташуда анҷом медиҳанд.

Бахши хизматрасонии қарзӣ ва бонкӣ бо хатари баланд ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт кам аҳамият дорад. Дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ нақши асосӣ ба амалиёти кӯтоҳмуддат дода мешавад. Ҳиссаи қарзи дарозмуддат сармоягузорӣ камтар аз 6,0%. аст. Бонкҳои тиҷоратӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ бо меъёри қарздиҳии тиҷоратӣ қарз медиҳанд ва чун қоида, бонкҳои тиҷоратӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба муҳлати на зиёда аз 3 моҳ қарз медиҳанд.

Ҳамзамон, қисми зиёди истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз сабаби фоизи баланд қарзҳои тиҷоратӣ надоранд.

Дар маҷмӯи чорабиниҳо оид ба ҳалли ин мушкилот, фароҳам овардани шароит барои рушди намудҳои гуногуни лизинг дар деҳот ҷой дорад, ки одатан ҳамчун иҷораи дарозмуддати хатҳои истеҳсолӣ, мошин ва таҷҳизот ба муҳлати аз 3 то 20 сол ё бештар аз он, ки иҷорагир ба иҷорагир барои мақсадҳои истеҳсолоти онҳо харидааст, фаҳмида мешавад, ҳангоми нигоҳ доштани ҳуқуқи моликияти онҳо ба иҷорадеҳ дар тамоми муддати шартнома истифода барад.

Аз соли 2008 то имрӯз лизинг бомуваффақият рушд карда истодааст ва таҳкими воситаи молиявӣ дар сатҳи қонунгузорӣ аллакай дар аввали солҳои 90-уми асри XX ба амал омадааст. Бояд қайд кард, ки 6 декабри соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун дар бораи иҷора қабул гардид. Қонуни мазкур аз 33 модда иборат буд, ки он вазъи бахши иҷора ва муносибатҳои иҷораро дар низоми иқтисоди бозорӣ муқаррар мекунад. Баъд аз қонуни мазкур, 7-уми апрели соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» [10] қабул гардид, ки он низ ҳамчун заминаи ташкилию ҳуқуқӣ ҳаҷм ва объектҳои иҷора, мафҳумҳои иҷорадеҳон ва иҷорагирандагон, муносибатҳои шартномавии моликият дар иҷора ва принсипҳои онҳо, подош барои иҷора ва ғайраро муайян мекунад.

Дар ҷумҳурӣ лизинг воситаи самарабахши молиявӣ мебошад. Воқеан, аксарияти корхонаҳо барои рушди инфрасохтори истеҳсолии худ ба навсозии фондҳои асосӣ ниёз доранд ва бе иштироки онҳо ин ғайриимкон аст.

Аз номи тарафи дигар (лизинггиранда) аз тарафи сеюм (фурӯшанда) молу мулк (масалан, таҷҳизоти кишоварзӣ) ба даст меорад ва онро ба корхона (иҷорагир) медиҳад. Ба истиснои захираҳои табиӣ ва замин, ашёи ғайри қобили истеъмол объекти иҷора буда метавонад.

Дар Тоҷикистон амалиёти лизингӣ бори аввал аз соли 2003 оғоз шудааст. Бонкҳои тиҷоратӣ ва ширкатҳои маблағгузории хурд иҷорагир буданд. Фаъолияти онҳо дар соҳаи лизинг аз ҳисоби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)», ки соли 2003 қабул шудааст, имконпазир гардид. Аз соли 2003 то 2013 ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тағйиротҳо дар мавриди андозбандии лизинг қабул карда шуданд. Тағйиротҳои мазкур барои ташаккули бозори лизинг дар кишвар заминаи мусоид фароҳам оварданд. Умуман, дар соли 2019 чунин муассисаҳои бонкӣ ва қарзӣ, ба монанди ҶСК «Бонки Эсхата», ҶСП «Спитаменбонк» ва ТАҚХ «Имон Интернешнл», инчунин, Ширкати молиявӣ ба амалиёти лизингӣ оид ба дастгирӣ ва рушди иттифоқҳои қарзӣ машғул буданд. Аммо дар соли 2019 танҳо 10 ширкат бо шартҳои лизинг таҷҳизот пешниҳод карданд: ҶСП «БРТ Лизинг», ҶСП «Интер Лизинг», ҶСП «Лизинг Файнэнс», ҶСП «Коммерс Лизинг», ҶСП «Нахуст Лизинг», ҶДММ «Ориёнлизинг», ҶСП «Аввалин бонки молиявии хурд», КҶВД «Тоҷикагролизинг», ҶСП «АСР Лизинг» ва Лоиҳаи бонки аврупоии «ЭКТАП».

Дар шароити муосир истифодаи лизинги аграрӣ қисман ба инҳисорӣ шудани бозори хизматрасониҳои лизингӣ оварда расонид. Лизинги техникаи кишоварзӣ дар сатҳи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи КҶВД «Тоҷикагролизинг»-и Вазорати кишоварзӣ дар якҷоягӣ бо намояндагони ширкати мазкур бомуваффақият роҳандозӣ шуда истодааст, ки таҳвилгари калонтарин ва мунҳасири хизматрасониҳои лизингӣ дар хоҷагии қишлоқ (тақрибан 90% ҳамаи қарордодҳо) маҳсуб меёбад. Бояд тазаккур дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти ширкатҳои лизингии дар самти хоҷагии қишлоқ амалкунанда ва таҳвилгари техникаи кишоварзӣ маҳсубёбанда бо КҶВД «Тоҷикагролизинг» ҳамкорӣ мекунанд ва иҷорадиҳандаи асосӣ дар хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ ширкати мазкур ба ҳисоб рафта, вай тамоми масъулиятро ба зиммаи худ гирифта, дар сурати нигоҳ доштани чунин суръат метавон афзоиши начандон назаррас дар самти хоҷагии қишлоқро ҷасурона тахмин кард.

Барои фаҳмидани нақши лизинги кишоварзӣ дар низоми аграрӣ ва бунёди шароити мукаммалгардонии низоми ташкилию иқтисодии он зарур аст, ки пеш аз ҳама, фаъолияти нақшаи асосии ташкилии лизингии онро дар низоми хоҷагии қишлоқ таҳлил кунем, ки дар он КВД «Тоҷикагролизинг» ба сифати ширкати лизингӣ баромад мекунад (ниг. ба расми 1).

Расми 1. Нақшаи маблағгузории лизинг аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ [4,с.22]
Figure 1. Leasing financing plan from the budget



Мувофиқи арзёбиҳои коршиносон чунин зиёдшавӣ метавонад, ки ба таври кофӣ назаррас бошад ва ба афзоиши ҳиссаи хариди намудҳои асосии техникаи кишоварзӣ дар асоси лизинг ба миқдори умумии то 50% дар муқоиса бо ҳамин нишондиҳандаи миёнсолонаи 20% оварда расонад (ниг. ба ҷадвали 2).

Мувофиқи ояндабинии коршиносон, афзоиши ҳиссаи маблағгузории хариди техника имкон медиҳад, ки зимни афзоиши ояндабинишудаи бемайлони харидории он амалан барои молистеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ захираҳои молиявӣ сарфа карда шавад, ки дар ин сурат арзиши техникаро танҳо ба андозаи пардохтҳои лизингӣ мепардозанд. Хароҷоти воқеии нисбӣ барои харидории техника метавонанд ки қариб ду маротиба нисбат ба соли 2018: аз 203,2 ҳаз. то 126,5 ҳаз. сомонӣ кам карда шаванд. Самараи пешгӯишавандаи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар намуди сарфаи мутлақ 71,1 млн. сомониро ва аз рӯйи ҳисобҳо ба як воҳиди техникаи харидоришаванда 83,5 ҳаз. сомониро ташкил мекунад. Маблағҳои озодгардидаро ба маблағгузориҳои иловагии асосӣ ё пӯшонидани норасоии захираҳои гардон равона кардан мумкин аст.

Ҷадвали 2. Динамикаи сатҳи мукаммалгардонии лизинги кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
Table 2. Dynamics of the level of improvement of agricultural leasing in the Republic of Tajikistan

Нишондиҳанда		2018с. (воқеӣ)	Ба ҳисоби миёна дар солҳои 2018-2021	Ояндабинӣ (арзёбӣ)	Ояндабинӣ то соли 2021,%
Харидории техникаи кишоварзӣ ҳамагӣ, адад	ҳамагӣ	1045	958	1180	113,0
	аз ҷумла бо лизинг	136	192	590	433,8
	% бо лизинг	13	20	50,0	384,6
аз ҷумла, трактороҳо	ҳамагӣ	418	422	439	105,0
	аз ҷумла бо лизинг	83	106	220	265,0
Комбайнҳо	ҳамагӣ	10	20	20	200,0
	аз ҷумла бо лизинг	6	10	10	166,7
Техникаи дигар	ҳамагӣ	617	516	721	116,9
	аз ҷумла бо лизинг	47	76	360	766,0
Арзиши техникаи харидоришуда, млн. сомонӣ	ҳамагӣ	240,3	220,3	271,4	113,0
	аз ҷумла бо лизинг	35,0	40,0	162,8	465,1
	% бо лизинг	15	18	60	400
Хароҷоти воқеии солона барои хариди техника	Ҳамагӣ млн. сомонӣ	212,3	188,3	141,2	66,5
	ба 1 адад, ҳаз. сомонӣ	203,2	196,5	119,7	58,9
Самараи иқтисодӣ (сарфаи маблағҳо)	Ҳамагӣ млн. сомонӣ	28	32	**71,1**	225,0
	ба 1 адад, ҳаз. сомонӣ	28	33,5	**83,5**	273,9

Сарчашма: Ҳисоботи КҶВД «Тоҷикагролизинг».

Дар умум, дастгирии давлатӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, инчунин, аз дигар сарчашмаҳои маблағгузорӣ сурат мегирад. Дар шароити бозор зарурати ҷалби маблағгузории буҷетӣ бо хусусиятҳои рушди иқтисодии хоҷагии қишлоқ асоснок карда мешавад, ки ғайриимкон будани иштирокро дар муборизаи озмунии ҳам байнисоҳавӣ ва ҳам байналхалқӣ муайян мекунад. Илова бар ин, хоҷагии қишлоқ ягона соҳае мебошад, ки

аз таъсири омилҳои муҳити беруна вобаста аст. Дар робита ба ин, хоҷагии қишлоқ дар аксарияти давлатҳои дунё аз тарафи давлат маблағгузорӣ карда мешавад.

Бо назардошти он ва самти аграрии иқтисодиёти миллӣ, самти ояндаи дастгирии институтсионалии раванди ташкили бозори лизинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии рушди лизинги кишоварзӣ мебошад. Аз ҷумла, ҷорӣ кардани лизинг дар деҳот барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ кумаки амалӣ мерасонад. Дар оянда фаъолияти ширкатҳои лизингӣ бояд дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон ташкил карда шаванд ва тавассути онҳо ба таври васеъ амалиёти лизингӣ ҷорӣ карда шаванд.

Монеаҳое ҳастанд, ки ба рушди лизинг дар Тоҷикистон халал мерасонанд. Аксарияти бонкҳои ватанӣ маблағгузории лоиҳаҳои муштариёнро аз лизинги анъанавӣ афзалтар медонанд. Ин аксар вақт бо набудани таҷриба дар амалиёти лизингӣ вобаста аст. Дар навбати худ, корхонаҳои хурд ва миёна, инчунин, аз қарзҳои бонкӣ истифода мебаранд, зеро лизинг як хизмати хеле гарон барои суғурта кардани мавзӯи лизинг ва пардохтҳои мухталифи бақайдгирӣ мебошад.

Мушкилоти дигар норасоии захираҳои молиявии дарозмуддат дар бахши бонкии кишвар мебошад. Пӯшида нест, ки бонкҳои тиҷоратӣ онҳо сармоягузориҳои кӯтоҳмуддати захираҳоро бартарӣ медиҳанд ва захираҳои худро боэҳтиёт барои маблағгузории лоиҳаҳои дарозмуддат истифода мебаранд ва муҳлати иҷора одатан аз як сол зиёдтар аст.

Муаммои муҳимтарини рушди саноати лизинг дар Тоҷикистон имрӯз низоми андоз мебошад. Аз ҷумла, масъалаи андоз аз арзиши иловашуда (ААИ). “Корхона аз ҳисоби қарзи бонкӣ ё маблағҳои худ таҷҳизот мехарад ҳангоми воридот аз ААИ озод карда мешавад. Ва иҷорагир маҷбур аст, ки андоз аз арзиши иловашударо супорад ва онро аз иҷорагир гирад. Ин боиси лизинги таҷҳизоти воридотиро аз қарз гаронтар мекунад”.

Таъмини имтиёзҳои андоз аз даромад ба ширкатҳои лизингӣ дар давраи ташаккулёбии онҳо ба рушди боз ҳам васеътари амалиёти лизингӣ дар гардиши иқтисодии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Ба ақидаи мо, дар баробари ҳалли масъалаҳои андоз, иштирокчиёни амалиёти лизингӣ, ки дар Тоҷикистон ба амал бароварда мешаванд, бояд имкониятҳои истифодаи истеҳлоки (амортизатсияи) босуръати объектҳои муносибатҳои лизингро то андозае васеъ кунанд.

Ин, дар навбати худ, муаммои навсозии парки мошину таҷҳизотро дар баробари суръатбахшии раванди истеҳсол ва афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти босифат ҳисоби пардохтҳои лизинг ҳал менамояд, инчунин, рӯйхати пурраи хатарҳои имконпазири амалиёти лизингиро дар бар мегирад. Ғайр аз ин, қонунӣ муайян кардани иштирокчиёни мушаххас дар амалиёти лизинг зарур аст, ки маҷмӯи хавфҳои муайяни марбут ба амалиёти лизингиро ба зимма гиранд. Муаммои мушаххас дар иқтисоди давраи гузариш ин бо амалиёт пӯшонидани хавфи асъорӣ аз лизинги байналмилалӣ мебошад. Дар айни замон, чун қоида, ҷуброни тағйирёбии қурби асъор ба иҷорагир бори иловагӣ меорад.

Бартараф намудани ин монеаҳо ба рушди лизинг, ки механизми муҳимми маблағгузории фондҳои асосӣ ба шумор меравад, такон мебахшад. Истифодаи неруи лизинги молиявӣ барои рушди соҳаи кишоварзии кишвар махсусан зарур аст.

Самти ояндадори рушди фаъолияти бозори миллии хизматрасониҳои лизинг эҳёи бонкҳои тиҷоратӣ мебошад. Қарздиҳии берунӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ дар муддати тӯлонӣ паҳн шудааст. Ширкатҳои махсуси лизингӣ бо имзои шартнома уҳдадор мешаванд, ки танҳо аз ин бонк қарз гиранд ва қарздиҳанда уҳдадор мешавад, ки тамоми эҳтиёҷоти қарзгирии ин ширкатҳоро пӯшонад.

Ба туфайли амалиёти қарзӣ барои қарздиҳӣ ба ширкатҳои лизингӣ, бонкҳо метавонанд ба самти лизинг таъсир расонанд ва бо ин васила равобитро бо мизоҷон мустаҳкам намоянд, аммо, барои аксари бонкҳои тиҷоратӣ бидуни миёнаравии ширкатҳои лизингӣ муфидтар аст. Дар ин ҳолат, бонк техника ва таҷҳизотро харидорӣ намуда, онҳоро тибқи шартномаи лизинг ба иҷора медиҳад.

Дар ояндаи наздик, чунин шаклҳои прогрессивӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд васеъ паҳн карда шаванд, иҷораи молиявӣ, лизинг, ки дар он ширкат як қисми амволи худро ба бонк мефурӯшад ва дарҳол бо шартҳои лизингӣ бозпас мегирад, аммо бо

дарназардошти сатҳи баланди фоизи қарзҳои кӯтоҳмуддати бонк, сарфи назар аз сатҳи баланди амнияти захираҳои молиявӣ ва қарзии барои лизинг сафарбар карда шуда, амалиёти лизингӣ барои бонкҳо дар марҳилаи кунунӣ афзалиятнок нест. Вобаста ба ин, ҷорӣ намудани имтиёзҳои андозии амалиёти лизинги молиявӣ доираи қарзҳои лизингиро ба субъектҳои хоҷагии қишлоқ ва миқёси тиҷорати лизингиро дар ин бахши иқтисодиёти миллӣ васеъ менамояд.

Бо назардошти миқдори ками маблағҳои буҷетие, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эҳтиёҷоти рушди соҳаи кишоварзӣ ҷудо кардааст, истифодаи неруи лизинги воқеӣ табиатан имконияти зиёд кардани ҳаҷми истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзиро афзоиш медиҳад. Аз ин лиҳоз, ташкили амалиёти лизингӣ яке аз вариантҳои воқеии ҳалли ин мушкилот мебошад, ки на танҳо истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, балки ташаккули саривақтии сармояи корӣ ва ҷамъоварии захираҳои сармоягузории корхонаҳои кишоварзиро таъмин менамояд.

Ҳангоми баррасии ҳамаи механизмҳои дастгирии молиявӣ ва интихоби вариантҳои муайян, аз принсипи он бармеояд, ки барои сохтани нақшаи воқеии таъмини дастрасии тиҷорати хурд ба захираҳои молиявӣ дар доираи маҳдудияти маблағҳои буҷетӣ ҷалб кардани манбаъҳои ғайрибуҷетӣ (пеш аз ҳама ташкилотҳои қарзӣ) зарур аст, аммо қисми асосии қарзҳо, хавфҳо бояд ба давлат тақсим карда шаванд. Дар ин ҳолат, муайян кардан зарур аст, ки ин ё он шакли дастгирӣ: барои шурӯъкунандагон, рушдёбандагон ё бомуваффақият кор карда истодагон, умуман ба кадом зеркисми соҳибкорон равона карда шудааст.

Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, беҳтар намудани сифати воситаҳои аллакай истифодашуда ва ҷорӣ намудани воситаҳои нави қарзӣ, ки солҳои охир бо маблағгузории субъектҳои хоҷагидорӣ ба вуҷуд омадаанд.

Ҷадвали 3. Роҳҳои дастгирии молиявӣ дар раванди фаъолияти субъектҳои кишоварзӣ
Table 3. Ways of financial support in the process of activity of agricultural entities

Зеркисмҳои соҳибкорӣ	Роҳҳои дастгирии молиявии субъектҳои кишоварзӣ							
	Қарзҳои бонкӣ	Маблағгузории хурд		Лизинг	Субсидия-кунонӣ	Маблағгу-зории венчурӣ	Факто-ринг	Франчай-зинг
		Зайём	Зайёми хурд					
Навтаъсис	X	X		X	X	X	X	X
Рушдёбанда	X	X	X	X	X	X	X	X
тараққиёфта	X		X	X				

Таҳияи муаллиф.

Ин манбаъҳоро вобаста ба зеркисмҳои соҳибкорон истифода бурдан мумкин аст, аммо ҳангоми арзёбии самаранокии ин манбаъҳои маблағгузорӣ бояд хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзиро ба инобат гиранд:

- вақти табиии такористеҳсолкунӣ дар кишоварзӣ, масалан дар дигар соҳаҳои иқтисод;
- гардиши сармоя дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳо сусттар аст;
- вобастагии амиқи натиҷаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз шароити обу ҳаво ва ғайра.

Агар мо ҳамаи ин омилҳоро ба назар гирем, пас, самаранокии истифодаи захираҳои қарзӣ ва молиявӣ нишондиҳандаест, ки аз омилҳои зерин вобаста аст: шакли захираи қарзӣ; тартиби додани бақияи қарз, дастгирии ҳукумат ба ҳадди аққал расонида мешавад. Сарчашмаҳои маблағгузорӣ, ки аз ҷониби ширкатҳои калон истифода мешаванд, аз сабаби фоизи баланди бонкҳо, аз сабаби хатари зиёд дар соҳаи кишоварзӣ ва тартиби мураккаби гирифтани қарз ва ғайра барои корхонаҳои кишоварзӣ дастнорас мемонанд.

Дар робита ба ин, субъектҳои хоҷагии қишлоқ бояд ба масъалаи интихоби манбаи маблағгузорӣ эҳтиёткорона муносибат кунанд, яъне ҳангоми интихоби манбаи қобили қабули маблағгузорӣ ё интихоби маҷмӯи беҳтарини ин манбаъҳо. Дар чунин шароит, барои истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ таҳлили харочотҳоро бо назардошти ҷалби маблағ аз манбаи маблағгузорӣ хеле муҳим аст.

Барои субъекти хоҷагии кишоварзӣ масъалаи муайян кардани самаранокии захираи қарзӣ ва молиявӣ барои ҳар як соҳибкор муҳим аст, зеро барои истифодаи ин захира сарҳади муайяни иқтисодӣ мавҷуд аст, ки аз он барои қарзгир фоиданок мешавад. Барои ин, маблағи пардохтро барои истифодаи захираҳои қарзӣ ва молиявӣ бо даромаде, ки дар натиҷаи татбиқи лоиҳаи бизнес ба даст овардан мумкин аст, муқоиса кардан лозим аст. Агар даромад аз ин лоиҳаи бизнес назаррас бошад, пас, бояд қарз бо пардохти фоизи муқарраршуда гирифта шавад. Дар ҳолате ки даромад ночиз аст, пас мо бояд даст кашем. Дар амал, ҳалли ин масъалаҳо аз натиҷаҳои ниҳоии даромади гирифташуда, ки дар тӯли тамоми давраи лоиҳаи бизнес илова карда мешавад, вобаста аст. Натиҷаи ниҳоӣ ё умумиро бо миқдори маблағҳои ҷалбшуда барои татбиқи лоиҳаи бизнес муқоиса кардан лозим аст, аммо аз таҷриба дида мешавад, ки ин роҳи ниҳоии ҳалли самаранокии қарздиҳӣ нест, зеро захираи қарзӣ танҳо як қисми сармоягузорӣ буда метавонад ва натиҷаи ниҳоӣ бо тамоми маблағҳои пулӣ муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, барои баҳодиҳии самаранокии қарз мо метавонем манбаъҳои нишондиҳандаи муҳлати баргардониро истифода барем. Арзёбии самаранокии қарзро бо истифодаи нишондиҳандаҳои маъруф барои баҳогузории лоиҳаҳои соҳибкорӣ метавон амалӣ кард.

Аз ҳама маъмул нишондиҳандаи меъёри дохилии даромаднокӣ (рентабелӣ) мебошад. Меъёри дохилии даромад миқдори фоидаи соф (даромади умумӣ), ки ба воҳиди сармоягузорӣ тааллуқ дорад, дар ҳар фосилаи давраи лоиҳа сармоягузор гирифтааст. Одатан, давраи зиндагии лоиҳа фосилаҳои зиёд (солҳо)-ро дар бар мегирад. Ғайр аз он, аввал пардохтҳои сармоягузорӣ анҷом дода мешаванд, ва пас аз ба истифода додани лоиҳа хароҷоти ҷорӣ ва натиҷаҳои мувофиқ ба назар мерасанд. Барои он ки ин ҷараёнҳои пулӣ ба ҳамдигар баробар бошанд, бояд омили вақтро ба назар гирем, яъне ба тахфиф таваҷҷуҳ намоем.

Ҳангоми баҳодиҳӣ ба самаранокии қарзҳои кишоварзӣ бояд аз он сарчашма гирифт, ки раванди додани қарзҳо ва пардохти қарз бо мурури замон тақсим карда мешавад. Аз ин рӯ, барои муқоисаи ҷараёнҳо, арзиши умумии онҳоро дар як давраи муайян, масалан, дар оғози раванди қарздиҳӣ, арзёбӣ кардан лозим аст. Раванди арзёбиро метавон ба чор марҳила тақсим кард. Дар марҳилаи аввал муҳлатҳои раванди қарзӣ муайян карда мешаванд. Дар марҳилаи дуюм андозаи ин траншеҳо муайян карда мешаванд. Дар марҳилаи сеюм ҷараёни оптималии даромад аз истифодаи қарз муайян карда мешавад. Дар марҳилаи чорум самаранокии қарздиҳӣ муайян карда мешавад.

Истифодаи бомуваффақияти воситаҳои классикӣ ва алтернативии қарздиҳӣ ва молиявии субъектҳои хоҷагии қишлоқ, ба ақидаи мо, бешубҳа раванди таҷдиди бахши кишоварзии иқтисодиёти Тоҷикистон ва саҳми он дар дигаргунсозии иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро суръат мебахшад.

Дар тамоми кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон зерқисмҳои субъектҳои хоҷагидорӣ мавҷуданд, ки имконияти гирифтани қарз ва дастгирии молиявӣ бо сабабҳои объективӣ маҳдуд аст. Пеш аз ҳама, ба онҳо корхонаҳои хурд, корхонаҳои нав, махсусан дар деҳот, ки гарави кофӣ надоранд, таърихи қарз ва дархост кардани миқдори ками қарзҳо мебошанд. Дар бисёр кишварҳо қонеъ кардани эҳтиёҷоти чунин қарзгирандагон ба иттифоқҳои қарзӣ ва ҷамъиятҳои қарздиҳии муштарак вогузор карда мешавад. Тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, васеъ кардани доираи чунин шаклҳои маблағгузорӣ барои тиҷорати хурд як роҳи хеле муассир барои дастгирии соҳибкороне мебошад, ки қодир нестанд аз бонкҳои тиҷоратӣ қарз гиранд.

Ба ақидаи коршиносони институтҳои байналмилалии молиявӣ, ки дар Тоҷикистон кор мекунанд, яке аз сабабҳои самаранокии нокифояи дастгирии қарзӣ ва молиявӣ барои эҳтиёҷоти корхонаҳои кишоварзии ватанӣ сатҳи пасти ҳамкориҳои қарзӣ дар Тоҷикистон мебошад. Дар марҳилаи ҳозира Тоҷикистон дар сатҳи ташаккули кооперативҳои ибтидоӣ қарор дорад. Гузашта аз ин, нақши давлат аз омода кардани шароити зарурии ҳуқуқӣ дар ташкили кооперативҳои дуюмдараҷа, яъне кооперативҳои ҳудудӣ, соҳавӣ мебошад, ки дар оянда метавонад корпоратсияҳои бузурги кооперативӣ дар миқёси миллӣ гардад.

Ба ақидаи мо, сарфи назар аз самти аграрии иқтисодиёти миллӣ ва парокандагии минтақавии субъектҳои хоҷагии қишлоқ, раванди ташаккул додани ҳамкориҳои қарзӣ дар Тоҷикистон хушбахтона идома меёбад ва хеле мураккаб аст. Сабабҳои ин аз ҷониби давлат ва мақомоти назорати бонкӣ баҳодиҳии нақши ҳамкорӣ дар маҷмӯъ, аз ҷумла қарз,

дар рушди муносибатҳои бозорӣ дар кишвар мебошанд. Далели он, ки бисёре аз роҳбарони мақомоти молиявӣ дарки нодуруст доранд. Ба андешаи онҳо, ки асоси истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба соҳибкороии миёна ва хурд вобаста аст, ба монанди Тоҷикистон, аммо соҳибкории калон тамоман таъсири манфӣ доранд. Маҳз дар ҳамин соҳаи истеҳсолоти моддии ҷумҳурӣ муҳити соҳибкорӣ ва иҷтимоӣ ташаккул меёбад, ки барои татбиқи сиёсати самараноки давлатӣ дар соҳаи ислоҳоти ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии деҳот зарур аст.

Бо назардошти ин ҳолат, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ташкили низоми самарабахши ҳамкориҳои қарзӣ дар деҳот ҷараён дошт.

Барои рушди ҳаракати кооперативӣ захираҳои муайян мавҷуданд:

1.Истифодаи самараноки заминҳои Фонд барои азнавтақсимкунии заминҳои кишоварзӣ (НСБ). То ба имрӯз ягон қоида ва шартҳои ягонаи додани қитъаи замин ба иҷора аз ҷониби Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон вуҷуд надорад, ки ин боиси баҳсҳои байни иҷорагирон ва ҳукуматҳои маҳаллӣ мегардад. Барои ҳалли ин вазъ, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фавран бояд пешниҳодҳои дахлдорро таҳия ва ба ҳукумат пешниҳод кунанд.

2.Ҷалб ба гардиши кишоварзии заминҳои корами истифоданашуда, ки масоҳати онҳо 3669,4 ҳазор [14,с.285] гектарро ташкил медиҳад. Бисёре аз кооперативҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ ба заминҳои иловагӣ ниёз доранд, ки фароҳам овардани шароити ҳуқуқиро барои беист ҷудо кардани заминҳои корами истифоданашуда тақозо мекунад.

3.Имрӯзҳо хоҷагиҳои калон ва кооперативҳои кишоварзӣ саҳми суғуртаро ба Фонди иҷтимоӣ пардохт мекунанд, ки аз майдони заминҳои кишоварзии истифодашуда ва аз фонди музди меҳнат ҳисоб карда мешавад, яъне пардохти дукарата подоши суғуртавӣ мавҷуд аст. Хоҷагиҳо амалан бидуни такрористеҳсолкунӣ боқӣ мемонанд. Дар робита ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки худи субъектҳои хоҷагӣ шакли ҳисоббаробаркуниро бо Фонди иҷтимоӣ интихоб кунанд. Аксарияти корхонаҳои кишоварзӣ аз ҳисоби масоҳати замин ба фонди иҷтимоӣ пардохт карда мешаванд, ки дар навбати худ шаффофияти ҳисоб ва гузаштани пардохтро таъмин менамояд. Айни замон дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба рушди кооперативҳои кишоварзӣ таъсир мерасонанд, мавҷуданд, ки ба тағйиру иловаҳо, аз ҷумла ба Кодекси замин, ниёз доранд. Зарурати таҳия ва қабули Қонун "Дар бораи рушди соҳаи кишоварзӣ" вуҷуд дорад, ки дар он нақши кооперативҳо дар рушди соҳаи кишоварзии иқтисодиёт нишон дода мешавад.

Ҳамин тариқ, субъектҳои хоҷагии кишоварзӣ масъалаи истифодаи заминро ҳамчун гарав ҳангоми гирифтани қарз ба миён мегузоранд. Заминаи дахлдори ҳуқуқӣ мавҷуд аст, аммо то имрӯз ягон далели додани қарзи бо замин кафолатдодашуда мавҷуд нест.

Ба ақидаи мо, ҳама масъалаҳоеро, ки ба қарздиҳии ипотека халал мерасонанд, баррасӣ кардан лозим аст. Ҳангоми пешниҳоди қарзҳое, ки бо қитъаҳои замин таъмин шудаанд, ташкилотҳои молиявӣ - қарзӣ ва бонкҳо бояд аз нархҳои афзалиятноки бозор (шартномавӣ) барои заминҳои кишоварзӣ истифода баранд.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки унсури муҳимми моҳияти иқтисодии кооперативҳо он аст, ки хоҷагиҳои кооперативӣ тамомияти истеҳсолӣ, мустақилияти ҳуқуқӣ ва иқтисодиро нигоҳ медоранд ва ба принсипҳои худидоракунӣ, масъулияти мутақобила барои уҳдадориҳо, кумаки муштарак ва хароҷоти миқёси калон, моддӣ ва молиявӣ, ки барои ташкили кооператив асос ёфтаанд, аз ҷониби давлат талаб карда намешавад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи мо, низоми ҳамкориҳои қарзӣ, ки метавонанд нисбатан осонтар маблағҳои озоди шахсони воқеиро ҷамъ намуда, онҳоро ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории фоиданоки соҳаи кишоварзӣ равона кунанд, унсури муассири механизми қарздиҳӣ ва молиявии субъектҳои кишоварзии Тоҷикистон буда метавонанд.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Гулаков У.

АДАБИЁТ

1. Барфиев К.Х. Анализ уровня экономического развития дехканских (фермерских) хозяйств Республики Таджикистан / К.Х. Барфиев, Д.Т. Расулов // Экономика и предпринимательство, 2018. - №4. (93) -С. 491-493.

2. Барфиев К.Х. Анализ эффективности использования земельных ресурсов в дехканских (фермерских) хозяйствах Республики Таджикистан / К.Х. Барфиев, Д.Т. Расулов // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. 2018. - №4(63). -ч.1. - С. 12-15.
3. Бюллетени омори бонкӣ. - 2020. - №12(305). – С.73.
4. Зиёев З. Эффективность лизинга в промышленности в условиях рыночной экономики: автореф. дисс. …канд. эконом. наук / З. Зиёев, Э.Р. Бабикова. -М., 1996. – С. 22.
5. Злочевский А.Л. Аграрный потенциал России: перспективы очевидны / А.Л. Злочевский // Национальные проекты. - 2009. -№1/2. -С.112-116.
6. Иванова М. Влияние технической оснащенности на эффективность сельскохозяйственного производства / М. Иванова // Экономист. - 2009. -№1. -С.86-90.
7. Исаев З. Личное подсобное хозяйство как уклад / З. Исаев, Д. Гаджиева //Экономист. - 2004. -№12. - С.83-86.
8. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1). (Ахбори Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1999 №6, 2013 №7, 2016 №1334).
9. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе, аз 13 декабри соли 1996, №326, 70 с.
10. Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷораи молиявӣ (лизинг)» аз 7 апрели соли 2003, №366.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ). Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. -№03. -10 с.
12. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. - Душанбе: Шарки озод, 2017. – 110 с.
13. Омори солонаи Вилояти Хатлон. Маҷмӯи оморӣ. Сарраёсати омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. - 2018. -280 с.
14. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2020. -С.285.
15. Сельское хозяйство Республики Таджикистан. Статистический ежегодник Республики Таджикистан (официальное издание). -Душанбе, 2018. -348с.
16. Умаров Х. Экономический рост и решение проблемы безработицы / Х. Умаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 2006. -№2. -С.38.
17. Шамсиев, К.Б. Развитие производственного предпринимательства агропромышленного комплекса Таджикистана: автореф. дис. … докт. экон. наук. 08.00.05, Институт экономики сельского хозяйства Академия сельскохозяйственных наук РТ / К.Б. Шамсиев. - Душанбе, 2011. – 48 с.

РОҲҲОИ ТАДБИҚ ВА БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ОЛОТҲОИ ҚАРЗӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

Дар мақола роҳҳои тадбиқ ва баландбардории самаранокии олотҳои қарзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Соҳаи афзалиятноки такмил додани механизми қарзӣ ва молиявӣ дар деҳот ин пешниҳоди захираҳои қарзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошад. Ин мушкилот, дар қатори дигарҳо, бо даромади пасти истеҳсолоти хурд, нобаробарии нархҳо ба маҳсулоти кишоварзӣ ва бозори маҳдуди фурӯш ба амал омадааст. Дар тамоми кишвар сатҳи қарздиҳӣ ба харочоти солонаи субъектҳои хоҷагидорӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 10-15%-и талабот зиёд нест.

Муаллиф қайд менамояд, ки бо назардошти талаботи зиёд ба маблағҳои қарзӣ дар деҳот, ҳаҷми умумии қарзҳои кишоварзӣ пайваста меафзояд ва ба гуфтаи бисёр коршиносони хориҷӣ, дар соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон яке аз самтҳои ояндадор хоҳад буд. Зеро такмили минбаъдаи механизми қарздиҳӣ ва молиявии эҳтиёҷоти субъектҳои истеҳсолоти кишоварзии Тоҷикистон аз бахши бонкӣ талаб менамояд, ки доираи воситаҳои қарзии истифодашавандаро ба таври назаррас васеъ карда, дастрасии онҳоро баланд бардоранд. Дар ин ҳолат, ҳамчун афзоиш сифати воситаҳои аллакай истифодашуда, инчунин ҷорӣ намудани воситаҳои нави қарзӣ, ки дар солҳои охир пайдо шудаанд.

Калидвожаҳо: факторинг, форфейтинг, лизинг, қарзи бонкӣ, маблағгузории буҷетӣ, худмаблағгузорӣ, маблағгузории венчурӣ.

СПОСОБЫ ВНЕДРЕНИЯ И ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ КРЕДИТНЫХ ИНСТРУМЕНТОВ НА СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

В стате автором рассмотрена способы внедрения и повышения эффективности кредитных инструментов на сельскохозяйственных предприятиях. Приоритетным направлением совершенствования кредитно-финансового механизма в сельской местности является предоставление кредитных ресурсов дехканским хозяйствам. Эта проблема связана, в том числе с низкими доходами мелкотоварного производства, неравенством цен на сельскохозяйственную продукцию и ограниченным рынком сбыта. По стране уровень кредитования годовых затрат хозяйствующих субъектов на производство сельскохозяйственной продукции не превышает 10-15% спроса.

Автор отмечает, что учитывая высокий спрос на кредиты в сельской местности, общий объем сельскохозяйственных кредитов постоянно растет, и, по мнению многих зарубежных экспертов, сельское хозяйство в Таджикистане будет одним из самых перспективных направлений. Потому что дальнейшее совершенствование кредитно-финансового механизма для нужд сельскохозяйственных производителей в Таджикистане требует от банковского сектора значительного расширения спектра доступных кредитных линий и повышения их доступности. При этом повышается качество уже используемых средств, а также внедрение новых кредитных инструментов, появившихся в последнее время.

Ключевые слова: факторинг, форфейтинг, лизинг, банковский заем, бюджетное финансирование, самофинансирование, венчурное финансирование.

WAYS TO IMPLEMENT AND INCREASE THE EFFICIENCY OF LOAN INSTRUMENTS IN AGRICULTURAL ENTERPRISES

In the article, the author discusses ways of introducing and increasing the efficiency of credit instruments at agricultural enterprises. The priority direction of improving the credit and financial mechanism in rural areas is the provision of credit resources to dekhkan farms. This problem is associated, among other things, with low incomes of small-scale production, inequality in prices for agricultural products and a limited sales market. In the country, the level of lending to the annual costs of economic entities for the production of agricultural products does not exceed 10-15% of demand.

The author notes that given the high demand for loans in rural areas, the total volume of agricultural loans is constantly growing, and, according to many foreign experts, agriculture in Tajikistan will be one of the most promising areas. Because further improvement of the credit and financial mechanism for the needs of agricultural producers in Tajikistan requires the banking sector to significantly expand the range of available credit lines and increase their availability. At the same time, the quality of the funds already used is increasing, as well as the introduction of new credit instruments that have appeared recently.

Keywords: factoring, forfeiting, leasing, bank loan, budget financing, self-financing, venture financing.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатов Наврӯз Амиршоевич*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи молия ва суғурта. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 987-54-52-53**

Сведения об авторе: ***Давлатов Навруз Амиршоевич*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансов и страхования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 987-54-52-53**

Information about author: ***Davlatov Navruz Amirshoevich*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Finance and Insurance. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **Phone: 987-54-52-53**

УДК 657.6

БАЛАНДБАРДОРИИ СИФАТ ВА САМАРАНОКИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ АУДИТОРӢ: ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Каримов Б.Ҳ., Гуломов З.Т.
Донишкадаи сайёҳ, соҳибкорӣ ва хизмат,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Имрӯз, ки паёмадҳои буҳрони молиявии ҷаҳонӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасониҳои аудиторӣ худро баръало намудор кардаанд, такмили низоми назорати сифат яке аз воситаҳои муҳимтарини баландбардории сифат ва самаранокии хизматрасониҳои аудиторӣ мебошад. Бинобар ин, дар асоси равишҳои илми муосир ба дарки сифати хизматрасониҳои аудиторӣ, таҷрибаи байналмилалии амалкунии низоми назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ ва бо баинобатгирии талаботи дар шароити муосири буҳронӣ ба субъектҳои бозор пешниҳодшаванда зарурати таҳия намудани воситаҳои баландбардории сифат ва самаранокии хизматрасониҳои аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Ин воситаҳо имкон медиҳанд, ки низоми назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ мукаммал ва усулҳои чорабиниҳои назоратӣ ба шароити нави фаъолият дар шароити буҳронӣ мутобиқ карда шаванд.

Муҳаққиқон дар таҷрибаи байналмилалӣ ду консепсияи танзимкунии фаъолияти аудитириро ҷудо менамоянд [4,с.96; 5,с.33], ки муқаррарот ва ҳадафҳои асосии онҳо ба назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ равона гардидаанд. Яке аз ин консепсияҳо дар мамлакатҳои англисизабон (ИМА, Британияи Кабир) рушд ёфтааст, ки он ҷо фаъолияти аудиторӣ худтанзимшаванда мебошад. Дар ин гурӯҳи мамлакатҳо аудит асосан ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти саҳомон, сармоягузорон ва қарздиҳандагон нигаронида шудааст. Он ҷо фаъолияти аудиторӣ асосан аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятии аудиторҳо танзим карда мешавад.

Консепсияи дуюмӣ дар мамлакатҳои Аврупо – Австрия, Испания, Франсия, Германия паҳн гардидааст. Он ҷо фаъолияти аудиторӣ қатъиян аз ҷониби мақомоти давлатӣ, ки онҳо воқеан вазифаҳои назорати давлатии фаъолияти аудитириро ба ҷо меоранд, танзим карда мешавад [12,с.137].

Дар байни аудиторҳои аҳли амали Ҷумҳурии Тоҷикистон нуктаи назаре маъмул аст, ки тибқи он маҳакҳои сифати хизматрасониҳои аудиторӣ бояд вобаста аз шароити шартнома оид ба гузаронидани санҷиши аудиторӣ мутобиқи талаботи пешгузоштаи фармоишгари аудит муайян шаванд. Ҳамзамон, дар амалияи хизматрасониҳои аудиторӣ дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта ҳамон аудите босифат ҳисобида мешавад, ки ба стандартҳо ва принсипҳои ҳамамақбули аудит мутобиқ бошад. Он ҷо ҳадафи арзёбӣ намудани сифати хизматрасониҳои аудиторӣ ноилгардӣ ба нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи сифати марҳилаҳои алоҳида ва тамоми раванди пешкаш намудани ин гуна хизматрасониҳо мебошад. Бо дарназардошти он ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳо ва тартибҳои санҷиши сифати хизматрасониҳои аудиторӣ ба таври мукаммал коркард нашудаанд, аксари ташкилотҳои аудитории дар мамлакат амалкунанда ба стандартҳои байналмилалии аудит (СБА) муроҷиат менамоянд.

Барои босифат гузаронидани хизматрасониҳои аудиторӣ пеш аз ҳама таҳия намудани низоми нишондиҳандаҳои сифати аудит, ки ба арзёбӣ намудани имконоти аудиторҳо ва ташкилотҳои аудиторӣ барои пешниҳод кардани хизматрасониҳои аудитории босифат мусоидат намояд, зарур аст. Бояд қайд кард, ки ҳоло дар амалияи байналмилалии стандартикунонии фаъолияти аудиторӣ низ низоми ягонаи нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи сифати хизматрасониҳои аудиторӣ пурра коркард нашудааст. Корбурди нишондиҳандаҳо-индикаторҳои сифати хизматрасониҳои аудиторӣ бояд барои ҳалли чунин масъалаҳо равона шуда бошад [1,с.188]:

- гузаронидани таҳлили қиёсии фаъолияти ташкилотҳои аудитории мухталиф;
- ҳавасмандкунии рақобати байни ташкилотҳои аудиторӣ;
- таъмини танзимкунии муносиби фаъолияти ташкилотҳои аудиторӣ аз ҷониби мақомоти назоратӣ ва ташкилотҳои касбӣ;
- коркарди самтҳои афзалиятнок ва стратегии баландбардории сифати хизматрасониҳои аудиторӣ.

Соли 2014 Шӯрои стандартҳои байналмилалии аудит ва суғурта (IAASB - International Auditing and Assurance Standards Board) консепсияи сифати аудитро ба нашр расонид, ки унсурҳои калидии бунёдкунандаи муҳит барои таъмини сифати хизматрасониҳои аудитириро дар бар мегирад. Тибқи консепсияи мазкур сифати аудит чун маҷмӯи унсурҳои таъминкунандаи шароит барои ноилгардии доимӣ ба сифати баландтарини аудит фаҳмида мешавад [8].

Амалияи муосири фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омӯзиши адабиёт [2; 3; 6; 14] гувоҳӣ медиҳанд, ки низоми назорати дохилии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, барои қонеъ гардонидани риояғардии стандартҳои аудит ва меъёрҳои одоби аудиторӣ ҳангоми иҷрои санҷишҳои аудиторӣ нигаронида шудааст. Бинобар ин, зарурат барои такмили ташкили назорати дохилии сифати аудит ва муайян намудани субъектҳои он ба миён омадааст. Илова бар ин, мантиқи таҳияи стандартҳои дохилӣ ба бунёди амсилаи низоми назорати дохилии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ ниёз дорад.

Амалияи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки самти асосии баландбардории сифат ва самаранокии хизматрасониҳои аудиторӣ ин пурзӯр намудани назорати сифати хизматрасониҳо мебошад. Дар ташкилоти аудиторӣ мавҷуд будани стандартҳои дохилии худ барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ дар замони муосир воқеияти муқаррарӣ аст ва пеш аз ҳама, ин бо сифати хизматрасониҳои аудиторӣ алоқаманд аст. Ба бозор ҳавола додани хизматрасониҳои аудитории пастсифат ба минбаъд баландшавии эътимод ба аудиторҳо таъсири номатлуб мерасонад.

Таврe таҷрибаи байналмилалӣ тасдиқ мекунад, ташаккул ва амалкунии низоми назорати сифат ба хароҷоти назарраси молиявӣ эҳтиёҷ дорад, ҳамзамон низом ба афзоиши нархҳои хизматрасониҳои аудиторӣ боис мешавад. Вале низоми бунёдшудаи назорати сифат дар ниҳоят ба баландшавии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ меоварад ва имкон медиҳад, ки ташкилоти аудиторӣ даромади худро воқеан зиёд намояд. Ташкили назорат бешубҳа масъулияти аудиторҳоро ба кори худ зиёд мекунад, вале аз ҷониби дигар, наметавонад, ки сифати пурраи хизматрасониҳои аудитириро таъмин кунад. Охир, хавфи аудитории асосӣ омили инсонӣ мебошад ва онро пурра бартараф намудан ғайриимкон аст. Бинобар ин, ҳамеша эҳтимоли ба хато роҳ додани аудитор дар фаъолияти худ вуҷуд

дорад ва ҳамин аст мушкили асосӣ дар ҳалли масъалаи таъмини сифати хизматрасониҳои аудиторӣ [7,с.31]. Мавҷуд будани стандартҳои дохилӣ дар ташкилоти аудиторӣ гарави рақобатпазирии вай, баромадан аз вазъи буҳронӣ ва расидан ба сатҳи баланди хизматрасониҳо мебошад.

Барои баланд бардоштани сифати фаъолияти касбии кормандони ҳар як ташкилоти аудиторӣ амсилаи бақоории низоми назорати сифат зарур аст, ки алгоритми гузаронидани назорати сифати аудитро дар бар гирифта, мақоми корманди алоҳидаро дар сохтори умумии бақоории санҷиши аудиторӣ ва ваколатҳои онро муайян намуда, инчунин, муносибатҳои назоратӣ-тобеиятии байни кормандонро муқаррар намояд [13].

Ба андешаи мо, мантиқи таҳия намудани стандартҳои дохилӣ дар асоси стандартҳои байналмилалӣ пайдарпайии ботартиб, мувофиқаи байниҳамдигарӣ ва асоснокии амалҳои бо ҳалли ҳама гуна масъалаи муҳимми аудит алоқаманд, инчунин муайян намудани нуқтаи аввалӣ барои ҳалли масъаларо пешбинӣ менамояд, ки тамоми раванди таҳия намудани стандартҳо ба вай тобеъ бошад.

Методикаи таҳия намудани стандартҳои дохилӣ ба усулҳои умумиилмӣ ва худи аудит, ки заминаи муайян кардани муҳтаво, шакл ва пуррагии онҳо, инчунин, ҳалли босамараи вазифаҳои дар назди аудиторҳо гузошташуда мебошанд, асос меёбад. Татбиқи низоми назорати сифат дар амалияи ташкилотҳои аудиторӣ бо чунин роҳҳо имкон дорад:

- муттаҳид намудани гурӯҳҳои кории аудиторӣ дар доираи қарордодҳо оид ба ҳамкорӣ доир ба масъалаҳои ташаккули ҳуҷҷатҳои кории дохилӣ;

- таҳия намудани дастурамалҳо, тавсияҳо, қолибҳои ҳуҷҷатҳои корӣ, гузориши масъалаҳо ва таҳияи воситаҳои барномаҳои компютерӣ барои автоматикунонии ҳуҷҷатҳои кории асосӣ ҷиҳати татбиқи стандартҳо;

- гузаронидани семинарҳо, мизҳои мудаввар бо мизоҷон ва кормандони ташкилоти аудиторӣ;

- таҳия намудани тестҳо ва гузаронидани тестҳои умумии кормандони ташкилоти аудиторӣ;

- ба имзо расонидани қарордодҳо оид ба интиқол (ивазкунӣ)-и кормандон ва пешкашкунии дастгирии машваратии байниҳамдигарӣ.

Истифодабарандагони хизматрасониҳои аудиторӣ, ки ба баҳои сифати аудит ҳавасманд мебошанд, воқеан ҳуқуқ надоранд, ки тартиби гузаронидани назорати сифати хизматрасониҳои аудитириро муқаррар намоянд, инчунин онҳо наметавонанд, раванди фаъолияти аудитириро назорат кунанд. Дар ин маврид рисолати асосии аудит ин ҳимояи манфиатҳои доираи васеи истифодабарандагон тавассути ҳисоботи молиявии нашршаванда ва сифати хизматрасониҳои аудитории иҷрошуда мебошад.

Бояд қайд кард, ки истифодабарандагони ақидаи касбии аудитор дар ҳолати бесифат гузаронидани аудит метавонанд ба суд бо даъво ба ташкилоти аудиторӣ муроҷиат намоянд ва даъвоҳои дахлдори худро ба мақомоти ваколатдори давлатӣ равона кунанд. Ин метавонад асос барои гузаронидани санҷиши ғайринақшавии сифат нисбат ба ташкилоти аудиторӣ ё аудитори инфиродӣ шавад [9].

Субъектҳое, ки метавонанд барои гузаронидани аудити бесифат даъво пешниҳод намоянд, аз ҷумла инҳо буда метавонанд: мизоҷон – фармоишгарони бевоситаи санҷиши аудиторӣ, мақомоти андоз ва ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ.

Талаботи СБА 1 “Назорати сифат барои ширкатҳое, ки аудит ва санҷишҳои доираи назари ахбори молиявии таърихӣ ва супоришҳои дигари оид ба таъминкунии эътимоднокӣ ва хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаро мегузаронанд” [10] ва СБА 220 “Назорати сифат ҳангоми гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ” [11] пурзӯршавии назорати дохилии хизматрасониҳои аудитириро дар ҳама марҳилаҳои аудит - аз банақшагирӣ то таҳиясозии ақида ва додани хулосаи аудиторӣ дар назар доранд. Қайд кардан бамаврид аст, ки стандартҳои дохилии аудит бояд ба танзимкунии фаъолияти аудиторҳо дар доираҳои ташкилоти аудитории мушаххас мусоидат намуда, асосҳои методии ба ҷо овардани санҷишҳои аудитириро кушода диҳанд, ки ин дар навбати худ ба баландшавии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ мусоидат менамояд. Илова бар ин, онҳо принсипҳои иловагиро барои ба танзим даровардани низоъҳои воқеӣ ва имкони байни кормандон ва маъмурияти ташкилоти аудиторӣ, байни ташкилоти аудиторӣ ва дигар субъектҳои иқтисодӣ таъмин менамоянд.

Ҳамин тавр, бо назардошти баинобатгирии стандартҳои байналмилалии аудит, стандартҳои дохилии хизматрасониҳои аудиторӣ бояд ба чунин талабот ҷавобгӯ бошанд:

1) ба мақсад мувофиқ будан – ҳангоми таҳия намудани стандартҳо бояд аҳамияти амалӣ, бамавридӣ ва афзалиятнокии онҳо ба инобат гирифта шавад;

2) зиддият надоштан – ҳар як стандарт бояд мувофиқа ва алоқамандиро бо дигар стандартҳои дохилии ташкилот таъмин намояд;

3) пуррагӣ ва муфассалӣ – стандартҳои дохилӣ бояд ҳама ҷиҳатҳои масъалаи таҳқиқшавандаро фаро гирифта, онҳоро муфассал шарҳ диҳанд;

4) ягонагии заминаҳои мафҳумӣ – таъмин намудани шарҳдиҳии якхелаи мафҳумҳо дар ҳама стандартҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо.

Маъмурияти ташкилоти аудиторӣ самтҳои таҳияи ҳуҷҷатҳои дохилиро бояд ба чунон тарзе мустақилона интихоб намояд, ки онҳо ба кори босамараи ташкилоти аудиторӣ мусоидат намоянд. Таҳлили дараҷаи коркардшавандагии стандартҳои дохилӣ нишон медиҳад, ки ташкилотҳои аудитории маҳаллӣ ҳанӯз ба ин масъала ба таври рӯякӣ муносибат доранд. Баъзе онҳо нусхаҳои стандартҳои байналмилалиро қабул намуда, барои истифодабарӣ дар фаъолияти худ тасдиқ кардаанд. Вале аксаран ин гуна ҳуҷҷатҳо вобаста ба дигаршавии шароит ва қонунгузорӣ бозбинӣ намешаванд.

Ҳолатҳои мазкур ба рушди аудит мусоидат намекунанд ва аз мувофиқат накардани хизматрасониҳои аудитории пешкашшаванда ба стандартҳои байналмилалӣ гувоҳӣ медиҳанд. Ҳамзамон, дар баъзе ташкилотҳои аудитории дар мамлакат фаъолияткунанда, чун ҶДММ “Делойт & Туш”, ҶДММ “БДО”, ҶДММ “Аудит-Консалтинг”, ҶДММ “Бейкер Тилли Тоҷикистон”, таҷрибаи таҳия намудани стандартҳои алоҳида ва методикаҳои гузаронидани аудит ба назар мерасад.

Ҳангоми набудани коркардҳои илмӣ-методии ба тартиби ташаккули стандартҳои дохилиии назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ бахшидашуда, ташкилотҳои аудиторӣ бояд мустақилона амсилаҳои ташаккули онҳоро таҳия намоянд. Бо ёрии стандартҳои дохилӣ онҳо мушкилоти сифат ва эътимоднокии хизматрасониҳои аудиториро ҳал мекунанд, хавфи аудиториро паст, асосҳои шаҳодатиро таъмин ва низоъҳои ахлоқиро танзим менамоянд.

Ҳангоми таҳия намудани стандартҳои дохилӣ истифодаи тарзи равиши бонизом, ки ба ахбори меъёрӣ ва вазифавӣ-амалиётӣ дар бораи ташкилот чун низоми ягона такя менамояд, мақбул аст. Дар мавриди корбурд ҷиҳати ташкилоти аудиторӣ вазифаҳои низом гуфта таркиби корҳо аз рӯи марҳилаҳо ва объектҳои аудит, намудҳои хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаи аудит ва супоришҳои махсуси аудиторӣ, инчунин, маҷмӯи масъалаҳои бо идоракунии ташкилоти аудиторӣ алоқаманд, аз ҷумла назорати истифодаи стандартҳо фаҳмида мешавад. Барои таъмин намудани ин гуна тарзи равиш дар ташкилоти аудиторӣ таъсис додани шӯрои методӣ ё гурӯҳи мутахассисони соҳаҳои банақшагирӣ ва гузаронидани санҷишҳо тавсия дода мешавад, то ки ташкилоти аудиторӣ ба бурдборӣ ноил гардида, ба бозорҳои нави хизматрасониҳои аудиторӣ ворид шавад ва ба рақобат дар бозор тоб оварад. Дар марҳилаҳои аввалии татбиқи тарзи равиши бонизом таҳиягарон бояд сохтори ташкилии ташкилоти аудиториро бунёд намуда, вазифаҳо ва уҳдадориҳои ҳар як шуъба ва воҳиди сохтории онро муайян намоянд. Дар ин маврид зарур аст, ки ҳама омилҳои ба низом таъсиррасон, чун ҳаҷми корҳои иҷрошаванда, шумораи кормандон ва сатҳи касбияти онҳо, таркиби хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, баҳои арзиши сармоягузориҳо ба фаъолият ва дигарҳо ба инобат гирифта шаванд.

Айни замон дар бозори миллии хизматрасониҳои аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ташкилотҳои аудитории хурд афзалият доранд. Мавҷудияти мушкилот ҳангоми ташаккули низоми назорати дохилии сифат дар ташкилотҳои аудитории хурд ва бартарафкунии онҳо аз мавзӯъҳое мебошанд, ки дар адабиёти илмии хориҷӣ ва амалияи байналмилалӣ ба таври васеъ муҳокима мешаванд. Масалан, И.В. Шумилова оид ба имкониятҳои татбиқи чунин шакли назорати дохилӣ қайд намудааст, ки аз ҷониби мутахассисони берунӣ дар асоси шартнома ба шарти риоягардии мустақилии он ба ҷо оварда мешавад [16,с.36].

Ташкилотҳои аудитории хурд дар рафти гузаронидани амалҳои аудиторӣ бо проблемаҳои амалие дучор мешаванд, ки бевосита ба таъмини сифати хизматрасониҳои

аудиторӣ таъсир мерасонанд. Сабаби ин асосан маҳдудияти сарватҳои меҳнатӣ ва молиявӣ буда, душвориҳои дар амалия пайдошавандаи таъмини сатҳи зарурии назорати сифати фаъолияти аудиторӣ инҳоро дар бар мегиранд:

1. Дар ҳайати кормандони ташкилоти аудиторӣ мавҷуд набудани мутахассисон оид ба методологияи аудит ва таъмини назорати сифати он.

2. Истифодабарии стандартҳои дохилии таҳиянамудаи ташкилоти касбии аудиторие, ки ташкилоти аудиторӣ аъзои он мебошад, ё истифодабарии стандартҳои умумии аз манбаъҳои озод гирифташуда. Дар ин маврид хусусиятҳои ҳар як ташкилоти аудитории мушаххас ба ҳисоб гирифта намешаванд, ки ин метавонад раванди назорати дохилии сифати кори ташкилотҳои аудитории хурдро мураккаб ва бесамара гардонад.

3. Набудани қолибҳои ҳуҷҷатҳои корӣ ва унсурҳои автоматикунонии амалҳои аудитории меҳнатталаб. Агар ташкилоти аудиторӣ қолибҳои электронии (файлҳои) ҳуҷҷатҳои кориро истифода набарад, пас хавфи пурра иҷро нашудани амалҳои аудиторӣ ё бесифат иҷро шудани онҳо зиёд мешавад. Камбудии асосии ҳуҷҷатҳои кории электронӣ дар ташкилотҳои аудитории хурд дар он ифода меёбад, ки онҳо аксаран дар қолиби барномаи Microsoft Word таҳия карда мешаванд ва ин имкон намедиҳад, ки ҳисобкуниҳои гуногун ҳангоми иҷрои амалҳои аудиторӣ автоматонида ва робитаҳои гуногуншакл дар байни ҳуҷҷатҳои кории алоҳида роҳандозӣ карда шаванд.

4. Набудани таъминоти барномавӣ барои гузаронидани аудит, ки имкон диҳад, то ҳолатҳои риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ ҷиҳати назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ пешгирӣ карда шаванд. Барои мисол метавон равзанаи равшаншавандаро дар барнома ҳангоми кор бо файли ҳуҷҷати компютерӣ оид ба супориши мушаххас овард, ки истифодабаранда (аудитор)-ро оид ба чунин ҷиҳатҳои асосии риоягардии талаботи назорати сифат хотиррасон мекунад: тасдиқи мустақилияти аудитор; номгӯйи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки бояд аз шахси аудитшаванда гирифта шаванд, инчунин ҳуҷҷатҳое, ки аудитор бояд онҳоро пур кунад; ихтилофҳо (масалан, ихтилофҳои арифметикӣ)-и ошкоргардида, ки дар ҳуҷҷатҳои аудиторӣ инъикос гардидаанд; хотиррасонкуниҳо оид ба зарурати санҷидани ҳуҷҷатҳои аудитории, ки аз ҷониби ёрдамчиҳои аудитор ва аудиторҳои дигар иҷро карда шудаанд ва дигарҳо. Номгӯйи ингуна танзимкуниҳо метавонад вобаста аз имконоти барнома дигаргун ва мураккаб гардад.

5. Набудани механизми саривақт шинос шудани аудиторҳо бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии мубрам ва тағйирёбиҳо дар қонунгузории миллӣ ҷиҳати таъмини назорати сифати аудит.

Барои ҳал намудани проблемаҳои гузошташуда мо амалӣ намудани чунин механизми таъмини сифати хизматрасониҳои аудиторӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти ташкилотҳои аудитириро мақбул меҳисобем: аз ҷониби ташкилоти касбии аудиторҳо пешкаш намудани иҷозатномаҳо барои ҳуқуқи истифодабарии таъминоти барномавии аудиторӣ бо мақсади таъмини назорати сифати хизматрасониҳои аудиторӣ.

Чун ташкилоти касбии аудиторҳо ташкилоти ғайритиҷорати эътироф карда мешавад, ки онро аъзо бо мақсади таъмини шароити баҷоории фаъолияти аудиторӣ таъсис додаанд. Яке аз самтҳои фаъолияти ташкилоти касбии аудиторҳо ин танзимкунии методологии масъалаҳои сифати ба фармоишгарон пешкаш намудани хизматрасониҳои аудиторӣ мебошад.

Амалияи ҷаҳонии фаъолияти аудиторӣ шаҳодат медиҳад, ки дар байни масъалаҳои ҳалталаби ташкил ва амалкунии низоми назорати дохилии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ дар ташкилотҳои аудитории хурд аз ҷумла инҳоро метавон ҷудо кард: масъалаҳои ташкилӣ, масъалаҳои таҳияи асосҳои методӣ ва дигарҳо.

Ҳамин тавр, таҳия намудани стандартҳои дохилии ташкилотҳои аудиторӣ лаҳзаи муҳим дар самти наздикгардонии фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷрибаи байналмилалӣ мебошад. Таҳия намудан ва дар амал татбиқ намудани стандартҳои мазкур ба баландшавии сифати санҷишҳои аудиторӣ, самаранокии натиҷаҳои онҳо, пастшавии меҳнатғунҷоиши хизматрасониҳои аудиторӣ мусоидат менамояд. Мавҷуд будани низоми қоидаҳои санҷидашуда дар ташкилоти аудиторӣ, инчунин таъминоти методологии он чун нишондиҳандаи касбияти баланд ва обрӯю эътибори ташкилоти аудиторӣ ҳисобида мешавад.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Аҳмадов Р.Р.

АДАБИЁТ

1. Бутакова Н.М. Зарубежная практика оценки качества аудита / Н.М. Бутакова // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2018. - № 12-1. – С. 188-191.
2. Ғуломов З.Т. Таъмини сифати хизматрасониҳои аудиторӣ / З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – № 1 (31). - С. 76-81.
3. Ғуломов З.Т. Бунёдкунии низоми назорати сифати аудит / З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - №8. - С. 120-125.
4. Емченко Л.Ю. Зарубежный опыт организации и осуществления аудиторской деятельности / Л.Ю. Емченко // Международный научный журнал «Инновационная наука». – 2016. - №7-8. – С. 95-99.
5. Ершов А.А. Правовое регулирование аудиторской деятельности в Российской Федерации / А.А. Ершов, И.В. Ершова. -М.: Юриспруденция, 2011. - 280 с.
6. Каримов Б.Ҳ. Рушди назорати дохилӣ чун воситаҳои баландбардории сифат ва самаранокии хизматрасониҳои аудиторӣ / Б.Ҳ. Каримов, З.Т. Ғуломов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – №3(31). -С. 71-76.
7. Коваленко В.П. Внутрифирменный контроль качества аудиторской деятельности / В.П. Коваленко // Актуальные проблемы бухгалтерского учета и аудита / Материалы научно-практической конференции. - Киев: Национальный авиационный университет, 2009. - С. 30–31.
8. Концепция качества аудита: ключевые элементы, формирующие среду для обеспечения качества аудита. [Электронный ресурс]. URL: https://www.minfin.ru
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти аудиторӣ” аз 22 июли соли 2013, №993. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tjj/content/
10. Международный стандарт аудита 1 “Контроль качества в аудиторских организациях, проводящих аудит и обзорные проверки финансовой отчетности, а также выполняющих прочие задания, обеспечивающие уверенность, и задания по оказанию сопутствующих услуг». [Электронный ресурс]. URL: https://www.k-audit.ru/terms/audit/msa_1
11. Международный стандарт аудита 220 “Контроль качества при проведении аудита финансовой отчетности”. [Электронный ресурс]. URL: https://www.k-audit.ru/terms/audit/msa_220
12. Моложавенко И.С. Развитие контроля качества аудита в зарубежных странах на современном этапе развития / И.С. Моложавенко // Вестник Ростовского государственного экономического университета «РИНХ». – 2007. - №2. – С.137-142.
13. Редько А.Ю. Аудит в Украине. Морфология: монография / А.Ю. Редько. -Киев: ДП Информационно-аналитическое агентство, 2008. - 493 с.
14. Тоҳирова Р.С. Аудит. Китоби дарсӣ / Р.С. Тоҳирова. -Душанбе: Ирфон, 2017. -582 с.
15. Хушвахтзода К.Х. Системы внутреннего контроля (аудита) на предприятиях агропромышленного комплекса/ Хушвахтзода К.Х., Д.Дж. Хукуматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2020. -№3. -С.5-9.
16. Шумилова И.В. Организация контроля качества аудиторской деятельности / И.В. Шумилова, О.А. Луговкина // Азимут научных исследований: экономика и управление. - 2013. -№1. -С.35-38.

БАЛАНДБАРДОРИИ СИФАТ ВА САМАРАНОКИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ АУДИТОРӢ: ИСТИФОДАИ ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар шароити дигаршавии вазъи бозори хизматрасониҳои аудиторӣ, ки талабот ба сифат ва самаранокии ин гуна хизматрасониҳо зиёд мешавад, аксари аудиторҳои инфиродӣ ва ташкилотҳои аудитории дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда ба рушди ояндаи худ боварӣ надошта, баъзеи онҳо самти фаъолияти худро дигар мекунанд. Вобаста ба ин зарурати ислоҳот дар соҳаи хизматрасониҳои аудиторӣ ба миён омадааст ва яке аз самтҳои чунин ислоҳот такмили фаъолияти аудиторӣ дар асоси таҷрибаи байналмилалии баландбардории сифат ва самаранокии хизматрасониҳои аудиторӣ мебошад.

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои баландбардории сифат ва самаранокии хизматрасониҳои аудиторӣ дар асоси истифодабарии лаҳзаҳои хуби таҷрибаи байналмилалӣ дар ин самт баррасӣ мешаванд. Дар ин мавриди диққати асосӣ ба консепсияҳои дар таҷрибаи байналмилалӣ маъмули танзимкунии фаъолияти аудиторӣ равона карда шудааст.

Нуктаҳои назари дар байни аудиторҳои аҳли амали Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳнгардида оид ба баландбардорӣ ва арзёбии сифати пешкашкунии хизматрасониҳои аудиторӣ бо ақидаҳои олимони хориҷӣ ва нуктаҳои назари дар амалияи фаъолияти аудитории хориҷӣ маъмул муқоиса карда шудаанд. Қайд карда шудааст, ки бо дарназардошти он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳо ва тартибҳои санҷиши сифати хизматрасониҳои аудиторӣ ба таври мукаммал коркард нашудаанд, аксари ташкилотҳои аудитории маҳаллӣ ҳангоми роҳандозӣ намудани амалҳо оид ба баландбардории сифат ва самаранокии хизматрасониҳои аудитории худ ба стандартҳои байналмилалии фаъолияти аудиторӣ муроҷиат менамоянд.

Дар натиҷаи таҳлили амалияи фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омӯзиши адабиёт тасдиқ карда шудааст, ки низоми назорати дохилии сифати хизматрасониҳои аудиторӣ дар мамлакат дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, барои қонеъ гардонидани талабот оид ба риояғардии стандартҳои аудит нигаронида шудааст. Вобаста ба ин, дар мақола ба масъалаҳои таҳия намудани стандартҳои дохилии хизматрасониҳои аудиторӣ дар асоси стандартҳои байналмилалии аудит диққати бештар дода шудааст.

Калидвожаҳо: хизматрасониҳои аудиторӣ, низоми назорати сифат, маҳакҳои сифати хизматрасониҳои аудиторӣ, стандартикунонии фаъолияти аудиторӣ, стандартҳои дохилӣ, ташкилоти аудиторӣ, ташкилотҳои аудитории хурд, ташкилоти касбии аудиторҳо, стандартҳои байналмилалии аудит, назорати сифати хизматрасониҳо.

ПОВЫШЕНИЕ КАЧЕСТВА И ЭФФЕКТИВНОСТИ АУДИТОРСКИХ УСЛУГ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ОПЫТА

В условиях изменения состояния рынка аудиторских услуг, когда увеличиваются требования к качеству и эффективности таких услуг, большинство индивидуальных аудиторов и аудиторских организаций в Республике Таджикистан, не имея уверенности в будущем своем развитии, меняют направление своей деятельности. В связи с этим возникает необходимость реформ в сфере аудиторских услуг и одним из направлений такой реформы является совершенствование аудиторской деятельности на основе международного опыта повышении качества и эффективности аудиторских услуг.

В данной статье рассматриваются вопросы повышения качества и эффективности аудиторских услуг на основе применения лучших моментов международного опыта в этом направлении. При этом, основное внимание уделяется известным в международной практике концепциям регулирования аудиторской деятельности.

Осуществлено сравнение распространенных среди практических аудиторов Республики Таджикистан точек зрений о повышении оценки качества предоставления аудиторских услуг с мнениями зарубежных ученых и известных в практике аудиторской деятельности точек зрения. Отмечено, что с учетом того, что в Республике Таджикистан должным образом не проработаны правила и регламенты проверок качества аудиторских услуг, большинство местных аудиторских организаций при осуществлении действий по повышению качества и эффективности своих аудиторских услуг обращаются к международным стандартам аудиторской деятельности.

В результате анализа практики аудиторской деятельности в Республике Таджикистан и изучения литературы подтверждено, что система внутреннего контроля кчества аудиторских услуг в стране находится на стадии становления и направлена на удовлетворение требований по соблюдению стандартов аудита. В связи с этим, в статье большое внимание уделено вопросам разработки внутренних стандартов аудиторских услуг на основе международных стандартов аудита.

Ключевые слова: аудиторские услуги, система контроля качества, критерии качества аудиторских услуг, стандартизация аудиторской деятельности, внутренние стандарты, аудиторская организация, малые аудиторские организации, профессиональная организация аудиторов, международные стандарты аудита, контроль качества услуг.

IMPROVING THE QUALITY AND EFFICIENCY OF AUDITING SERVICES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: USING INTERNATIONAL EXPERIENCE

In the context of the changing state of the audit services market, when the requirements for the quality and efficiency of such services are increasing, the majority of individual auditors and audit organizations in the Republic of Tajikistan are not confident in their future development, some of them are changing the direction of their activities. In this regard, there is a need for reforms in the field of audit services, and one of the directions of such a reform is to improve audit activities based on international experience in improving the quality and efficiency of audit services.

This article examines the issues of improving the quality and efficiency of audit services based on the application of the best moments of international experience in this direction. At the same time, the main attention is paid to the concepts of regulation of audit activity well-known in international practice.

A comparison is made of the points of view common among practical auditors of the Republic of Tajikistan on improving and assessing the quality of the provision of audit services with the opinions of foreign scientists and points of view known in practice of audit activity. It is noted that, given that the rules and regulations for auditing the quality of audit services have not been properly developed in the Republic of Tajikistan, most local audit organizations, when taking actions to improve the quality and efficiency of their audit services, turn to international standards of auditing.

As a result of the analysis of the audit practice in the Republic of Tajikistan and the study of the literature, it was confirmed that the system of internal control of the quality of audit services in the country is at the stage of formation and is aimed at meeting the requirements for compliance with audit standards. In this regard, the article focuses on the development of internal standards for auditing services based on international auditing standards.

Keywords: audit services, quality control system, quality criteria for audit services, standardization of audit activities, internal standards, audit organization, small audit organizations, professional organization of auditors, international audit standards, quality control of services.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Каримов Баҳодур Ҳасанович*** **–** Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru**. Телефон: **907-90-82-10**
Ғуломов Зикрулло Тошмуродович - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. E-mail: **ghulomov.z@mail.ru**. Телефон: (**+99)2 902-62-62-76**

Сведения об авторах: ***Каримов Баходур Хасанович*** – Институт туризма, предпринимательства и сервиса, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой бухгалтерского учета и аудита. **Адрес:** Республика Таджикистан, 734055, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru**. Телефон: **907-90-82-10**

Гуломов Зикрулло Тошмуродович – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, старший преподаватель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. E-mail: **ghulomov.z@mail.ru**. Телефон: (**+992) 902-62-62-76**

Information about the authors: ***Karimov Bahodur Hasanovich*** - Institute of Tourism, Entrepreneurship and Service, candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of accounting and audit. **Address:** Republic of Tajikistan, 734055, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5. E-mail: **bahodurkarim@mail.ru.** Phone: (**+992) 907-90-82-10**
Gulomov Zikrullo Toshmurodovich - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, senior lecturer at the Department of Management and Marketing. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Kulyab, S. Safarova street 16. E-mail: **ghulomov.z@mail.ru.** Phone: (**+992) 902-62-62-76**

УДК 338.47

ОМИЛҲОИ ТАЪСИРБАХШ БА РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ-ЛОГИСТИКӢ ДАР МИНТАҚА

Ашуров Н.А.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Нақлиёт ба рушди иқтисодӣ аз давраи пайдоиши тамаддуни башарӣ таъсир гузоштааст. Рушди иқтисодӣ ба ҳамбастагии системаҳои нақлиётӣ равона шудааст, аз ин рӯ аввалин шаҳрҳо дар ҳавзаҳои табиии дарёҳо ва кӯлҳо пайдо шуданд. Минбаъд бандарҳо барои мубодилаи молҳо ба вуҷуд омаданд. Румиён роҳҳоеро сохтанд, ки дастрасиро ба ҳамаи қисмҳои империяи бузурги онҳо ва иртиботро таъмин кунанд.

Ба гуфтаи Сергей Чатоян, “логистикаи нақлиёт ба қарибӣ на танҳо аз давлат, балки аз бизнес низ таваҷҷуҳи зиёдро ба худ ҷалб мекунад” [14]. Хусусиятҳои ҷуғрофӣ, ба монанди наздикии уқёнусҳо, баҳрҳо ва роҳҳои обӣ, ҳамворӣ, кӯҳҳо ва ҷойгиршавии оазисҳо ташаккули системаҳои аввалини нақлиётиро муайян карданд (масалан, Роҳи абрешим аз оазис ба оазис, аз шаҳр ба шаҳре, ки дар он ҷо об ё роҳи дуруст мавҷуд набуданд).

Бо мурури замон, омилҳои ҷуғрофӣ дар рушди системаи нақлиёт ва логистика камтар нақши муҳимро оғоз намуда, омилҳои истеҳсолиро гузаштанд. Инқилоби саноатӣ эҳтиёҷоти нави нақлиётиро ба вуҷуд оварда ва мутаносибан афзоиши ҳаҷми ангишт, маъдани оҳан ва дигар маводҳо ба бунёди каналҳо, тавсеаи нақлиёти обӣ ва рушди роҳи оҳан оварда расонид.

Дар шароити имрӯза ҷаҳонишавӣ омили муҳимтарини рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистӣ талаботи бозор аст. Ин тамаркуз ба ниёзҳои иҷтимоӣ, ташаккули талабот ва имкониятҳои таъминотро дар бар мегирад. Таҳаввулоти таърихии омилҳое, ки ба рушди комплекси нақлиётӣ-логистикии қаламрав таъсир мерасонанд, дар расми 1 оварда шудаанд.

Расми 1. Таҳаввули таърихии омилҳое, ки ба рушди инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ таъсир мерасонанд
Figure 1. Historical evolution of factors influencing the development of transport and logistics infrastructure



Расм аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст

Дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба рушди маҷмӯи ҳудудии нақлиётию логистикӣ омилҳои зиёди дохилӣ ва беруна таъсир мерасонанд. Ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ омилҳои берунии зерин таъсир мерасонанд:

- ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисоди минтақа бо иқтисоди ҷаҳонӣ;
- диверсификатсия ва афзалиятҳои рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- рушди соҳаҳои туристии иқтисодиёти минтақавӣ;
- баргузории чорабиниҳои мухталифи сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар субъектҳои кишвар.

Ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии иқтисоди минтақа бо иқтисоди ҷаҳонӣ боиси робитаҳои устувори иқтисодӣ байни корхонаҳо ва корхонаҳои маҳаллӣ аз дигар минтақаҳо ва кишварҳо мегардад. Барои ҳамкории бомуваффақияти онҳо инфрасохтори нақлиёт ва логистика лозим аст. Аз ин рӯ, барои фаъолияти бомуваффақияти иқтисодиёти қалamрав дар шароити ҷаҳонишавӣ рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ зарур мебошад.

Дар зери таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ стандартҳои байналмилалӣ таҳия ва паҳн карда мешаванд, ки талабот ба сифати маҷмӯи нақлиётӣ-логистикиро муқаррар мекунанд. Инҳо талабот ба сифати сатҳи роҳ, қобилияти байнисоҳавии комплекс, талаботҳои экологӣ ба мошинҳое, ки аз ин маҷмаа мегузаранд ва ғайра. Риояи ин талабот аксар вақт як ҳудуди ҳатмӣ ва корхонаҳои он барои талаботҳои шарикони хориҷӣ ва бастани шартномаҳои шарикӣ мебошад.

Афзалияти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон диверсификатсия ва рушд ташаккули эҳтиёҷоти нави тиҷорат дар истифодаи инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро ташкил медиҳанд. Агар инфрасохтори мавҷудаи нақлиётӣ ва логистикӣ барои соҳаҳои муқарраршуда ва устувори иқтисодиёт кифоя бошад, рушди он барои соҳаҳои нав зарур аст. Айни замон, эҳёи саноат яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда мешавад.

Ба ақидаи профессор Раҷабов Р.К. “инфрасохтори нақлиётӣ яке аз муҳимтарин зерсистемаҳои бозор буда, он ҳамчун асосҳои моддӣ барои муносибатҳои байни давлатӣ ва байниминтақавӣ шароити мусоид фароҳам меорад” [9].

Бо назардошти мавҷудияти технология ва таҷҳизоти куҳна сохтмони корхонаҳои нав талаби замон мебошад. Барои фаъолияти корхонаҳои нави саноатӣ инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ, бо назардошти тағйирёбии нархҳои ҳамлу нақл, сӯзишворӣ ва афзалият ба намудҳои арзон ё нақлиёти тезрав, вобаста аз хусусиятҳои тиҷорат, заруранд.

Рушди соҳаҳои туристии иқтисодиёти субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили инфрасохтори муносиби нақлиётиро барои ҳамлу нақли на танҳо молҳо, балки мусофирон низ дар назар дорад. Дар тамоми ҷаҳон, бахши сайёҳӣ барои минтақаҳо фоидаовар ҳисобида мешавад, зеро ин ба ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ҷалби сармоя ба субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, боло рафтани маъруфият ва нуфузи он мусоидат мекунад.

Бисёре аз субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷалби сайёҳон ҳавасманданд ва барои ин онҳо бояд комплекси нақлиётӣ ва логистикиро инкишоф диҳанд. Яке аз мушкилоти ҷиддӣ дар интиқоли сайёҳон дар аксар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон на он қадар сифати хуб доштани роҳҳои автомобилгард мебошад (нақлиёти автомобилӣ маъмултарин намуди нақлиёт аз ҷониби сайёҳон аст), инчунин, шароити мусоиди таваққуфгоҳҳо кам ба назар мерасад. Аз ин рӯ, бо рушди комплекси нақлиётӣ ва логистикӣ, дар бораи минтақаҳои озуқаворӣ, ошхонаҳо, ҷойҳои истироҳат ва шабона барои ронандагону сайёҳон андеша кардан лозим аст.

Гузаронидани чорабиниҳои мухталиф дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ дар ҳама гуна сохторҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташрифи шумораи зиёди одамон, аз ҷумла шахсиятҳои маъруфи сиёсии сатҳи миллӣ ва байналмилалиро дар назар дорад. Чунин чорабиниҳо ва ҷамъомадҳо ҳамасола ҳангоми ҷашни иди Наврӯз дар як қатор шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда мешавад, ки шумораи зиёди меҳмонон ва сайёҳони хориҷӣ ташриф меоранд. Ҳамаи ин меҳмонон ва сайёҳон барои диданӣ минтақаҳои Тоҷикистон бештар аз нақлиёти автомобилӣ истифода мебаранд, ки ин талабот, бешубҳа омилҳои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро дар ҳар як минтақа тақозо менамояд.

Барои ба таври оммавӣ омадани одамон ба чунин чорабиниҳо инфрасохтори махсуси нақлиётӣ ва логистикӣ лозим аст. Чун қоида барои сохтани он аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва ё аз буҷути маҳаллӣ маблағ ҷудо карда мешавад, маблағҳо аз минтақа ва сармоягузорони хусусӣ низ ҷалб карда мешаванд.

Баргузории чунин чорабиниҳо ба рушди босуръати комплекси нақлиётӣ-логистикии минтақа мусоидат менамояд, аммо дар охири ин чорабиниҳо, аксар вақт мушкилот дар ҳамон сатҳ нигоҳ доштани он ва рушди минбаъда ба миён меоянд, ки барои онҳо маблағҳои беруна дигар ҷудо карда намешаванд. Мутаассифона, аксарияти субъектҳои мамлакати мо мустақилона ин вазифаро иҷро карда наметавонанд ва бо мурури замон иншоотҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар ҳолати садамавӣ қарор мегиранд.

Ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақавӣ омилҳои зерини дохилӣ низ таъсир мерасонанд:

- тамоюли афзоиш додани таваҷҷуҳи ҷомеа ба ҳифзи муҳити зист;
- талаботи соҳибкорони минтақавӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ;
- мавҷудияти захираҳои сармоягузории кишвар барои рушди комплекси нақлиётӣ ва логистикӣ;
- дараҷаи назорат аз ҷониби корхонаҳои хусусӣ ва аз ҷониби фармоишҳои давлатӣ барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ.

Ин омилҳоро ба таври муфассал баррасӣ мекунем. Тамоюли афзоиши ҳавасмандии ҷамъиятӣ ба ҳифзи муҳити зист ба пурзӯр намудани талабот ба бехатарии экологии инфрасохторҳои нақлиётӣ ва логистикӣ мусоидат менамояд. Мувофиқи ин раванд, субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои нави экологӣ, ки партовҳои ҳаворо маҳдуд мекунанд, мегузаранд; дар минтақаҳои Тоҷикистон стандартҳои баланди ҷаҳонӣ қабул карда мешаванд. Бо вуҷуди каме таъхир дар қабули ин стандартҳо дар Тоҷикистон ва гузариш ба стандартҳои нав, ин тамоюл мунтазам меафзояд.

Ҳатто агар дар яке аз минтақаҳое, ки дар тиҷорати шабакаи ватанӣ ё байналмилалӣ иштирок мекунанд, ё танҳо шарикии ду ё якчанд корхона, меъёрҳои нисбатан камтари экологӣ татбиқ карда мешаванд, ҳангоми кор бо корхонаҳои дигар қаламравҳои кишвар ва давлат, корхонаҳои ин минтақа бояд меъёрҳои дар минтақаҳои транзитӣ ва минтақаҳо татбиқшавандаро риоя кунанд, ки ба онҳо молҳои худро равона кунанд.

Талаботи соҳибкорони ҳудудӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ сиёсати давлатии субъекти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи рушди комплекси нақлиётӣ-логистикӣ муайян мекунад. Азбаски соҳибкорӣ истифодабарандаи асосии комплекси нақлиётӣ-логистикӣ мебошад, дар навбати аввал манфиатҳои он ба назар гирифта мешаванд.

Дар минтақаҳои вилояти Хатлон мушкилоти роҳи пастсифат нигаронкунанда аст, ки ин боиси садамаҳои зиёд ва дарозмуддати нақлиёти автомобилӣ мегардад. Ин ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонад, зеро ҳаракати молҳо тавассути роҳҳои автомобилгард дар минтақаҳои вилояти Хатлон мушкил аст. Ҳамасола барои таъмири роҳҳои мавҷуда ва сохтмони роҳҳои нав аз буҷаи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ маблағҳои зиёд ҷудо карда мешавад, аммо ба ин нигоҳ накарда, сифати роҳҳо паст боқӣ мемонад. Бояд қайд кард, ки талаботи рушди соҳибкорони маҳаллӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ бо рушди соҳибкорӣ мунтазам меафзояд. Ин зарурат пайваста нав кардани комплекси нақлиётӣ-логистикиро мувофиқи талабот тақозо менамояд.

Мавҷудияти захираҳои сармоягузории кишвар барои рушди комплекси нақлиётӣ-логистикӣ имкониятҳои ҳудудро дар сохтмони иншооти инфрасохторӣ ва дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани объектҳои мавҷуда муайян мекунад. Дар минтақаҳои Ҷумҳури Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ ба таври анъанавӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, ҷалби сармоягузории хусусӣ мушкил аст ва дар шароити буҳрони иқтисодӣ, давлат натанҳо барои маблағгузории комплекси нақлиётӣ-логистикӣ, балки ҳатто барои иҷрои барномаҳои иҷтимоӣ норасоии маблағ дида мешавад. Пардохти андози нақлиётӣ хароҷоти давлатро барои рушди комплекси нақлиётӣ-логистикӣ, ки омили бордоранда мебошад, пурра пӯшонида наметавонад.

Дараҷаи назоратро аз болои иҷрои фармоиши давлатӣ аз ҷониби корхонаҳои хусусӣ оид ба рушди комплекси нақлиётӣ-логистикӣ сифати инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии

субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Сарфи назар аз он, ки дар шартномаҳо, одатан, талабот ба сифати кор дақиқ муайян карда мешавад, санҷишҳо дар сатҳи баланд гузаронида мешаванд.

Муҳлати иҷрои кор аксар вақт вайрон карда мешаванд. Ин натанҳо дар бораи роҳҳои автомобилгард, балки дар бораи таъмири фурудгоҳҳо ва сохтани иншооти нави маҷмӯи нақлиётӣ-логистикӣ низ меравад. Ба назар мерасад, дар ниҳояти кор, маблағҳои буҷети давлатӣ бесамар истифода бурда мешаванд ва инфрасохторҳои нақлиётӣ-логистикӣ босуръат рушд намекунад. Набудани назорати қатъӣ, инчунин, ба рушди комплекси нақлиётӣ-логистикии субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа мешавад.

Ҳамин тариқ, маҷмӯи омилҳоеро, ки ба рушди инфрасохторҳои минтақавии нақлиётӣ-логистикӣ таъсир мерасонанд, дар расми 2 нишон додашудааст.

Нақлиёт дар миқёси иқтисодиёти кишвар соҳае мебошад, ки бе инкишофи муътадили он рушди дигар соҳаҳо ғайриимкон аст, чун ки асоси ҳамбастагӣ, ҳамкорӣ ва рушди ҳамаҷонибаи онҳо мебошад. Бо назардошти ин, функсияи нақлиёт дар чунин ҳамкориҳо натанҳо қонеъ намудани талаботи мавҷудаи боркашонӣ аз тиҷорати ҳудудӣ, балки фароҳам овардани хидматрасонии босифат ва саривақтӣ ба таъминкунандагону истеъмолкунандагон бо усулҳои вазнини кор, яъне бо назардошти доимо тағйирёбанда ва дурнамо мебошад.

Аз ин рӯ, барои фаъолияти самарабахши иқтисодиёт зарур аст, ки системаи нақлиёт ва тақсимот дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон тавассути ташкили марказҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар минтақаҳои пурқуввати гардиши моддии молҳо (борҳо) ташкил карда шавад. Тамоюлҳо дар бозори муосири байналмилалии ҳамлу нақл дар соҳаи ҳамкориҳои иттилоотӣ тамоюл ва ҳамгиро кардани системаҳои иттилоотии шарикони логистикиро ташкил медиҳанд.

Расми 2. Маҷмӯи омилҳое, ки ба рушди инфрасохтори минтақавии нақлиётӣ-логистикӣ таъсир мерасонанд

Figure 2. A set of factors influencing the development of regional transport and logistics infrastructure

Расм аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст

Истифодаи системаҳои ҷудогонаи иттилоотӣ барои анҷом додани амалиётҳои марбута дар сарҳади мутақобилаи шаклҳои гуногуни нақлиёт ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ

боиси такрори амалиёт, мушкил шудани ҷараёни технологӣ ва зиёд шудани муҳлати интиқоли молҳо мегардад [2].

Ширкатҳои нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба сатҳи байналмилалӣ дар соҳаи ҳамкориҳои иттилоотӣ ва транзит аз минтақаи наздиктарини иттилоот ба ҳамгироии захираҳои иттилоотӣ мувофиқат кунанд. Ташаккули майдони ягонаи иттилоотии нақлиёт ва марказҳои логистикӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар самти технологияҳои муосири иттилоотӣ, ки имкониятҳои навро дар идоракунии тамоми самтҳои ҳамкориҳои нақлиётӣ фароҳам меорад ва якчанд мушкилотро ҳал мекунад, масалан: баррасии маълумоти молиявӣ дар нақлиёти боркаш, истифодаи иттилооти оммавӣ ва ҳамгироӣ бо системаҳои мавҷудаи иттилоотӣ ва назорати ҳамаи марҳилаҳои интиқол ва афзоиши суръати интиқол.

Бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар ҷаҳон айни замон раванди тағйироти куллиро идома дода истодаанд, ки ба нақш ва миқёси иштирокчиён ва сохтори муносибатҳои онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд (нигаред ба расми 3) [11].

Расми 3. Омилҳои асосии бозори хизматрасонии нақлиётӣ
Figure 3. The main factors of the transport services market



Расм аз ҷониби мауллиф таҳия шудааст

Ин тағйиротҳо ба кӯчонидан ва пешниҳоди стратегияҳои нав дар амалияи операторони логистика оварда мерасонанд: [11]

- мустаҳкам кардан дар саноат тавассути муттаҳидсозӣ;
- нақши афзояндаи технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои интиқоли маълумот ва мушкилии минбаъдаи қарорҳои логистикӣ;
- рад кардан аз хидматрасониҳои махсусгардонидашуда ва тамаркуз дар таъмини ҳалли пурраи логистика;
- тақвияти нуфузи ширкатҳои ҷаҳонии нақлиёт ва логистика (тақрибан 35% бозор барои 30 ширкати калонтарин ҳисобида мешавад);
- муттаҳидсозии ҷории бозор, пеш аз ҳама бо роҳи муттаҳид кардани бозорҳои байналмилалӣ ва ба бозорҳои нави ҷуғрофӣ ворид шудан;
- нақши афзояндаи хидматҳои арзиши изофӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии операторони бозор.

Барои сарфа кардани мавод, захираҳои меҳнатӣ ва муҳимтар аз ҳама вақт, ба таври дақиқ банақшагирӣ, идоракунӣ ва назорати ҷараёни молу мавод ба тавре лозим аст, ки маҳсулот ва хидматҳои воқеан зарурӣ сари вақт истеҳсол ва расонида шаванд.

Фаъолияти нақлиётӣ ва логистикӣ, мисли ҳама гуна дигар фаъолияти иқтисодӣ, бояд аз ҷониби давлат тавассути қонунгузорӣ, фармонҳо, фармоишҳо ва дигар санадҳои

қонунӣ танзим карда шуда, аз ҷониби онҳо амалӣ карда шаванд: назорати нархгузорӣ, мусоидат ба рушди бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ-логистикӣ, робитаҳои дӯстона бо дигар кишварҳо барои кашониши транзитӣ, танзими фаъолияти нақлиётӣ, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ. Коҳиш додани занҷирҳои таъминот вақти расонидани мол ва хароҷоти онро кам мекунад.

Професор Раҷабов Р.К. чунин назар дорад, ки "дар рушди ҳар як қалямрав, инфрасохтори нақлиётӣ бояд шароити муътадилро барои фаъолият ва рушди соҳаҳои асосии истеҳсолот кафолат диҳад, истифодаи самараноки иқтидори иқтисодӣ ва истеҳсолии минтақаро таъмин намояд" [10].

Модели нақлиёт чунин як модели оптималиро дар назар дорад, ки барои ҳар як тарзи он бо ҳадди ақали хароҷот ва ҳадди аксар фоида ҳарчи зудтар расонида мешавад. Ҳамасола фоизи садамаҳои нақлиётӣ афзоиш меёбад ва таҳвили саривақтии молҳо метавонад ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад. Масалан, номувофиқатӣ дар раванди истеҳсолот, маблағҳои иловагӣ барои истеҳсоли такрории нави молҳо ва таҳвили онҳо.

Компютеркунонии равандҳои иттилоотӣ ҷамъоварӣ, коркарди иттилооти бадастоварда ва таҳияи қарорҳои идоракунии оперативиро метезонад. Навсозии қисми ҳаракаткунанда, пеш аз ҳама, ба стандартизатсия, якхелагӣ ва ҳамаҷонибаи воситаҳои нақлиёт барои бор кардану борфарорӣ ва мустақиман барои ҳамлу нақли бор алоқаманд аст.

Рушди иқтидори логистикӣ ба: [2]

- васеъ намудани марказҳои логистикӣ;
- шумораи намудҳои хизматрасониҳо;
- таъмини сифати хизматрасонии логистикӣ;
- ташкили марказҳои омузиши илми логистика;
- назорат ва баҳогузории сифати хизматрасонӣ, истеҳсолот ва талабот;
- ҷалби сармоягузорон барои бунёди инфрасохтори логистикӣ ва ғайра вобаста мебошад.

Дар сохтори системаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои интиқолдиҳандаи нақлиётӣ дар соҳаи хизматрасонӣ нақши муҳимро мебозад, зеро он зиёда аз 90%-и интиқолдиҳиро ба анҷом мерасонад [1]. Мавҷудияти шоҳроҳҳои дорои қобилияти функционалӣ шарти пешакии таҳвили саривақтии молу маҳсулот ба истеъмолкунанда мебошад. Баландшавии нархи сӯзишворӣ боиси болоравии қисмати арзиш ва тарифҳои хизматрасонии нақлиётӣ мегардад.

Ҳангоми таҳияи нақшаҳои оптималии хатсайр онҳо стратегияи ташаккули паркҳои намудҳои гуногунро истифода мебаранд (ҳамлу нақли мултимодалӣ). Дастгирии нақлиётии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ (сиёсати нақлиётии хориҷии кишвар) ба рушду таҳкими равобит бо корхонаҳои мухталифи кишварҳои хориҷа мусоидат мекунад. Чунин ҳамкорӣ барои ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳамроев Ф.М. чунин мешуморад, ки "вазифаи бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ на танҳо зиёд кардани таъминот, балки кӯшиш кардан ба он аст, ки ба талабот ҷавобгӯ бошад" [12].

Бо назардошти ақидаҳо ва омилҳои пешниҳод намуда, ки барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ минтақаи вилояти Хатлон ва инчунин барои ташаккули бозори миллӣ ва байналхалқии нақлиёт, анборҳои хизматрасонӣ метавонад замина бошад, хулоса намудан мумкин аст, ки ҳангоми амали намудани чунин ҳадафҳо, нақш ва аҳамияти инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа боло рафта, рушди он ба раванди амалӣ намудани стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030 мусоидат хоҳад намуд.

Муқаррриз: н.и.и., дотсент Юсупов Ш.Н.

АДАБИЁТ

1. Амонуллоев И.А. Повышение эффективности функционирования транспортной системы в условиях горного региона (на материалах Республики Таджикистан): дисс...канд.экон.наук: 08.00.05 / И.А. Амонуллоев. – Душанбе, 2017. -174 с.
2. Ашуров Н.А. Асосҳои назариявӣ, моҳият ва аҳамияти логистикаи нақлиётӣ дар иқтисодиёт / Н.А. Ашуров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ) силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. Қисми 2. №1/4 (80) -2020. С. 221-226.

3. Ашуров Н.А. Омилзои таъсирбахш ба самаранокии рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа / Н.А. Ашуров, Р.К. Рачабов, М.Х. Холназаров // Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ. – 2019. -№2(46)
4. Капканщиков С.Г. Государственное регулирование экономики / С.Г. Капканщиков. -М.: Кнорус, 2006. -348 с.
5. Каримов Б.Б. Производственная инфраструктура: проблемы круглогодичного движения автотранспорта в горном Таджикистане. Обзорная информация / Б.Б. Каримов, М.Б. Каримов. -Душанбе: ТаджикНИИНТИ и технико-экономическое исследование, 1989. -35 с.
6. Карпов В.В. Формирование региональной модели рыночной экономики: монография / В.В.Карпов. -Омск: Изд-во ОмГТУ, 1996. - 123 с.
7. Нагоев А.В. Политематический сетевой электронный научный журнал Кубанского государственного аграрного университета. - 2010. -№ 61. -С. 224-246.
8. Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития региональной транспортной инфраструктуры (на примере Республики Таджикистан): автореф. дис. …д.э.н. / Р.К. Раджабов. – Душанбе, 2000. – 46 с.
9. Раджабов Р.К. Проблемы формирования и развития транспортной инфраструктуры. Монография / Р.К. Раджабов. - Душанбе: Ирфон 1999. - 187 с.
10. Социально-экономические проблемы развития транспортных систем городов и зон их влияния // Материалы X междунар. науч.-практ. конф. - Екатеринбург: АМБ, 2004. - 265 с.
11. Хамров Ф.М. Организационно-экономические основы функционирования и развития рынка транспортных услуг в Республике Таджикистан: автореф. дис. ... к.э.н. / Ф.М. Хамров. – Душанбе, 2007. 26 с.
12. Шпилько С.П. Классификация видов туризма: от теории к практике / С.П. Шпилько // Вестник Национальной академии туризма. - 2019. -№1. -С. 9-14.
13. Шумпетер И. Теория экономического развития (Исследование предпринимательской прибыли, процента и цикла конъектуры) / И. Шумпетер. –М.: Прогресс, 1982. -234 с.
14. [Электронный ресурс]. http: // www. service-express / logistic-customs http:// www/ sespb.ru (дата обращения 18.12.212 г.).

ОМИЛҲОИ ТАЪСИРБАХШ БА РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ НАҚЛИЁТӢ-ЛОГИСТИКӢ ДАР МИНТАҚА

Дар мақолаи мазкур омилҳои таъсирбахш ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ дар минтақа мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Нақлиёт дар миқёси иқтисодиёти кишвар соҳае мебошад, ки бе инкишофи муътадили он рушди дигар соҳаҳо ғайриимкон аст, чун ки асоси ҳамбастагӣ, ҳамкорӣ ва рушди ҳамаҷонибаи онҳо мебошад. Бо назардошти ин, функсияи нақлиёт дар чунин ҳамкориҳо натанҳо қонеъ намудани талаботи мавҷудаи боркашонӣ аз тиҷорати ҳудудӣ, балки фароҳам овардани хидматрасонии босифат ва саривақтӣ ба таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон бо усулҳои вазнини кор, яъне бо назардошти доимо тағйирёбанда ва дурнамо мебошад.

Аз ин рӯ, барои фаъолияти самарабахши иқтисодиёт зарур аст, ки системаи нақлиёт ва тақсимот дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон тавассути ташкили марказҳои нақлиётӣ ва логистикӣ дар минтақаҳои пуркуввати гардиши моддии молҳо (борҳо) ташкил карда шавад. Вобаста ба ин ҳадафҳо дар мақолаи мазкур омилҳое, ки ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа таъсири мусбии худро мерасонанд, мавриди омӯзиш қарор гирифта, пешниҳодҳои зарурӣ, оиди рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии минтақа аз ҷумла минтақаи вилояти Хатлон оварда шудааст.

Калидвожаҳо: инфрасохтор, нақлиёт, логистика, диверсификатсия, ҷаҳонишавӣ, коммуникатсия, бозор, сармоягузорӣ, минтақа.

ЭФФЕКТИВНЫЕ ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ ТРАНСПОРТНОЙ И ЛОГИСТИЧЕСКОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ В РЕГИОНЕ

В данной статье рассмотрена эффективные факторы развития транспортной и логистической инфраструктуры в регионе. Транспорт в масштабах экономики страны - это сектор, без устойчивого развития которого невозможно развитие других секторов, поскольку он является основой их интеграции, сотрудничества и всестороннего развития. Имея это в виду, функция транспорта в таких партнерствах заключается не только в удовлетворении существующих потребностей местного бизнеса в грузовых перевозках, но и в предоставлении качественных и своевременных услуг поставщикам и потребителям в трудных условиях, то есть постоянно меняющихся и перспективных.

Следовательно, для эффективного функционирования экономики необходимо наладить транспортно-распределительную систему в регионах Республики Таджикистан, в том числе в Хатлонской области, путем создания транспортно-логистических центров в регионах с высоким товарооборотом. В связи с этим в статье исследуются факторы, положительно влияющие на развитие транспортно-логистической инфраструктуры региона, и даются необходимые предложения по развитию транспортно-логистической инфраструктуры региона, в том числе Хатлонской области.

Ключевые слова: инфраструктура, транспорт, логистика, диверсификация, глобализация, коммуникации, рынок, инвестиции, регион.

EFFECTIVE FACTORS OF TRANSPORTATION AND LOGISTICS INFRASTRUCTURE DEVELOPMENT IN THE REGION

This article discusses the effective factors in the development of transport and logistics infrastructure in the region. Transport on the scale of the country's economy is a sector, without sustainable development of which the development of

other sectors is impossible, since it is the basis for their integration, cooperation and all-round development. With this in mind, the function of transport in such partnerships is not only to meet the existing needs of local businesses for freight transportation, but also to provide quality and timely services to suppliers and consumers in difficult conditions, that is, constantly changing and promising.

Consequently, for the effective functioning of the economy, it is necessary to establish a transport and distribution system in the regions of the Republic of Tajikistan, including in the Khatlon region, by creating transport and logistics centers in regions with a high turnover. In this regard, the article examines the factors that have a positive effect on the development of the transport and logistics infrastructure of the region, and gives the necessary proposals for the development of the transport and logistics infrastructure of the region, including the Khatlon region.

Keywords: infrastructure, transport, logistics, diversification, globalization, communications, market, investments, region.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ашӯров Носир Амонқулович*** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯи кафедраи нақлиёти автомобилӣ. **Суроға**: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67. E-mail: **nosir-85@mail.ru.** Телефон: **(+992) 937-10-19-85**

Сведения об авторе: ***Ашуров Носир Амонкулович*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры автомобильного транспорта. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67. E-mail: **nosir-85@mail.ru**. Телефон: **(+992) 937-10-19-85**

Information about the author: ***Ashurov Nosir Amonkulovich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant for the Department of Automobile Transport. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67. E-mail: **nosir-85@mail.ru.** Phone: **(+992) 937-10-19-85**

УДК: 336.01(575.3)

ТАҲАВВУЛОТИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

Ибодов А.Ҳ., Иброҳимзода И.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вусъат ёфтани раванди ҷаҳонишавӣ, мураккаб шудани низоми молиявӣ, ба вуҷуд омадани доираи нави маҳсулот ва хизматрасониҳои аз ҷиҳати молиявӣ мураккаб дар назди ҷамъият масъалаҳои нисбатан мураккабро мегузоранд, ки аҳолӣ барои ҳалли онҳо омода намебошад. Вобаста ба ин маърифати молиявӣ бевосита барои ҳама табақаҳои аҳолӣ муҳим ба шумор меравад. Маърифати молиявии аҳолӣ ба воридшавии воситаҳои молиявии шаҳрвандон ба иқтисодиёт ва устувор гардонидани низоми молиявии мамлакат мусоидат менамояд. Бо баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ, бозори молиявӣ низ рушд карда ба низоми молия пасандозҳои аҳолӣ ҷалб мегарданд.

Маърифати молиявии аҳолӣ ба маркази диққати илми муосир нисбатан нав ворид гаштааст: дар хориҷа - аз охири асри XX, дар ҷумҳурии мо - аз аввали асри XXI. То ба имрӯз ягон таърифи иқтисодии мафҳуми "маърифати молиявӣ" қабул умум нашудааст, аз ин рӯ, баррасии тафсирҳои гуогуни падидаи таҳқиқшавандаи дар асарҳои олимони хориҷиву ватанӣ омада бамаврид аст.

Тибқи таҳлили Хазинаи байналхалқии асъор: «Норасоии донишҳо дар соҳаи молиявӣ ба истеъмолкунандагони тоҷик ба он оварда расонд, ки наздики 40%-и даромадҳои худро сарф намуда, ба қарз мубтало мешаванд. Вобаста ба ин Хазинаи байналмилалии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ Барномаи маърифати молиявиро барои истеъмолкунандагони тоҷик оид ба масъалаҳои истифодаи самараноки воситаҳои қарзӣ, идораи гардиши пул, банақшагирии молиявиро таҳия ва амалӣ намуданд [8].

Маърифати молиявии аҳолӣ барои тавсиф кардани қобилияти одамон дар таъмини некуаҳволии молиявии онҳо истифода мешавад. Дар ин ҳолат, некуаҳволии молиявӣ тавассути иҷрои амалҳои молиявии пайваста аз тарафи дилхоҳ субъекти молиявӣ ба даст оварда мешавад. Сатҳи некуаҳволии молиявӣ, инчунин маҷмӯи амалҳои молиявие, ки барои ноил шудан ба он равона карда шудаанд, аз ҷониби фарҳанги молиявӣ муқаррар ва танзим карда мешаванд. Ҳангоми омӯзиши рафтори молиявӣ, фарҳанги молиявӣ ва инчунин бисёр падидаҳои дигари соҳаи иқтисод механизмҳои ҳамкории соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти ҷамъиятиро муайян кардан мумкин аст, ки дар рушди падидаҳои омӯхташуда аҳамияти ҳалкунанда доранд. Рафтори молиявӣ ба таҳияи равишҳои махсус

ба соҳаи молиявии иқтисод асос ёфта, яке аз самтҳои таҳқиқоти иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ дар шароити муосир мебошад. Методологияи омӯзиши рафтори молиявӣ дар таҳқиқоти илмӣ кам муаррифӣ мешавад ва ҳангоми ҳалли падидаҳое, ки ба наздикӣ ба соҳаи таваҷҷуҳи илмӣ ворид шудаанд, ба монанди маърифати молиявӣ, таҳлил ва интихоби минбаъдаи равишҳои методологии дар илмҳои марбута таҳия ва санҷидашуда талаб карда мешавад.

Муддати дароз мафҳуми "маърифат" танҳо ҳамчун мафҳуми лингвистӣ, яъне қобилияти ибтидоии хондан ва навиштан ба забони модарӣ истифода мешуд. Мураккаб шудани ҳаёти иҷтимоӣ, зиёд шудани талаботҳои ҷомеа нисбат ба шахс боиси тасҳеҳи мафҳуми «маърифат», васеъ шудани ҳудуди он гардид. Аз ибтидои солҳои 80-уми асри XX дар луғатҳо ва нашрияҳои илмӣ сабти навъҳои гуногуни маърифат оғоз ёфт, ки ин аз рушди ғояҳо дар бораи маърифат ҳам дар ҳаёти ҳаррӯза ва ҳам дар илм шаҳодат медиҳад. Таҳлили нашрияҳо ва манбаъҳои илмӣ имкон дод, ки зиёда аз 50 намуди таърифҳои маърифатнокӣ, масалан, молиявӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, экологӣ, компютерӣ муайян карда шаванд [1,с.133-140, 58-69]. Дар баробари ин, аксар вақт таърифҳои намудҳои мушаххаси маърифатнокӣ вуҷуд надоранд ва намудҳои он тавассути соҳаи фаъолияти марбут муайян карда мешаванд. Тавсеаи мафҳуми "маърифатнокӣ" то "салоҳиятнокӣ" вуҷуд дорад, аксар вақт ин ду мафҳум ба ҷои ҳамдигар истифода мешаванд.

Маърифати молиявӣ – ин маҷмӯи донишҳо оид ба бозорҳои молиявӣ, хусусиятҳои амалкунӣ ва танзими онҳо, иштирокчиёни тахассусманд ва воситаҳои молиявии пешниҳодшуда, маҳсулот ва хизматрасониҳо, қобилияти истифодаи онҳо бо дарки пурраи натиҷаҳои бадастовардашуда ба ҳисоб меравад. Ин, пеш аз ҳама, дарки он мебошад, ки маблағҳои ба даст овардаи вай масъулияти иҷрои хизмати муайян дар назди ҷамъият ба шумор меравад.

Салоҳиятнокии молиявӣ – ин дониш ва малакаҳои муайян дар соҳаи молия мебошанд, ки имконият медиҳад вазъи бозор дуруст баҳогузорӣ карда шуда, дар натиҷаи ин қарорҳои мақсаднок қабул карда шаванд.

Таҳқиқотҳои муосир нишон медиҳанд, ки шахсони аз ҷиҳати молиявӣ маърифатнок дар зиндагӣ новобаста аз мавқеъи ҷойгиршавӣ ва мансаби корӣ нисбатан бомувафақият мебошанд. Қайд кардан лозим аст, ки донистани асосҳои маърифати молиявӣ ба баландбардории сифати зиндагӣ ва некуаҳволии аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад.

Мувофиқи таърифи ЮНЕСКО, шахс чунин ҳисобида мешавад: а) маърифатнок, агар "вай чизҳои хондаашро хонда ва фаҳмида тавонад, иншои кӯтоҳ ва соддаро дар бораи ҳаёти ҳаррӯзаи худ нависад"; б) функционалӣ маърифатнок бошад, агар "дар ҳама гуна фаъолияте, ки маърифатнокиро барои кори муваффақонаи гурӯҳ ё ҷомеаи худ талаб мекунад, ширкат варзад" [2,с.30-31]. Рушди иқтисодии ҷомеа боиси тағйирёбии мундариҷаи маъноии истилоҳи "маърифатнокӣ" - аз малакаҳои ибтидоӣ (хондан, навиштан, ҳисоб кардан) то доштани донишҳои барои ҷомеа зарурӣ (масалан, молиявӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва ғ.) гардид. Тавре ки В.Г. Онушкин ва Е.И. Огарев қайд мекунанд, "маърифатнокӣ як навъ ҳаста, ё як навъи консентратест, ки дар атрофи он ҳамаи унсурҳои таркибии сохтори шахсият гурӯҳбандӣ, муттаҳидӣ ва мутақобила фаъол мешаванд" [7,с.45]. Онҳо, инчунин, таърифи маърифатнокии умумиро пешниҳод мекунанд, ки хусусияти умумӣ дорад ва хусусиятҳои умумии ҳамаи намудҳои маърифатро инъикос мекунад, яъне маърифатнокӣ - натиҷаи омӯзишест, ки дар қобилияти амал кардани шахс мувофиқи мантиқи объективии ҳадаф ифода ёфтааст.

Маърифати молиявӣ дар шароити муосир ба яке аз намудҳои талабшудаи маърифат табдил ёфтааст. Ҳамин тавр, таҳлилгарони Созмони рушди иқтисодӣ ва ҳамкорӣ (OECD) дар саҳифаҳои нашрияҳои расмӣ чунин изҳори назар мекунанд: «Дар шароити имрӯза маърифати молиявӣ дар натиҷаи рушди бозорҳои молиявӣ ва тағйироти демографӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ малакаи ҳаётан муҳим гаштааст» [9,с.19].

Қисми зиёди таҳқиқотҳои маърифати молиявӣ таҳқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ мебошанд, ки бо фармоиши ташкилотҳои давлатӣ ё ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ бо мақсади таҳияи стратегияҳои миллии таҳсилоти молиявии баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ таҳия шудаанд. Ин таҳқиқотҳо хусусияти амалӣ доранд ва барои андозагирӣ кардани сатҳи маърифати молиявӣ равона карда шудаанд. Бояд қайд кард, ки ҳисоботҳо оид ба натиҷаҳои таҳқиқот дар бораи маърифати молиявӣ ё мафҳуми маърифати молиявиро дар бар намегиранд ё таърифҳо натиҷаи амалисозии

консепсия мебошанд ва дар навбати худ сохторҳои назариявии маърифати молиявӣ аз доираи таҳқиқот хориҷ карда мешаванд ва шояд онҳо тамоман ғоибанд.

Дар ҳуҷҷатҳои расмӣ таърифҳои маърифати молиявӣ мавҷуданд, ки дар асоси таҳқиқоти маърифати молиявӣ таҳия шудаанд, аммо онҳо табиати декларативӣ доранд, на ҳамеша ба чунин меъёрҳои илмӣ, ба монанди объективӣ, ифоданокӣ дар мафҳумҳо оқилона будан ва тафтишшавандагӣ ҷавобгӯанд.

Ба ақидаи И.Р. Иброҳимов “Барои баромадан аз ҳолати музофотии иқтисоди хурди кушодаи кишвар ба ҳолати ниммузофотии иқтисоди ҷаҳонӣ, зарурияти бартараф кардани сатҳи пасти маърифати молиявӣ хело муҳим ба ҳисоб меравад” [5,с.21].

Ба ақидаи У.С. Ҳикматов ва С. Сайфуллозода “Мақсади асосии саводнокии молиявӣ, пеш аз ҳама дар он аст, ки омӯзиши аҳолӣ ба истифодабарии дурусти воситаҳои молиявӣ, маҳсулоти молиявӣ ва ё хизматрасонии мувофиқро дуруст интихоб карда тавонистан ва, аз ҳама муҳим, ёд додани ҷавобгарӣ барои қарорҳои молиявии худ ба роҳ монда шавад” [10].

Дар асарҳои олимони рус мафҳумҳои гуногуни истилоҳи "маърифати молиявӣ" оварда шудааст, ки аз ҷиҳати илмӣ фарқ намекунанд, балки танҳо дониши ҳамарӯзаро дар бораи падидаи таҳқиқшаванда инъикос мекунанд. Дар баробари ин, дар ин соҳа мушкили ҷиддии таъйини озоди донишҳои илмӣ ва ғайрилмӣ вуҷуд дорад. А.В. Доржеев ва Н.В. Горшкова таъкид мекунанд, ки унсурҳои ғайриилмии молия, ки дар воситаҳои ахбори омма мавҷуданд, оқибатҳои манфии иҷтимоӣ-иқтисодӣ доранд. Онҳо на танҳо ба баланд бардоштани самаранокии маърифати молиявӣ халал мерасонанд, балки ба тамоми ҷомеа таъсир расонида, ба паст намудани сатҳи зеҳнии омма ва дар ниҳоят ба таназзули ҷамъият оварда мерасонад [4,с.176-182].

Тафсирҳои назариявии саводнокии молиявӣ дар асарҳои олимони хориҷӣ ба таври васеъ пешниҳод карда шудаанд. Дар ҷадвали 1 шарҳи тафсирҳои падидаи омӯхташудаи маърифати молиявӣ, ки олимони хориҷӣ таҳия кардаанд, оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Таърифи истилоҳи "маърифати молиявии аҳолӣ": таҳлили таҷрибаи хориҷӣ
Table 1. Definition of the term "financial literacy": analysis of foreign experience

Манбаъ	Тарҷумаи таърифи аслӣ
M.A.Hilgert, (2003)	Дониши молиявӣ [14,с.309-322].
D.Moore (2003)	Одамон аз ҷиҳати молиявӣ маърифатнок ҳисобида мешаванд, агар онҳо қобилиятнок бошанд ва дар амал татбиқ намудани дониши бадастовардаро нишон диҳанд. Маърифати молиявиро мустақиман андозагирӣ кардан ғайриимкон аст, бинобар ин бояд нишондиҳандаҳои мувофиқ истифода шаванд [19,с.29].
W. L. Anthes (2004).	Маърифати молиявии шахсӣ ин қобилияти хондан, таҳлил, идора ва муносибат бо шароити молиявии шахсӣ мебошад, ки ба некуаҳволии моддӣ таъсир мерасонанд [12,с.130-142].
L.Mandell (2007)	Маърифати молиявӣ ин қобилияти баҳодиҳии воситаҳои нави мураккаби молиявӣ ва қабули қарорҳои оқилона ҳам дар интихоби воситаҳо ва ҳам дар сатҳи истифодаи онҳо мебошад, ки татбиқи беҳтарин фоидаи дарозмуддатро таъмин менамояд [18,с.163-164].
A.Lusardi, P.Tufano (2008)	Таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба маърифати қарзӣ бахшида шавад, ки як ҷузъи саводнокии молиявӣ мебошад ва ба тариқи зайл муайян карда мешавад : «қобилияти қабули қарорҳои одӣ дар бораи шартномаҳои қарзӣ, алахусус чӣ гуна истифода шудани дониш дар бораи фоизҳои мураккаб дар заминаи қарорҳои рӯзмарраи молиявӣ» мебошад [16].
A.Lusardi (2008)	Омӯзиши консепсияҳои асосии молиявӣ, ба монанди кор бо фоизҳои мураккаб, фарқи байни арзишҳои номиналӣ ва воқеӣ, инчунин асосҳои диверсификатсияи хавфҳо [15].
D.Remund (2010)	Саводи молиявӣ ин нишондиҳандаи дараҷаи фаҳмиши шахс дар бораи мафҳумҳо ва равандҳои асосии молиявӣ, қобилият ва эътимоди идоракунии молияи шахсӣ тавассути қарорҳои мувофиқи кӯтоҳмуддат ва банақшагирии боэътимоди дарозмуддати молиявӣ бо назардошти воқеияти ҳаёт ва шароити иқтисодӣ мебошад [20,с.276-295].
A.Atkinson, F.A.Messy (2012)	Маърифати молиявӣ ҳамчун “...маҷмӯи огоҳии молиявӣ, дониш, малака, муносибат ва рафтори барои қабули қарорҳои оқилонаи молиявӣ зарурӣ ва дар ниҳоят, қобилияти ба даст овардани некуаҳволии молиявии инфиродӣ” муайян карда мешавад [13].

A.Lusardi. O.S.Mitchell (2014)	Аксари консепсияҳои асосии иқтисодӣ қарорҳои оқилонаи пасандоз ва сармоягузориро талаб мекунанд [17,с.7].
И.Р. Иброхимов	Барои баромадан аз ҳолати музофотии иқтисоди хурди кушодаи кишвар ба ҳолати ниммузофотии иқтисоди ҷаҳонӣ, зарурияти бартараф кардани сатҳи пасти маърифаи молиявӣ хело муҳим ба ҳисоб меравад
У.С. Хикматов, С. Сайфуллозода	Мақсади асосии саводнокии молиявӣ, пеш аз ҳама дар он аст, ки омӯзиши аҳолӣ ба истифодабарии дурусти асбобҳои молиявӣ, тавонистани дуруст интихоб кардани маҳсулоти молиявӣ ва ё хизматрасонии мувофиқ ва, аз ҳама муҳим, ёд додани ҷавобгарӣ барои қарорҳои молиявии худ ба роҳ монда шавад

Сарчашма: муаллиф таҳия кардааст.

Дар асоси маълумоти дар ҷадвали 1 овардашуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тафсирҳои зерини "маърифати молиявӣ" дар адабиёти илмии хориҷӣ мавҷуданд:

1) шакли муайяни дониш;
2) қобилият ё малакаи истифодаи ин дониш;
3) дониши бадастомада;
4) рафтори дурусти молиявӣ;
5) таҷрибаи молиявӣ.

Дар асоси омӯзиши маводҳои ба даст овардашуда, мо гуфта метавонем, ки маърифати молиявӣ ҳамчун қобилияти муайяни инсон барои расидан ба некуаҳволии молиявӣ ва иштирок дар ҳаёти иқтисодӣ дар асоси мавҷудияти як ё якчанд (дар шаклҳои гуногун) унсур фаҳмида мешавад: дониши молиявӣ, малакаҳои молиявӣ, муносибати молиявӣ.

Таърифҳои дар таҳқиқоти хориҷӣ мавҷудбударо таҳлил намуда, бояд тавсеаи фаҳмиши маърифати молиявиро қайд кард, ки дар истилоҳот инъикос ёфтааст: дар аввал истилоҳи "financial literacy - маърифати молиявӣ" истифода мешуд, яъне маърифат молиявӣ маҳз ҳамчун мавҷудияти дониш, малака, баъдтар истилоҳи "financial capability - қобилияти молиявӣ" ба гардиши васеи илмӣ ворид шуд, яъне салоҳияти молиявӣ, ки ҳамчун қобилият (малака) дар татбиқи дониш дар амал шарҳ дода мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки муҳаққиқон мафҳуми "маърифати молиявӣ"-ро ба яке аз ҷанбаҳои "қобилияти молиявӣ" нисбат медиҳанд.

Дар илми ватанӣ мубоҳисаи илмӣ вуҷуд надорад, ки кадоме аз истилоҳот “маърифати молиявӣ” ё “салоҳияти молиявӣ” дуруст аст, зеро вобаста аз сатҳи муносибат ва мавриди истифодашавӣ онҳо мафҳумҳои ба ҳам монандро пешниҳод менамоянд.

Истилоҳи "салоҳияти молиявӣ" дар муомилоти илмии таҳқиқоти Русия аз ҷониби О.Е. Кузина [6,с.64-68] дар доираи пешниҳоди натиҷаҳои таҳқиқоти муқоисавии байналмилалӣ ворид карда шуд.

Рушди маърифати молиявии аҳолӣ дар илми ватанӣ аз миёнаи солҳои 2000-ум ба амал бароварда мешавад. Бо нашри “Консепсияи Барномаи давлатии баландбардории сатҳи маърифати молиявӣ” ба чорабиниҳои амалии коркард ва татбиқи барномаи ягонаи давлатии баландбардории маърифати молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз бахшида шуда буд. Қисми зиёди таҳқиқоти олимони ватанӣ оид ба маърифати молиявӣ махсусан дар барномаи зикршуда бахшида шудаанд.

Дар консепсияи номбурда чунин ҳадафҳо, ба монанди тақвияти неруи инсонӣ, баландбардории сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ва бехатарии молиявии шаҳрвандон, баландбардории талаботи сармоягузории дарозмуҳлат ва мустаҳкамгардонии устувории низоми молиявӣ гузошта шудаанд. Ҳадафҳои номбаршуда тавассути қабули қарорҳои молиявӣ-иқтисодӣ баҳри баландбардории назарраси сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ, оммависозии намунаҳои самараноки қабули қарорҳои иқтисодӣ миёни аҳолии ҷумҳурӣ ба даст оварда мешаванд.

Татбиқи ин ҳадафҳо бидуни гузаронидани таҳқиқоте, ки ба омӯзиши хусусиятҳои дохилии раванди ташаккули маърифати молиявӣ равона карда шудааст, ғайриимкон аст. Бояд дарк кард, ки маърифати молиявии аҳолӣ дар вазъияти мушаххаси таърихӣ ташаккул меёбад ва омӯзиши он ҷудоаз вазъи кунунии иқтисодии кишвар нодуруст аст.

Чунин таҳқиқот барои таҳияи дастурамалҳои таълимӣ ва стратегияҳои молиявӣ заминаи назариявӣ фароҳам меоранд, ки ба аҳолӣ дар қабули қарорҳои самарабахши молиявӣ кумак мерасонанд ва ба идоракунии оқилонаи захираҳои молиявии онҳо

мусоидат менамоянд.

Метавон гуфт, ки маърифати молиявӣ дар раванди азхудкунии қоидаҳои одии рафтори ҷомеа, ба даст овардани малакаҳои муошират, яъне дар раванди иҷтимоӣ ба даст оварда мешавад.

Дар осори муҳаққиқони рус мафҳуми «сотсиализатсияи иқтисодӣ» васеъ истифода мешавад, ки аз истилоҳи «сотсиализатсияи молиявӣ»-и истифодаи олимони Ғарб фарқи калон надорад. Масалан, Шарон М.Дейнс сотсиализатсияи молиявиро ба таври зайл муайян мекунад - «раванди ба даст овардан ва ташаккул додани арзишҳо, муносибатҳо, стандартҳо, меъёрҳо, дониш ва рафтори пардохтпазирии молиявӣ, ки ба некуаҳволии шахс мусоидат мекунад» [21,с.128]. Иҷтимоигардонии молиявӣ ҷузъи зарурӣ ва муҳимми иҷтимоигардонии иқтисодӣ мебошад. Барои таҳияи барномаҳои муассири баланд бардоштани маърифати молиявӣ, таҳқиқотҳо оид ба омӯзиши хусусиятҳои равандҳои иҷтимоигардонии молиявии аҳолии ҷумҳурӣ зарур аст.

Ҳангоми истифодаи равиши фарҳангшиносӣ (ба маънои васеъи иҷтимоиву фарҳангӣ) маърифати молиявӣ ҳамчун унсури фарҳанги молиявӣ ва иқтисодӣ ҳисобида мешавад, ки маҷмӯи унсурҳои фарҳангиро (дониш, тафриба, малака, меъёр, арзишҳо, анъанаҳо) дар заминаи унсурҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва бо назардошти вазъи фарҳанги маҳаллӣ пешкаш менамояд. Хусусияти бисёрҷанбаи муносибати иҷтимоиву фарҳангӣ барои омӯзиши аҳамияти иқтисодӣ маърифати молиявӣ имкониятҳои калон фароҳам меорад. Фарҳанги молиявӣ арзишҳо, донишҳо ва меъёрҳои дар марҳилаи муайяни рушди ҷомеа офарида, ҳифзшуда ва ҷамъкардаро инъикос карда, яке аз пояҳои маърифати молиявӣ мебошад. Ба гуфтаи коршиноси маъруфи соҳаи сотсиологияи иқтисодӣ М.Грановеттер, дар решаи рафтори иқтисодии одамонро дар сохтори иҷтимоӣ ҷустан лозим аст [3,с.44-58]. Дар фаҳмиши мо, амалиёти молиявӣ яке аз имконоти амали иқтисодӣ мебошад.

Ба низом даровардани таърифҳои консепсияи омӯхташуда боиси рӯшан кардани субъекти маърифати молиявӣ гардид.

Таҳқиқотҳое, ки ба андозагирии сатҳи маърифати молиявӣ бахшида шудаанд (асосан назарсанҷӣ ва гурӯҳҳои фокусӣ), барандаи маърифати молиявӣ шахс ё фард мебошад. Маърифати молиявӣ дар сатҳи муҳити шахсӣ баррасӣ карда мешавад (дониши шахс дар соҳаи молия, тафрибаи шахсии ҳамкорӣ бо соҳаи молиявӣ, арзишҳои шахсӣ, муносибат, стереотипҳо). Аммо, дар баробари ин, маърифати молиявӣ сифати иқтисодӣ аст, яъне ташаккули он ҳангоми ба ҳаёти иқтисодӣ ворид шудани инсон рух медиҳад. Ба сатҳи ташаккули он, аз як тараф, муваффақияти азхудкунии низоми муайяни арзишҳо таъсир мерасонад, аз тарафи дигар, раванди ба даст овардани тафрибаи шахсии ҳамкорӣ бо муҳити атроф таъсир мерасонад. Ҳангоми баҳодиҳии сатҳи маърифати молиявӣ бештар ба дониш, муносибат, тафриба, малакаи молиявӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, аммо ҳангоми омӯзиши равандҳои ташаккули он, мазмун бояд васеътар бошад.

Барои ба даст овардани дониши объективӣ дар бораи маърифати молиявии аҳолӣ, аз субъект-шахсият (аз микросатҳ), ки дар муҳити мушаххаси иҷтимоию фарҳангӣ амал мекунад, ба субъект-ҷомеа (ба сатҳи мезо ва макро) бояд гузашт. Ҳамин тавр, дар таҳқиқоти байналмилалӣ ва миллӣ хулосаҳо оид ба сатҳи саводнокии молиявии аҳолии кишвар [9,с.391], камтар аз минтақа дода мешаванд [11]. Муносибати ҳар як шахсро бо ҷомеа метавон дар сатҳҳои мухталиф, ҳадди ақал дар ду ҷанба баррасӣ кард:

- муҳити иқтисодии дорои умумиятҳои наздиктарин - сатҳи мезо. Дар ин ҳолат, ҷомеаҳои наздиктарин ҳамчун гурӯҳҳои иҷтимоию иқтисодии дорои табиат ва сатҳҳои гуногун, ки ташаккули саводнокии молиявӣ дар онҳо сурат мегирад, фаҳмида мешаванд. (оила, гурӯҳи истинод, гурӯҳи иҷтимоӣ, табақаи иҷтимоӣ).

- ҷаҳонишавии иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳанг (сатҳи макро), ки ба муҳити иҷтимоию иқтисодии фарҳангии ҷомеаҳои наздиктарин таъсири бештар мерасонад, аксар вақт самти тағйироти динамикии онҳоро муқаррар менамояд. Ба андешаи мо, омӯзиши маърифати молиявӣ ҳамчун малакаи зарурии ҳаёт маҳз тавассути равандҳое муайян карда мешавад, ки ҳам дар сатҳи мезо ва ҳам дар сатҳи макро ба амал меоянд.

Дар шароити муосир, ҳамкории инсон бо бахши молия метавонад ҳамчун ихтилофи байни арзишҳои фарҳангии ҳукмрон, анъанаҳо, намунаҳои рафтор ва муҳити нави молиявию фарҳангии азхудшаванда муайян карда шавад. Дар ин ҳолат, рафтори самараноки молиявӣ танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки агар субъект (шахс)

маърифати молиявӣ дошта бошад. Ташаккул ва рушди маърифати молиявӣ аз ҷониби мо ҳамчун ташаккули услуби муайяни муносибати байни шахс ва бахши молиявӣ ё ҳамчун усули хоси амал, маҷмӯи стратегияҳои рафтор, ки ҳамкории самарабахши инсон ва ҷомеаро оид ба масъалаҳои молиявӣ таъмин мекунанд, тафсир карда мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили тафсирҳои мафҳуми «маърифати молиявӣ», ки дар асарҳои олимони ватанию хориҷӣ пешниҳод шудаанд, ба мо имконият медиҳанд, ки хулосаҳои зайл барорем:

1) маърифати молиявӣ падидаи бисёртаркиба ва гуногунҷабҳа мебошад, ки барои ошкор кардани моҳияти он методологияи ҳамгироишуда лозим аст;

2) омӯзиши байнисоҳавии амалияи мавҷудаи маърифати молиявӣ зарурати аниқ кардани мундариҷаи иқтисодии онро дар доираи усули методологие муайян мекунад, ки аҳамияти илмии нисбатан бештар дорад;

3) ҳангоми омӯзиши маърифати молиявӣ, шахс, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё аҳолӣ метавонанд ҳамчун субъект интихоб карда шаванд. Барои ба даст овардани тасвири объективии вазъи маърифати молиявӣ, гурӯҳҳои иҷтимоиро муайян кардан лозим аст, ки дониш, малака ва муносибати алоқаманди молиявиро нишон диҳанд. Тафсири дониш, малака ва муносибати маъмулии молиявӣ имкон медиҳад, ки на танҳо дар бораи маърифати молиявӣ хулоса бароварда шавад, балки механизмҳои ташаккули он низ омӯхта шаванд. Бе ин донишҳо, самаранокии барномаҳои баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолиро, ки аз тарафи давлат татбиқ карада мешаванд, таъмин кардан ғайриимкон аст.

Муқарриз: н.и.и., муаллими калон Ғаюров Ғ.Ҳ.

АДАБИЁТ

1. Булетова Н.Е. Эколого-экономическое развитие регионов России через призму экологической грамотности населения / Н.Е. Булетова // Актуальные проблемы экономики и права. 2014. -№4(32). -С.133-140. Гендина Н.И. Информационная грамотность и информационная культура личности: международный и российский подходы к решению проблемы // Открытое образование. - 2007. -№ 5. -С. 58-69.
2. Гендина Н.И. Формирование информационной культуры личности: теоретическое обоснование и моделирование содержания учебной дисциплины / Н.И. Гендина, Н.И. Колкова, Г.А. Стародубова, Ю.В. Уленко. -М., 2006. -С. 30-31.
3. Грановеттер М. Экономическое действие и социальная структура: проблема укорененности / М. Грановеттер // Экономическая социология. 2002. Том. 3, № 3. С. 44-58.
4. Дорждеев А.В. Лженаука и финансовая грамотность населения / А.В. Дорждеев, Н.В. Горшкова // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 7: Философия. Социология и социальные технологии. - 2015. -№ 3 (29). -С. 176-182.
5. Иброхимов И.Р. Теоретические вопросы государственного регулирования рынков малой открытой периферийной экономики (на примере Республики Таджикистан): автореферат дисс. на соис. уч. степени док. эк. наук по спец. 08.00.01 и 08.00.14 / И.Р. Иброхимов. – Душанбе, 2019. -С. 21.
6. Кузина О.Е. Финансовая грамотность и финансовая компетентность... С.129-148.; Кузина О.Е. Финансовая компетентность россиян... С.64-68.
7. Онушкин В.Г. Проблема грамотности в контексте социальных перемен / В.Г. Онушкин, Е.И. Огарев. -ЧиО, 2006. -№8-9. -С.45.
8. Повышение финансовой грамотности и экономического разнообразия в Таджикистане. [Электронный ресурс]. URL: https://www.ifc.org/wps/wcm/connect/news_ext_content/ifc_external_corporate_site/news+and+events/news/boosting+financial+literacy+in+tajikistan.
9. Совершенствование национальных стратегий финансового образования: совместная публикация председательства Российской Федерации в «Группе двадцати» и ОЭСР. -OECD, 2013. - 391 с.
10. Хикматов У.С. О необходимости пересмотра подходов в решении проблем повышения финансовой грамотности населения / У.С. Хикматов, С. Сайфуллозода // Вестник РТСУ. [Электронный ресурс]. http://www.rtsu.tj/ru/scientific-work/vestnik-rtsu/index.php?element=13518&clear_cache=Y.
11. [Электронный ресурс]. URL: http://www.opec.ru/data/2014/10/28/1233966216/Br-OK-%2023_10_2014.pdf (дата обращения: 01.09.2015).
12. Anthes W.L. Frozen in the headlights: The dynamics of women and money // Journal of Financial Planning. - 2004. - №13 (9). -P. 130-142.
13. Atkinson A., Messy F.A. Measuring Financial Literacy: Results of the OECD INFE Pilot Study': OECD Working Papers on Finance, Insurance and Private Pensions. - OECD Publishing, 2012.
14. Hilgert M.A., Hogarth J.M., Beverly S.G. Household financial management: The connection between knowledge and behavior // Federal Reserve Bulletin. - 2003. July. -P.309-322.
15. Lusardi A. (2008). - P.2.
16. Lusardi A., Tufano P. (2009). - P.1.

17. Lusardi A., Mitchell O.S. The Economic Importance of Financial Literacy: Theory and Evidenceand // Journal of Economic Literature. - 2014. -№52(1). -P. 7.
18. Mandell L. Financial literacy of high school students // Handbook of Consumer Finance Research. -New York, 2007. - P. 163-164.
19. Moore D. Survey of Financial Literacy in Washington State: Knowledge, Behavior, Attitudes, and Experiences: Technical Report. - 2003. -P.29.
20. Remund D. (2010). -P. 276-295.
21. Sharon M. Danes Parental Perceptions of Children's Financial Socialization// Financial Counseling and Planning. – 1994. -Volume 5. -C.128.

ТАҲАВВУЛОТИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

Дар мақола масъалаҳои таҳавуллоти назариявии маърифати молиявӣ баррасӣ карда шуд. Ба андешаи мо, омӯзиши маърифати молиявӣ ҳамчун малакаи зарурии ҳаёт маҳз тавассути равандҳое, ки ҳам дар сатҳи мезо ва ҳам дар сатҳи макро ба амал меоянд, муайян карда мешавад.

Дар шароити муосир, ҳамкории инсон бо бахши молия метавонад ҳамчун ихтилоф байни арзишҳои фарҳангии ҳукмрон, анъанаҳо, намунаҳои рафтор, ва муҳити нави молиявию фарҳангии азхудшаванда муайян карда шавад. Дар ин ҳолат, рафтори самараноки молиявӣ танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки агар субъект (шахс) маърифати молиявӣ дошта бошад. Ташаккул ва рушди маърифати молиявӣ аз ҷониби мо ҳамчун ташаккули услуби муайяни муносибати байни шахс ва бахши молиявӣ ё ҳамчун усули хосси амал, маҷмӯи стратегияҳои рафтор, ки ҳамкории самарабахши инсон ва ҷомеаро оид ба масъалаҳои молиявӣ таъмин мекунанд, тафсир карда мешавад.

Зимни тадқиқи таҳлили тафсирҳои мафҳуми «маърифати молиявӣ” ошкор карда шуд. Муаллифон қайд менамоянд, ки маърифати молиявӣ падидаи бисёртаркиба ва гуногунҷабҳа мебошад, ки барои ошкор кардани моҳияти он методологияи ҳамгирошуда лозим аст.

Омӯзиши байнисоҳавии амалияи мавҷудаи саводнокии молиявӣ зарурати аниқ кардани мундариҷаи иқтисодии онро дар доираи усули методологие муайян мекунад, ки аҳамияти илмии нисбатан бештар дорад.

Инчунин, қайд шудааст, ки ҳангоми омӯзиши маърифати молиявӣ, шахс, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё аҳолӣ метавонанд ҳамчун субъект интихоб карда шаванд. Барои ба даст овардани тасвири объективии вазъи маърифати молиявӣ, гурӯҳҳои иҷтимоиро муайян кардан лозим аст, ки дониш, малака ва муносибати алоқаманди молиявиро нишон диҳанд.

Калидвожаҳо: маърифати молиявӣ, бахши молиявӣ, стратегия, дониш, малака, механизмҳои ташаккул, гуруҳҳои иҷтимои, аҳолӣ, саводнокии молиявӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКАЯ ЭВОЛЮЦИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ФИНАНСОВОЙ ГРАМОТНОСТИ

В статье рассматривается теоретическая эволюция финансовой грамотности. На наш взгляд, изучение финансовой грамотности как необходимого жизненного навыка определяется процессами, происходящими как на мезоуровне, так и на макроуровне.

В современных условиях взаимодействие человека с финансовым сектором можно определить как конфликт (воспринимаемый человеком как значительный или незначительный, ощутимый или непонятный) между преобладающими культурными ценностями, традициями, образцами поведения и новой финансовой и культурной средой, которая будет освоена. В этом случае эффективное финансовое поведение возможно только при наличии у субъекта (человека) финансовой грамотности. Формирование и развитие финансовой грамотности трактуется нами как формирование определенного стиля взаимоотношений между индивидом и финансовым сектором или как особый метод действий, набор поведенческих стратегий, обеспечивающих эффективное взаимодействие человека и общества по финансовым вопросам.

Анализ трактовки понятия «финансовая грамотность» выявил, что финансовая грамотность - многогранное и многоуровенное явление, суть которого требует комплексной методологии.

Авторы отмечает, что междисциплинарное исследование существующей практики финансовой грамотности выявляет необходимость уточнения ее экономического содержания в рамках методологических методов, имеющих большое научное значение.

При изучении финансовой грамотности в качестве предмета может быть выбран отдельный человек, социальная группа или население. Для получения объективной картины состояния финансовой грамотности необходимо выявить социальные группы, демонстрирующие знания, навыки и отношение к финансовой грамотности.

Ключевые слова: финансовое образование, финансовый сектор, стратегия, знания, навыки, механизмы формирования, социальные группы, население, финансовая грамотность.

THEORETICAL LITERACY IN THE FORMATION OF FINANCIAL EDUCATION

The article examines the theoretical evolution of financial literacy. In our opinion, the study of financial literacy as a necessary life skill is determined by the processes occurring both at the meso-level and at the macro-level.

In modern conditions, human interaction with the financial sector can be defined as a conflict (perceived by a person as significant or insignificant, tangible or incomprehensible) between the prevailing cultural values, traditions, patterns of behavior and the new financial and cultural environment that will be mastered. In this case, effective financial behavior is possible only if the subject (person) has financial literacy. The formation and development of financial literacy is interpreted by us as the formation of a certain style of relationship between the individual and the financial sector, or as a special method of action, a set of behavioral strategies that ensure effective interaction between a person and society on

financial issues.

Analysis of the interpretation of the concept of "financial literacy" revealed that financial literacy is a multifaceted and multi-level phenomenon, the essence of which requires an integrated methodology.

The authors note that an interdisciplinary study of the existing practice of financial literacy reveals the need to clarify its economic content within the framework of methodological methods that are of great scientific importance.

When studying financial literacy, an individual, social group, or population can be selected as a subject. To obtain an objective picture of the state of financial literacy, it is necessary to identify social groups that demonstrate knowledge, skills and attitudes towards financial literacy.

Keywords: Financial literacy, financial sector, strategy, knowledge, skills, mechanisms of formation, social groups, population, financial education.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Ибодов Аваз Ҳасанович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисод. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-77-54-05.** E-mail: **Ibodovavaz@gmail.com**

Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ **-** Академики АБН ФР, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми иқтисод, профессор, мудири кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 918-81-42-40.** E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Ибодов Аваз Хасанович*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры информационных систем в экономике. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-77-54-05.** E-mail: **Ibodovavaz@gmail.com**

Иброхимзода Илхомуддин Раджабали - Академик МАТ РФ, Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой финансов и страхования. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-81-42-40**. E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**

Information about the authors: ***Ibodov Avaz Khasanovich*** - Tajik National University, post-graduate student of the Department of Information Systems in Economics. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Telephone: **(+992) 918-77-54-05.** E-mail: **Ibodovavaz@gmail.com**

Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali - Academician of the RF MAT RF, Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Head of the Department of Finance and Insurance. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Telephone: **(+992) 918-81-42-40**. E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**

УДК: 338.46:37(575.3)

АРЗЁБИИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Амаков И.Б., Ализода Ҳ.С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Рушди ҷомеаи инсонӣ бо рушди маориф робитаи ногусастанӣ дорад. Маориф неруи асосии тағйирдиҳандаи тамоми соҳаҳои ҳаёт буда, ба рушд ва тамоюлоти мусбати онҳо таъсири ҳалкунанда расонида, насли наврасро ба ҳалли масъалаҳои замони муосир омода месозад. Дар маҷмӯъ, маориф ҳамчун василаи бунёдии рушди мамлакат, ноилшавӣ ба сифати нави зиндагӣ хизмат мекунад. Нақш ва аҳамияти соҳаи маориф дар ҳар як марҳилаи таърихӣ фарқкунанда буда, ҳар гуна ислоҳот ва дигаргунӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ бамиёномада, маҳз аз ҳамин соҳа ибтидо мегирад.

Истифодаи технологияи рақамӣ ва донишҳои зеҳнӣ дар иқтисодиёт соҳаи маорифро вазифадор намудааст, ки дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисосу ҷавобгӯ ба талаботҳои (стандартҳои) ҷаҳонӣ бо мақсади истифодаи онҳо дар бозори меҳнати ватанию хориҷӣ саҳмгузор бошад. Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шуда истодааст. Ин моро водор менамояд, ки барои ноил шудан ба дастовардҳои назаррас аз усулҳои идоракунии назариявию амалии хориҷиён истифода намуда, онро дар фаъолияти стратегии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намоем. Мушкилоти асосӣ ин истифода накардани усулҳои идоракунӣ дар низоми таҳсилот мебошад ва айни замон муассисаҳои таҳсилотии олии касбии мамлакат ба ин ниёз доранд. Мақсад аз истифода кардани усулҳои идоракунӣ дар низоми таҳсилот ин ба талаботи стандартҳои байналмилалии таълим мувофиқат кардану сайқал додани он мебошад [1,с.71].

Дар замони муосир аниқ исбот шудааст, ки маҳз сармояи инсонӣ воситаи муҳимми рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва устувории дарозмуддати давлатҳоро ташкил медиҳад. Аз

ин ҷост, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ин нукта чунин қайд шудааст: «Дар давраи дарозмуҳлат таъмини рушди босуботи мамлакат бидуни истифодаи навовариҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ имконнопазир аст. Ба сифати омили асосии чунин амсилаи инкишоф метавонад, танҳо сармояи инсонӣ ва ҷузъҳои асосии низомташкилкунандаи он – маориф ва илм ҳамчун шартҳои муҳимтарини баланд бардоштани амнияти миллӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ бошанд» [12,с.8]. Дар ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда нақши калидӣ, пеш аз ҳама, ба соҳаи таҳсилоти касбӣ ҳамчун бахши муҳимми иқтисодиёти миллӣ, ки он мустақиман ба ташаккулу рушди сармояи инсонӣ сару кор дорад, тааллуқ дорад.

Бояд зикр намуд, ки ҳолати кунунии иқтисоди ҷаҳонӣ ва динамикаи рушди илмию техникӣ аз захираҳои меҳнатӣ сатҳи муносиби дониш, маҳорат ва малакаҳоро талаб мекунад. Дигаргуниҳои ҷаҳоние, ки дар иқтисодиёт сурат гирифта истодаанд, бояд бо омодагии касбии кадрҳо таъмин ва тақвият дода шаванд. Аҳамияти афзалиятнокро зудҳаракатии донишҳо, имконияти навсозии доимии онҳо касб мекунанд. Дар шароити дигаргуниҳои амиқи илмӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва технологӣ маориф ба омили иҷтимоию иқтисодӣ мубаддал мегардад, ки хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории пешрафти иҷтимоии инсониятро муайян мекунад. Вобаста ба ин масоил Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 22-юми декабри соли 2017 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сармояи инсонӣ чунин қайд намудаанд: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд» [11].

Баланд бардоштани сатҳ ва сифати таҳсилот, омодагии касбии аҳолӣ шарти асосии танзими сохтории иқтисодиёт ва таъмини рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Назарияи иқтисодӣ ва амалияи байналмилалӣ аз мавҷудияти робитаи мустақим байни сармоягузориҳо ба омодасозии кадрҳо ва афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ гувоҳӣ медиҳад. Мувофиқи Консепсияи рушди устувор, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид (СММ) соли 1985 қабул шудааст, маориф, илм ва фарҳанг ҷузъи муҳимтарини сармояи миллии кишвар мебошанд ва маҳз ин се ҷузъ ҳамчун қувваи пешбарандаи рушди иқтисодӣ баррасӣ мешаванд.

Дар асарҳои олимони амрикоӣ Ҷ. Грейсон ва К.О. Делл вобастагии рушди босуръати иқтисодии ҷаҳон аз равандҳои таҳсилот асоснок карда шудааст. Маориф «сармояи инсонӣ»-ро ба вуҷуд меорад, ки якҷоя бо «сармояи ҷисмонӣ» афзоиши маҳсулнокӣ ва сифатро таъмин мекунад. Ин ҳамеша дуруст буд, аммо барои иқтисодиёти ҷаҳонии аз ҷиҳати техникӣ мураккаб дучанд дуруст аст [3,с.55-77]. Маҳз дар робита бо тақвият ёфтани вазифаи маориф мафҳуми “сармояи инсонӣ” серистеъмол гардида, консепсияи муосири донишҳои иқтисодӣ интишори васеъ касб намуд.

Асосгузорони назарияи сармояи инсонӣ, иқтисодчиёни муосири амрикоӣ, барандагони ҷоизаи Нобел дар соҳаи иқтисод Г. Беккер ва Т.Шултс мебошанд [2,с.130]. Онҳо бар он ақидаанд, ки сармояи инсонӣ аз ҳисоби сармоягузориҳо ба инсон бо роҳи харочот барои таҳсилот ва омодасозии қувваи корӣ ба истеҳсол, харочот барои ҳифзи саломатӣ, ҷустуҷӯи иттилоот оид ба нархи хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва даромадҳо ташаккул меёбад» [6,с.45].

Хизмати бешубҳаи назариячиёни сармояи инсонӣ аз эътирофи нақши аввалиндараҷаи инсон дар рушди истеҳсолоти ҷамъиятӣ иборат аст. Паҳншавии васеъи ин назария дар Ғарб ва пайдоиши шумораи зиёди ҷонибдорони он аз он иборат аст, ки ҷузъи асосии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ - омили инсонӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Ин бо нақши афзояндаи маориф, ки ба манбаи асосии ташаккулёбии қувваи кории хеле рушдёфта табдил ёфтааст, алоқаманд аст.

Воқеан, муносибати иқтисодӣ ба инсон, ки дар доираи консепсияи сармояи инсонӣ инкишоф дода мешавад, дар амалияии хоҷагидории бозаргонии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон истифода мешавад. Аксари иқтисодчиён имрӯз сармоягузориҳоро ба соҳаи маориф ҳамчун намуди муҳимми сармоягузориҳо ва яке аз манбаъҳои асосии зиёд кардани боигарии миллӣ баррасӣ менамоянд [8,с.39-51].

Истеҳсолоти муосир, ки сатҳи баланди таҳсилот, дониш ва фарҳанги кормандонро талаб мекунад, ба мо имкон медиҳад, ки мавҷудияти тамоюли «зеҳнисозии иқтисод» ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоиро шарҳ диҳем. Ин раванд бо ду роҳ зоҳир мешавад: аз як тараф, нақши соҳаи иҷтимоӣ, ба монанди маориф ва илм меафзояд; аз ҷониби дигар, аҳамияти фаъолияти зеҳнӣ дар дохили дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ меафзояд. Ҳар дуи ин тамоюлҳо ба ташаккул ва такмили неруи таҳсилоти касбӣ, илмӣ ва маънавии ҷомеа мусоидат намуда, ҳоло ба омилҳои муҳимтарини рушди иҷтимоию иқтисодӣ мубаддал гардидаанд. Навсозии муназзами технологияҳо ва техника на танҳо дониш ва малакаҳои илмии мувофиқ, балки, инчунин, омодагии психологӣ барои қабули қарорҳо, амалҳо дар шароити ғайристандартӣ, муносибати эҷодкоронаву фаъолона ба кор ва қобилияти ба уҳда гирифтани масъулиятро зимни қабули қарорҳо талаб мекунад.

Фанни нави илмӣ – иқтисоди маориф самараи баланди сармоягузориҳоро ба таҳсилоти касбӣ ҳам барои ҷомеа, ҳам барои корманди алоҳида собит сохт. Сиёсати сохтори иқтисодии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ба ташаккули иқтисодиёти сифатан нави ба дониш асосёфта табдил меёбад.

Миллате, ки дар он ҳама хондан ва навиштан метавонанд, дар дурнамои дарозмуддат аз ҷиҳати техникӣ аз миллате, ки дар он аксарияти аҳолӣ бесавод аст, гарчанде шахсиятҳои алоҳида нобиға ҳастанд, пеш меравад.

Дар кишварҳои пешрафтаи дорои сатҳи баланди даромад боздеҳии иҷтимоии таҳсилоти миёнаи касбӣ тақрибан 10%, олии касбӣ – 8%-ро ташкил медиҳад. Арзишҳои дахлдор барои кишварҳои тараққиёбанда дар сатҳи 25% ва 15% мебошад. Ҷолиб он аст, ки як қатор сохторҳои ҳукуматии кишварҳои Ғарб ҳангоми арзёбии лоиҳаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нархҳои равшан ё ҳисобии меъёри боздеҳии аз 8% пастро истифода мебаранд [5,с.83-92].

Айни замон соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ҷаҳонишавии таҳсилот шомил шуда, ба ниҳоди калонмиқёс табдил ёфта истодааст, ки тавассути он таҳаввулоти бозоргонии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа сурат мегирад. Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ дигаргуниҳои сохтории сифатан нав сурат гирифтанд, ки ногузир дар стратегияи низоми миллии маориф инъикос ёфтанд. Ҳамзамон бо таҳаввулоти иқтисодиёти кишвар принсипҳои асосии ислоҳоти маориф ба сатҳи демократикунонӣ, бисёрвариантӣ, омода будан ба инноватсияҳо, инсондӯстии мазмуни он, таҳсилоти бефосила, хусусияти таҳсилоти онро рушддиҳанда ва ғайра муайян карда шуданд. Инчунин, хислати муносибатҳои мутақобилаи соҳаи маориф ва давлат, ки бо таъсири муносибатҳои бозаргонӣ дар ин соҳа алоқаманд аст, тағйир ёфт.

Тағйироти идомаёбандаи сохторӣ дар низоми маорифи кишвар аз равандаҳои воқеӣ ва объективие, ки дар ҷомеа сурат мегиранд, сарчашма мегиранд. Дар кишвар тамоюли рушд ва гирифтани сатҳи баланди таҳсилот мушоҳида мешавад. Ин натиҷаи пайдоршавии ҳавасмандии нав дар рафтори аҳолӣ мебошад, ки бо арзёбии мунаққидонаи даромад аз чунин навъ сармоягузориҳо ба соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Ҳамин тариқ, сабаби афзоиши сармоягузориҳо ба соҳаи маориф ва баландшавии мақоми таҳсилот дар ҷумҳурӣ айни замон аз он иборат аст, ки одамон имкониятҳои нави гирифтани манфиатҳои иловагиро аз таҳсилот дар ҷанбаи ҳам моддӣ ва ҳам маънавӣ дарк кардаанд. Афзоиши ҳаҷми талабот ё дархости аҳолӣ ба таҳсилот ва хизматрасониҳои таҳсилотӣ, албатта, бо беҳтарсозии сатҳи зиндагӣ, афзоиши даромади аҳолӣ алоқаманд аст. Дар навбати худ, зиёдшавии ҳаҷми талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифати таҳсилот рушди дигаргуниҳои бозаргониро дар соҳаи маориф, тиҷоратишавии фаъолияти муассисаҳои ин соҳа муайян карда, ҳамзамон таъминоти молиявии онҳоро беҳтар сохт. “Рушди муносибатҳои бозаргонӣ дар соҳаи маориф, ҷалби хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба доираи манфиатҳои иқтисодӣ истеҳсолкунандагони онҳоро ба татбиқи технологияҳои нави иттилоотӣ, ки ҳамзамон бозори хизматрасониҳои таҳсилотии онҳоро васеъ мекунад, ҳавасманд месозад [9,с.43].

Тавре ки аз маълумоти ҷадвали 1 маълум аст, бо афзоиши ҳаҷми даромадҳои пулии аҳолӣ ҳаҷми хизматрасониҳои пулакии таҳсилотӣ низ зиёд шудааст. Дар давраи солҳои 2010-2019 ҳаҷми даромадҳои пулии аҳолӣ аз 13256 млн. сомонӣ то 47986,3 млн. сомонӣ, ё зиёда аз 3,6 маротиба зиёд шудааст. Мутаносибан, ҳаҷми хизматрасониҳои пулакии таҳсилотӣ аз 512 млн. сомонӣ то 1761,1 млн. сомонӣ, яъне зиёда аз 3,4 маротиба зиёд

шудааст. Ҳамин тариқ, афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои таҳсилотӣ аз суръати афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ пеш рафта истодааст. Вазни холиси он дар ҳаҷми даромадҳои пулӣ ба ҳисоби миёна 3,7%-ро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 1. Соҳаи маориф дар низоми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Table 1. Education sector in the economic system of the Republic of Tajikistan

Солҳо	Даромади пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ	Хизматрасониҳои пулакии таҳсилотӣ, млн. сомонӣ	Ҳаҷми хизматрасониҳои пулакии таҳсилот нисбати даромади пулии аҳолӣ бо фоиз (%)	Ҳаҷми хизматрасониҳои соҳаи маориф дар истеҳсоли ММД, млн. сомонӣ	Ҳиссаи хизматрасониҳои соҳаи маориф дар истеҳсоли ММД, бо фоиз (%)
2010	13256	512	3,86	858,8	3,4
2011	16190,9	602,6	3,7	1410,7	4,7
2012	20161,2	732,5	3,6	1449,6	4
2013	22346,2	829,2	3,7	1819,3	4,5
2014	24196,5	903,4	3,7	1878,4	4,1
2015	25569,8	990,2	3,87	1965,5	4
2016	31373	1173,8	3,7	2589,7	4,7
2017	37247,5	1354,8	3,6	3022,7	4,7
2018	41083,9	1576,5	3,8	3256,3	4,6
2019	47986,3	1761,1	3,67	4407,5	5,7
Афзоиш нисбати соли 2010 маротиба	3,61	3,4	-0,9	5,1	1,6

Манбаъ: Тоҷикистон: 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ, соли 2016, саҳ. 12, 224, 444; Омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020, саҳ.10, 212, 429.

Чи тавре ки дар боло ишора намудем, дар замони муосир иқтисодиёти соҳаи маориф, бахусус соҳаҳои таҳсилоти касбӣ ба яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисодиёти миллӣ табдил ёфтааст ва саҳми он дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат сол аз сол афзуда истодааст.

Аз рӯи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2019 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат аз 24707,1 то 77354,7 млн. сомонӣ афзудааст, яъне беш аз 2,8 маротиба зиёд шудааст ва ё суръати афзоиши он ба ҳисоби миёна дар 10 соли охир зиёда аз 7%-ро ташкил дод [10,с.207]. Ҳамин тавр, дар давраи таҳлилшаванда, ҳаҷми хизматрасониҳои соҳаи маориф дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) аз 858,8 то 4407,5 млн. сомонӣ ва ё 5,1 маротиба зиёд шудааст. Вазни холиси он дар МММ-и ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 4,4%-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурӣ бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ташаккул ёфта истодааст, ки ба тамоюлоти ҷаҳонӣ мувофиқат мекунад. Аз нуқтаи назари сохтори иқтисодиёт соҳаи маориф ба бахши истеҳсолоти ғайримоддӣ мансуб аст, ки ҳиссаи он дар кишварҳои пешрафта аз 50% баланд буда, ин соҳа аз ҷиҳати шуғли аҳолӣ сершумортарин соҳа маҳсуб меёбад [14,с.31-45].

Бояд қайд кард, ки принсипҳои муосири ислоҳоти соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ҳамчун соҳаи иқтисодиёт таҷассуми худро ҳам дар фаъолияти муассисаҳои давлатии таҳсилоти касбӣ ва ҳам дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ғайридавлатӣ ёфтааст, ки дар шароити ташаккули низоми бозаргонии иқтисодӣ ба вуҷуд омадаанд. Нақши махсусро дар татбиқи ин принсипҳо эҷоди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (литсейҳо), таҳсилоти миёнаи касбӣ (коллеҷҳо), муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ғайра мебозад. Дар шароити имрӯза фаъолияти аксар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар доираи низоми болонӣ, ки бо номи модели идоракунии аврупоӣ машҳур аст, ба роҳ монда шудааст. Дар ин модел тақсимоти ибтидоӣ-академӣ ва маъмурӣ дар низоми идоракунӣ хос мебошад, ки ба сатҳи баланди дахлпазирии давлат алоқаманд аст.

Маориф ба соҳаи хизматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим мансуб буда, дорои таъсири муҳимми беруна мебошад, ки ба ташаккулёбии ҳам шахсияти алоҳида ва ҳам сармояи инсонию ҷомеа дар маҷмӯъ таъсир мерасонад. Истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба хизматрасонии бевосита ба инсон нигаронида шуда,

натиҷаҳои ниҳоии таъсироти онҳо дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ буда, на танҳо дар баланд шудани сатҳи таҳсилот ва фарҳанги аҳолӣ зуҳур меёбад, балки инчунин ба омили асосии никишофи иқтисодии мамлакат табдил меёбад.

Хусусиятҳои хоси хизматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз он иборатанд, ки муносибатҳои бозаргонӣ дар ин соҳа дорои хосияти маҳдуд мебошад. Ҳар гуна субъекти соҳаи маорифро дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ҳамчун як навъ корхона тасаввур кардан мумкин аст, ки натиҷаи он истеҳсоли хизматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун неъматҳои беназири иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Донишҳое, ки дар ин раванд аз ҷониби таҳсилкунада ба даст оварда мешавад, бояд ҳамчун воситаи истеҳсолоту меҳнат баррасӣ шавад, чунки дорандаи он дар оянда фоидаи иқтисодӣ ба даст оварда, барои худ сатҳи сазовори зиндагиро таъмин менамояд.

Тавре дар боло зикр гардид, маориф наметавонад танҳо мантиқи иқтисоди бозаргониро пайгирӣ намояд, зеро аҳамияти аввалиндараҷаи маориф аз арзиши ҷамъиятии он низ иборат аст. Аз ин рӯ, механизмҳои бозаргонӣ дар соҳаи маориф дахолати ҳатмии давлатро талаб карда, танзими соҳаи маориф авлавияти муҳимтарини давлат маҳсуб меёбад. Дар робита бо хусусиятҳои дар боло зикргардида ва махсусияти истеъмол ва истеҳсоли хизматрасониҳои таҳсилотӣ, гуфтан мумкин аст, ки амсилаи стандартии бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ вуҷуд надорад. Маориф ва хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба доираи неъматҳои ҷамъиятӣ ва ба таркиби бахши ҷамъиятии иқтисодиёт дохил мешаванд. Дар ин бахши муносибатҳои бозаргонӣ онҳо дорои хусусиятҳои хос мебошанд.

Намояндагони “назарияи интихоби ҷамъиятӣ” Ҷ.Бюкен ва Г.Туллока қайд мекунанд, ки дар бозори давлатӣ, ба монанди бозори хусусию капиталистӣ, ҳамкории талабот ва пешниҳодоти фардҳо сурат мегирад, вале он дар шакли махсус сурат мегирад. Ин хусусияти хос аз он иборат аст, ки ҳамкории талабот ва пешниҳод дар чаҳорчӯби низоми сиёсӣ ба амал меояд. Сиёсат бошад, ба ақидаи онҳо, раванди мураккаби мубодила, вале ба бозаргонӣ шабоҳатдошта мебошад [15,с.111]. Талаботро ба ин неъматҳо аҳолӣ тавассути намояндагони расмии худ дар мақомоти қонунбарори ҳокимият, бо пардохти он тавассути андозҳо пешниҳод менамояд, ин молҳоро бошад, мақомоти давлатӣ бо назардошти имкониятҳои молиявии давлат пешниҳод менамоянд. Маҳз ҳукумат ҳаҷми молҳои пешниҳодшаванда, намудҳо ва сифати онҳо, инчунин андозсупорандагони мушаххасро, ки барои истеъмоли онҳо пул ворид месозанд, муайян мекунад. Иқтисодчиёни алоҳидаи Ғарб хизматрасониҳои таҳсилотиро ба категорияи “неъматҳои ҷамъиятӣ”, яъне неъматҳое, ки дорои хосиятҳои омехта мебошанд, мансуб медонанд. Масалан, Ҷ. Стиглитс таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаро ба неъматҳои ҷамъиятӣ, бахши таҳсилоти олии касбиро ба неъматҳои нимаҷамъиятӣ нисбат медиҳад [4,с.140]. Воқеан, дар низоми миллии маориф фаъолияти якчанд зинаи таҳсилот, ба монанди томактабӣ, умумӣ, иловагӣ, ибтидоӣ, миёна, миёнаи умумӣ ва олии касбӣ ҷойгоҳи махсуси худро дар ташаккули шахсият ва сармояи инсонӣ дорад. Зинаи асосии таҳсилот, пеш аз ҳама, ба рушди шахсият, ташаккули насли нави одамон барои дохил шудан ба соҳаи меҳнати аз ҷиҳати ҷамъиятӣ фоиданок нигаронида шудааст. Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳсилоти асосӣ ҳатмӣ мебошад. Ин барои он зарур аст, ки ҳуқуқи ҳар як узви ҷомеа ба таҳсилоти асосӣ кафолат дода шавад. Аз ин рӯ, давлат кӯшиш мекунад, то ки онро барои ҳамаи аъзои ҷомеа ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ дастрас намояд. Дар аксар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон, бахши давлатии соҳаи маориф мавқеъи афзаляитнокро ишғол менамояд. Давлатҳо бо такя ба захираҳои иқтисодии худ кӯшиш мекунанд, ки барномаҳои аз ҷиаҳти ҷамъиятӣ муҳимми рушдро дар соҳаи маориф таҳия ва татбиқ намуда, ҳамзамон, манфиатҳои миллатро дар соҳаи мазкури хизматрасониҳои иҷтимоӣ воқеан таҷассум намоянд.

Соҳаи маориф соҳаи сохторташаккулдиҳандаи иқтисодиёт мебошад. Аз рӯйи моҳият ва аломатҳои таснифотии худ маориф ба соҳаи иҷтимоии иқтисодиёт мансуб аст, ки тамоюлот дар соҳаи маориф асосан бо омилҳои иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Ҳамзамон, раванди таҳсилот бо саноати миллӣ ва, дар маҷмӯъ, бо рушди иқтисодиёт бо ҳам зич алоқаманд мебошанд. Низоми маориф ба таври идеалӣ бо назардошти принсипҳо бояд ба талаботи дурнамои рушди иқтисодиёти миллӣ асосёфта, рушди муосири илмию техникии соҳаҳои саноатро таъмин намояд [7,с.45-65].

Дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ шумораи зиёди аҳолӣ кор ва таҳсил мекунанд. Аз рӯйи шумораи аҳолии машғули кор соҳаи маориф аз дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ бартарӣ дорад.

Ҷадвали 2. Динамикаи шуғл дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз. наф.)
Table 2. Dynamics of employment in the field of education of the Republic of Tajikistan (thousand people)

Нишондиҳандаҳо	2010	2011	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018	2019	Афзоиш нисбати соли 2010 бо %
Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғулбуда	2233,3	2249,3	2292	2307,3	2325,4	2379,7	2385,3	2407	2425,5	2463,4	110,3
Дар бахши хизматрасонӣ	586,4	577,6	606,5	624,6	642,8	675,7	690,5	721,7	726,6	735,3	125,4
Аз он ҷумла:											
Маориф	181,8	188,5	193	201,3	203,9	209,3	220,5	231,5	235	235,7	129,6
Ба ҳисоби фоиз аз шумораи умумии дар иқтисодиёт машғулбудагон	8,1	8,38	8,4	8,7	8,8	8,8	9,2	9,6	9,68	9,5	1,4
Ба ҳисоби фоиз аз шумораи умумии дар бахши хизматрасонӣ машғулбудагон	31,0	32,63	31,8	32,2	31,7	30,9	31,9	32,0	32,3	32,0	1,0

Манбаъ: Тоҷикистон: 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ, соли 2016, саҳ. 93; Омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020. -С.84-87.

Аз таҳлилҳои матраҳшудаи ҷадвали 2 маълум аст, ки дар давраи солҳои 2010-2019 шумораи нафароне, ки дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ кор мекарданд, аз 181,8 то 235,7 ҳаз. наф. афзудааст. Афзоиш 129,6%-ро ташкил дода, суръати пешравӣ дар муқоиса бо суръати афзоиши ҳамаи машғулбудагон дар иқтисодиёт ба 1,17 (1,29/1,10) баробар шуд. Маълум мешавад, ки афзоиши шумораи ҳамаи нафарони дар иқтисодиёти кишвар машғулбуда асосан аз ҳисоби зиёд шудани шумораи шахсони дар соҳаи маориф машғул буда сурат мегирад. Вазни холиси шуғл дар соҳаи маориф аз шумораи ҳамаи машғулбудагон дар иқтисодиёти кишвар аз 8,1 то 9,5% ё 1,4 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст. Дар давраи таҳлили афзоиши машғулбудагон дар бахши хизматрасонӣ, ки 125,4%-ро ташкил дода, як қисми зиёдшавии он аз ҳисоби афзоиши ҷойҳои корӣ дар соҳаи маориф мебошад. Вазни холиси шуғл дар соҳаи маориф аз шумораи умумии машғулбудагон дар соҳаи хизматрасонӣ ба 1 банди фоизӣ афзудааст.

Дар давраи солҳои 2010-2019 дар ҷумҳурӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба 23 адад афзуда, шумораи донишҷӯёни онҳо аз 37,9 то 90,4 ҳаз. наф. (238,5%) зиёд шуд, яъне ба 10,000 аҳолӣ афзоиш аз 50 то 98 нафарро ташкил дод. Тамоюли афзоиш ёфтани талаботи аҳолӣ ба таҳсилоти миёнаи касбӣ намунавӣ мебошад, зеро аҳолӣ дарк мекунад, ки гирифтани таҳсилоти касбӣ шарти асосии дарёфти ҷойи кор ва ба даст овардани воситаҳои даромад мебошад. Кӯшиши ба даст овардани чунин сатҳи таҳсилоти касбӣ инчунин бо сатҳи нисбатан пасти таъминоти моддии онҳо муайян карда мешавад. Дар давраи таҳлилшуда шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз 10,2 то 20,8 ҳаз. нафар афзуда, афзоиш зиёда аз 2 маротибаро ташкил дод. Барои 10,000 нафар афзоиш аз 14 то 23 нафарро ташкил дод. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо хатми мутахассисони таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҳар 10,000 нафар аҳолӣ нисбат ба соли 2010 1,6 маротиба зиёд шудааст.

Дар давраи таҳлилшуда шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз 33 адад то 40 адад зиёд шуда, шумораи донишҷӯёни онҳо аз 151,7 то 229,6 ҳаз. нафар расид, ки афзоиш

ба 10,000 аҳолӣ 23,2%-ро ташкил дод. Дар соли 2019 60,4 ҳаз. нафар донишҷӯ ба муассисҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул карда шуд, ки афзоиши он нисбат ба соли 2010 108,2%-ро ташкил дод. Дар давраи солҳои 2010-2019 шумораи хатмкунандагон аз 37,7 то 43,2 ҳаз. нафар афзоиш ёфт, мутаносибан ба 10000 нафар аҳолӣ афзоиш аз 37 то 47 нафарро ташкил дод.

Ҷадвали 3. Динамикаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва донишҷӯёни онҳо
Table 3. Dynamics of secondary and higher professional education institutions and their students

Нишондиҳандаҳо	2010-11	2011-12	2012-13	2013-14	2014-15	2015-16	2016-17	2017-18	2018-19	2019-20	Афзоиш нисбати соли хониши 2010/2011 бо %
Шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, адад	51	51	50	51	59	66	67	67	70	74	145,0
Шумораи донишҷӯёни онҳо ҳазор нафар	37,9	40,1	42,8	48	57,7	68,9	76,7	82,4	86,5	90,4	238,5
ба 10000 аҳолӣ	50	51	54	59	69	81	88	92	96	98	196
Шумораи донишҷӯёни қабулшуда ҳазор нафар	13,1	14,2	15,2	18	22,7	24,6	24,1	25,3	27	26	198,5
Мутахассисон хатм карданд	10,2	9,4	10,2	10,7	12,4	11,7	14	17,8	20,8	20,8	203,9
- ба 10000 аҳолӣ, адад	14	13	13	13	15	14	16	20	23	23	164,3
Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ	33	33	34	34	38	38	39	39	39	40	121,2
Шумораи донишҷӯён, ҳаз. наф.	151,7	152,2	150,1	159,4	165,3	176,5	186,9	195,7	209,8	229,6	151,3
ба 10,000 аҳолӣ	202	200	188	195	198	206	214	219	232	249	123,2
Шумораи донишҷӯёни қабулшуда	29	31,3	38	40,9	31,4	38,5	42,7	46,6	51,4	60,4	208,3
Мутахассисон хатм карданд	27,7	28	36,2	29,1	30,2	29,5	33,2	38,5	44,6	43,2	155,9
ба 10,000 нафар аҳолӣ	37	36	45	36	36	35	38	43	49	47	127,0

Манбаъ: Тоҷикистон: 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ, соли 2016, саҳ. 55-57; Омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020. -С.51-53.

Ба ақидаи мо, мушкилоти ташаккули низоми самарабахши таҳсилоти касбӣ, ки ҷавобгӯи талаботи муосири иқтисоди Тоҷикистон мебошад, барои рушди ояндаи истеҳсолот дар заминаи пешрафти илмӣ-техникӣ замина мегузорад, ки қобили таваҷҷуҳи хос мебошанд.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо бознигарии принсипҳои асосии фаъолияти низоми идоракунии маориф, таҳияи механизмҳои нави маблағгузорӣ ташаккули механизми нави ташкилию иқтисодии идоракунии соҳа зарур мебошанд. Маҷмӯи тадбирҳои ислоҳоти соҳаи маориф ба мақсадҳои зерин нигаронида шудаанд:

- таъмини истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда, ҷалби маблағҳои иловагӣ;
- баланд бардоштани сифати таҳсилот бар асоси навсозии сохтор, мазмун ва технологияи таҳсилот;
- ҷалби кадрҳои рақобатпазир ба соҳа;

- баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳа ва баланд бардоштани неруи инноватсионии кадрҳои тамоми иқтисодиёт.

Ба сифати принсипи асосии ислоҳоти низоми маблағгузории соҳаи маориф заиф шудани сарбории молиявии давлат аз ҳисоби афзоиши сармоягузориҳои хусусӣ, таҷдиди сохтории хароҷоти буҷет дар ҳама сатҳҳо хизмат мекунад. Бо назардошти ислоҳоти буҷетӣ дар кишвар, сатҳи захираҳои марказонидашуда пешниҳод карда мешавад, ки аз ҳисоби интиқоли уҳдадориҳо оид ба маблағгузории ҷанбаҳои иҷтимоӣ (аз ҷумла маориф) ба сатҳи минтақавӣ бояд ба ҳадди аксар озод карда шавад.

Низоми таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ ба яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ табдил ёфтааст. Низоми таҳсилоти касбӣ аз маҷмӯи муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳо иборат аст, ки пеш аз ҳама фаъолияти таҳсилотиеро амалӣ месозанд, ки ба қонеъ гардонидани талаботи гуногуни аҳолӣ ба хизматрасониҳои таҳсилотӣ, такрористеҳсолкунӣ ва рушди неруи кадрии иқтисодиёт равона карда шудаанд. Ҳамин тариқ, маориф ба яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёт ва соҳаи хизматрасонӣ табдил меёбад.

Муқарриз: н.и.и., дотсент Аҳмадов Р.Р.

АДАБИЁТ

1. Амаков И.Б. Идоракунии таҷрибаи ҷаҳонии бенчмаркинг дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.Б. Амаков, Д.М. Аюбов, Н.Ш.Ниёзов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. - № 3. -С. 70-77.
2. Беккер Г. Человеческий капитал: теоретический и эмпирический анализ / Г. Беккер. - 1964. -130 с.
3. Винслав Ю. Профессиональное образование и экономика: микроуровень интеграционных процессов (фактология, теория, предложения) / Ю. Винслав // Российский экономический журнал. - 2005. -№7-8. -С.55-71.
4. Гаврилов А.Ю. Теоретико-методологические подходы к развитию творчества студентов – будущих работников образовательного сервиса. Монография / А.Ю. Гаврилов, И.П. Гладилина. -М., 2011. -140 с.
5. Джуринский А.Н. Интернационализация высшего образования в современном мире / А.Н. Джуринский // Педагогика. - 2004. -№3. -С.83-92.
6. Дятлов С.А. Теория человеческого капитала / С.А. Дятлов. -СПб.: СПбУЭФ, 1995. -45 с.
7. Мирсаидов А.Б. Индустрия образования: содержание и механизмы развития / А.Б. Мирсаидов // Экономика Таджикистан. – 2020. -№2. –С. 45-65.
8. Мирсаидов А.Б. Институциональные аспекты инновационного развития учреждений социального сектора экономики / А.Б. Мирсаидов // Экономика Таджикистан. - 2017. -№2. –С.39-51.
9. Мирсаидов А.Б. Особенности формирования цены и спроса на рынке высшего профессионального образования / А.Б. Мирсаидов // Альманах, научный журнал РФ. – 2014. -№2. -С.43.
10. Омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020. -С.51-53.
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017, шаҳри Душанбе). http://www.prezident.tj/node/16771.
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2016. -96 с.
13. Тоҷикистон: 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ, соли 2016. -С.55-57.
14. Хаширов О.А. Предпринимательство в сфере услуг / О.А. Хаширов. – СПб., 1993. -С. 31-45.
15. Якобсон Л.И. Экономика общественного сектора / Л.И. Якобсон. -М., 1996. -С. 111.

АРЗЁБИИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола арзёбии вазъи муосири идоракунии низоми таҳсилоти касбии мамлакат мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Қайд карда шудааст, ки баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ, омодагии касбии аҳолӣ шарти асосии танзими сохтории иқтисодиёт ва таъмини рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шуда истодааст. Барои ноил шудан ба дастовардҳои назаррас аз ташкили раванди таҳсилот тибқи стандартҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои таҳсилотӣ, инчунин таъмин намудани рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар бозорҳои дохиливу ҷаҳонии хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва дар ин замина, тайёр намудани мутахассисони баландихтисосу ҷавобгӯ ба талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат ва ташаккули механизми нави ташкилию иқтисодии идоракунии соҳа зарур мебошанд. Бояд зикр намуд, ки ҳолати кунунии иқтисоди ҷаҳонӣ, динамикаи рушди илмию техникӣ сатҳи муносиби дониш, маҳорат ва малакаҳоро аз захираҳои меҳнатӣ талаб мекунанд. Дигаргуниҳои ҷаҳоние, ки дар иқтисодиёт сурат гирифта истодаанд, бояд бо омодагии касбии кадрҳо таъмин ва тақвият дода шаванд, зимнан, аҳамияти афзалиятнокро зудҳаракатии донишҳо, имконияти навсозии доимии онҳо касб мекунанд. Истеҳсолоти муосир сатҳи баланди таҳсилот, дониш ва фарҳанги кормандонро талаб мекунад, ба мо имкон медиҳад, ки мавҷудияти тамоюли «зеҳнисозии иқтисод» ва дигар ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоиро шарҳ диҳем.

Мақсади асосии таҳсилот ҳамчун раванди педагогӣ ва рисолати он баланд бардоштани арзиши шахс ҳамчун шахсият, корманд, шаҳрванд мебошад.

Калидвожаҳо: таҳсилоти касбӣ, идоракунии маориф, сифати таҳсилот, иқтисоди донишмехвар, хизматрасониҳои пулакӣ, стандартҳои ҷаҳонии таълим, сармояи инсонӣ, рушди илмию техникӣ, низоми таҳсилоти касбӣ.

ОЦЕНКА СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ УПРАВЛЕНИЯ СИСТЕМОЙ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается исследования оценки современного состояния управления системы профессионального образования Республики Таджикистан. Было отмечено, что повышение уровня и качества образовательных услуг, профессиональная подготовка являются основными условиями регулирования социально-экономического сектора и обеспечения развития национальной экономики. Таким образом, в статье дается оценка развития профессионального образования в стране.

Следует отметить, что Республика Таджикистан входит в мировое образовательное пространство. Это побуждает нас добиваться значительных результатов в организации образовательных процессов в соответствии с международными стандартами повышения уровня и качества образовательных услуг, а также обеспечения конкурентоспособности учреждений профессионального образования на внутренних и мировых рынках образовательных услуг и подготовки квалифицированных кадров, кадровых требований мирового рынка труда и формирования нового организационно-экономического механизма управления сектором. Следует отметить, что современное состояние мировой экономики, динамика научно-технического развития требует соответствующего уровня знаний, навыков и умений рабочей силы. Глобальные изменения, происходящие в экономике, должны быть обеспечены и усилены профессиональной подготовкой кадров, при этом быстрое получение знаний и возможность их постоянного обновления имеют первостепенное значение. Современное производство требует высокого уровня образования, знаний и культуры сотрудников, что позволяет объяснить наличие тенденции «интеллектуализации экономики» и других сторон общественной жизни. Основная цель образования как педагогического процесса его миссия - повышение ценности личности, работника и гражданина.

Ключевые слова: профессиональное образование, управление образованием, качество образования, платные услуги насилению, международные образовательные стандарты, человеческий капитал, профессиональное образование, научно-техническое развитие, экономика знаний.

ASSESSMENT OF MODERN CONDITION OF VOCATIONAL EDUCATION SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The author of the article decided to engage in study and research the assesses current state of development of vocational education system in the country. It was noted that improving the level and quality of educational services, vocational training are the main conditions for regulating the economic sector and ensuring the development of the national economy. Thus, the article assesses the development of vocational education in the country.

В рамках целей и приоритетов Правительства страны, в связи с ускоренной индустриализацией страны, принимаются необходимые меры по переработке производимого в стране сырья. В частности, чтобы полностью переработать хлопковое волокно (последующие циклы), первичный алюминий и полезные ископаемые, министерства и ведомства реализуют отраслевые программы и стимулы.

Одна из успешных практик страны в производстве экспортно-ориентированной и импортозамещающей продукции заключается в том, что за короткий период времени страна превратилась из импортера в экспортера цемента, и в 2020 году его производство достигло 4242,3 тыс. тонн, до 2013 года Республика Таджикистан обеспечивала внутренние потребности в основном за счет импортного цемента.

Производством цемента в стране занимается 20 предприятий, которые полностью обеспечивают потребности населения, строительной отрасли и промышленности отечественным цементом. В целях усиления экспорта цемента отечественные предприятия открыли торговые точки по продаже цемента в Узбекистане, Кыргызстане и Афганистане.

Исходя из вышеизложенного, на наш взгляд, для того чтобы увеличить экспорт страны, необходимо осуществлять новые формы реализации внешнеэкономической политики, такие как отказ от сырьевой ориентации экспорта и целенаправленное развитие отраслей, выпускающих продукцию высокой степени переработки.

Рецензент: д.э.н., профессор Хамроев Ф.М.

ЛИТЕРАТУРА

1. Азимов П.Х. Роль и значение логистических центров в развитии экспортного потенциала Республики Таджикистан / П.Х. Азимов., М.М. Алибаева // Вестник Сургутского государственного университета. - 2018. - №2(20). -С.1-2.
2. Баринов, В.А. Внешнеэкономическая деятельность / В.А. Баринов. -М: Форум, 2019. -192 с.
3. Бурлачков, В.К. Международные валютно-кредитные отношения / В.К. Бурлачков. -М.: МГИМО-университет, 2018. -930 с.
4. Буторина, О. В. Международные экономические отношения. Базовые параметры / О.В. Буторина, С.А. Галкин, В.Н. Ткачев. –М.: Весь Мир, 2019. -136 с.
5. Галаева М. Международные экономические отношения. Ч.2 / М. Галаева. –М.: Гостехиздат, 2017. -548 с.
6. Грачева, Е.Ю. Финансово-правовое регулирование внешнеэкономической деятельности. Учебник для магистратуры / Е.Ю. Грачева. -М.: Проспект, 2018. -329 с.
7. Гречуха, В.Н. Международное транспортное право. Учебник / В.Н. Гречуха. -М.: Юрайт, 2018. -402 с.
8. Дегтярева, О.И. Управление внешнеэкономической деятельностью в РФ в условиях интеграции в рамках ЕАЭС. Учебное пособие / О.И. Дегтярева, Е.С. Ратушняк, А.В. Шевелева. -М.: Инфра-М, Магистр, 2017. - 368 с.
9. Ефремова, Н.А. Правовое регулирование внешнеэкономической деятельности / Н.А. Ефремова. -М.: РГГУ, 2018. - 200 с.
10. Захаров, А.Н. Международные конкурсные торги / А.Н. Захаров. -М.: МГИМО, 2017. -112 с.
11. Послание Президента Республики Таджикистан Парламенту страны от 26.01.21. [Электронный ресурс]. https://www.mfa.tj/ru/berlin/view/7044/prezident-respubliki-tadzhikistan-obratilsya-s-poslaniem-k-madzhlisi-oli-respubliki-tadzhikistan.(дата пользования: 10.02.21).
12. Шафиркин Б.И. Единая транспортная система и взаимодействие различных видов транспорт / Б.И. Шафиркин. –М.: Высшая школа, 1983. -238 с.
13. Шахов А.Ю. Управление инновационной деятельностью муниципального транспортного предприятия на основе моделирования финансовых результатов: автореф. дисс. ... канд. экон. наук: 08.00.05 / Шахов Александр Юрьевич. -Орел, 2010. -24 с.
14. Шенон Р.Ю. Имитационное моделирование систем - наука и искусства / Р.Ю. Шенон; пер. с анг.; под ред. Е.К. Масловского. -М.: Мир, 1978. -418 с.
15. Шумпетер И. Теория экономического развития (Исследование предпринимательской прибыли, процента и цикла конъектуры) / И.Шумпетер. -М.: Прогресс, 1982. -234 с.

ТАҲЛИЛИ ФАЪОЛИЯТИ САВДОИ БЕРУНАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур таҳлили фаъолияти савдои берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Омили муайянкунандаи рушди самараноки иҷтимоию иқтисодии кишвар дар давраи дарозмуддат ин вазъи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошад.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пешбурди амнияти минтақавӣ - ҷиҳати таъмини истиқлолияти Тоҷикистон, ҳифзи сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ асос ёфтааст. Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ, муносибатҳо бо кишварҳои Осиё ва Африка ва робитаҳо бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ки ба рушди гардиши савдои хориҷии ҷумҳурии мо бо баъзе кишварҳо мусоидат мекунанд, робитаи зич дорад.

Сол то сол мубодилаи мол миёни Тоҷикистон бо садҳо кишвари ҷаҳон меафзояд. Соли 2013 Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо шуд.

Дар ҷумҳурӣ барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва афзоиши ҳаҷми содирот шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Пас аз ба даст овардани истиқлолият сол то сол дар Тоҷикистон муносибатҳои бурунмарзӣ бо кишварҳои шарик рушд ёфта истодааст.

Дар ин мақола таҳлили нишондиҳандаҳои асосии вазъи фаъолияти иқтисоди хориҷии кишвар оварда шудааст, содирот ва воридот дар солҳои охир таҳлил карда шудааст. Инчунин, гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Ҳамчунин, таҳлили шарикони асосии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гардиши савдо, ки Туркия, Қазоқистон, Ӯзбакистон, Афғонистон, Чин, Русия ва Эрон мебошанд, оварда шудааст.

Калидвожаҳо: маҷмуи маҳсулоти дохила, воридот, содирот, савдои беруна, салдо, шарикони хориҷӣ, алоқаи савдои беруна.

АНАЛИЗ ВНЕШНЕТОРГОВОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматривается анализ внешнеторговой деятельности Республики Таджикистан. Определяющим фактором эффективного социально-экономического развития страны в долгосрочном периоде является состояние внешнеэкономической деятельности.

Внешняя политика Республики Таджикистан основана на содействии региональной безопасности для обеспечения независимости Таджикистана, желания защиты отечественных и иностранных инвестиций. Таджикистан имеет отношения со странами СНГ, отношения со странами Азии и Африки и отношения со странами Европейского Союза, которые способствуют развитию внешнеторгового оборота нашей республики с некоторыми странами. Год за годом между Таджикистаном и сотнями стран мира увеличивается товарооборот. В 2013 году Таджикистан стал полноправным членом Всемирной торговой организации.

В республике создаются благоприятные условия для реализации государственной политики в области внешнеэкономической деятельности, обеспечения конкурентоспособности отечественной продукции, увеличения объемов экспорта. После приобретения независимости год за годом партнерские отношения с странами-партнёрами развивается.

В данной статье приведен анализ основных показателей состояния внешнеэкономической деятельности страны, анализированы экспорт и импорт за последние годы. Анализированы внешнеторговый оборот Республики Таджикистан. А также проанализированы основные стратегические партнёры Республики Таджикистан в торговом обороте, которыми являются Турция, Казахстан, Узбекистан, Афганистан, Китай, Россия и Иран.

Ключевые слова: валовый внутренний продукт, внешнеторговый оборот, экспорт, импорт, сальдо, стратегические партнёры, внешнеторговые связи.

ANALYSIS OF FOREIGN TRADE ACTIVITIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the analysis of foreign trade activities of the Republic of Tajikistan. The determining factor in the effective socio-economic development of the country in the long term is the state of foreign economic activity.

The foreign policy of the Republic of Tajikistan is based on the promotion of regional security to ensure the independence of Tajikistan, the desire to protect domestic and foreign investments. Tajikistan has relations with the CIS countries, relations with the countries of Asia and Africa and relations with the countries of the European Union, which contribute to the development of foreign trade turnover of our republic with some countries.

Year after year, trade between Tajikistan and hundreds of countries of the world is increasing. In 2013, Tajikistan became a full member of the World Trade Organization.

Favorable conditions are being created in the republic for the implementation of state policy in the field of foreign economic activity, ensuring the competitiveness of domestic products, and increasing export volumes. After gaining independence, year after year, partnership relations with partner countries are developing.

In this article, an analysis of the main indicators of the state of the country's foreign economic activity is provided, exports and imports in recent years are analyzed. The foreign trade turnover of the Republic of Tajikistan is analyzed. It also analyzed the main strategic partners of the Republic of Tajikistan in trade, which are Turkey, Kazakhstan, Uzbekistan, Afghanistan, China, Russia and Iran.

Keywords: gross domestic product, foreign trade turnover, export, import, balance, strategic partners, foreign trade relations.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Алибаева Мавҷуда Мингаровна*** - Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётӣ дар Тоҷикистон. **Суроға**: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони академик Раҷабовҳо 10. Телефон: **(+992) 919-01-90-01**

Шарипова Адолат Бурхановна – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, муаллими калони кафедраи менеҷменти истеҳсолӣ **Суроға**: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони академик Раҷабовҳо 10. Телефон: **(+992) 918-94-09-26.** E-mail: **adolat.sharipova@gmail.com**

Сведения об авторах: ***Алибаева Мавджуда Мингаровна*** - Таджикский технический университет им.ак. М.С.Осими, доцент кафедры экономики и транспортной логистики в Таджикистане. **Адрес**: 734042, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект ак.Раджабовых 10. Телефон: **(+992) 919-01-90-01**
Шарипова Адолат Бурхановна – Таджикский технический университет им. академика М.С. Осими, старший преподаватель кафедры производственный менеджмент. **Адрес**: 734042, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект ак.Раджабовых, 10. Телефон: **(+992) 918-94-09-26**. E-mail: **adolat.sharipova@gmail.com**

Information about the authors: ***Alibaeva Mavjuda Mingarovna*** - Tajik Technical University named after ac. M.S. Osimi, Dotsent of the Department of Economics and Transport Logistics in Tajikistan. **Address**: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ak. Rajabovs avenue 10. Phone: **(+992) 919-01-90-01**
Sharipova Adolat Burkhanovna **-** Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, Senior Lecturer at the Department of Production Management. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ak. Rajabovs avenue 10. Phone**: (+992) 918-94-09-26.** E-mail: **adolat.sharipova@gmail.com**

УДК: 340.130.5(575.3)

ПРОКУРАТУРА ДАР ШАРОИТИ ЭЪМОРИ ДАВЛАТИ ДЕМОКРАТИВУ ҲУҚУҚБУНЁД ДАР ТОҶИКИСТОН: ДАСТОВАРД ВА ДУРНАМО

Маҳмудов И.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба даст овардани Истиқлолияти комили сиёсӣ, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ва соли 1997 ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ аз арзишмандтарин ва бузургтарин дастовардҳои халқи Тоҷикистон дар интиҳои садсолаи гузашта ба ҳисоб рафта, як гардиши куллӣ ва таҳаввулоти азимеро дар самти таҳким ва густариши давлатдории миллӣ, низоми ҳуқуқӣ ва ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа ба миён оварданд. Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳамчун қисми таркибии ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шуда, роҳи бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеш гирифт ва таъмини реҷаи ягонаи қонуният, волоияти қонун ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии худ эътироф намуд.

Маҳз бо шарофати Истиқлоли давлатӣ фаъолияти мақомоти прокуратураи кишвар мазмунан ва моҳиятан низ сатҳу сифати навро касб намуда, як марҳилаи тоза ва нав дар рушду инкишофи назорати прокурорӣ ҳамчун омили муҳимми таъмини қонуният дар Тоҷикистон фароҳам оварда шуд.

Дар шароити бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон таъмини реҷаи ягонаи қонуният ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд беш аз ҳар вақти дигар аҳамияти аввалиндараҷаро пайдо менамояд. Бояд изҳор дошт, ки дар қатори дигар механизмҳои миллӣ, нақши муҳимро дар ҷодаи таъмини низоми қонуният ва волоияти қонун дар кишвар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд.

Ҳар як давлат новобаста аз сохтори сиёсӣ ва шакли идоракунии худ низоми кафолатҳоеро муайян месозад, ки ҷиҳати таъмини қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои қонунии ҷомеаву давлат равона шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин низом мавқеи муҳимро мақомоти прокуратура бо роҳи амалӣ сохтани функсияи назорати прокурорӣ ишғол менамояд. Прокуратура аз рӯйи ваколатҳои конститутсионии худ дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавқеи хоссае дорад. Шаҳодати он, ин дар боби алоҳидаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (боби нуҳум, моддаҳои 93-97) мустаҳкам намудани ҳолати ҳуқуқии прокуратура аст. Мувофиқи муқаррароти моддаи 93-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ амалӣ менамоянд. Ба мақсади таъмини волоияти қонун, ягонагӣ ва мустаҳкам намудани реҷаи қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва инчунин манфиатҳои ҷомеаву давлат мақомоти прокуратура фаъолияти худро дар соҳаҳои алоҳидаи назоратӣ ба роҳ мемонад. Мустақилиятӣ аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, нораво будани дахолати прокурорҳо ба фаъолияти хоҷагӣ аз он муқаррарotҳоеанд, ки ҳолати давлатӣ-ҳуқуқии прокуратура ва мавқеи махсуси онро дар низоми механизми мақомоти ҳокимияти давлатӣ муайян намудаанд. Бояд қайд намуд, ки прокуратура яке аз механизмҳои муҳимми амалишавии ҳокимияти давлатӣ буда, таъмини волоияти қонун, ягонагӣ ва мустаҳкам намудани қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати ҷомеаву давлатро таъмин менамояд. Тамоми шохаҳои ҳокимият дар маҷмӯъ ҳамчун ҳокимияти ягонаи давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва пойдории қонуният, ки асосан аз ҷониби прокуратура таъмин мешавад, манфиатдор мебошанд. Бе таъмини реҷаи ягонаи қонуният дар кишвар ҳокимияти давлатӣ наметавонад самарабахш вазифаҳои худро иҷро намояд.

Прокуратура симои давлат буда, табиист, ки аз фаъолияти самараноку одилонаи кормандони прокурорӣ боварию эътимоди мардум ба давлат меафзояд. Дар шароити афзоиши таҳдиду хатарҳои глобалӣ ва таъсири пайомадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат табиист, ки масъулияти

мақомоти прокуратура дар самти таъмини мустақилият ва соҳибихтиёрии давлат ва дахлнопазирии ҳудуди он меафзояд. Иҷрои бобарори вазифаҳои дар назди ин мақомоти масъули давлатӣ гузошташуда аз ҳар як корманди мақомоти прокуратура дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ дар Тоҷикистон масъулияти баландро тақозо карда, ҳалли онҳо танҳо дар заминаи роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои наздик, муфид ва мутақобилан судманди мақомоти прокуратура бо тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои ғайридавлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ имконпазир мегардад.

Таъйиноти конститутсионии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон ба амал баровардани назорати прокурорист. Назорати прокурорӣ ҳамчун функсияи асосии мақомоти прокуратура дар солҳои истиқлоли давлатӣ ба як фишанги муҳимми таъмини қонуният ва фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон табдил ёфтааст. Маҳз дар ҳамин давра, заминаҳои боэътимоди ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои рушду инкишофи фаъолияти мақомоти прокуратура фароҳам оварда шудаанд [11,с.181].

Танҳо дар зарфи 30-соли Истиқлоли давлатӣ бо дарназардошти зарурат ва тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ се маротиба (солҳои 1992,1996 ва 2005) оид ба фаъолияти мақомоти прокуратура қонунҳои алоҳида қабул карда шудаанд.

Аз ҷумла, дар иртибот ба аҳамияти таърихии аввалин Қонуни замони соҳибихтиёрии кишвар «Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 1992 донишманди тоҷик, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирзоева Қ.А. қайд менамояд, ки ин Қонун барои истиқрори ҳокимияти конститутсионӣ мусоидат намуда, ҷомеаро аз ҳама гуна унсурҳои ҷиноятпеша нигоҳ дошта, барои барқарор кардани адолати иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон хизмати арзанда кард [18,с.50-56].

Бо дарназардошти қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ва зарурати ба он мувофиқ намудани қонунгузории амалкунанди кишвар, 11 марти соли 1996 аз ҷониби Маҷлиси Олӣ Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид.

Зарурати қабули Қонуни амалкунандаи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро аз 25 июли соли 2005 коршиносон бо омилҳои зерин асоснок намуданд: «Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътироф ва тасдиқ намудани даҳҳо санадҳои байналмилалӣ, қабули зиёда аз дусад қонунҳои нав ва ворид намудани садҳо тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, инчунин таҷриба ва амалияи андухтаи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, густариши муносибатҳои байналмилалии он дар ин давра омилҳои асосӣ мебошанд, ки зарурати қабули қонуни нави мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба миён гузоштаанд» [1,с.11].

Қонунҳои қабулшуда заминаҳои боэътимоди ташкиливу ҳуқуқии фаъолияти гуногунҷабҳа ва серпаҳлуи мақомоти прокуратураро фароҳам оварда, барои таъмини самаранокии назорати прокурорӣ дар ҳудуди мамлакат мусоидат намуданд.

Рушду пешрафти муносибатҳои нави ҷамъиятиву ҳуқуқӣ ногузир ба пайдоиши самт ва соҳаҳои нави назорати прокурорӣ дар кишвар мусоидат намуданд. Аз ҷумла, иштироки прокурор дар суд мавриди баррасии парвандаҳо; ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷиноятқорӣ; назорати риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; назорати риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни суд ва дигар мақомоти салоҳиятнок; ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиатҳои давлат, шаклҳои гуногуни моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар мурофиаи судӣ; назорати риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ месозанд, ҳамкориҳои байналмилалии ҳуқуқии прокуратура аз он самтҳои фаъолияти мақомоти прокуратура ба ҳисоб мераванд, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ пайдо шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки давоми солҳои соҳибихтиёрӣ фаъолияти мақомоти прокуратураи кишвар дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад. Иштироки бевосита ва суханронии Сарвари Давлат дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба ҷашни 80-солагии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон аз 24-декабри соли 2004, ҷаласаи васеи ҳайати мушоваравии Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2014, ҷаласаи Шӯрои

амнияти кишвар аз 17 феврали соли 2015 ва дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура санаи 13 марти соли 2018 шаҳодати равшани ин гуфтаҳоянд. Зимни баргузории ин вохӯриҳо Президенти кишвар фаъолияти мақомоти прокуратураро ҳаматарафа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ҷойдоштаи ин низом ва беҳ сохтани фаъолияти он дар самти назорати иҷрои қонунҳо дар оянда дастуру супоришҳои мушаххас дода буданд.

Аз ҷумла, дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи таҷлили иди Рӯзи кормандони прокуратура таъкид доштанд, ки мақомоти прокуратура яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатдорӣ мебошанд, ки фаъолияти онҳо ба ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ошкору пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷиноятқорӣ равона гардидааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияву созмонҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ ҳамчун салоҳияти истисноии прокуратура муқаррар кардааст. Ягон мақом ё шахси мансабдори дигар чунин салоҳиятҳои васеъро надорад. Аз ин рӯ, таъмини қонунияту адолат, амният, сулҳу субот ва ризоият дар ҷомеа аз фаъолияти самараноки мақомоти прокуратура вобаста мебошад [26].

Бо назардошти натиҷаи баргузории ҳамин вохӯриҳо профессор Искандаров З.Ҳ. якчанд омилҳои минбаъд дар оянда таҳким бахшидани волоияти қонун ва таҳкими реҷаи қонуниятро аз ҷониби мақомоти прокуратура дар кишвар таъкид кардааст [5,с.3].

Дар саҳифаҳои адабиётҳои ҳуқуқӣ, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва васоити таълимӣ нуқтаҳои назари мухталифи олимон, ходимони давлатӣ, сиёсатмадорони маъруф, муҳаққиқон ва кормандони амалӣ дар хусуси мавқеи ҳуқуқӣ ва ҳамчунин ба ин ва ё он шохаи ҳокимияти давлатӣ мансуб донистани прокуратура ҷой дорад. Бахусус кӯшишҳои донишмадони ватанӣ ва кормандони амалии мақомоти прокуратура тайи солҳои охир бобати таҳқиқи масоили марбут ба мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатӣ, ҳамкории он бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчунин нақш ва вазифаҳои он дар ҷодаи таъмини қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон мавриди зикри хос аст [24;7;23;31;17;32;19;29;22;12;13;14;8;3;10].

Ҳамзамон, хонандагони гиромӣ метавонанд барои пайдо намудани маълумоти муфассал аз роҳи сипаринамудаи мақомоти прокуратураи Тоҷикистон дар солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ ва фаъолияти рангину ибратомӯзи кормандони мақомоти прокуратура дар роҳи ҳифзу мустаҳкам намудани дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъмини реҷаи қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷомеаву давлат, мубориза бо ҷиноятқорӣ аз як қатор сарчашмаҳои муътамади илмӣ, ки бо қалами кормандони мақомоти прокуратураи Тоҷикистон иншо шудаанд, фаровон истифода баранд [2].

Хурсандибахш аст, ки бо шарофати ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ заминаҳои боэътимод барои рушду пешрафти илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба миён омаданд. Мавриди зикр аст, ки мо метавонем имрӯзҳо доир ба дилхоҳ падидаҳои ҳуқуқӣ аз андешаву назар ва таклифу пешниҳодҳои илман асосноки олимони тоҷик, ки дар нашрияҳои илмии миллӣ нашр шудаанд, фаровон истифода барем. Аз ҷумла, зимни таҳқиқи мавзӯи баррасишаванда мо имкон пайдо намудем, ки ба таври мустасно танҳо аз афкори илмии олимони Тоҷикистон истифода намоем.

Дар асарҳои илмии зикршудаи олимону донишмадони тоҷик ва ходимони давлатӣ оид ба мавқеи мақомоти прокуратура дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ дар сохтори давлатӣ, ҷойи он дар низоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳамкориҳои он бо ҳокимияти судӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дурнамои прокуратура бо дарназардошти воқеияти ҳуқуқии кишвар, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва наздикшавии низоми ҳуқуқии кишварҳои олам андешаву назарҳои созанда ва қобили мулоҳиза иброз шудаанд.

Дар хусуси ҷой ва мавқеи прокуратура дар сохтори давлатӣ, инчунин мансубияти прокуратура ба ин ё он шохаи ҳокимияти давлатӣ андешаву назарҳои мухталиф ҷой доранд.

Дар робита ба масъалаи баррасишаванда олими ҳуқуқшинос Имомов А.Х. (Азизмуҳаммад Холмуҳаммадзода) мавқеашро чунин баён мекунад: «Андеашҳое ҷой доранд, ки прокуратура ба ин ё он шохаи анъанавии ҳокимият дохил карда шавад, ки чунин мақеъ мутлақо беасос ва нодуруст мебошад. Зеро таҳлилҳо собит менамоянд, ки фаъолияти прокуратура дар доираи на ҳокимияти иҷроия ва на ҳокимияти судӣ маҳдуд намегардад. Прокуратура бешаку шубҳа исбот намудааст, ки ба манфиати низоми таъмини қонуният, метавонад бо тамоми шохаҳои ҳокимият ва сохторҳои онҳо ҳамкорӣ намояд, назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ татбиқ намояд. Дигар шохаҳои ҳокимият, метавонанд имкониятҳои назорати прокурориро барои ноил гардидан ба вазифаҳо дар самти бунёди ҷомеаи адолатпарвар, давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд истифода баранд» [8,с.37].

Профессор Раҳимзода М.З. (Раҳимов М.З.) дар иртибот ба мавзӯи таҳқиқшаванда таъкид менамояд, ки дар шароити Тоҷикистон прокуратура ба ягон низоми ҳокимияти давлатӣ дохил нашуда, яке аз функсияҳои низоми худнигоҳдорӣ ва бароварвазниро бо роҳи татбиқ намудани чораҳои рафъсозандаи вайронкунии қонун фаъолияти ҳар яке аз шохаҳои ҳокимиятро дар доираи фазои конститутсонӣ таъмин менамояд. Мавсуф прокуратураро дар шароити имрӯз яке аз аввалин ва самараноктарин ташкилоти ҳифзкунандаи ҳуқуқ эътироф менамояд [24,с.27].

Мувофиқи нуқтаи назари профессор Маҳмудзода М.А., мақомоти прокуратура ягона мақомоти давлатие мебошад, ки самти фаъолияти густурдаи он ба таъмини назорати иҷрои дақиқ ва якхелаи қонунҳо дар қаламрави кишвар равона гардидааст ва дар шароити муосир прокуратура ҳамчун низоми ягонаи марказонидашуда қудрату тавоноии дахлдорро бобати иҷрои ин функсияи муҳим дорост [17,с.11].

Ба андешаи ӯ, нақш ва мавқеи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки институти муҳимми давлатӣ-ҳуқуқӣ ба шумор меравад, дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, мустаҳкам намудани қонуният дар кишвар ва ба ҳамин васила таъмини алоқаи ногусастанӣ байни ҳуқуқу ҳокимият ва давлату ҷомеа бузург аст [17,с.11].

Мувофиқи нуқтаи назари профессор Искандаров З.Ҳ., прокуратура дар масири таърих нахуст ҳамчун сохтори ҳокимияти иҷроия таъсис ёфта, бо мурури пешрафт ва тағйирёбии асосҳои конститутсионии давлат имрӯзҳо ба як мақомоти мустақили давлатӣ табдил ёфтааст [6,с.69-70].

Дар китоби тозанашри хеш Прокурори генералии мамлакат Раҳмон Ю.А. бамаврид таъкид менамояд, ки назорати прокурорӣ як шакли мустақили фаъолияти давлатие мебошад, ки аз ҷониби Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, соҳибихтиёриву истиқлолияти давлатӣ, асосҳои сохтори демократии давлат ва ҷомеа тавассути таъмин намудани волоияти қонун, таҳқими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ бо роҳи санҷиши риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо, новобаста аз таъсироту манфиатҳои маҳаллӣ ва идоравӣ тибқи қонун ба амал бароварда мешавад [23,с.8]. Профессор Мелкумов В.Г. ҳанӯз дар марҳилаи рушди илму амалияи назорати прокурорӣ дар даврони Шӯравӣ назорати олии прокурориро низ ҳамчун шакли мустақили фаъолияти давлатӣ эътироф намуда буд [20,с.8].

Ҳамзамон, оид ба самаранокии ҳамкориҳои мақомоти прокуратура бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тақвияти мубориза бо ҷиноятқорӣ, ҳифзи арзишу манфиатҳои миллӣ андешаҳои созгор ва шоистаи масъулини сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ҷой доранд.

Дар робита ба мавзӯи мавриди назар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳимзода Р.Ҳ. таъкид менамояд, ки назорати прокурорӣ ҷиҳати амалигардонии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ имконият медиҳад, ки ин самт хусусияти нақшавӣ пайдо намуда, қонуншиканиҳои ҷойдошта ошкор гарданд, такроршавии онҳо пешгирӣ карда шуда, натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, донишҳои касбӣ, маҳорату малакаи кормандони амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дуруст арзёбӣ карда шавад

[25,с.20]. Ба назари мавсуф, ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ ва прокуратура сол аз сол беҳтару хубтар гардида, аҳамияти он дар бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ, эҳтиромиҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, риояи қонуният, таъмини амният ва тартиботи ҳуқуқӣ хеле назаррас мебошад [25,с.20].

Мувофиқи нигоштаҳои профессор Ятимов С.С., имрӯз, заминаи ҳуқуқии фаъолияти муштараки мақомоти амнияти миллӣ ва прокуратура дар самти мубориза бар зидди терроризму экстремизм, ҷиноятқории муташаккили байналмилалӣ ва фаромарзӣ, аз қабили қочоқи маводи мухаддир, аслиҳа, одамрабоӣ, ҳимояи тамомияти арзии кишвар, ҳифзи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам аст. Мақомоти амнияти миллӣ ва прокуратура дар ҳамоҳангӣ бо дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ, бо пешниҳод кардани мавод ва далелҳои раднопазир ташкилоти экстремистӣ-террористӣ будани созмонҳои «ал-Қоида», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Ҳизби исломии Туркистон», «Ҳаракати Толибон», «Бародарони мусулмон», «Лашкар-ут-Тайиба», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ҷамъият-ут-Таблиғ», Ташкилоти динӣ-миссионерии «Созмони Таблиғот», ҷараёни «Салафия», «Гурӯҳи 24» ва «ҲНИТ»-ро исбот намуданд. Тибқи қарорҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ташкилотҳои мазкур дар ҳудуди ҷумҳурӣ манъ карда шуд [32,с.27-28].

Ба андешаи собиқадори мақомоти прокуратура Салимзода Ш.О., назорати прокурорӣ ба баланд гаштани ҳисси масъулияти кормандони оперативию тафтишотӣ, таҳкими қонуният ва риояи ҳуқуққои шаҳрвандон, баланд гардидани самаранокии ошкоркунӣ ва пешгирии ҷиноятҳо ва беҳтар гардидани сифати таҳқиқу тафтиш дар Агентии назорати маводи нашъаовар мусоидат менамояд [27,с.40].

Мувофиқи андешаи Султонзода С.С., бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ва дар амал татбиқ намудани меъёрҳои Конвенсияи СММ зидди коррупсия дар Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки назорати иҷрои дақиқ ва якхелаи қонунҳоро аз ҷониби кормандони агентӣ вобаста ба баррасӣ намудани арзу муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ ва дигар амалҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, амалӣ менамояд. Ба роҳ мондани чунин тарзи кор ҳамкориҳои дуҷонибаи мақомоти прокуратура ва Агентиро густариш дода, дар раванди муқовимат ба коррупсия нақши арзанда мегузорад [28,с.32].

Вобаста ба махсусияти назорати прокурорӣ бошад, донишманди тоҷик Муҳаммадиев А.С. менависад, ки назорати прокурорӣ ба ваколатҳои бо қонун муқарраргашта асос ёфта, хусусияти универсалӣ дорад. Бо ин хусусиятҳои хосси худ он ба тариқи принсипиалӣ аз дигар мақомотҳои санҷишӣ-назоратии ҳокимияти иҷроия, ки функсияи назоратии онҳо бо соҳаҳои алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқӣ (бонкӣ, молиявӣ, экологӣ, зиддисӯхторӣ, тандурустӣ ва ғайраҳо) маҳдуд мегардад, фарқ мекунад. Ва аз ҳама муҳим он аст, ки фаъолияти худи мақомотҳои ҳокимияти иҷроия дар самти амалӣ намудани функсияҳои назоратӣ аз ҷониби мақомоти прокуратура назорат карда мешавад [19,с.43].

Дар идомаи таҳқиқоти хеш номбурда меафзояд, ки ҳамаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ чун мақомотҳои идоравии назоратӣ мақомоти махсусгардонидашудаи назоратӣ ҷиҳати таъмини риоя ва иҷрои қонунҳо дар самти муайяни муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Ваколатҳои прокуратура бошад, хусусияти умумӣ, универсалӣ дошта, ба ҳамаи самтҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки бо қонун ба танзим дароварда мешаванд, паҳн мегарданд [19,с.43]. Дарвоқеъ, прокуратура бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ҳамкориҳои судмандро амалӣ сохта, дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи мустақилият ва соҳибихтиёрии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешгириву ошкоркунии ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷиноятқорӣ тавассути низоми мувозинату боздорӣ саҳми назаррас дорад [12,с.83; 13,с.263-269; 14,с.199-204]. Зимнан бояд ёдрас шуд, ки дар хусуси мансубияти прокуратура ба ин ва ё он шохаи ҳокимияти давлатӣ андешаҳои гуногун ҷой доранд. Дар ҳамин ҳол, тарафдорони ақидаи ба шохаи ҳокимияти қонунгузор мансуб будани прокуратура мавқеи худро чунин асоснок мекунанд: мақомоти қонунгузор қонун кабул менамоянд ва иҷроиши онҳоро дар каламрави кишвар прокуратура назорат мебарад.

Бинобар ин, онҳо бар он ақидаанд, ки назорати прокурорӣ ҳамчун шакли мустақили фаъолияти давлатӣ маҳз аз ҷониби ҳокимияти конунгузор соҳиби ваколат мегардад, ташаккул меёбад ва аз ин рӯ ба он бояд тобеъ бошад.

Мавриди зикр аст, ки то замони қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон прокуратура то адозае зери назорати ҳокимияти қонунгузор қарор дошт. Дар шароити кунунӣ саҳми ҳокимияти қонунгузор дар ташаккули сиёсати кадрӣ нисбат ба роҳбарияти Прокуратураи генералӣ назаррас аст. Зеро мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ барои таъйин ва аз вазифа озод кардани Прокурори генералӣ ва муовинонӣ ӯ ризоият медиҳад (банди 4, моддаи 56). Ҳамзамон, Прокурори генералӣ дар назди Маҷлиси миллӣ масъул аст (моддаи 94). Бо вуҷуди саҳми назарраси ҳокимияти қонунгузор дар ҳалли баъзе аз масъалаҳои ташкилӣ ва ҳамкориҳои прокуратура бо он, ба назари мо, прокуратура наметавонад қисмати шохаи ҳокимияти конунгузор бошад, зеро ки функсияҳои ин сохторҳои муҳимми давлатӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳокимияти конунгузорро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон намояндагӣ карда, чун дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ мустақилона амалӣ мекунад. Ҳамкориҳои мақомоти прокуратура бо шохаи ҳокимияти қонунгузор дар он ифода меёбад, ки Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияҳо, ҷаласаҳои якҷоя ва алоҳидаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда метавонад. Аз ҷумла, оид ба вазъи риояи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот манзур менамояд ва метавонад дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон иштирок карда, оид ба вазъи қонуният дар мамлакат гузориш пешниҳод намояд.

Айни замон баъзе муаллифон бо назардошти равандҳои таърихии таъсиси мақомоти прокуратура, таҷрибаи як қатор давлатҳои хориҷӣ ва таҳлили функсияҳои он бар он ақидаанд, ки прокуратура вобаста ба табиати ҳуқуқии худ ба шохаи ҳокимияти иҷроия мансуб аст. Ба ақидаи профессор А.М. Диноршоев, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мақомоти давлатие арзи ҳастӣ доранд, ки дар низоми шохаҳои ҳокимият мавқеи онҳо норавшан мондааст. Ба ин мақомотҳо ӯ прокуратура ва Бонки миллиро шомил намудааст. Аз ин рӯ, дар асоси таҳлили қонунгузории амалкунанда ба хулосае омадааст, ки прокуратура ва Бонки миллӣ ба шохаи ҳокимияти иҷроия мансуб мебошанд [3,с.7-8].

Мавсуф ҷойи дигар таъкид менамояд, ки бояд ислоҳоти мақомоти прокуратура амалӣ карда шуда, он ба низоми Вазорати адлия дохил карда шавад. Вазифаи асосии прокуратура зимнан бояд муаррифӣ кардани манфиатҳои давлат дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи судӣ бошад [4,с.187].

Мо бар он назарем, ки прокуратура бо шохаи ҳокимияти иҷроия алоқамандии зич дорад. Ба прокуратура ягон нишонаи ҳокимияти иҷроия хос набуда, гузашта аз ин фаъолияти ин шохаи ҳокимият зери назорати прокурорӣ қарор дорад. Прокурори генералӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул аст. Бо дарназардошти он ки тибқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як маврид Президент роҳбари давлат ва сарвари ҳокимияти иҷроия аст, пас табиист, ки назорати прокурорӣ нисбат ба Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн намешавад. Мақомоти прокуратура назорати иҷрои қонунҳоро ба амал бароварда, ба мақомоти ҳокимияти иҷроия дар бобати ба амал баровардани вазифаҳои онҳо дар доираи қонун мусоидат менамояд. Фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия хислати идоракуниро дорад. Покуратура бошад, идоракунии корҳои давлатиро ба роҳ намонда, карорҳои идоракунии характери ҳокимиятӣ доштаро қабул намекунад. Дар муносибат ба мақомоти ҳокимияти иҷроия таъйиноти прокуратура ҳамчун мақомоти назоратӣ дар назорати риояи қонунҳо аз ҷониби ин мақомот ва шахсони мансабдори онҳо ва ба қонун мувофиқат намудани санадҳои ҳуқуқии онҳо ифода мегардад. Тамоми фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ тобеи назорати прокурорӣ мебошад. Тарафдорони ба шохаи ҳокимияти судӣ нисбат донистани мақомоти прокуратура таъкид бар он мекунанд, ки прокуратура вобаста самтҳои фаъолият ва иҷроиши функсияҳои худ ба ҳокимияти судӣ наздикӣ дорад.

Ба андешаи олими давлатшиноси тоҷик А. Имомов, прокуратура мувофиқи усули таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба шохаи ҳокимияти судӣ мансуб мебошад [9,с.425].

Мувофиқи нуқтаи назари ҳуқуқшиноси варзида Шоҳиён Шермуҳаммад, ҳамкориҳои ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратура дар катори дигар механизмҳои миллӣ, дар

ҷодаи таъмини низоми қонуният ва волияти қонун дар кишвар нақши муҳим дорад [31,с.5].

Воқеияти имрӯзаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки прокуратура бо шохаи ҳокимияти судӣ дар самти таъмини адолати судӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар ҳамкориҳои судмандро бо дарназардошти эҳтироми принсипи мустақилияти судҳо амалӣ менамояд. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокуратура иштирок дар суд аст. Прокурорҳо мувофиқи конунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии парвандаҳо дар суд иштирок намуда, дар ба амал баровардани адолати судӣ, таъмини қонуният, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиа мусоидат намуда, нисбати санадҳои ғайриқонунӣ ва беасоси судҳо эътироз меоранд. Ба ин васила прокурорҳо функсияи мурофиавии таъқиботи ҷиноятӣ, дастгирии айби давлатӣ ва ҳифзи ҳукукро амалӣ месозанд.Муҳаққиқи ҷавон Исмоилзода С.А. дар таҳқиқоти диссератсионии худ ба чунин хулосае омадааст, ки прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон институти мустақили давлативу ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, низоми мутамаркази алоҳидаву мустақили мақомоти ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳад. Он ба таври комил ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ шомил набуда, ба сифати мақомоти мустақили ҳокимияти давлатӣ баромад менамояд, ки метавонад миёни ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ низоми боздориро амалӣ созад [10,с.12].

Таҳлили меъёрҳои Конститутсия дар бораи мавқеъ, функсияҳо ва ҷойи он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ бозгӯи онанд, ки мақомоти прокуратура дар низоми давлатӣ мавқеи хосса дошта, ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ мансуб набуда, бо онҳо ҳамкориҳои зичро амалӣ менамояд.

Ҷой ва мавқеи мақомоти прокуратура дар он ифода меёбад, ки он ҳамчун элементи низоми нигоҳдорӣ ва мувозинат на танҳо шохаҳои алоҳидаи ҳокимиятро аз амалҳои ғайриқонунӣ ва беасос бозмедорад, инчунин ҳамкориҳои онҳоро ба мақсади таъмини конуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон таъмин менамояд.

Ба мавқеи макомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормадони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба ҷашни 80-солагии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон баҳои арзанда дода буданд: «Прокуратура яке аз сохторҳои муҳимтарини низоми давлтадорӣ буда, ба ягон шохаи ҳокимият тааллуқ надорад ва иҷрои ҳатмии қонунҳоро аз ҷониби тамоми шохаҳои ҳокимият, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва шаҳрвандон назорат намуда, дар мамлакат фазои ягонаи ҳуқуқиро фароҳам меорад» [21]. Прокуратура ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ дар шароити муосир дар самти таъмини волоияти қонун, ҳифзи арзишҳои истиқлолияти давлатӣ, таъмини мустақилият ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми бориз дорад [15,с.22-29].

Қобили зикр аст, ки дар ягон давлати ҷаҳон модели ягонаи мақомоти прокуратура мавҷуд нест. Ҳар як давлат бо дарназардошти низоми ҳуқуқӣ, таърих ва низоми давлатдорӣ, анъана ва минталитети мардум, воқеияти ҳуқуқӣ мақомоти прокуратураро таъсис медиҳад. Масъалаи хусусиятҳои моделҳои муосири мақомоти прокуратура дар кишварҳои ҷаҳон ва тамоюлҳои рушди онҳо аз ҷониби намояндаи мақомоти прокуратура Халифазода М.Н. ботафсил мавриди таҳлил қарор гирифтаанд [29,с.101-106].

Натиҷаи таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксои олам моделҳои гунонуни прокуратурасозӣ арзи ҳастӣ менамоянд. Масалан дар ИМА, Кирғизистон, Эстония прокуратура ба шохаи ҳокимияти иҷроия мансуб буда, дар Испания, Болгария, Латвия ва Грузия ба шохаи ҳокимияти судӣ тааллуқ дорад. Дар Италия, Фаронса, Руминия он мавқеи миёнагириро дар низоми шохаҳои ҳокимияти иҷроия ва судӣ ишғол менамояд. Дар як қатор давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон он ба ягон шоҳаи ҳокимият тааллуқ надошта, мақоми мустақили давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии минтақавӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақил роҳу усулҳои такмили фаъолияти самарабахши прокуратураро бо назардошти воқеияти имрӯзи низоми қонунгузорӣ, таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои дунё ва саҳми назарраси он дар ҷодаи таъмини фазои ягонаи ҳуқуқии кишвар интихоб намояд. Табиист, ки гузариш ба сохти нави давлатдорӣ ва низоми хоҷагидорӣ зарурияти таъсиси ниҳоду сохторҳои навро дар бахшҳои мухталиф, аз

ҷумла ҳифзи ҳуқуқ ба миён меорад. Таъсиси сохторҳои нав дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки мувофиқи талаботи замон сурат гирифтаанд, ба ҳеҷ вақҳ боиси маҳдуд гаштани ваколатҳои назоратии прокурорҳо нагашта, баръакс онҳо якдигарро дар ҷодаи ба даст овардани вазифаву мақсадҳои ягона пурра месозанд. Чунин дигаргунӣ ва навовариҳо, ки воқеан дар марҳилаи имрӯзаи таърихӣ барои кишвари мо заруранд, моҳияти таъйиноти конститутсионии мақомоти прокуратураро, ки дар ба амал баровардани назорати иҷрои қонунҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад, халалдор намесозанд.

Таъйиноти конститутсионии мақомоти прокуратура, ба амал баровардани назорати прокурорист. Назорати прокурорӣ ҳамчун шакли мустақили фаъолияти давлатӣ бо як қатор нишонаҳои худ аз дигар шаклҳои фаъолияти давлатӣ фарқ мекунад:

- *Назорати прокурорӣ аз номи давлат амалӣ мешавад.* Ин фаъолияти давлатиест, ки аз тарафи низоми ягона ва марказонидашудаи мақомоти прокуратура бо мақсади назорати иҷрои аниқ ва якхелаи қонунҳо дар қаламрави Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

- *Назорати прокурорӣ аз ҷониби субъектони махсуси ба ин амал ваколатдоршуда – прокурорҳо ба амал бароварда мешавад.* Прокурорҳо ҳамчун намояндаи ҳокимияти давлатӣ ваколатҳои худро дар доираи қонунгузории амалкунандаи кишвар амалӣ менамоянд.

- *Махсусияти назорати прокурорӣ.* Назорати прокурорӣ фаъолияти расмии оммавӣ-ҳокимиятии аз ҷониби давлат муқарраршудае мебошад, ки дар асоси шаклу усулҳои бо қонун муайяншуда ба роҳ монда мешавад. Ин фаъолият аз дигар шаклҳои фаъолияти давлатӣ бо он фарқ мекунад, ки таъмини назорати иҷроиши қонунҳо ваколати истисноии мақомоти прокуратура ба ҳисоб меравад. Фаъолияти баъзе мақомотҳои давлатӣ, ки хусусияти назоратиро доранд, танҳо ҷиҳати таъмини назорати он қонунҳое равона шудаанд, ки соҳаи алоҳидаи фаъолияти идоравиро танзим мекунанд. Ягон мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти назорати идоравӣ ва ғайриидоравӣ қудрату салоҳияти назоратии прокуратураро оид ба санҷиши иҷрои қонун дар Тоҷикистон надорад.

- *Назорати прокурорӣ доираи васеи таъсиррасонӣ дорад.* Назорати прокурорӣ ба доираи васеи объектҳои назоратӣ, аз ҷумла вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шакли моликияти онҳо, инчунин шахсони мансабдор паҳн мешавад.

- *Надоштани ваколатҳои маъмурӣ аз ҷониби прокуророн.* Прокурорҳо ҳуқуқи дахолат кардан ба фаъолияти дохилӣ-хоҷагии корхона, муассиса, ташкилотҳоро надоранд. Прокурорҳо ба мисли намояндагони шохаи ҳокимияти иҷроия ваколати бевосита бекор кардани қарорҳои ғайриқонунӣ ва ё оҷилан бартараф намудани қонуншиканиҳоро надоранд. Дар аксари мавридҳо ҳангоми ошкор намудани қонуншиканӣ прокурор шахсан онҳоро бартараф накарда, танҳо диққати мақомоти дахлдори давлатӣ ва шахсони мансабдорро, ки барои бартараф намудани ин қонуншиканиҳо масъуланд, ҷалб менамояд.

- *Мустақил будани назорати прокурорӣ.* Назорати прокурорӣ шакли махсуси фаъолияти давлатӣ буда, бе дахолати дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мустақилона дар асоси қонун аз ҷониби прокурорҳо амалӣ карда мешавад [11,с.183-184].

Ҳамин тариқ, дар асоси истифодаи андешаҳои назариявии олимони соҳаи мухталифи илми ҳуқуқшиносӣ, омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории ҷорӣ ва таҳлили муқоисавии қонунгузории кишварҳои хориҷӣ чунин хулоса намудан мумкин аст, ки прокуратура дар Тоҷикистон мақомоти мустақили давлатӣ буда, дар сохтори давлатӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Бо назардошти муайян намудани мавқеъ ва нақши мақомоти прокуратура дар ҷодаи таъмини волоияти қонун ва таъмини қонуният дар кишвар, тобиши миллӣ додан ба он ба мақсад мувофиқ аст, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ барномаи ислоҳот ва ё консепсияи инкишофи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда, ҳамзамон бо дарназардошти тағйиротҳои куллӣ дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа, пайдоиши самтҳои нави назорати прокурорӣ ва таҷрибаи пешқадами кишварҳои олам Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» такмил дода шавад. Аз лиҳози дурнамо, он бояд чун мақомоти назорати иҷрои қонунҳо дар давлат нигоҳ дошта шуда, фунсияҳои ҳуқуқмуҳофизавии он бояд густариш дода шавад.

Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ дар самти таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати ҷомеа ва давлат ва мубориза бо ҷиноятқорӣ ба дастовард ва нишондодҳои назаррас комёб шудааст.

Аз ҷумла, дар ҳисоботи Прокурори генералии мамлакат оид ба вазъи риояи қонунҳо дар соли 2020 ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр мешавад, ки дар ин давра прокурорҳо ҳолати риоя ва иҷрои қонунгузории ҷумҳуриро дар маҷмӯъ 5764 (5338) маротиба санҷида, баҳри бартараф намудани қонунвайронкуниҳо ва сабабу шаритҳои ба содиршавии онҳо мусоидаткунанда 13868 (11041) амр дода, 6785 (5680) пешниҳод ва 9154 (7485) эътироз овардаанд. Бо натиҷаи баррасии санадҳои эътиноии прокурорҳо 10917 (9144) нафар ба ҷавобгарии интизомӣ ва 4688 (4098) нафар ба ҷавобгарии моддӣ кашида шудаанд. Инчунин, прокурорҳо 27898 (23090) парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва 3062 (2688) парвандаи ҷиноятӣ оғоз намудаанд. Бо дахолати прокурорҳо 701,3 (597,8) млн. сомонӣ аз ҷумла 301,4 (278,9) млн. сомонӣ зарари расонидашуда ба манфиати давлат барқарор карда шудааст. Дар ҳамин давра назорати риояи қонунгузорӣ дар бораи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, замин, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, буҷет, танзими асъор ва назорати асъор, бонкҳо, андоз, мубориза бо экстремизм ва терроризм, инчунин ҳифзи саломатии аҳолӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки мақомот арзёбӣ гардиданд [30,с.4].Самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратура гуфта аслан, соҳа ва самтҳоеро меноманд, ки бо дарназардошти махсусияти объекти назоратӣ, рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва омилҳои дигар беш аз ҳар вақти дигар ногузир зарурати таъмини реҷаи қонуниятро дар ҳамин самт ба миён меорад.

Аз ин рӯ, рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири омилҳои дохилӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ дурнамои самтҳои афзалиятноки назорати прокурориро муайян менамоянд. Дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ ва эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон назорати прокурорӣ дар баробари дигар механизмҳои ҳифзи ҳуқуқ ба яке аз фишангҳои муҳиму боэътимоди таъмини қонуният, василаи муассири таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва дахлнопазирии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфта, дар таъмини фазои ҳуқуқии кишвар саҳми назаррас дорад. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «6» феврали соли 2018, таҳти №1005 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ба имзо расидааст. Дар консепсия зикр мешавад, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон аст.

Бо вуҷуди саҳми назарраси мақомоти прокуратура дар таъмини қонуният ҳамоно аз лиҳози дурнамо зарурати ҷоннок намудани назорати прокурорӣ дар самтҳои алоҳидаи фаъолияти мақомоти прокуратура ҷой доранд. Ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии назорати прокурорӣ дар самти таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва пурзӯр кардани мубориза бо ҷиноятқорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати прокурорӣ дар самтҳои зерини афзалиятнок тақвият дода шавад:

- назорати иҷрои қонунгузорӣ дар самти пешгирӣ, ошкорсозӣ ва мубориза бо зуҳуротҳои хатарнок, аз қабили экстремизм, терроризм, коррупсия ва муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор;

- назорати иҷрои қонунгузории замин ва ҳифзи муҳити зист;

- назорати иҷрои қонунгузорӣ дар самти тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоии аҳолӣ;

- назорати риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба андоз, назорати асъор, гумрук ва дигар сохторҳои молиявӣ бо дарназардошти нақши муҳимми онҳо дар ғанӣ гардонидани қисмати даромади буҷети кишвар;

- назорати иҷрои қонунҳо дар самти огоҳонидан ва пешгирии ҷиноятқорӣ, инчунин коҳиш додани содиршавии ҷиноятҳо;

- назорати прокурорӣ аз тарафи мақомоти амалисозандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, инчунин дар ҷойҳои нигоҳдории дастгиршудагон, ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ;

- назорати иҷрои қонунҳо ва қонунӣ будани санадҳои судӣ дар мурофиаҳои судии ҷиноятӣ, граждани ва иқтисодӣ;

- тақвияти самаранокии иштироки прокурор дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо дарназардошти амалисозии принсипи мубоҳисавӣ ва баробарии тарафҳо, аз ҷумла коркарди механизми ҳуқуқии таъмини иштироки прокурор дар марҳилаи таъйини муҳокимаи судӣ ва омодагӣ ба он бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо мақсади расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар зарур аст, ки назорати иҷрои қонунҳои танзимкунандаи соҳа, инчунин қонунгузорӣ дар самти истифодаи сарфакоронаи неруи барқ, пардохти саривақтии маблағи он ва сайёҳӣ пурзӯр карда шавад.

Ҳамин тариқ, прокуратура ҳамчун мақомоти мустақили давлатӣ дар сохтори давлатии Тоҷикистон мавқеи хосса ва шоистаро касб намуда, дар масири 30-соли Истиқлоли давлатӣ дар ҳамоҳангӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи мустақилият ва соҳибихтиёрии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешгириву ошкоркунии ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷиноятқорӣ ба нафъи пешрафти Тоҷикистони азиз хизматҳои арзанда ва назаррасро анҷом дода истодааст.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент *Мирзамонзода Х.М.*

АДАБИЁТ

1. Баромади Раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А.Г. Холиқов оиди лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати сеюм аз 15 июни соли 2005 //Қонуният. -№ 2. -2005. -С. 11.
2. Бобохонов Б., Исоев М. Прокуратура дар давраи Истиқлолияти давлатӣ. Душанбе: Сарпараст, 2007. 303 с.; Нақши мақомоти прокуратураи Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолии кишвар. Душанбе: «ҶДММ Орбит», 2017. 294 с. зери таҳрири Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники адлия Раҳмон Юсуф Аҳмадзод бахшида ба ҷашни 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст. Дар китобҳои мазкур оид ба фаъолияти мақомоти прокуратураи Тоҷикистон дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1991-2017 маълумоти мухтасар гирд оварда шудаанд.
3. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан: автореф. ... канд. юрид. наук. -Душанбе, 2006. -С. 7–8.
4. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. -Душанбе, 2007. -С. 187.
5. Искандаров З.Ҳ.Бо нияти нек, азму иродаи қавӣ, садоқат ба Ватан масъулиятро иҷро намуда, қонуниятро таҳким мебахшем (дар партави иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари Давлат) // Минбари ҳуқуқшинос. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. -№ 9-10 (24-25) 12 майи соли 2015. -С.3.
6. Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении прав и свобод человека в досудебной стадии уголовного процесса Республики Таджикистан: история и современность // Правовая жизнь (научно-информационный журнал). -Душанбе, 2017. -№4 (20). -С.69-70.
7. Искандаров З.Х. Прокуратура и государственная защита прав и свобод человека и гражданина в уголовном процессе // Государство и право. -Душанбе, 2005. -№ 3.
8. Имомов А.Х. Прокуратура дар давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ягона ва иҷтимоӣ //Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). -Душанбе, 2012. -№ 3. (нашри махсус). -С.37.
9. Имомов А. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Матбуот, 2007. -С. 425.
10. Исмоилзода С.А. Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии макомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикиситон. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12.00.02. –Душанбе, 2020. -С. 12.
11. Маҳмудов И.Т. Назорати прокурорӣ ҳамчун шакли муҳим ва мустақили фаъолияти давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2018. -№ 11. -С.181.
12. Махмудов И.Т. К вопросу о месте органов прокуратуры Республики Таджикистан в системе разделения властей // Правовая жизнь. – 2013.- № 3. -С.83.

13. Махмудов И.Т. Ҳамкориҳои прокуратура бо шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2017. -№ 2/9. -С.263-269.
14. Маҳмудов И.Т. Мавқеи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2017. -№ 2/8. -С.199-204.
15. Маҳмудов И.Т. Роҳҳои такмили самаранокии назорати прокурорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). -Душанбе, 2015. -С.22-29.
16. Маҳмудов И.Т. Назорати прокурорӣ ҳамчун шакли муҳим ва мустақили фаъолияти давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2018. -№ 11. -С.183-184.
17. Маҳмудзода М.А. Прокуратура сарчашмаи таъмини адолату қонуният аст //Қонуният. -2017. -№ 1. -С.11.
18. Мирзоева Қ.А. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Додситонии Ҷумҳуриии Тоҷикистон» ва аҳамияти таърихии он / Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе, 2012. -№ 3.-С. 50-56.
19. Муҳаммадиев А.С. Мақоми прокуратура дар сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонуният. -№ 1. -2017. -С. 43.
20. Мелкумов В.Г. Советская прокуратура и проблемы общего надзора: автореферат на соик. … д.ю.н. – Душанбе, 1971. -С.8.
21. Народная газета. № 1. 5 января 2005 г.
22. Олимов М.М. Место и задачи органов прокуратуры по защите прав граждан в Республике Таджикистан // Законность. -Душанбе, 2009. -№ 1.
23. Раҳмон Ю.А. Назорати прокурорӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 390 с.
24. Раҳимов М.З. Инкишофи қонунгузорӣ оид ба прокуратура дар даврони истиқлолият //Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). -Душанбе, 2012. -№ 3. (нашри махсус).-С. 27.
25. Раҳимзода Р.Ҳ. Аҳамияти ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти прокуратура //Қонуният. -№ 1. -2017. -С. 20.
26. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони мақомоти прокуратура аз 13.03.2018 / www.president.tj (санаи мурочиат 13.03.2018).
27. Салимзода Ш.О. Дастовардҳо дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар – натиҷаи ҳамкориҳо // Қонуният. -№ 1. -2017.-С. 40.
28. Султонзода С.С. Ҳамкории мутақобила -омили асосии паст намудани сатҳи коррупсия //Қонуният. -№ 1. -2017. -С. 32.
29. Халифав М.Н. Место и роль органов прокуратуры в современном обществе: взгляды и тенденции // Законность. -Душанбе, 2009. -№ 1. -С. 101-106.
30. Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020» // Садои мардум. 29 январи соли 2021. -№ 12 (4274). -С.4.
31. Шермуҳаммад Шоҳиён. Нақши ҳамкориҳои ҳокимияти судӣ ва мақомоти прокуратура дар таъмини адолати судию иҷтимоӣ ва таъмини волоияти қонун дар ҷомеа //Қонуният. -2017. -№ 1. -С.15.
32. Ятимов С.С. Аҳамияти ҳамкориҳои мутақобилаи мақомоти корҳои дохилӣ бо мақомоти прокуратура //Қонуният. -№ 1. -2017. -С. 27-28.

ПРОКУРАТУРА ДАР ШАРОИТИ ЭЪМОРИ ДАВЛАТИ ДЕМОКРАТИВУ ҲУҚУҚБУНЁД ДАР ТОҶИКИСТОН: ДАСТОВАРД ВА ДУРНАМО

Дар мақола нақш ва мавқеи назарраси мақомоти прокуратураи Тоҷикистон дар шароити ташаккулёбӣ ва эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд дар масири солҳои истиқлоли давлатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ фаъолияти мақомоти прокуратураи кишвар мазмунан ва моҳиятан низ сатҳу сифати навро касб намуда, як марҳилаи тоза ва нав дар рушду инкишофи назорати прокурорӣ ҳамчун омили муҳимми таъмини қонуният дар Тоҷикистон фароҳам оварда шуд. Ҳар як давлат новобаста аз сохтори сиёсӣ ва шакли идоракунии худ низоми кафолатҳоеро муайян месозад, ки ҷиҳати таъмини қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои қонунии ҷомеаву давлат равона шудаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин низом мавқеи муҳимро мақомоти прокуратура бо роҳи амалӣ сохтани функсияи назорати прокурорӣ ишғол менамояд. Ба андешаи муаллиф, рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири омилҳои дохилӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ дурнамои самтҳои афзалиятноки назорати прокурориро муайян менамоянд. Муаллиф таъкид менамояд, ки прокуратура ҳамчун мақомоти мустақили давлатӣ дар сохтори давлатии Тоҷикистон мавқеи хосса ва шоистаро касб намуда, назорати прокурорӣ бошад, давоми солҳои соҳибихтиёрии кишвар дар баробари дигар механизмҳои ҳифзи ҳуқуқ ба яке аз фишангҳои муҳиму боэътимоди таъмини қонуният, василаи муассири таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва дахлнопазирии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфта, дар таъмини фазои ҳуқуқии кишвар саҳми назаррас дорад. Ҳамзамон, оид ба дурнамои рушди мақомоти прокуратураи кишвар таклифҳо пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: прокуратура, назорати прокурорӣ, истиқлолияти давлатӣ, давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, сохтори давлатӣ, шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, таъмини қонуният, волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

ПРОКУРАТУРА В УСЛОВИЯХ СОЗДАНИЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКОГО И ПРАВОВОГО ГОСУДАРСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ: ДОСТИЖЕНИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ

В статье рассматриваются роль и место органов прокуратуры Таджикистана в условиях формирования и создания демократического и правового государства в годы государственной независимости. Благодаря государственной независимости происходили качественные и содержательные изменения в деятельности органов прокуратуры, а также наступил качественно новый этап развития прокурорского надзора как важного фактора обеспечения законности в Таджикистане. Каждое государство независимо от политического строя и формы государственного управления определяет системы гарантий, которые направлены на обеспечение законности, защиту прав и свобод человека и гражданина, законных интересов общества и государства. В Республике Таджикистан в этой системе важное место занимают органы прокуратуры путём осуществления функции прокурорского надзора. По мнению автора, интенсивное развитие общественных отношений, влияние внутренных факторов, а также процесс глобализации определяют перспективы приоритетных направлений прокурорского надзора.Автор отмечает, что прокуратура как самостоятельный государственный орган занимает особое и важное место в государственном устройстве Таджикистана, а прокурорский надзор за годы независимости наряду с другими правоохранительными механизмами превратился в один из важнейших рычагов по обеспечению законности прав и свобод человека и гражданина, охране независимости и территориальной неприкосновенности Таджикистана, и также созданию единого правового поля в стране. Также автором сформулированы ряд предложений по перспективе развития прокуратуры в стране.

Ключевые слова: прокуратура, прокурорский надзор, государственная независимость, демократическое и правовое государство, государственный строй, ветви государственной власти, обеспечение законности, верховенство закона, охрана прав и свобод человека и гражданина.

PROSECUTOR'S OFFICE IN THE CONDITIONS OF ESTABLISHING A DEMOCRATIC AND LEGAL STATE IN TAJIKISTAN: ACHIEVEMENTS AND PROSPECTS

The article examines the role and place of the prosecutor's office in Tajikistan in the conditions of pharmacy and the creation of a democratic and legal state during the years of state independence. Thanks to state independence, qualitative and substantive changes took place in the activities of the prosecution authorities, and a qualitatively new stage in the development of prosecutorial supervision as an important factor in ensuring the rule of law in Tajikistan began. Each state, regardless of the political system and form of government, defines a system of guarantees that are aimed at ensuring the rule of law, protecting the rights and freedoms of man and citizen, the legitimate interests of society and the state. In the Republic of Tajikistan, in this system, the prosecutor's office occupies an important place through the implementation of the function of prosecutor's supervision. According to the author, the intensive development of public relations, the influence of internal factors, as well as the process of globalization determines the prospects for the priority areas of prosecutorial supervision. The author notes that the prosecutor's office, as an independent state body, occupies a special and important place in the state structure of Tajikistan, and prosecutor's supervision over the years of independence, along with other law enforcement mechanisms has become one of the most important levers to ensure the rule of law and effective tools to ensure human and civil rights and freedoms, protect the independence and territorial integrity of Tajikistan, and also create a single legal framework in the country. Also, the author has formulated a number of proposals on the prospects for the development of the prosecutor's office in the country.

Keywords: prosecutor's office, prosecutor's supervision, state independence, democratic and legal state, state system, branches of state power, ensuring the rule of law, rule of law, protection of human and civil rights and freedoms.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмудов Изатулло Тешаевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. Телефон **935-04-43-52.** E-mail: **1978_mahmudov@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Махмудов Изатулло Тешаевич*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой судебного права и прокурорского надзора. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: **935-04-43-52.** E-mail: **1978_mahmudov@mail.ru**

Information about the author*: Makhmudov Izatullo Teshaevich* - Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 935-04-43-52.** E-mail: **1978_mahmudov@mail.ru**

УДК: 343.9

ОМИЛҲОИ КРИМИНОЛОГИИ ЗӮРОВАРӢ НИСБАТИ НОБОЛИҒОН ДАР ОИЛА

Назаров А.Қ., Ғафорова Ш.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Зӯроварии оилавӣ нисбати ноболиғон дар Тоҷикистони имрӯз аз ҷониби ҳам сохторҳои давлатӣ ва ҳам ҷомеа ҳамчун масъалаи мубрам ва муҳим шинохта шудааст. Дар айни ҳол муносибатҳои оила ба ҷомеа нисбати солҳои қаблӣ кушодатар шудаанд, бисёр

сохторҳо ва идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои хориҷӣ ба омӯзиши масъалаҳои хушунати оилавӣ шурӯъ намуданд. Муҳофизат аз зӯроварии оилавиро метавон ҳамчун як масъалаи махсуси мубрам дар замони муосир шуморид. Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки соли 1989 қабул гардидааст, мақоми кӯдакро ҳифз кард – ӯ (кӯдак) ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқ шинохта шуд. Аз ҷумла, дар ин санад «тамоми намуди зӯроварии ҷисмонӣ ё равонӣ, тағйир ё суиистеъмол, намудани ғамхорӣ ё беэътиноӣ аз ҷониби волидайн, парастор ё дигар шахс, ки нигоҳубини кӯдакро ба уҳда дорад»[16], манъ гардидааст. Аммо, мутаассифона, имрӯзҳо кам нестанд оилаҳое, ки ба фарзандон зӯровариро раво мебинанд ва ин ҳаракати худро бо роҳҳои гуногун амалӣ менамоянд. Зӯроварӣ амали қасдона буда, боиси паст задани шаъну эътибори инсон ва аз ин тариқ вайроншавии инкишофи рӯҳӣ ва саломатии шахс, хусусан ноболиғон (кӯдакон) мегардад [7,с.4]. Зӯроварӣ нисбати кӯдакон бо роҳҳои гуногун содир мегардад. Бо тариқи расонидани зарари ҷисмонӣ, рӯҳӣ, таъминоти нопурраи иқтисодию иҷтимоӣ, инчунин, беаҳамиятӣ ва раво донистани муносибати бераҳмона нисбати онҳо.

Дар адбиётҳои илмӣ аз ҷониби мутахассисони илмҳои криминалӣ таърифи “муносибати бераҳмона” бо кӯдакон таҳлил карда шуда, доир ба ин мавзӯъ пешниҳодҳои гуногун оварда шудаанд [1,с.226]. Масалан, Шарипов С.С. дар таҳлили моддаи 174-и КҶ ҶТ оиди мафҳуми “муносибати бераҳмона” нисбати ноболиғ, ақидаи худро пешниҳод намудааст: “Муносибати бераҳмона” дар диспозитсияи моддаи мазкур, ин расонидани таъсир ба дахлнопазирии ҷисмии кӯдак, ки дар натиҷаи он зиёни ба саломатии инсон ҳамбастагидошта расонида мешавад, ҳама гуна таҳдиди воқеии расонидани дарди ҷисмонӣ ё тарсонидани ҷабрдида бо роҳи содир кардани дигар амалҳо, ки ҳуқуқи кӯдакро ба таври ҷиддӣ оид ба ғамхорӣ ва тарбия вайрон мекунад, маҳрум кардани ҷабрдида аз қонеъ кардани талаботи физиологии организм, монеагӣ барои амалӣ намудани манфиатҳои кӯдак оид ба ғамхории иҷтимоӣ ва тарбия фаҳмида мешавад”[14,с.19]. Гуфтан мумкин аст, ки зери ин мафҳум амал ё беамалии шахсони наздик ва ё хешу табори наздик, ки ба саломатии ҷисмонӣ ва равонии ноболиғ, инкишоф ва беҳбудии ӯ зарар мерасонанд, инчунин поймолнамоии ҳуқуқҳои кӯдак фаҳмида мешавад. Муносибати бераҳмона нисбати кӯдак метавонад на танҳо зӯроварии ҷисмонӣ ва равонӣ бошад, балки ба ин мафҳум зӯроварии ҷинсӣ, роҳҳои ғайри қобили қабули тарбия, муносибати дағалона ва беэътиноёна, паст задани шаъну шарафи ӯ, истисмори ноболиғон, зӯроварӣ намудан нисбати дигар аъзои оила дар ҳузури кӯдак дахл дорад.

Ҳангоми муайяннамоии мафҳуми “муносибати бераҳмона” нисбати ноболиғ, хусусияти алоқамандии ин зуҳуротро бо дигар илмҳое, ки проблемаи муносибати бераҳмонаро нисбати кӯдакон, таҳлил мекунанд, дар назар гирифтан лозим аст. Дар ин раванд, Ю.В. Смик дар таҳлили мафҳуми “муносибати бераҳмона” ақидаҳои пешниҳоднамудаи муаллифонро ба ду категория ҷудо менамояд, ки қисми аввал аломатҳои беруниро ҳамчун меъёри муайяншуда, дар таҳлили мафҳуми “муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон” ба сифати аломати асосӣ пешниҳод менамоянд. Ба ин гурӯҳ ақидаҳои Е.И.Симбал оид ба мафҳуми “муносибати бераҳмона нисбати кӯдак”-ро дохил намудан мумкин аст, ки чунин нуқтаи назарро оид ба мафҳуми муносибати бераҳмона пешниҳод намудааст: ”Муносибати бераҳмона ин расонидани зарар ба кӯдак, дар натиҷаи суиистифодаи ваколатҳо аз ҷониби волидайн ва ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда, барои қонеъ намудани хостаҳои худ, бар хилофи иродаи кӯдак мебошад” [11,с.15]. Гуруҳи дигари муаллифон бошанд, ҳангоми таҳлили “муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон” бисёртар меъёрҳои хусусияти дохилидоштаро, аломати асосӣ ҳисобида, дар ин раванд бештар ҳолати рӯҳии зуҳуроти мазкурро дар таҳлили мафҳуми “муносибати бераҳмона” ба инобат мегиранд. Дар ин раванд ақидаи В.А. Сиратова, ки зӯровариро ҳамчун таъсиррасонӣ, ба категорияи арзишҳои шахсӣ рабт медиҳад, мисол шуда метавонад [15,с.39]. Дар баробари ин, аз адабиётҳои илмӣ ақидаҳоеро низ пайдо намудан мумкин аст, ки мафҳуми зӯровариро бо “муносибати бераҳмона” нисбати кӯдак алоқаманд меҳисобанд. Дар ин замина Зирянова Ю.В. қайд менамояд, ки мафҳуми “муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон” бо мафҳуми “зӯроварӣ нисбати кӯдакон” ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ ҳаммаъноянд [4,с.37]. “Зӯроварӣ”, “муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон”-мафҳумҳое мебошанд, ки танҳо аз нигоҳи аввал одӣ менамоянд [10]. Ҳамин тавр, аз таҳлили назарияҳои пешниҳодгардида маълум мегардад, ки ҳангоми омӯзиши

муносибатҳои характери зӯроваридошта, аз ҷониби муаллифон, “зӯроварӣ нисбати кӯдакон” ба маъноҳои гуногун, аз қабили: “муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон”, “хушунат нисбати ноболиғон” ва “зӯроварӣ нисбати ноболиғон” пешниҳод гардидаанд. Дар умум, ин таъсири манфӣ расонидан ба организм ва ҳолати рӯҳӣ, аз ҷониби калонсолон, нисбати кӯдакон (шахси то 18-сола) мебошад. Ҳангоми таҳлили муносибатҳои зӯроварона нисбати ноболиғон дар оила муайян намудани сабабҳои пайдошавӣ ва инкишофи ин падида дар муҳити оилавӣ нақши муҳим мебозад. Сабабҳои пайдо гардидани зӯроварӣ нисбати ноболиғонро олимони зерин мавриди таҳлил қарор додаанд: Шарипов С.С.[14], Зарубина К.Д.[5], Волошин В.М.[2], Смагина М.В.[12] ва дигарон. Ақидаҳои пешниҳодгардида оид ба сабабҳои зӯроварӣ нисбати ноболиғон гуногунанд. Дар баробари ин, таҳлили адабиётҳои илмӣ ба мо имкон медиҳанд, ки сабабҳои умумии зӯроварӣ нисбати ноболиғонро пешниҳод намоем:

-анъанвӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, яъне зӯроварӣ ҳамчун одати оилавӣ боқӣ мондааст (волидайн бо принсипҳое, ки дар оилаҳои онҳо буд, фарзандонашонро тарбият менамоянд). Масалан, зӯроварии ҷисмонӣ нисбати кӯдаконро бо мақсади тарбия дуруст меҳисобанд;

-таъсири омилҳои иҷтимоӣ дар оила, шароити пасти иқтисодӣ, набудани маводи ғизоӣ, вазъи бади саломатии волидайн ва ё дигар нафарони ба онҳо баробаркардашуда, ки ҳолатҳои пайдошавии стрессро дар муҳити оилавӣ зиёд мегардонад;

-истифодаи нӯшокиҳои спиртӣ, маводи мухаддир ва психотропӣ аз ҷониби волидайн;

-зӯроварӣ ҳамчун натиҷаи манфии зиндагии модар ё падар. Ин ҳолат метавонад бо зӯроварии дар давоми кӯдакӣ дучоргаштаи яке аз волидайн алоқаманд бошад;

- вуҷуд надоштани якдигарфаҳмӣ байни падару модар ва кӯдак дар муносибатҳои оилавӣ [3,с.10-13].

Сабаби дигари раво донистани хушунат нисбати кӯдак, дар он аст, ки фарзанд дар натиҷаи таҷовуз таваллуд шуда бошад. Ин ҳолат ба он сабаб гашта метавонад, ки шахс қасди кирдори нисбаташ содиргардидаро аз кӯдак меситонад. Ё аз парастории фарзанд даст мекашад, ки ба ҳолати рӯҳии ӯ (кӯдак) таъсири манфӣ мерасад.

Омилҳои зикргардида характери умумииҷтимоӣ дошта, дар раванди таҳлили зӯроварии нисбати ноболиғон содиргардида ва роҳҳои ошкорнамоии он мусоидат менамоянд. Сари вақт ошкор намудани ҳолатҳои муносибати зӯроварона нисбати ноболиғон ва ба кӯдакон таъмин намудани кумаки комплексӣ, зарари ба саломатӣ ва инкишофи онҳо расонидашударо кам карда, ба пешгирии ятимӣ ва бекасии иҷтимоӣ ва худкушӣ дар байни ноболиғон мусоидат менамояд. Мутаассифона, аксари ҳолатҳои зӯроварии оилавӣ хусусияти латентӣ доранд, ки ҳам кӯдакон ва ҳам калонсолон аз гуфтан оиди он худдорӣ менамоянд, на ҳамеша иқрор мешаванд, ки нисбати онҳо зӯроварӣ анҷом дода шудааст. Ин раванд проблемаи асосии сабабҳои зуҳуршавии зӯроварӣ нисбати ноболиғон ба ҳисоб меравад. Вақте ки оиди зӯроварии оилавӣ нисбати ноболиғон дар оилаҳои тоҷик сухан меронем, чанд сабабро номбар кардан мумкин аст, ки ин падидаи манфиро ба вуҷуд меоранд. Дар ҷойи аввал оилаҳои носолим қарор доранд. Дар чунин оилаҳо бисёртар зӯроварии ҷисмонӣ нисбати кӯдакон мушоҳида намуда мешавад. Чӣ тавре маълум аст, вазифаи асосии оила- ташаккули принсипҳои инсондӯстӣ ва ахлоқӣ дар кӯдак мебошад. Тарбияи ноболиғон бо таъсири якчанд институтҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд, ки оила нисбатан нақши махсуси худро иҷро менамояд [7,с.171]. Мутаассифона, кам нестанд нафароне, ки расонидани зарари ҷисмониро нисбати кӯдакон бо мақсади “тарбия” дуруст мешуморанд. Инчунин, ба ин гурӯҳ шомил намудан мумкин аст оилаҳоеро, ки шароити иқтисодиашон паст аст. Қонеъ набудан аз вазъи молӣ ва шароити зист асабониятро ба вуҷуд меоварад, маҳз аз кӯдак интиқоми онро мегиранд ва ин низ яке аз сабабҳои муносибати хушунатомез нисбати кӯдак шуда метавонад. Дараҷаи пасти маърифат ва фарҳанг низ омили хавфи зӯроварӣ кардан нисбати кӯдакон мебошад. Оқибатҳои зӯроварии оилавӣ нисбати ноболиғон ба инкишофи шахсияти кӯдак таъсири манфӣ мерасонад. Кӯдаконе, ки зӯроварии оилавиро аз сар гузаронидаанд, аксаран дар оянда чунин муносибатро нисбати аъзои оилаи худ раво мебинанд. Бисёриҳо зӯровариро меъёри муътадили муносибатҳои оилавӣ мешуморанд. Кӯдаке, ки зӯроварии оилавиро аз сар гузаронидааст, бисёртар аз ҷиҳати инкишофи равонӣ ва ҷисмонӣ шахси нокомил ба воя мерасад. Проблемаи дигаре, ки дар ҷомеа вуҷуд дорад, ҷудонамоии гендерӣ мебошад.

Ин раванд дар баробари вуҷуд доштанаш дар муносибатҳои ҳамсарӣ, нисбати фарзандони оила низ дар аксарияти оилаҳо татбиқ мегардад. Дар ҷомеаи имрӯза бо вуҷуди дигаргуншавии ақидаҳои субъектони оилавӣ, то ҳол нафарони зиёд ҳастанд, ки дар масъалаи тарбия ва инкишофи фарзандон байни онҳо фарқиятгузорӣ менамоянд. Вобаста ба ин, дар масъалаи тарбия ва татбиқи зӯроварӣ нисбати кӯдак, дар оила ба кадом ҷинс тааллуқ доштани ӯ аҳамияти хос дорад. Писарон бисёртар ба зӯроварии ҷисмонӣ гирифтор мегарданд, дар ҳоле ки ба духтарон хатари куштан бисёртар таҳдид менамояд. Инчунин тадқиқотҳо муайян намудаанд, ки духтарон нисбат ба писарон 1,5-3 маротиба зиёдтар ба зӯроварии шаҳвонӣ дучор мегарданд [17]. Оиди зӯроварии ҷинсӣ нисбати ноболиғон бошад аксаран аз ҷониби хешовандони наздик ё шиносони худи ноболиғон, дар ҳолатҳои хеле кам аз ҷониби занон, анҷом дода мешавад. Ин ба он сабаб мегардад, ки дар оянда кӯдакон ба фоҳишагӣ, педофилия ва дигар ҷиноятҳои шаҳвониро содир намоянд. Бояд қайд намуд, ки ҳолатҳои зӯроварии оилавӣ нисбати ноболиғон на танҳо дар оилаҳои камбизоат мушоҳида мешаванд. Инчунин, дар оилаҳое, ки шароити хуби иқтисодӣ доранд, ҳолатҳои зӯроварӣ мушоҳида мешаванд, аз қабили зӯроварии ҷисмонӣ ва ҳам равонӣ ва инчунин беэътиноӣ мебошад.

Аз сабаби хосияти пинҳонӣ доштани муносибатҳои мазкур нисбати ҳуқуқвайронӣ ва ҷиноятҳои содиргардида, ба даст овардани маълумоти омории ҳақиқӣ ғайриимкон мебошад. Танҳо дар соли 2019- 76 ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ доир ба риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила ва 2860 ҳолатҳои риоя нагардидани масъулияти волидайн аз ҷониби модар ё дигар намояндагони қонунии ноболиғ доир ба тарбия ва таълими ноболиғон дар мурофиаҳои судӣ баррасӣ намуда шудаанд [8,с.99]. Дар ин раванд, дар аксарияти ҳолатҳо аъзоёни калонсоли оила на танҳо бо рафтор ва тарзи зиндагии худ ба кӯдакон намунаи манфӣ нишон медиҳанд. Ҳамчунин, онҳоро ба содир намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ ва дуздӣ ташвиқ менамоянд, кӯдаконро барои ворид гардидан ба маконҳои истиқоматӣ ва ҳамчун интиқолдиҳандаи контрабанда истифода мебаранд [7,с.149]. Ин ҳолат таҳлили ҳамаҷонибаи зӯровариро нисбати ноболиғон дар оила талаб менамояд. Барои коҳиш додани истифодаи ноболиғон ба сифати “қонеъкунандагони хостаҳои волидайн”, пеш аз ҳама, корҳои ислоҳотиро бо волидайн ва дигар шахсони ба онҳо баробаркардашуда гузаронидан лозим аст. Зеро бо вуҷуди меъёрҳои қонунии қабулгардида, иҷро нашудани онҳо маҳз аз ҷониби волидайн бештар ба назар мерасанд. Дар ҳолати оиди риоя накардани қонунгузории ҶТ дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила ва масъулияти падару модар суханронӣ намудан, пеш аз ҳама, ба оилаҳои дар гурӯҳи хавф шомилбуда, диққат додан лозим аст. Дар чунин оилаҳо бештар зӯроварии ҷисмонӣ ва иқтисодӣ мушоҳида мешаванд. Ин оилаҳо бояд ба пойгоҳи иттилоотии мақомоти дахлдор, ки ба корҳои огоҳонии зӯроварӣ нисбати кӯдакон вобаста карда шудаанд, ворид намуда шаванд. Корҳо бояд аз волидайн оғоз карда шаванд ва нисбати кӯдакони дар чунин шароит инкишофёбанда низ чораҳои махсуси инфиродӣ татбиқ гардад. Таъсири мусбӣ дар корҳои пешгирикунанда оиди некуаҳволии оилавӣ ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ бахшида ба рӯзҳои оила, фестивалҳо ва озмунҳои гунонун бахшида ба арзишҳои оилавӣ ба назар мерасад. Аммо, шумора ва сатҳи гузаронидани ин чорабиниҳо ба талаботи имрӯза пурра ҷавоб дода наметавонад. Аз ин лиҳоз, таблиғи оилаҳои солим ва тарбияи дурусти кӯдакон дар ҷомеа, бо дарназардошти талаботҳои замони муосир, зиёдтар карда шавад. Мутахассисоне, ки ба гузаронидани корҳои пешгирикунанда бо оилаҳо масъул ҳастанд, бояд ба волидайн ва дигар шахсони ба онҳо баробаркардашуда фаҳмонанд, ки ҳуқуқи волидайн ба тарбияи кӯдакон яке аз муҳимтарин уҳдадориҳои онҳо мебошад. Барои иҷро накардани уҳдадориҳои волидайн, аз ҷумла ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳо нисбати кӯдакон, масъулияти шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, ки аз ҷониби мутахассисони соҳа иҷрои ҳатмии онҳо талаб карда мешавад. Муҳофизати кӯдак аз зӯроварии оилавӣ, огоҳонии амалҳои зиддиҳуқуқӣ нисбати онҳо бояд вазифаи иҷтимоии махсус ва хеле муҳимми интизомӣ шуморида шуда, дар сатҳи байниидоравӣ ва шаҳрвандӣ-давлатӣ ҳал гардад. Ба фаъолият дар ин самт институтҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ – мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти васоят ва парастории, сохторҳои таълимӣ, кормандони хадамоти тиббӣ, равонӣ ва ҷамъиятӣ, ташкилоти гуногуни ҷамъиятӣ бояд ҷалб карда шаванд. Ин кор ҳамеша аз ҷониби ваколатдорони ҳуқуқи кӯдак назорат карда шавад.

Корҳо доир ба мубориза ва пешгирии зӯроварии оилавӣ бояд дар заминаи қонунӣ таҳлил карда шаванд. Дар ин самт аллакай бисёр корҳо анҷом дода шудаанд ва боз масъалаҳои зиёди ҳалталаб мавҷуданд.

Дар пешгирии зӯроварии оилавӣ мавқеи санадҳои ҳуқуқии давлатӣ муҳим мебошад. Дар айни замон, ин система аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифта, бо қабул гардидани Қонун «Дар бораи пешгири зӯроварӣ дар оила» ба итмом мерасад. Инчунин, қабул гардидани қонуни мазкур, дар масъалаи пешгирии зӯроварӣ дар оила давраи наверо ба вуҷуд овард [7,с.69]. Иҷроиши бевоситаи қонун ба зиммаи мақомоти корҳои дохила вогузор карда шудааст. Вобаста ба ин, фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон ва пешгирии зӯроварӣ дар оила амал менамояд. “Бояд қайд кард, ки ҷавобгарӣ чораи ниҳоӣ ва истисноӣ мебошад”[7,с.5]. Барои кам кардани зуҳуроти мазкур роҳҳои пешгирӣ намудани зӯроварӣ нисбати ноболиғон дар оиларо ба таври мушаххас таҳлил намудан лозим.

Дар асоси таҳлили таҷрибаҳои дохилию хориҷӣ усули интерактивии ташкили системаи мубориза бо ҷиноятқорӣ дар оиларо ба се системаи асосии модулӣ ҷудо намудан мумкин аст: 1-субъектони таъсиррасон; 2-объектҳои пешгирикунанда; 3-механизмҳои назораткунанда. Бо дарназардошти системаҳои пешниҳодшуда, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар ҳолатҳои истисноӣ ҳуқуқ доранд, аз номи давлат дар муносибатҳои дохилиоилавӣ дахолат намоянд. Пешниҳод менамоем, ки роҳҳои криминологии танзими муносибатҳои оилавӣ дар ҳолате амалӣ гардонида шаванд, ки ба ҳаёт ва саломатии субъектони оилавӣ хатари расонидани зарар вуҷуд дошта бошад. Барои пешгирии зӯроварӣ дар оила нисбати ноболиғон дар амалия ҷорӣ намудани назорати муносибатҳои криминологии оилавӣ аз ҷониби мақомотҳои дахлдор татбиқ гардад [13,с.43].

Моҳияти пешгирии зӯроварӣ дар оила нисбати кӯдакон дар адабиётҳои илмӣ аз рӯйи меъёрҳои гуногун тасниф гардидааст. Аксарият пешгирии зӯровариро бо ду равиш ҷудо менамоянд: пешгирии зӯроварӣ бо равиши умумӣ ва махсус. Барои пешгирии зӯроварӣ нисбати ноболиғон дар оила марҳилаҳои асосии корҳои профилактикиро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст: коҳиш додани хатари пайдошавии хушунат дар оила; кам кардани ҳолатҳои пайдошавии зӯроварӣ дар ҷомеа; саривақт ошкор намудан ва бартарафсозии омилҳои марбут ба зӯроварии як узви оила, нисбати дигар аъзоёни он; барқарорсозии зарари расонидашуда ба қурбониёни хушунати оилавӣ [9,с.14]. Барои корҳои пешгирикунандаи бомуваффақият ва маҳв кардани муносибати зӯроварона нисбати ноболиғон дар оилаҳо, дар баробари мақомоти давлатӣ ва институти ваколатдорони ҳуқуқи кӯдак бояд ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятӣ таъсис дода шаванд. Масалан, барои кӯдаконе, ки дар шароити душвори зист қарор доранд, фонд таъсис дода шавад ва барои корҳои пешгирикунанда оиди беҳбудӣ, беназоратӣ, бесарпаноҳӣ ва ҷиноятқории оилавӣ дар давраи муайян ҳисобот ба мақомоти дахлдор пешниҳод гардад. Фаъолияти онҳо бояд ба ташаккули муносибати таҳаммулнопазир ба падидаҳои гуногуни зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар ҷомеа, баланд бардоштани масъулияти волидайн барои амалҳои зидди кӯдак равонашуда, таъмини барқароршавии кӯдаконе, ки зӯровариро аз сар гузаронидаанд, равона карда шавад. Масъалаи дигар баъди бо зӯроварӣ рӯ ба рӯ шудан ва шикоят нисбати зӯровар мебошад, ки таҳлили махсусро талаб менамояд. Дар кишвар паноҳгоҳҳои муваққатӣ барои занону кӯдаконе, ки зӯроварии оилавиро аз сар гузаронидаанд, фаъолият менамоянд [6,с.12]. Аммо шумораи онҳо қонеъкунанда нест. Мушкилоти дигар, масъалаи ба куҷо муроҷиат кардани (рафтани) кӯдакон баъди аз марказҳои ёрирасон баромаданашон мебошад, зеро ки зӯроварии оилавӣ ҷой дошта бошад, агар нисбати “зӯровар” чораҳои қатъӣ андешида шуда набошанд, ин кирдор хусусияти такрориро пайдо менамояд. Мутаассифона, дар кишвар ҳанӯз ҳам марказҳои ҳуқуқие, ки барои кӯдакон ва оилаҳои онҳо барои таъмини муҳофизати ҳуқуқҳо ва арзишҳои ӯ ва таъмини кумаки ройгони ҳуқуқӣ ба онҳо пешбинӣ шудаанд, кам вуҷуд доранд. Дар замони ҳозира, муҳофизати кӯдакон ва ноболиғон аз муносибати зӯроварона вазифаи иҷтимоии муҳим ва мубрам ба ҳисоб рафта, таҳлили махсуси илмӣ ва чораҳои мушаххас дар робита бо пешгирии зӯроварӣ нисбати онҳо ва ҷавобгарӣ дар ҳолати поймолнамоии ҳуқуқҳои кӯдаконро талаб менамояд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент ДМТ *Холиқов Ш.Л.*

АДАБИЁТ

1. Беседина О.А. Пунитивные воспитательные практики в современной российской семье.-Нижный Новгород, 2019.-226с., Коваль Н.В. Жестокие обращение с детьми: криминологические и уголовно-правовые проблемы,-Москва 2013.-224с.,
2. Волошин В.М. Уголовная ответственность за неисполнение обязанностей по воспитанию несовершеннолетнего: Автореферат – Ставрополь 2002. -17 с.
3. Жестокое обращение с детьми: причины и последствия. Правовая защита детей от жестокого обращения» (информационно-методическое пособие) - Красноярск 2019. -91 с.
4. Зирянова Ю.В. Криминологическая характеристика насилия в отношении несовершеннолетних членов семьи и его предупреждение (по материалам Южно-Сибирского региона), диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук.-Абакан, 2017; -348с.
5. Зарубина К.Д. Социальное неблагопалучие и насилие в семье (криминологическое исследованние): дис.. кан. юр. наук: 12.00.08: -Москва 2013. -210с.
6. Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Ҳаёт бе зӯроварӣ, Душанбе-2013; 15с.
7. Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (Маводи мизи муддавар) ./ зери таҳрири умумии Шарипов Т.:-Душанбе :, 2013. -178с.
8. Мониторинг реализации государственной программы по предупреждению насилия в семье в республике Таджикистан на 2014-2023 годы. Душанбе 2020. 126с.
9. Никулина Э.А. Организационно-педагогическая система профилактики насилия над детьми в семье: Автореферат кан.пед.наук:13.00.01 –Саратов 2004,-27с.
10. Осадчая Н.Г. Жестокое обращение с детьми в семье: определения и перспективы исследованный / Г.Н. Осадчая https:// cyberleninka.ru (санаи мурољиат: 17.09.2021).
11. Цимбаль Е.И. Жестокое обращение с детьми: причини, проявления, последствия (издание второе исправленное и дополненное) / И.Е. Цимбаль - Москва 2010 ,-285с.
12. Смагина М.В. Насилие над детьми в семье как социокультурное явления современной России : Автореферат дис.. на соис. кон. сот. наук: 22.00.06 –Ставрополь 2006, 168с.
13. Харламов В.С. Теория и практика противодействия преступному насилию в семье (системное криминологическое и уголовно-правовое исследование): Автореферат дис. на соискание ученой степени док. юр. наук –Санк-Петербург 2019,-43с.
14. Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани ӯҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ: Дисертатсия барои дарёфти дараҷаи ном. илми ҳуқ. 12.00.08: -Душанбе 2020,-204с.
15. Ю.В.Смык , Определение понятия «жестокое обращение с детьми в семье»: ценностный контекст . -Вестник ТГПУ, 2015. 6(159), с.38-41с.
16. http://www.Un.org Конвенция о правах ребенка; Принята резалюцией 44/25 Генеральной ассамблеи от 20.11.1989 (дата обращения: 17.04.2021)
17. https://www.who.int Глава 3. Жестокое обращение с детьми и отсутствие заботы со стороны родителей и других воспитателей, -с.70 (дата обращения 16.04.2021).

ОМИЛҲОИ КРИМИНОЛОГИИ ЗӮРОВАРӢ НИСБАТИ НОБОЛИҒОН ДАР ОИЛА

Дар мақолаи мазкур оид ба сабабҳои содирнамоии зӯроварӣ нисбати кӯдакон дар оила ва роҳҳои пешгирии онҳо маълумот дода шудааст. Дар баробари ин, мафҳуми “муносибати бераҳмона” нисбати ноболиғон низ таҳлил гардида, ақидаҳои як қатор олимони ватанию хориҷӣ доир ба ин масъала пешниҳод гардидаанд. Бо дарназардошти назарияҳо оид ба сабабҳои пайдоиш ва роҳҳои пешгирии зӯроварӣ нисбати кӯдакон ақидаҳои муаллифон пешниҳод гардидаанд. Мутаассифона, рӯз то рӯз сатҳи содир намудани ҷиноятқорӣ нисбати ноболиғону кӯдакон зиёд гардида истодааст. Коҳиш додани зӯроварӣ нисбати кӯдакон ва дастгирии онҳо нақши махсуси худро дар раванди маҳви ҷиноятқорӣ дар ҷомеаъ мебозад. Муҳофизати кӯдак аз зӯроварии оилавӣ, огоҳонии амалҳои зиддиҳуқуқӣ нисбати онҳо бояд ҳам аз ҷониби волидайн ва ҳам аз ҷониби давлат (аз ҷониби мақомотҳои дахлдор вобаста ба ҳуқуқи кӯдак ва муносибатҳои оилавӣ) ба роҳ монда шавад. Кӯдакон қишри осебпазир ва зудбоварро ташкил медиҳанд, ки кирдорҳои нисбаташон содиргардидаро на ҳамаи онҳо ба таври аниқ ва дуруст дарк карда метавонанд. Бо ҳамин сабаб, таҳлили сабабҳои пайдоиши хушунат дар оила нисбати кӯдакон ва пешниҳоди ақидаҳо оиди коҳиш додани зӯроварӣ нисбати ноболиғон дар мақолаи мазкур, мақсади асосии мо қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: кӯдак, волидайн, муносибати бераҳмона, зӯроварии оилавӣ, ҳолати рӯҳӣ, калонсолон, оила, муносибати ҳуқуқӣ, ноболиғон, омилҳои криминологӣ.

КРИМИНОЛОГИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ НАСИЛИЯ В ОТНОШЕНИИ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНЫХ В СЕМЬЕ

При анализе данной статьи особое внимание уделяется причинам насилия в семье в отношении детей и способы их предотвращения. Также проанализировано понятие «жестокое обращение» с несовершеннолетними и расмотрены взгляды ряда отечественных и зарубежных ученых. С учетом данных теорий, авторы представляют свои взгляды относительно причин и способов предотвращения насилия в отношении детей. К сожалению, год из года растет уровень преступности в отношении несовершеннолетних и детей. Этот процесс требует особого социально-правового внимания. Сокращение насилия в отношении детей и их поддержка от этого негативного явления играет особую роль в процессе искоренения преступности в обществе. Зашита детей от домашнего насилия, осведомленность о противоправных действах в отношении них могут осуществляться как родителями,

так и государством (через соответствующие органы по правам ребёнка и семейным отношениям). Дети относятся к уязвимому слою населения и не все могут четко осознать, что означают относительные действия. Поэтому, анализ причин возникновения насилия в семье над детьми и представление взглядов относительно искоренения насилия в отношении несовершеннолетних является основной цельюв данной статье.

Ключевые слова: ребенок, родители, жестокое обращение, семейное насилие, психическое состояние, взрослые, семья, правовые отношения, несовершеннолетние, криминологические факторы.

CRIMINOLOGICAL FACTORS OF VIOLENCE AGAINST MINORS IN THE FAMILY

When analyzing this article, special attention is paid to the causes of domestic violence against children and how to prevent them. The concept of "cruel treatment" with minors is also analyzed and the views of a number of domestic and foreign scientists are considered. Taking into account these theories, the authors present their views on the causes and ways of preventing violence against children. Unfortunately, the level of juvenile and child crime is growing year after year. This process requires special social and legal attention. Reducing violence against children and supporting them from this negative phenomenon plays a special role in the process of eradicating crime in society. Protection of children from domestic violence, awareness of unlawful acts against them can be carried out both by parents and by the state (through the relevant bodies on child rights and family relations). Children are a vulnerable segment of the population and not everyone can clearly understand what relative actions mean. Therefore, analyzing the causes of domestic violence against children and presenting views on the elimination of violence against minors is the main purpose of this article.

Keywords: child, parents, abuse, family violence, mental state, adults, family, legal relations, minors, criminological factors..

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Назаров Аваз Қувватович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Ғафорова Шаҳноза Абдуҷабборовна- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторах*:* ***Назаров Аваз Куввatович***- Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17
Гафорова Шахноза Абдуджабборовна- Таджикский национальный университет, соискатель кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17

Information about the authors: ***Nazarov Avaz Kuvvatovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Criminalistics and Forensic Activity of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17
Gaforova Shakhnoza Abdujabborovna - Tajik National University, applicant for the Department of Criminalistics and Forensic Activity of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17

УДК: 341.3.01

МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ ВА ТАКМИЛИ СОХТОРИ ДАСТГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲАХОМАНИШИЁН

Расулов Ф.М.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ

Дар таърихи башар ёддошти нахустин роҷеъ ба коррупсия дар низоми хидмати давлатӣ, ки дар ёдгории давлатдории қадимтарини машҳур – бойгонии Бобулистони бостон дарҷ гардидааст, ба нимаи дуюми асри XXIV то милод дахл дорад. Дар замони шумериҳо ва семитиҳо Шоҳи Лагаш Урукагина (Уруинимгина) дар идоракунии давлатӣ «бо мақсади пешгирии суиистифода аз мансаб аз ҷониби мансабдорону додрасони худ, кам кардани андозу пардохтҳои коҳинони маъбад, ҳифзи молу мулки маъбадҳо аз дахолати маъмурияти шоҳӣ, ҳамчунин кам кардан ва ба тартиб даровардани пардохтҳо барои маросимҳо» ислоҳот мегузаронад [24,с.139-142].

Он чи шоҳи Лагаш оғоз карда буд, шоҳ Ҳаммурапи (асри XIX то м.), ки фаъолияташ дар матни Қонунномааш дарҷ гардидааст, идома медиҳад: «(§5). Агар додрас (судя) парвандаи судиро ҳал кунад, қарор қабул намояд, ҳуҷҷат бо муҳр таҳия намояд, вале баъдан қарори худро тағйир диҳад, пас ин додрасро дар тағйир кардани қарор фош бояд сохт ва ӯ нархи даъвои дар ин парвандаи судӣ эълонгаштаро ба андозаи 12-карата бояд

пардохт намояд, инчунин бояд ба тарзи оммавӣ аз курсии довариаш барканор карда шуда ва ҳеҷ гоҳ дубора бо додрасон ба додгустарӣ нанишинад (§ 6). Агар инсон дороии Худо (маъбад) ва ё дарборро дуздад, пас ин одамро бояд кушт; ҳамчунин касе аз дасти ӯ чизи дуздиро қабул кунад, бояд кушта шавад» [6,с.23].

Ба ин монанд ёддоштҳо роҷеъ ба порахӯрию коррупсия ва муҷозот барои онҳоро дар дигар матнҳои Шарқи бостон низ вохӯрдан мумкин аст: «Фармони Хоремхеб» (Миср, асри XIII то м.) [14,с.126], «Сзо-чжуан», (Чини бостон, асрҳои XI-IX то м.) [23,с.168-169], трактати «Артхашастраи Каутилиё» (Ҳинди бостон, асри IV то м.) [3], «Вишну-смрити», (Ҳинди бостон, асри I м.) [14,с.513] «Маҳабҳарата», (Ҳинди бостон, миёнаи ҳазораи I то м. – миёнаи ҳазораи I м.) [14,с.527] ва ғайра. Санадҳои мазкур ба ҳадди кофӣ ва ба таври асоснок тасдиқ менамоянд, ки аз нигоҳи назариявӣ пайдоиш ва мавҷудияти коррупсия аз лаҳзаи ҷудошавии функсияи идоракунӣ дар фаъолияти ҷамъиятӣ ва хоҷагӣ имконпазир мегардад. Пас, ҳанӯз дар аввалин давлатҳо, аз ҷумла дар давлатҳои нахустини тоҷикон – Суғд, Бохтар ва Хоразм коррупсия ва кирдорҳои ба он алоқаманд, ҳамчунин муқовимат бо онҳо бешак ҷой доштанд. Аммо, мутаассифона, аз ин давлатҳои халқи тоҷик маълумоти мушаххас дар масъалаи коррупсия ва мубориза алайҳи он дар даст нест.

Қадимтарин маълумот роҷеъ ба масъалаи баррасишаванда дар таърихи давлатдории гузаштагони тоҷикон аз давраи шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо боқӣ мондааст. Давлати Ҳахоманишӣ бар асоси таълимоти оини зардуштӣ бунёд ёфта буд, ростиву адолатхоҳӣ ва раиятпарварӣ аз фазилатҳои муҳим ва барҷастаи он ба шумор мерафтанд. Пайравӣ ва эътиқод ба таълимоти зардуштӣ Ҳахоманишиҳоро ба корнамоиҳои арзишманде дар соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳидояту роҳнамоӣ карда буд. Ин ҷо, бояд дар назар дошт, ки мазмуни истилоҳи «адолат» нисбӣ буда, дар раванди таърих он хеле тағйир ёфтааст. Чунончи, моҳияти «адолат» дар замони мо аз он мазмуне, ки дар Ориёи бостон дошт, албатта, фарқ мекунад. Бинобар ин, «адолат»-е, ки дар нақлу ривоёт ва ҳуҷҷатҳои таърихӣ ёд мешавад, хосси ин ё он замон мебошад. Дар банди 14-уми Маншури асосгузори давлати Ҳахоманишиҳо Куруши Кабир чунин нигошта шудааст: «Куруш бо ростиву адолат кишварро идора мекард» [7,с.246]. Дориюши аввал низ дар Катибаи Бесутун гуфтааст: «… ин ки кардам ба бузургии Аҳурамаздо кардам… тибқи ростӣ рафтор бикардам» [7,с.267]. Албатта, ин гуфтаҳо дар фаъолияти зиддикорупсионии шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо низ принсипҳои роҳбарикунанда дониста мешуданд.

Дар аҳди ҳукмронии Ҳахоманишиҳо сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва равишҳои амалии қобили таваҷҷуҳе аз муҳокимаҳои суратгирифта дар хусуси шахси порахӯр ҷой доранд. Бештар аз 40 катиба то ҳол аз подшоҳони Ҳахоманишӣ кашф шудааст. Аз ҷумла, дар «Катибаи Бесутун» ҷазои қатл барои касе, ки бедодгарӣ пеша мекунад, дарҷ гардидааст [7,с.256-268]. Порахӯрӣ низ ҳамчун зулму бедодгарӣ ва ҷиноят (амали ғайриқонунӣ) дониста мешудааст. Ба андешаи бархе аз муҳаққиқон, «Қонуни шоҳӣ», ки мутааллиқ ба Куруши Кабир аст ва баъдҳо заминаи кори қонунгузорони Рум, аз ҷумла Юстиниан - императори бузурги Рум қарор гирифт ва он низ ҷазои сахт барои порахӯр пешбинӣ карда буд [4,с.117].

Ин гуфтаҳоро бо он метавон собит сохт, ки якчанд нақлу ривоёт вобаста ба амалҳои коррупсионӣ ва муҷозот барои он аз замони ворисони Куруш то ба мо расидааст. Дар ин давра шоҳаншоҳ ба сифати мақоми асосии додгустарӣ бар кори додрасон (судҳо) низ назорат мебурд. Агар ҳукми ноҳақе аз онҳо содир мешуд, ба тариқи саҳеҳ рафъи зулм мекард. Чунончи, Ҳерудут дар мавриди Камбуҷияи писари Куруш мегӯяд, ки вақте яке аз додрасони олимақоми Ҳахоманишӣ бо номи Сисоминис (Сисом?) пора гирифта буд, бо дастури шоҳаншоҳ Камбуҷия пӯсташро аз тан канданд ва бар маснади додрасии ӯ гузоштанд ва писараш Утонисро ба ҷойи падар ба ҳангоми додрасӣ бар он маснад нишонданд [21,с.609-610]. Албатта, иҷрои ин ҷазои сахт (марг) дар мавриди порахӯр дар ҷойи дигари таърихи Ҳахоманишиён низ аз сарчашмаҳо маълум аст, монанди ба салиб кашидани додрас бо дастури Дориюш бо далели порахӯрӣ [21,с.841]. Тибқи ривояти Плутарх хоҷасарой Сатибарзан барои як кори ноҳақ шоҳаншоҳи Ҳахоманишӣ Ардашерро илтимос кард. Ардашер огоҳӣ ёфт, ки барои ин хоҳиш хоҷасарой 30 000 дорик гирифтааст. Пас, фармуд, ки аз хазина 30 000 дорик оранд ва ба ӯ доду гуфт: «Бигир, Сатибарзан! Инҳоро ба ту дода ман нодор намешавам, аммо, агар он чиро ту хоҳиш

намудӣ иҷро кунам, бедодгар мешавам» [18,с.342]. Чунин бархӯрдҳо баёнгари адолати шоҳони Ҳахоманишӣ нисбат ба раият ва аҳамияти волои додварию додрасӣ дар ин давлат мебошад. Аз ин нақлҳои таърихӣ бармеояд, ки порахӯрӣ дар аҳди Ҳахоманишиҳо амали ноадолатона ва ҷинояти махсусан вазнин ба ҳисоб рафта, барои он ҷазои сахт дар намуди қатл татбиқ мешуд. Аммо ба андешаи муҳаққиқи эронӣ А. Ашрофӣ, подшоҳ ҳақ дошт порагирандаро, ки бори аввал ин гуноҳро содир кардааст ва ё собиқаи дурахшони амал дар гузашта дошта бошад, авф намояд [214,с.117-118]. Чунончи, тибқи нақли Ҳеродот довари шоҳӣ Сондукис зимни доварӣ ришва гирифта, ба фармони Дориюш маҳкум ба қатл мегардад, аммо вақте ҳанӯз дар рӯйи салиб зинда буд, Дориюш андешид ва дарёфт, ки андозаи хидмат ва корҳои неки гузаштаи ӯ беш аз гуноҳи кунуниаш аст, бинобар ин дарёфт ки ҳукми додгаронае надодааст ва дастур дод ӯро озод кунанд [21,с.841] ва баъдан шоҳаншоҳи Ҳахоманишӣ ин додрасро (яъне Сондукисро) ҳатто ба мансабҳои олӣ таъйин менамояд.

Файласуфи юнонӣ Арасту дуруст қайд менамояд, ки шахсони мансабдор «ба татмеъ кардан (ба харидан бо ришва) дастрасанд ва бисёр вақт корҳои давлатиро қурбони вақтхушии худ мекунанд. Бинобар ин беҳтар мебуд, агар онҳо аз ҳар навъи назорат озод намебуданд» [2,с.138]. Инчунин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» «такмили сохтори дастгоҳи давлатӣ» ҳамчун яке аз принсипҳои асосии мубориза бар зидди коррупсия номбар мегардад [1]. Гуфтаҳои Арасту роҷеъ ба ҷорӣ кардани назорати давлатии мунтазам ва принсипи такмили сохтори давлатӣ ҳамчун чораҳои зиддикоррупсионӣ, ки қонунгузории имрӯзаи Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ҳанӯз дар давлатдории Ҳахоманишиҳо амалан хеле хуб ба роҳ монда шуда буд.

Таҳлилу таҳқиқи катибаву матнҳои таърихӣ, сарчашмаҳои бостоншиносӣ ва адабиёти илмӣ ба он далолат мекунанд, ки дар натиҷаи баргузории ислоҳоти идорию ҳарбӣ, молиявию пулӣ ва ҷорӣ намудани низоми дақиқи ҳисобу китоб, пардохти мунтазами маош ба кормандону мансабдорону лашкариён ва назорати давлатӣ, аз ҷумла назорати давлатии молиявӣ сохтори давлатии шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо такмил ёфта, ба таври назаррас сабабгори кам шудани кирдорҳои коррупсионӣ гардиданд.

Дар аҳди Ҳахоманишиҳо, ки империяи бузурги фарогири ҳудуди калони Шарқ, аз ҷумла Осиёи Марказӣ буд, назорати давлатӣ ва вобаста ба он муқовимат бо порахӯрӣ ва дигар кирдорҳои коррупсионӣ самти муҳимми функсияи давлатро ташкил медод. Шоҳаншоҳи Ҳахоманишӣ Дориюши Бузург ислоҳоти маъмурию ҳарбӣ, молиявию пулиро ба амал баровард, ки дар натиҷа ниҳодҳои давлатию ҳуқуқӣ рушду такомул ёфтанд. Мутобиқан, аз як тараф, такмили сохтори давлатӣ сабабгори нисбатан кам шудани амалҳои коррупсионӣ гардида, аз сӯйи дигар, муқовимат бо коррупсия дар рушду тавсеаи низоми идоракунӣ фаъолона мусоидат намуд.

Албатта, дар тамоми давраи ҳукмронии Ҳахоманишиҳо дар ба амал баровардани функсияи идоракунӣ, пеш аз ҳама, шоҳаншоҳ – сарвари давлат мақоми махсусро дошта, ҳокимият ва салоҳиятҳои номаҳдудеро соҳиб буд. Пас аз шоҳаншоҳ мансаби муҳимтарини давлатӣ вазифаи Вазрак Фармодор (вазир) ба ҳисоб мерафт. Аз шоҳаншоҳии Дориюши Кабир оғоз намуда, дар назди шоҳаншоҳ мақомоти машваратӣ – Шӯрои ҳафтнафара (Шӯрои хирадмандон) таъсис гардид. Ин шӯро мақоми машваратӣ ва додрасӣ дошта, шоҳ барои баррасии масоили муҳимми сиёсӣ, додрасӣ, молиявӣ, назорату ҷамъоварии молиёт ба он муроҷиат менамуд. Агар оид ба масъалае шӯро қарор қабул менамуд, бо имзои шоҳаншоҳ он эътибори ҳуқуқӣ пайдо карда, иҷроишаш хусусияти ҳатмӣ-ҳокимиятӣ мегирифт. Муҳаққиқи эронӣ М. Рашшод қайд мекунад, ки тибқи иттилои Ҳеродот додрасе, ки ба ҷурми порахӯрӣ аз ҷониби Камбуҷия пӯст канда шуд, узви ин Шӯро буд [19,с.109]. Ҳамчунин, дар адабиётҳои илмӣ мансабҳои дигари давлатии Ҳахоманишиён мисли ҳазарапати, хшатрапаван (сатрап), варданапати (сардори шаҳр), сепиру (дабир-тарҷумон), пайк (аразапанта), датабара (додвар-судя), фрасакара (муфаттишони судӣ) [11,с.107-111], ҳоморокара (оморгар-ҳисобрас), гитепату (хазинадор) [12,с.109], ганзабара (ганҷур), упаганзабара (ёвари ганҷур), мудири амбор (ҳамбарабара) [12,с.213], шоҳомор (сардори идораи молиявӣ), аздакара (мунодӣ, ҷорчӣ) [12,с.121-123], сапасак [25,с.47] ё патиахша (чашмҳои шоҳ), гаушака (гушҳои шоҳ) [12,с.122], тачарапати (хоҷасарой) [22,с.142] номбар карда мешаванд. Дабирони зиёде дар дабиристонҳо мехонданд ва хатм

мекарданд. Дар дарбори шоҳу сатрапҳо ва артиш тарҷумонҳо буданд, ки якчанд забонро медонистанд [12,с.125]. Ба қавли Р. Фрай, сатрапиҳои давлати Ҳахоманишиҳо монанди ҳукумати марказӣ дарбор ва дастгоҳи идораи худро доштанд [22,с.149].

Мутафаккири асримиёнагии фаронсавӣ Шарл Луи Монтеске хосси ҳар инсон будани майлу рағбат ба истифодаи ҳокимиятро баҳри ҳадафҳои шахсӣ қайд мекунад: «Аммо аз рӯйи таҷрибаи асрҳо маълум аст, ки ҳар як инсоне, ки ҳокимият дорад, мутамоил ба суиистифодаи он мегардад ва ӯ ба ин самт меравад, то расидан ба ҳудуди барои ӯ гузошташуда» [15,с.289]. Монтеске дар мубориза бо зуҳуроте чун коррупсия таъкид ба маҳдуд кардани салоҳиятҳои ҳокимиятии мансабдорон мекунад. «Барои он ки имкони суиистифода аз ҳокимият набошад – ишора мекунад ӯ, - чунин тартиби корҳо зарур аст, ки зимни онҳо ҳокимиятҳои гуногун тавонанд якдигарро боздоранд» [15,с.289]. Асоси маҳдуд сохтани бедодгарию худсарии ҳокимиятӣ бояд татбиқи принсипи тафзияи ҳокимият ба се шохаи мустақил: қонунгузор, иҷроия ва судӣ баромад намояд. Ин ҷо қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар сатрапиҳои давлати Ҳахоманишиҳо ҳар як шахси мансабдори аз марказ таъйингардида нисбати дигар мансабдорони ҳамин маҳал функсияи назоратиро соҳиб буданд. Дориюш бо гузаронидани ислоҳот дар як вақт идоракунии давлатро беҳтар сохт, соҳаҳоро ҷудо кард, унсурҳои идоракунии соҳавиро дар маҳалҳо низ роҳандозӣ намуд, шароити мавҷудияти боздошт ва мувозинаро муҳайё сохт, ки натиҷаҳои мусбат ба бор оварда, давлату давлатдории мазкурро дар давоми зиёда аз дусад сол таҳким бахшид ва ин ислоҳот як андоза ба тафзияи ҳокимият дар маҳалҳо шабоҳат дошт.

Дорои Бузург ба эҷод ва тавсеаи тамаркуз кӯшид, то аз тариқи назорати мустақим бар кори сатрапҳо адолат ва амниятро дар вилоятҳои тобеъ таҳти назорати дақиқи хеш дароварад. Албатта, қабл аз ӯ низ унвони сатрап (хашатрабон, шаҳрбон) вуҷуд дошт, аммо вай барои он ки тамаркузи қудрат дар дасти ин шаҳрбонон омили марказгурезӣ ва истиқлолталабии онҳо нашавад, як фармондеҳи муҳофизи арг ва як мудири масъули умури молиявӣ ва идорӣ ҳам дар вилоят бо ин сатрапҳо шарик ва ҳамкор кард ва Дориюш бад-ин гуна ин коркунони олирутбаи хешро ҳама ҷо муроқиби атвору аъмоли якдигар карда буд [13,с.149-150]. Профессор Э.Б.Буризода бар он ақида аст, ки ислоҳоти мазкур тафзияи се намуди ҳокимиятро дар назар дошта, ҳокимияти маҳаллиро ба шохаи граждани, низомӣ ва додрасӣ тақсим намуд [5,с.50]. Аммо, ба андешаи муҳаққиқони дигар, Дориюши Аввал ҳокимияти низомиро ҷудо сохта, ҳокимияти граждани ва ҳокимияти судиро ба сатрапҳо вогузор намудааст [12,с.112]. Чунончи, дар Миср замони ҳукмронии Ҳахоманишиён ҳокимияти олии судӣ ба шаҳрбон (сатрап) тааллуқ дошт ва ӯ метавонист ҷиноятқоронро бо тозиёна занад, зиндон кунад ва қатл намояд. Дар ҳуқуқи мисрӣ тибқи иттилои ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ-хусусӣ тағйиротҳои ҷиддӣ рух надода буданд. Дар як папируси мисрии замони Дориюши Аввал ба сатрап бо талаби адолати судӣ котиби маъбади Амоп Петес муроҷиат кардааст, ки ӯ бо дасисаи коҳинон мансаб, хонаву дар ва дигар молу мулкашро аз даст додаасту дар судҳои зинаҳои поёнӣ ба нокомӣ дучор гардидааст, чунки коҳинон судҳоро бо пора харида буданд. Оқибати ин шикояти хаттии батафсил номаълум аст, зеро папирус танҳо шикояти даъвогарро фаро гирифтаасту халос [12,с.136].

Сатрап ва ё мансабдоре, ки ба ҷамъоварии андоз масъул буд, наметавонист худсарона ва бенизому беадолатона андоз ситонад, ҳаҷми онро баланд намояд ва ё дар хазинаи худ пинҳонӣ чизе боздорад. Ислоҳоти гузарондашуда зуҳури ҷудоихоҳӣ ва марказгурезиро дар ҳокимони маҳаллӣ бартараф месохт, ки онҳо ҳаматарафа зери назорат қарор доштанд, иттилоот чи аз фаъолияти ҳарбӣ ва чи молиявии мансабдорони сатрапӣ мунтазам ба дарбори шоҳ расонда мешуд. Бар асоси як ривояти Плутарх, Дориюши Аввал касонеро ба сатрапиҳо фиристод, то дарёбанд андозҳояш – он гуна ки дар байни ин вилоят муқаррар шуда буд, одилона ҳаст ё нест? Ва вақте онҳо дар пайи таҳқиқи дақиқ ҷавоби мусбат доданд, боз фармон дод, то андозҳоро нисф кунанд [18,с.340-341]. Ба андешаи А. Зарринкӯб, чунки Дориюш фикр мекард ҳар сатрап ба ҳар ҳол илова бар он чи мефиристад, саҳме низ аз ин молиёт бармедорад ва табиатан бори раиятро сангин хоҳад кард [13,с.218]. Ҳамчунин, аз ин нақл бармеояд, ки дар самти ҷамъоварии андоз, албатта, суиистифода аз мансаб ва барзиёд ҷамъ овардани андоз ҷой доштааст.

Барои идоракунии остонҳо хадамоти доимии муросилот (почта) ташкил гардида буд. Хадамоти мазкурро порсҳо ангор меномиданд [12,с.119]. Дар роҳҳои калон истгоҳҳои шоҳӣ бо меҳмонсароҳои олӣ мавҷуд буданд, ки аз якдигар дар масофаи роҳи якрӯза қарор доштанд ва аз ҷониби давлат муҳофизат мешуданд. Дар гузаргоҳҳои муҳим дидбонгоҳҳо бо роҳбонони қавӣ ҷой доштанд. Масалан, аз роҳи Сорд то Шуш 111 дидбонгоҳ буд. Ин роҳ тибқи маълумоти Ҳеродот, 13 500 астод (стадия) ё 450 поросанг (қариби 2470 км) буд ва тавассути Кападокиё ба болооби Фурот ва аз он ҷо ба Даҷла ва баъдан тавассути Загрос ба Шуш мерафт. Одатан дар як рӯз 150 астод мерафтанд ва ба тамоми роҳ бошад, 90 рӯз лозим буд [21,с.622-623]. Аммо бо ёрии иваз кардани аспон ва пайкҳо дар як рӯз то 300 км роҳро тай мекарданд ва тамоми масофаи аз Сорд то Шушро дар 7 рӯз тай кардан имконпазир буд.

Аз Шуш бо фармонҳои шоҳаншоҳ пайкҳо қариб ба тамоми гӯшаю канори мамлакат фиристода мешуданд. Табиист, ки барои мунтазам расонидани супоришҳои давлатӣ бояд шумораи зиёди пайкҳои штатии касбӣ дошт, ки дар таъминоти доимии давлатӣ бошанд. Аз матни катибаҳои деворaҳои қаср аён мешавад, ки аспонро дар истгоҳҳо, ки тахминан дар масофаи 30 км аз ҳамдигар қарор доштанд, иваз мекарданд. Дар истгоҳҳо амборҳои (канзакҳои) шоҳӣ мавҷуд буданд, ки аз он барои пайкҳо ва дигар мансабдорони дар роҳ буда маводи хӯрока медоданд. Дар матнҳо дарҷ шудааст, ки ҳамчунин хӯрду хӯрок ба мансабдорони олӣ ва химатгорону шахсони ҳамроҳикунандаи онҳо дода мешуд. Сардори гурӯҳ бо худ «ҳуҷҷати муҳршуда» дошт, ки онро шоҳ ва ё мансабдори олие медод [12,с.119].

Аксари матнҳои Персепол («Тахти Ҷамшед») вобаста ба вояи хӯроки роҳ додани ғизоро барои як рӯз дарҷ мекунанд. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки дар роҳҳои асосӣ истгоҳҳо бо захираи хӯрока дар масофаи роҳи якрӯза қарор доштанд. Маҳз дар чунин истгоҳҳои мутавассит забонхат (дастхат) роҷеъ ба гирифтани хӯроки роҳ тартиб дода шуда, баъдан барои ҳисобот ба Персепол фиристода мешуд. Пайкҳо ва дигар мансабдорон (муҳосибон, додварон, дабирон ва ғайра), ки бо кори давлатӣ раҳсипор буданд, дар як рӯз 1-1,5 кг орд, инчунин май ё пиво ва баъзан гӯшт низ мегирифтанд.

Дар ҳолатҳои зарурӣ шоҳ барои бозрасӣ ба остонҳо ревизорони махсусро мефиристод. Масалан, дар як ҳуҷҷате, ки ибтидои асри 5 сана гузошта шудааст, додани хароҷоти роҳ ба панҷ олимансаби порс ва шахсони ҳамроҳикунандаи онҳо дарҷ гардидааст, ки аз бошишгоҳи шоҳ дар Шуш ба Бобул барои иҷрои кадом супоришоти муҳиме фиристода шуда буданд. «… 6 мин ба Уштан; 52,5 сикл барои 7 кӯза май, аз онҳо Уштан – 1, Артабон –1, Багазушт – 1, Хурузушт – 1, Аспамишш – 1, тарҷумон Либлут – 1 (кӯза гирифт)… 6 барра, аз онҳо 3-то ба Уштан…» [12,с.119-123].

Сохтани истгоҳу меҳмонсароҳои давлатӣ ва аз ҳисоби хазинаи давлатӣ пардохтани хароҷоти роҳи пайкҳову мансабдорони дигар зимни сафари кориашон аз он ҷиҳат муҳим аст, ки онҳоро аз содир кардани амалҳои коррупсионие мисли ҷойгиршавии муваққатӣ дар хонаҳои мардум ва тамаи хӯрока аз онҳо бозмедошт.

Шоҳаншоҳони Ҳахоманишӣ барои ин ки доим дар ҷараёни авзоъ ва аҳволи иҷтимоию сиёсии кишвар бошанд ва дар мавқеъҳои муҳим битавонанд тадбирҳои лозимӣ ба кор баранд, як дастгоҳи дигаре доштанд. Мансабдорони дастгоҳи мазкур тибқи иттилои баъзе муҳаққиқон, сапасак ё спадак ном доштанд, ки дар байни юнониҳо ба «афдолмус бозилиюс» (чашми подшоҳ) машҳур будаанд. Сапасакҳо (чашмони шоҳ) мувофиқи фармони шоҳ муваззаф буданд ҳар чанд вақт як бор дастгоҳҳои идории остонҳоро бозрасӣ кунанд ва натиҷаи санҷишу тафтиши худро ба арзи шоҳаншоҳ бирасонанд. Шоҳаншоҳ ба василаи чунин созмоне ҳамеша дар ҷараёни умури лашкарӣ ва кишварӣ буд [25,с.47]. Дар дигар адабиётҳо номи ин мансабро патиахша гуфтаанд [12,с.122; 22,с.144]. Ҳамзамон бо таъсиси ин дастгоҳи бозрасии шоҳаншоҳӣ (яъне, чашмҳои шоҳ), умури махфӣ ва амниятӣ бар уҳдаи созмони дигаре буд, ки раёсати онро шахсе дорои унвони гаушака бар уҳда дошт ва юнониҳо ӯро зери унвони бозилиюс авто (гӯши шоҳ) мешинохтанд [25,с.47-48]. Муаррихи шинохтаи франсуз Р. Гиршман менависад, ки шоҳи ҷавон Дориюши Бузург ислоҳоти ниҳоят олии низоми кишвардориро ба амал бароварда, ки таваҷҷуҳи бисёр шоҳони қадимро ба худ ҷалб сохт ва ҳатто, сиёсати кишвардории подшоҳи бузурги асри VIII-уми сарзамини Гал (Фаронсаи кунунӣ) Карлро низ таҳти таъсир қарор дод. Ӯ низ ба иқтибос аз сиёсати Дориюш солона ҳайати иборат аз

бозрасони мухталифро ба нуқтаҳои гуногуни империтории худ фиристода, робитаи мустақиме байни остондориҳо ва ҳукумати марказӣ барқарор намуд [8,с.157].

Ба амал баровардани идораи молиявӣ, низоми дурусти андозбандӣ, робитаи иқтисодии доимӣ ва аз ҷумла муқовимат бо коррупсия ва дигар кирдорҳои бо он алоқаманд, низоми ягонаи пулиро дар саросари кишвар талаб мекард. Дар натиҷа ислоҳоти пулӣ дар ташкили низоми ягонаи пулӣ, сикказании тангаҳои шакли ягона ва вазни ягона ифода ёфт. Тангаҳои тиллоӣ, нуқрагӣ ва мисӣ сикка зада мешуданд. Воситаи асосии муомилоти пулӣ тангаҳои тиллоии 8,4-грамма ба ҳисоб мерафтанд, ки «дорик» ном доштанд. Онҳо дар тамоми қаламрави давлати Ҳахоманишиҳо бемамоният ба кор мерафтанд ва рушди устувори иқтисодиётро таъмин намуда, иқтидори молиявиро таҳким бахшиданд [12,с.202-213]. Ҳаминро ҳам бояд хотирнишон кард, ки халқҳои Осиёи Миёна дар давраи Ҳахоманишиҳо аввалин бор бо пули танга ошно шуданд [10,с.116].

Мувофиқи ислоҳоти дар соҳаи молия ва андозситонӣ ҷоринамудаи Дориюши I ҳар як вилоят мебоист андози солонаро бо пул адо кунад. Ғайр аз ин, ба тариқи молиёти ҷинсӣ, яъне маҳсулоти зироатӣ ё ки ҳунармандӣ андоз мепардохтанд. Илова бар ҳамаи ин, боҷҳои дохилӣ ва андозҳои роҳ низ вуҷуд доштанд. Албатта, ҳудуди паҳновари давлати Ҳахоманишиҳо ва мавҷудияти андозу пардохтҳо ва лашкаркашиҳои бузург ба Миср, Юнон, шарқ ва ғарб талаб мекард, ки барои даромад ва сарвати давлат созмони дурусте ба вуҷуд ояд. Ҳаҷми андози ҳар як сатрапӣ аниқ муқаррар гардид, то ки принсипи адолат ва қонуният дар ҷамъоварии молиёт риоя шавад. Ба қавли Ҳеродот, маблағи умумии андози солонаи давлати Ҳахоманишиҳоро 14560 талант (як талант – қариб 30 кг нуқра) нуқраи бобулӣ ташкил намуда, аз ҷумла қабилаҳои кӯчманчии сокини канораҳои баҳри Каспий (сатрапии XI) 200, Бохтар (сатрапии XII) 300, саккоиҳо (сатрапии XV) 250, Хоразм, Суғд ва Порт (сатрапии XVI) 300 талант молиёт медоданд [20,с.399-401]. Тибқи маълумоти муаррихон, ҳаҷми андозҳо дар дафтари «дот» (қонун), дафтарҳои девонӣ ва молиётӣ сабт мешуд [16,с.188-189] ва дар ҳар як аз сатрапӣ ва шаҳру деҳаҳо ҳар сол санаде (сурате) мунташир мегардид, то аҳолӣ аз ҳаҷми андозҳое, ки бояд бипардозанд, хабардору огоҳ бошанд ва нафаре ба онҳо зулму ситам нанамояд [19,с.102].

Муҳаққиқи эронӣ Ҷаъфар Маҳдии Ниё менависад, ки ҳазорон лавҳи гилии пайдошуда дар «Тахти Ҷамшед»-и Эрон оид ба мавҷудияти интизоми молиявӣ, ҳисобу китоби рушдёфта дар ин шоҳаншоҳии қадима шаҳодат медиҳанд. Се ҳазори ин лавҳҳои гилиро профессор Ҷорҷ Камерон ба шаҳри Чикаго (ИМА) бурда ва таҳлилу таҳқиқи онҳо нишон додааст, ки аксарияти онҳо асноди харҷӣ буда, ҳаҷми андозҳои нақдӣ ва ҷинсии андозсупорандагони мушаххас, пешпардохти кори муҳосибонро, ки бояд хазина мепардохт, дар бар мегирифтанд [16,с.183].

Лавҳҳои маъмурии эломӣ роҷеъ ба низоми пардохти музди меҳнат (бо маҳсулот) ба хидматчиёни Ҳахоманишӣ, намояндагони гуногуни дарбори Ҳахоманишӣ дар замони Дориюши аввал ба мо маълумот медиҳанд. Мувофиқи баҳодиҳии тақрибӣ чанд ҳазор лавҳ нисбати 15 ҳазор шахс аз зиёда аз сад маҳалли аҳолинишин маълумоти дақиқ медиҳанд. Аз онҳо маълум мегардад, ки чӣ гуна дақиқан ҷадвали маош барои ҳамаи хидматчиёни давлатӣ коркард шуда буд. Низом бо пешрафтагиаш касро дар ҳайрат мегузорад: дар он на танҳо сатҳҳои сершумори мутобиқ ба манзалат, вазифа ва табиати кор, дараҷаи маълумотнокӣ, инчунин синну соли ҳар як нафар, боз он силсилаи чораҳои ҷамъиятиро низ пешбинӣ менамуд [9,с.113]. Одатан, пардохти музди меҳнат бо маҳсулоти ҷинсӣ – фалон қадар ғалладона, фалон қадар орд, равған, кӯзаи май ва ё пива ба амал бароварда мешуд. Ҳисобӣ дар моҳ ё якчанд моҳ ба амал бароварда мешуд [17,с.199]. Дар солҳои охири ҳукмронии Дориюш чеҳраи асосӣ Барадком дониста мешуд, ки унвони ганҷурро дошт. Ба ӯ дар соли 483 то м. Аснафин хабар медиҳад, ки чӣ қадар бояд ба 313 корманд барои 6 моҳ ҳаққи меҳнат дод, баъдан ба 470 корманд барои 1 моҳ (аз ин ба 66 корманд як шекелӣ, ба 112 нафар ¾ шекелӣ, ба 292 корманд нимшекелӣ) ҳаққи меҳнат пардохт кард [17,с.299]. Тавре матнҳои деворaҳои қаср шаҳодат медиҳанд, дар худи Форс ҷанговарон низ маош мегирифтанд. Масалан, як камонвар дар давоми шаш моҳ ҳар рӯз ду кг орд мегирифт. Ҷанговари бо табарзин (табари ҷангӣ) мусаллаҳ дар вақти аз як ҷой ба ҷойи дигар рафтан ба сифати хӯрокаи роҳ ғайр аз орд ҳар рӯз 2 л май мегирифт [12,с.235].

Ҳамин тавр, дар аҳди Ҳахоманишиҳо аллакай тарҳу сохтори мақомотҳои ҳокимияти давлатии умумию соҳавие, ки функсияи идоракуниву назорати давлатиро ба амал мебароварданд, ташкил ёфтанд ва дар даврaҳои минбаъда ҳамчун намунаи давлатдорӣ мавриди истифода қарор дода шуданд. Инчунин бояд дар назар дошт, ки дар давлати Ҳахоманишиҳо вазъ доимо якранг набуд ва махсусан дар охирҳои салтанати ин сулола низоми давлатӣ рӯ ба таназзул ниҳод ва ин буд, ки сабаби шикасти давлат ва забти он аз ҷониби юнону мақдуниҳо гардид. Бо вуҷуди он ки дар саросари кишвар қонуни ягона қабул шуда амал мекард, албатта, давлати Ҳахоманишиҳо дар қиёс бо имрӯз хусусияти истибдодӣ дошта, ҳокимияти шоҳ мутлақу номаҳдуд буд. Дар самти фаъолияти зиддикорупсионӣ низ ин баръало ба назар мерасид. Масалан, Дориюш яке аз додрасони порахӯрро, ки ба қатл маҳкум карда буд, бахшид ва ҳатто минбаъд ӯро дар мансабҳои гуногуни давлатӣ таъйин кард. Аммо дар умум эътироф бояд кард, ки Ҳахоманишиҳо бо ташкили дастгоҳи давлатии бонизом, баргузории ислоҳоти идорию ҳарбӣ, молиявию пулӣ, ҷорӣ намудани низоми дақиқи ҳисобу китоб, пардохти мунтазами маош ба кормандону мансабдорону лашкариён ва назорати давлатӣ, аз ҷумла назорати давлатии молиявии такмилёфта то ҳадди барои замони худ кофӣ омилҳои коррупсиониро бартараф сохта буданд.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор *Сафарзода А.И.*

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 25.07.2005 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, № 7, мод. 402.
2. Аристотель. Политика / Аристотель; [перевод с др. греч. С.М. Роговина]. – М.: РИПОЛ классик, 2010. – 592 с.
3. Артхашастра, или наука политики / Издание подготовил В.И. Кальянов. – М., 1959. – 798 с.
4. Ашрофӣ А. Ришва дар Эрони пеш аз ислом / А. Ашрафӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2012. – № 3. –С. 115-119.
5. Буризода Э.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми аввал. Дастури таълимӣ / Э.Б. Буризода. – Душанбе: Хирадмандон, 2020. –260 с.
6. Волков И.М. Законы вавилонского царя Хаммураби / Под общ. ред. проф. Б.А. Тураева. – М., 1914. – 85 с.
7. Ганҷинаи афкори сиёсию ҳуқуқии тоҷикон (Хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон). Муҳаррири масъул ва мураттиб А. Холиқзода. Китоби II. Мабонии ҳуқуқ дар адабиёти паҳлавӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. –400 с.
8. Гиршман Р. Таърихи Эрон (аз оғоз то ислом). Чопи нуҳум. / Тарҷумаи Муҳаммад Муин. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1372 ҳ.ш. –500 с.
9. Гюиз Ф. Древняя Персия / Ф. Гюиз. – М.: Вече, 2007. –336 с.
10. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон (иборат аз ду китоб). Китоби якум: Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна / Б.Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. –704 с.
11. Дандамаев М.А. Месопотамия в ахеменидский период: симбиоз тысячелетних и новых государственных институтов / М.А. Дандамаев // Государство на Древнем Востоке: Сб. ст. / Ин-т востоковедения. -М.: Вост. лит., 2004. –471 с.
12. Дандамаев М.А. Культура и экономика древнего Ирана / М.А. Дандамаев, В.Г. Луконин. – М.: Наука, 1980. –С. 419 с.
13. Зарринкӯб А. Таърихи мардуми Эрон. Эрони қабл аз ислом / А. Зарринкуб. -Теҳрон, 1377 ҳ.ш. -Ҷ.1. -608с.
14. История Древнего Востока. Тексты и документы: Учеб. пособие / Под ред. В.И. Кузищина. – М.: Высш. шк., 2002. –719 с.
15. Монтескье Ш. О духе законов // Избранные произведения. – М.: Госполитиздат, 1955. –800 с.
16. Ниё Ҷ.М. 7 бор ишғоли Эрон дар 23 қарн / Ҷ.М. Ниё. Ҷ. 2, 1377 ҳ.ш. –345 с.
17. Олмстед. Т.А. История Персидской империи / Пер. с англ. А.А. Карповой. – М.: ЗАО Центрполиграф, 2012. – 575 с.
18. Плутарх. Изречения царей и полководцев / Пер. М.Л. Гаспарова // Застольные беседы. – Ленинград: Наука Ленинградское отделение, 1990. –592 с.
19. Рашшод М. Фалсафа аз оғози таърих (дар 7 ҷилд) / М. Рашшод. Ҷ. 1 ва 2. – Душанбе, 1990. –480 с.
20. Таърихи Ҳерудут. Ҷилди 1 / Тарҷумаи Муртазо Соқибфар. – Теҳрон: Асотир, 1389. – 584 с.
21. Таърихи Ҳерудут. Ҷилди 2 / Тарҷумаи Муртазо Соқибфар. – Теҳрон: Асотир, 1389. – 1150 с.
22. Фрай Р. Наследие Ирана / Под ред. и с предисл. М.А. Дандамаева; Пер. с анг. В.А. Лившица и Е.В. Зеймаля. 2-е изд., испр. и доп. – М.: Вост. лит., 2002. –463 с.
23. Хрестоматия по истории Древнего Востока: Учебное пособие, в 2-х частях. Ч. 2 / Под ред. М.А. Коростовцева, И.С. Кацнельсона, В.И. Кузищина. – М.: Высш. школа, 1980. –256 с.
24. Хрестоматия по истории древнего мира. В 3-х томах / Под ред. В.В. Струве. Т. 1. Сост. И.С. Кацнельсон и Д.Г. Редер. – М.: Учпедгиз, 1950. С. –359 с.
25. Эҳтишом М. Эрон дар замони Ҳахоманишиён / М. Эҳтишом. – Теҳрон, 2535 с.ш. –368 с.

МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ ВА ТАКМИЛИ СОХТОРИ ДАСТГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲАХОМАНИШИЁН

Дар мақола заминаҳои пайдоиш ва рушди мубориза бо коррупсия ва такмили сохтори дастгоҳи давлатии шоҳаншоҳии нахустини тоҷикон – Ҳахоманишиҳо мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф бар он назар аст, ки дар шоҳаншоҳии мазкур такмили сохтори давлатӣ сабабгори нисбатан кам шудани амалҳои коррупсионӣ гардида, аз сӯйи дигар, муқовимат бо коррупсия дар рушду тавсеаи низоми идоракунӣ фаъолона мусоидат намудааст. Ба истинод бар матнҳои таърихӣ, адабиёти илмӣ ва бархе аз манобеи бостоншиносӣ, муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки дар аҳди Ҳахоманишиҳо аллакай тарҳу сохтори мақомотҳои ҳокимияти давлатии умумию соҳавие, ки функсияи идоракуниву назорати давлатиро ба амал мебароварданд, ташкил ёфтанд ва дар даврaҳои минбаъда ҳамчун намунаи давлатдорӣ мавриди истифода қарор дода шуданд. Инчунин бояд дар назар дошт, ки дар давлати Ҳахоманишиҳо вазъ доимо якранг набуд ва махсусан дар охирҳои салтанати ин сулола низоми давлатӣ рӯ ба таназзул ниҳод ва ин буд, ки сабаби шикасти давлат ва забти он аз ҷониби юнониёну мақдуниҳо гардид. Аммо дар умум эътироф бояд кард, ки Ҳахоманишиҳо бо ташкили дастгоҳи давлатии бонизом, баргузории ислоҳоти идорӣ, ҳарбӣ, молиявию пулӣ, ҷорӣ намудани низоми дақиқи ҳисобу китоб, пардохти мунтазами маош ба кормандону мансабдорону лашкариён ва назорати давлатӣ, аз ҷумла назорати давлатии молиявии такмилёфта то ҳадди барои замони худ кофӣ омилҳои коррупсиониро бартараф сохта буданд.

Калидвожаҳо: Ҳахоманишиён, мубориза бо коррупсия, такмили сохтори давлатӣ, ислоҳоти молиявию пулӣ, назорати давлатӣ, ҳисобу китоб, маош.

БОРЬБА С КОРРУПЦИЕЙ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СТРУКТУРЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО АППАРАТА АХЕМЕНИДОВ

В статье исследованы и проанализированы предпосылки возникновения и развития борьбы с коррупцией, и совершенствование структуры государственного аппарата первой империи таджиков – Ахеменидов. Автор убежден в том, что в данной империи совершенствование структуры государственного аппарата стало причиной относительного снижения коррупционных деяний, с другой стороны, борьбе с коррупцией активно содействовало совершенствование система управления. На основе исторических текстов, научной литературы и некоторых археологических источников сделан вывод, что при Ахеменидах уже была создана схема и структура общих и отраслевых государственных органов, которые выполняли функции государственного управления и контроля, и использовались в последующие периоды в качестве модели государственности. Также следует иметь в виду, что ситуация в государстве Ахеменидов не всегда была однородной, и особенно в конце правления этой династии государственная система находилась в упадке, что привело к поражению государства и его завоеванию греко-македонцами. Но следует признать, что Ахемениды при организации упорядоченного государственного аппарата, проведении административной, военной, финансовой и денежной реформ, внедрении точной системы бухгалтерского учета, регулярной выплате заработной платы рабочим, чиновникам и военным, и улучшенном государственном контроле, в том числе государственный финансовом контроле в достаточной степени для своего времени устранили коррупционные факторы.

Ключевые слова: Ахемениды, борьба с коррупцией, совершенствование государственного устройства, финансово-денежная реформа, государственный контроль, бухгалтерский учет, заработная плата.

FIGHTING CORRUPTION AND IMPROVING THE STATE STRUCTURE OF ACHAEMENIDS

The article studies and analyzes the prerequisites for the emergence and development of the fight against corruption, and the improvement of the structure of the state apparatus of the first Tajik empire - the Achaemenids. The author is convinced that in this empire, the improvement of the structure of the state apparatus was the reason for a relative decrease in acts of corruption; on the other hand, the fight against corruption was actively promoted in the development and improvement of the management system. On the basis of historical texts, scientific literature and some archaeological sources, it was concluded that under the Achaemenids, a scheme and structure of general and sectoral state bodies had already been created, which performed the functions of state administration and control, and was used in subsequent periods as a model of statehood. It should also be borne in mind that the situation in the Achaemenid state was not always uniform, and especially at the end of the reign of this dynasty, the state system was in decline, which led to the defeat of the state and its conquest by the Greco-Macedonians. But it should be recognized that the Achaemenids, in organizing an orderly state apparatus, carrying out administrative, military, financial and monetary reforms, introducing an accurate accounting system, regular payment of wages to workers, officials and the military, and improved state control, including state financial control in sufficiently, for their time, eliminated corruption factors.

Keywords: Achaemenids, the fight against corruption, improving the state structure, financial and monetary reform, state control, accounting, wages.

Маълумот дар бораи муаллиф*: Расулов Фотеҳ Миркозиевич* - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии факултети идоракунии давлатӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33., Телефон **(+992) 917 80 13 83**. E-mail: **foteh83@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Расулов Фотех Миркозиевич*** - Академия государственного управления при Президенте РТ, доцент кафедры государственного управления и самоуправления факультета государственного управления, кандидат юридических наук. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Саида Носира, 33. Телефон. **(+992) 917 80 13 83**. E-mail: **foteh83@mail.ru**

Information about author: ***Rasulov Foteh Mirqozievich*** **-** Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Associate Professor of the Department of Public Administration and Self-Government of the Faculty of Public Administration, Candidate of Law, **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosira street, 33. Tel: **(+992) 917 80 13 83**. E-mail: **foteh83@mail.ru**

УДК: 67.99 (1) 27

ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Самадов Б. О., Ҳакимӣ Ф. Ғ., Абдувоҳидов М. Р.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Рушди иқтисодиёт, тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, фаъолияти соҳибкорӣ ҳамеша бо навовариҳо алоқаманд буда, бидуни инноватсия ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидан душвор аст. Маҳз инноватсия натиҷаи охирини ҷараёни фаъолияти иқтисодиест, ки бо мақсади ба даст овардани фоида аз амалигардонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ, таҳқиқот ба истеҳсолот ва то истеъмолкунанда равона карда мешавад.

Инноватсия ва фаъолияти инноватсионӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки аз рӯйи моҳияти худ фаъолияти инноватсионӣ фаъолияти хоҷагидорӣ (соҳибкорӣ) мебошад [12,с.481; 14,с.362].

Фаъолияти инноватсионӣ намуди гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ буда, таваккалона ва мустақилона бо мақсади ба даст овардани фоида аз ҳисоби дар истеҳсолот ҷорӣ намудани натиҷаҳои кашфи илм ва то ба истеъмолкунандаи охирон бурда расонидани онҳо нигаронида шудааст.

Дар замони муосир, ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди фаъолияти инноватсионӣ ва алоқамандии он бо дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ҳамеша таҳти таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати кишвар қарор дорад. Дар ин ҷода, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 нисбати масъалаҳои инноватсия дар иқтисодиёти кишвар чунин таъкид намудаанд: «Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм дар самти ташкили низоми самараноки тайёр намудани мутахассисон ва бозомӯзии онҳо дар дохил ва хориҷи кишвар, инчунин, оид ба таъсиси маҷмааҳои саноатии илмӣ, аз ҷумла паркҳои инноватсиониву технологӣ чораҷӯӣ намоянд.

Бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани “ҳукумати электронӣ” ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд»[2].

Дар радифи ҳамин, маҳз рушди соҳаҳои воқеӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҷалби сармояи мустақим ва воридоти технологияҳои нави инноватсионӣ имкон медиҳанд, ки раванди саноатикунонии мамлакат таъмин гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва шумораи ҷойҳои нави корӣ мунтазам афзоиш дода шавад.

Ҳукумати кишвар рушди минбаъдаи саноатро тавассути баланд бардоштани самаранокии соҳаи коркарди ашёи хом ва афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, таҷдиди воситаҳои асосӣ, воридоти технологияҳои инноватсионӣ ва тақвияти рақобатпазирии маҳсулот таъмин менамояд.

Дар радифи ин, қайд карда мешавад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти инноватсионӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012 таҳти №822 [4] танзим карда мешавад Тибқи қонун, фаъолияте мебошад, ки ба таҳия ва ҷорӣ намудани инноватсия (натиҷаи нав ё такмилдодаи таҳқиқоти илм, корҳои таҷрибавию конструкторӣ ё дигар дастовардҳои илму техника) алоқаманд буда, барои расонидани он то бозор дар шакли нав ё такмилдодаи маҳсулот, хидматрасонӣ, усули истеҳсолот ё дигар натиҷаи самараноки ҷамъиятӣ равона карда шудааст.

Дар асоси таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ хусусиятҳои фарқкунандаи фаъолияти инноватсиониро кушода додан мумкин мебошад:

- фаъолияти инноватсионӣ бо мустақилияти худи субъекти он махсус гардонида мешавад. Пеш аз ҳама, маънои мустақилияти молумулкӣ ва ташкилиро ифода менамояд, ки шахс тавассути онҳо фаъолияти соҳибкории инноватсиониро пеш мебарад. Ҳарчанд мумкин аст, ки маблағгузории ҷараёни фаъолияти мазкур аз сарчашмаҳои дигар, монанди кредитҳо ё вомҳои мақсаднок таъмин карда шавад [9,с.72];

– фаъолияти инноватсионӣ бо таваккали молу мулк алоқаманд мебошад. Ҳар кадом корхона, ташкилоти навтаъсис таваккали пеш омадани зиёнро дорад. Дар фаъолияти инноватсионӣ ин таваккал якчанд маротиба баланд буда, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар истеҳсолот метавонад бенатиҷа бошад. Хатари ба вуҷуд омадани таваккали тиҷоратӣ аз эҳтимол дур нест. Масалан, харидорон моли истеҳсолшударо метавонанд харидорӣ накунанд;

– фаъолияти инноватсионӣ бо мақсади мунтазам ба даст овардани фоида ба роҳ монда мешавад. Нишонаи мазкур бевосита аз моҳияти фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ бармеояд, зеро натиҷаҳои ин фаъолият ба соҳаи татбиқи тиҷоратӣ, пешкаш намудан ба бозор равона карда мешаванд. Дар акси ҳол фаъолияти инноватсионӣ аз нуқтаи назари самараи молия ҷолиби диққат намегардад [13,с.55];

– фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби давлат ба танзим дароварда мешавад [11,с.82]. Муҳим будани ин фаъолиятро барои иқтисодиёти кишвар асоснок намуда, давлат ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Дар ин ҷода, давлат нақш ва мавқеи фаъолияти соҳибкории инноватсиониро дар иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб гирифта, баҳри рушд ва таъсири ин фаъолият дар соҳаи фаъолияти хоҷагидорӣ, соҳибкорӣ диққати ҷиддӣ медиҳад [15,с.402].

Ба андешаи мо, таъсиррасонии мустақими давлат дар рушди фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ дар якчанд самтҳои асосӣ инъикос мегарданд.

Якум, таъминоти ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ дар таҳия ва қабул карда шудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории танзими соҳаи фаъолияти инноватсионӣ инъикос меёбад.

Дуюм, таъсис ва ташаккул додани сохтори махсус, ки бо ташкили фаъолият дар соҳаи инноватсионӣ машғул мегардад. Ташкилоти мазкур метавонанд, дар шахсияти мақомоти давлат (Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва дигар шаклҳо (ғайритиҷоратӣ) таъсис дода шаванд.

Сеюм, маблағгузории мустақими давлат аз ҳисоби буҷети давлат дар намуди кумаки молиявӣ, фармоиш ва ғайра. Тавре сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, дар кишварҳои рушдёфтаи Ғарб вазифаи маблағгузории лоиҳаҳои инноватсиониро ширкатҳои бонуфузи хусусӣ ба зимма мегиранд [10,с.135].

Чаҳорум, таҳия ва коркарди барномаҳои давлатӣ ва маҳаллии рушди илму техника. Дар ин барномаҳо на танҳо мақсадҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, балки қадамҳои аниқ баҳри ҳаллу фасли масъалаҳои пешгузошта, аз ҷумла такомули қонунгузории ҷорӣ муайян карда мешаванд.

Панҷум, таъсис додани минтақаҳои махсуси иқтисодӣ. Минтақаи озоди иқтисодӣ минтақаи алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави кишвар бо ҳудуди аниқу муайян мебошад, ки дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст.

Шашум, воқеан таъсис додани технопаркҳо дар сатҳи баланди технологию инноватсионӣ. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парки технологӣ» аз 21 июли соли 2010 таҳти №629 [5] мафҳуми парки технологиро муайян менамояд. Тибқи мазмуни моддаи 1-уми қонун, парки технологӣ шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ буда, ҳамчун муассиса дар ҳудуди махсус таъсис дода мешавад, ки бо мақсади рушди илм ва истифодаи самараноки технологияи аълосифат барои қонеъ гардонидани талаботи истеҳсолот дар истифодаи технологияҳои навтарин ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва инвеститсионӣ фаъолият менамояд.

Дар баробари ин, парки технологӣ бо мақсадҳои зерин бояд таъсис дода шавад: рушди имкониятҳои илму техника ва технологияи инноватсионӣ; татбиқи барнома ва лоиҳаҳои инноватсионӣ; ташкил ва татбиқи барномаҳои инноватсионии давлат ва

ғайридавлатӣ; мусоидат ба инкишофи технологияҳои муосири илмталаб; ҷалби донишҷӯён, аспирантҳо, магистрҳо, ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқон барои ҳамгироии илм ва истеҳсолот; рушди корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои хурду миёна; дар истеҳсолот ҷорӣ намудани дастовардҳои илм, технология ва инноватсия; ҳамкории муассисаҳои илмӣ ва бизнеси инноватсионӣ.

Баҳри дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои қонунгузории ҷорӣ ва рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ, ба андешаи мо, зарурияти пурзӯр намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ, ҷалби сармоягузории молиявию зеҳнӣ ба миён омадааст. Зеро дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои якчанд ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ созишномаҳои дутарафа ва бисёртафара бо кишварҳои дуру наздик ба имзо расидааст [16,с.188].

Яке аз самтҳои рушди танзими ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ, мувофиқи қонунгузории ҷорӣ, ба роҳ мондани механизми ҳавасмандӣ, дастрасии имтиёзҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад. Бевосита, ба миён омадани натиҷаҳои мусбии фаъолияти инноватсионӣ, рушди фаъолияти соҳибкорӣ аз татбиқи ниҳоди имтиёзҳо ва ҳавасамандгардонии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ вобастагӣ дорад.

Ба таъсиррасонии ғайримустақими танзими фаъолияти инноватсионӣ самтҳои зерин дохил мешаванд:– ҳавасмандгардонӣ ба воситаи сиёсати истеҳлокӣ;– ҷубронпулии мустақими буҷет ба ширкатҳое, ки маҳсулоти нави истеҳсолиро ба роҳ мондаанд; – ҳавасмандгардонии андозбандишавӣ;– содагардонии меъёрҳои қонунгузории андоз барои субъектони фаъолияти инноватсионӣ.

Ҳамин тариқ, дар меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ мавқеи давлат дар дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ [17,с.90], соҳибкории инноватсионӣ асоснок карда шудаанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» асосҳои сиёсати давлатии инноватсионӣ, мақсад ва вазифаҳои сиёсати давлатии инноватсионӣ, шартҳои сиёсати давлатии инноватсионӣ, шаклҳои танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ, талаботи асосӣ ба лоиҳаҳои инноватсионие, ки барои дастгирии давлат пешниҳод мешаванд, дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ асоснок гардидаанд.

Дар радифи ин, сиёсати давлатии инноватсионӣ аз чунин асосҳо ташкил ёфтааст:

– стратегияи давлатии рушди инноватсионӣ;

– барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ, ки мутобиқи стратегияи давлатии рушди инноватсионӣ таҳия шуда, аз вазифаҳо барои давраи муайян, нишондодҳои назоратшаванда, номгӯйи чорабиниҳои алоҳида ва чораҳои дастгирии давлатӣ иборат мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти давлат ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод мегарданд;

– иттилоот оид ба натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ, ки барои ҳар як барномаи алоҳида асоси низоми мониторинги татбиқи сиёсати инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

Қайд кардан лозим аст, ки дар замони муосир дар Тоҷикистон сиёсати давлатии инноватсионӣ чунин самтҳоро дар бар мегирад:

– шартҳои асосии ташаккули стратегияи рушди инноватсионӣ дар доираи стратегияи миллии рушд;

– усулҳои татбиқ, механизм ва манбаъҳои маблағгузории стратегияи рушди инноватсионӣ;

– самтҳои афзалиятноки фаъолияти инноватсионӣ;

– намудҳои афзалиятноки маҳсулоти инноватсионӣ.

Мувофиқи қонунгузории ҷорӣ, стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ, дар асоси барномаҳои дарозмуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Чун қоида, баъди анҷоми муҳлати татбиқи стратегияи рушди инноватсионӣ мақоми ваколатдор оид ба татбиқи он бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи ҷамъбастӣ пешниҳод менамояд.

Қонунгузор мустаҳкам намудааст, ки бо мақсади рушди фаъолияти инноватсионӣ, мувофиқи стратегияи рушди инноватсионӣ барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ таҳия карда мешаванд. Тартиби бақайдгирии давлатӣ, ташкилу гузаронидани ташхис ва озмуни

лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки бо мақсади ворид намудан ба барномаи мақсадноки инноватсионӣ пешниҳод мегарданд, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд (моддаҳои 8 ва 9-и Қонун дар бораи фаъолияти инноватсионӣ).

Дар ин ҷода, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011 таҳти №227 «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020» [8] ба тасвиб расидааст. Барнома бо нишондодҳо аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №33 аз 4 феврали соли 2010 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2009 ва вазифаҳо дар соли 2010» оид ба таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020», асоснок карда шудааст.

Мутобиқи меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ, вазифаҳои Барнома ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ, ташаккули заминаҳои меъёрию ҳуқуқи фаъолияти инноватсионӣ, ҷалби имконияти илму техникаи мамлакат дар равандҳои инноватсионӣ, истифодаи самараноки коркардҳои илмию технологӣ ва ихтироот, таъсису равнақи сохторҳои инноватсионӣ мебошад. Тавре мебинем, мақсади Барнома ташаккули низоми самараноки инноватсионие мебошанд, ки ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот, ба бозори дохиливу хориҷӣ баровардани маҳсулоти инноватсионӣ, афзоиши молҳо ба ивази молҳои воридотӣ, суръатбахшии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии миллӣ мусоидат менамояд.

Бештар аз ин, ҷанбаҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти инноватсионӣ дар санадҳои муҳимми давлатӣ пешбинӣ гардидаанд. Ҳамчунин, шартҳои асосии ташаккули стратегияи рушди инноватсионӣ дар доираи стратегияи миллии рушд, фаъолияти инноватсионӣ дар асоси мазмуни самтҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [7] мустаҳкам шудаанд.

Бояд қайд кард, ки асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоию иқтисодии таҳия, баррасӣ ва тасдиқи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз **3 августи соли 2018, таҳти №1544 [6]** муайян менамояд.

Ҳамин тавр, қонунгузор муқаррар менамояд, ки **стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон** - ҳадафҳои дарозмӯҳлат ва нишондодҳои асосиеро дар бар мегирад, ки ҳалли вазифаҳои афзалиятнок ва ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои мушаххасро дар заминаи истифодаи оқилонаи захираву иқтидорҳои мавҷуда фарогир мебошанд (моддаи 1-и Қонуни №1544).Ягонагии консепесия, стратегия ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар марзи кишвар қонунан мустаҳкам карда шудаанд. Яъне, тибқи моддаи 7-уми қонуни мазкур, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба ҳадаф, усул ва муҳлати ноилшавии онҳо, нишондиҳандаҳои умумии ба ҳамаи соҳаҳо дахлдор, намуд ва ҳаҷми захираҳои масрафшаванда мутобиқ бошанд.

Мутобиқати «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020» ва самтҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», пеш аз ҳама, аз ҳадафҳои сиёсати давлатӣ бармеояд ва давлат дар ин самт манфиатдор мебошад. Зеро, консепесия, стратегия ва барномаҳои давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ваколатдори давлат таҳия ва қабул менамояд (моддаи 4-и Қонуни №1544).

Ҳамин тарз, ҷанбаҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мустаҳкам карда шудаанд. Яъне, барои Тоҷикистон яке аз таҳдидҳои асосӣ, сатҳи пасти рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ бо рушд наёфтани заминаи технологӣ, сатҳи пасти фаъолияти инноватсионӣ, технологияҳои сермасраф ва ифлоскунанда, сатҳи баланди хӯрдашавии фондҳои асосӣ тавсиф меёбад. Дар ҷумҳурӣ механизми «маҷбуркунӣ» ба инноватсия ва раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ ва фаъолияти таҷрибавию лоиҳакашӣ мавҷуд нест [7,с.27].

Ҳамчунин, муайян гардидааст, ки ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои рушди минбаъда, пеш аз ҳама, бо фаъолияти самараноки низоми идоракунии давлатӣ, ки ба истифодаи якҷояи оқилонаи усулҳои мустақим ва ғайримустақими танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ асос ёфтааст, алоқаманд мебошад. Шаффофият ва ҳисоботдиҳии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ омили муҳим буда, қобилияти таъмин намудани рушди пешгирикунанда, индустриалӣ ва инноватсионии кишварро дорост [7,с.32].

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муқаррар шудааст, ки рушди бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ, истифодаи самараноки сарватҳои табииро, ки дар фаъолияти сармояи инсонӣ, табиӣ ва физикӣ, инчунин тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ ифода ёфтаанд, дар назар дорад [7,с.68].

Амалӣ гардонида шудани ҷавобгарӣ бо ҳама оқибатҳои он нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла давлат дар шахсияти шахсони мансабдорони ваколатдори мақомоти давлат, дар замони муосир яке аз принсипҳои такомул ва рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад. Дар иртибот ба ин, таъминоти ҳуқуқӣ дар амалсозии самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон аз меъёрҳои моддаи 73-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Яъне, «Ҳукумат роҳбарии самараноки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷрои қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, ...фармону амрҳои Президенти Тоҷикистонро таъмин мекунад» [1].

Ҳамин тариқ, мақсади асосии сиёсати давлатии инноватсионӣ баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ дар асоси таҳия ва паҳн кардани дастовардҳои заминавиест, ки инноватсияро беҳтар гардонида, рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва ноилшавӣ ба ҳадафҳои миллии стратегиро таъмин менамояд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент *Тоҷибоев Ш.А*.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, Шарқи озод, 2016.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 26 январи соли 2021 // www.president.tj (санаи мурочиат 27.01.2021с.)
3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни расмӣ). Қ. 1, 2, 3. – Душанбе: Қонуният, 2018.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» // www.mmk.tj. (санаи мурочиат 20.10.2020с.)
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парки технологӣ» // www.mmk.tj (санаи мурочиат 22.11.2020с.).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» //www.mmk.tj (санаи мурочиат 20.11.2020с.)
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // www.mehnat.tj/mehnat/wp-content/uploads/files/Strategiya_tojik-.pdf (санаи мурочиат 15.05.2020с.)
8. «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №227 аз 30 апрели соли 2011 // www.president.tj (санаи мурочиат 15.11.2019с.)
9. Герасимов А. В. Инновационная политика: венчурный капитал и предпринимательство. – М., 2006. 284с.
10. Друкер П. Бизнес и инновации. – М., 2007. 338с.
11. Евсеева Л.А. Правовое регулирование инновационной деятельности. Дисс. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. 192с.
12. Исмоилов Ш. М., Нодиров Ф. М. Ҳуқуқи иқтисодӣ. – Душанбе, Шуҷоиён, 2010. 660с.
13. Кокурин Д. И. Инновационная деятельность. – М., 2001, с. 55.
14. Самадов Б. О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ, қ. 2. – Хуҷанд: Ношир, 2019. -425с.
15. Самадов Б. О. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ, қ. 1. – Хуҷанд: Ношир, 2018. -520с.
16. Самадов Б. О., Насрутдинзода К. Ш. Установление режимов как инструмент правового регулирования внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. № 8, 2018. – Душанбе, Сино, 2018, с. 188.
17. Самадов Б. О. О государственной поддержке и правовом регулировании индивидуальной предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан // Закон и право. №8, 2009г. – М., 2009, с. 90.
18. Самадов Б. О. О некоторых вопросах института гражданско-правовой ответственности в сфере инвестиционной деятельности по законодательству Таджикистана // Евразийский юридический журнал. -М., 2016. №3(94). с. 97.

ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ТИБқИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур асосҳои ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ, алоқамандии он бо фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Танзими ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ, мисли дигар соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз меъёрҳои конститутсионӣ,

қонунгузории гражданӣ, қонунҳои танзими фаъолияти инноватсионӣ, санадҳои муҳимми давлатӣ, ки рушди фаъолияти инноватсиониро дар иқтисодиёти кишвар пешбинӣ намудаанд, сарчашма мегиранд. Озодии ба амал бароварда шудани фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ яке аз озодиҳои асосии шаҳрванд, ки мувофиқи қонунгузорӣ ва кафолати давлат дода шудааст, баромад менамояд. Дар мақолаи илмӣ баъзе масъалаҳои ҳуқуқии ҷавобгарӣ дар соҳаи ба амал баровардани фаъолияти инноватсионӣ мувофиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ҳуқуқшиносон, меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ баҳри ҳаллу фасли масъалҳои ишорагардида пешниҳод карда шудаанд. Муаллифон чунин хулосабарорӣ менамоянд, ки мақсади асосии сиёсати давлатии инноватсионӣ баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ дар асоси таҳия ва паҳн кардани дастовардҳои заминавиест, ки инноватсияро беҳтар гардонида, рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва ноилшавӣ ба ҳадафҳои миллии стратегиро таъмин менамояд.

Калидвожаҳо: танзими ҳуқуқӣ, фаъолияти инноватсионӣ, сиёсати давлатӣ, ҷавобгарӣ, шохаҳои ҳокимият, принсипҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳои конститутсионӣ.

ПРАВОВЫЕ АСПЕКТЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В настоящей статье рассматриваются правовые основы инновационной деятельности, взаимосвязанные с предпринимательской деятельностью в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан. Правовое регулирование инновационной деятельности, как и другие сферы предпринимательской деятельности, основываются на конституционных нормах, гражданском законодательстве, законодательстве в сфере регулирования инновационной деятельности, а также важных государственных актах, которыми предусматривается развитие инновационной деятельности в экономике страны. Свободное осуществление предпринимательской деятельности в сфере инновационной деятельности гарантировано конституционными нормами, и в соответствии с действующим законодательством выступает как основной принцип. В настоящей научной статье рассматриваются также некоторые правовые вопросы ответственности в сфере осуществления инновационной деятельности в соответствии с действующим законодательством. Со стороны законодателя ответственность определена также и в сфере инновационной деятельности, которая может привести к неблагоприятным последствиям в отношении лица, не исполнившего обязательства. На основе изучения научных трудов отечественных и зарубежных учёных, правоведов, нормативно-правовых актов Республики Таджикистан, подзаконных нормативных правовых актов сделаны соответствующие выводы, а также в целях совершенствования действующих законов выдвинут ряд предложений. Авторы приходят к выводу о том, что основной целью государственной инновационной политики является повышение эффективности производства и обеспечение конкурентоспособности отечественных производителей на основе разработки и внедрения базовых достижений, которые улучшают инновационный процесс и обеспечивают устойчивость социально-экономического роста и национальных стратегических целей.

Ключевые слова: правовое регулирование, инновационная деятельность, государственная политика, ответственность, ветви власти, правовые принципы, конституционные нормы.

LEGAL ASPECTS OF INNOVATION ACTIVITY REGULATION UNDER THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the legal basis of innovation activity, the interrelated business activities in it, in accordance with the current legislation of the Republic of Tajikistan. The legal regulation of innovation activity, as well as other spheres of entrepreneurial activity, is based on constitutional norms, civil legislation, legislation in the field of regulation of innovation activity, as well as important state acts that provide for the development of innovation activity in the country's economy. The free implementation of entrepreneurial activity in the field of innovation is guaranteed by constitutional norms, and in accordance with the current legislation acts as a basic principle. This scientific article also discusses some legal issues of responsibility in the field of innovation activities in accordance with the current legislation. By the legislator, responsibility is also defined in the field of innovation, as a result of which it can lead to adverse consequences in the case of a person who has failed to fulfill obligations. Based on the study of scientific works of domestic and foreign scientists, legal experts, normative legal acts of the Republic of Tajikistan, subordinate normative legal acts, and relevant conclusions are made, and a number of proposals are put forward to improve the existing laws. The authors come to the conclusion that the main goal of the state innovation policy is to increase production efficiency and ensure the competitiveness of domestic producers through the development and implementation of basic achievements that improve the innovation process and ensure the sustainability of socio-economic growth and national strategic goals.

Keywords: Legal regulation, innovation activity, state policy, responsibility, branches of government, legal principles, and constitutional norms.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Самадов Бахтиёр Одилҷонович*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, микрорайони 17бинои №1. Телефон: **92 7730567** E-mail: **bakhtiyor_77@mail.ru**

Ҳакимӣ Фирдавс Ғайратзода – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, докторанти Ph.D факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, микрорайони 17бинои №1. E-mail: **ferdavs.lawyer@gmail.com**

Абдувоҳидов Мизроб Рустамович – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, микрорайони 17бинои №1. E-mail: **mizrob-00@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Самадов Бахтиёр Одилджанович*** **–** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики в городе Худжанд, кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой предпринимательского и международного права **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 микрорайон, здание №1.Телефон: **92 7730567** E-mail: **bakhtiyor_77@mail.ru**
Хакими Фирдавс Гайратзода **–** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики в городе Худжанд, докторант Ph.D юридического факультета **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 микрорайон, здание №1. E-mail: **ferdavs.lawyer@gmail.com**
Абдувохидов Мизроб Рустамович – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики в городе Худжанд, соискатель кафедры предпринимательского и международного права. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 микрорайон, здание №1. E-mail: **mizrob-00@mail.ru**

Information about the authors: ***Samadov Bakhtiyor Odildjanovich*** **-** Tajik State University of Law, Business and Politics in the city of Khujand, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Business and International Law **Address: 735700,** Republic of Tajikistan, Khujand, 17 microdistrict, building No. 1. Phone: **92 7730567** E-mail: **bakhtiyor_77@mail.ru**
Khakimi Firdavs Gayratzoda - Tajik State University of Law, Business and Politics in Khujand, Ph.D. student of the Faculty of Law **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 microdistrict, building No. 1.E-mail: **ferdavs.lawyer@gmail.com**
Abduvokhidov Mizrob Rustamovich **-** Tajik State University of Law, Business and Politics in the city of Khujand, applicant for the Department of Business and International Law. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, microdistrict 17, building No. 1. E-mail: **mizrob-00@mail.ru**

УДК: 248.789

ШАРТНОМАИ КРЕДИТ: МАЗМУН ВА ТАРАФҲОИ ОН

Асрорзода Зуҳриддин
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла, муносибатҳои шартномавӣ дорои унсурҳои субъект, объект ва мазмун мебошанд. Мазмуни муносибатҳои шартномавиро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо ташкил медиҳанд. Мазмуни шартномаҳои ҳуқуқи граждани дар адабиёти илмӣ ба ду маъно фаҳмида мешавад: а) ба маънои маҳдуд, ки тибқи он мазмуни шартномаро ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои он ташкил медиҳанд; б) ба маънои васеъ, ки тибқи ин равиш мазмуни шартномаҳои ҳуқуқи гражданиро шартҳои шартнома, ки тарафҳо вобаста ба онҳо ба созиш омадаанд, ташкил медиҳанд. Фаҳмиши мазмуни шартнома дар ҳуқуқи граждани. Дар адабиёти илмӣ оид ба фаҳмиши мазмуни шартнома ду андеша ҷой дорад, фаҳмиши мазмуни шартнома ба маънои маҳдуд ва васеъ. Фаҳмиши маҳдуди мазмуни шартнома ифодакунандаи он аст, ки мазмуни шартномаро танҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ташкил медиҳад.

Мазмуни васеъ бошад, ифодакунандаи он аст, ки шартҳое, ки вобаста ба он тарафҳои шарнома ба созиш меоянд, мазмуни шартномаро ташкил медиҳад. Бинобар ин, вақте ки сухан дар бораи мазмуни шартнома меравад, шартҳои шартнома ва сохти шартнома дар назар дошта мешавад [5,с.36].

Мувофиқи м. 464 КГ ҶТ агар байни тарафҳо, мутобиқи шакли дар ҳолатҳои муайяни зарурӣ аз рӯйи ҳама шартҳои асосии шартнома созиш ба даст омада бошад, шартнома басташуда дониста мешавад. Шартҳо оид ба мавзӯи шартнома, шартҳое, ки дар қонун ё дигар санади ҳуқуқӣ барои шартномаи шакли мазкур муҳим ва зарурӣ номбар шудаанд, инчунин ҳамаи он шартҳое, ки дар алоқамандӣ ба онҳо тибқи аризаи яке аз тарафҳо бояд созиш ба даст ояд, шартҳои асосӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар асоси қ. 1 м. 839 КГ ҶТ дар шартномаи кредит бонк ё ташкилоти дигари кредитӣ (кредитор) уҳдадор мешавад ба тарафи дигар (қарзгиранда) тибқи андоза ва шартҳои пешбининамудаи шартнома маблағҳои пулӣ (кредит) диҳад ва қарзгиранда бошад, уҳдадор мешавад маблағи пулии гирифтаашро баргардонад ва барои он фоиз супорад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷории Тоҷикистон, аз ҷумла Дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №186 “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар

ташкилотҳои қарзӣ”, ки бо қарори раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, барои бастани шартномаи кредит як қатор талаботҳоро пешбинӣ намудаандст. Аз ҷумла, ҳангоми бастани шартномаи кредит (қарз) дар он ҳамаи шартҳое, ки мувофиқи онҳо қарз дода мешавад, пешбинӣ мегардад, аз ҷумла: маблағ, муҳлат, намуди асъор, меъёри фоиз, таърихи бастани шартнома, шакли додани қарз, таъминнокӣ (агар зарур дониста шаванд), тартиби додан ва манбаъҳои пӯшонидани қарз, тартиби пардохти қарз дар ҳолати ба таъхир афтодани он ё дар ҳолати азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, мушаххасоти тарафҳо, маълумот оид ба пешниҳоди таърихи қарзи муштарӣ ба бюрои таърихи қарз бо розигии ӯ.

Вобаста ба мавзӯи шартномаи кредит дар адабиёти ҳуқуқӣ нуқтаи назаре ҳукмрон аст, ки ин пул аст (ҳам дар шакли нақдӣ ва ҳам ғайринақдӣ, бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ, ки ба қарзгир дода мешавад ва бояд баргардонида шавад) [2,с.74].

Чунин ба назар мерасад, ки ин мавқеъ ба мафҳуми уҳдадории шартномавӣ ва мавзӯи он мувофиқат намекунад. Дар робита ба шартномаҳое, ки ба категорияи шартномаҳои ҳуқуқии граждани дар бораи додани молу мулк, ки ба он шартномаи кредит (қарз) низ дохил карда шудааст (бо самти натиҷа), тасниф шудааст, онҳо дар бораи як мавзӯи мураккаби шартнома сухан меронанд, ки он ду намуди объектҳоро дар бар мегирад: ҳамчун амали тарафҳои вазифадор (объекти ҳуқуқӣ) ва молу мулки таҳвилшаванда (ашёи моддӣ).

Предмети шартномаи кредит танҳо пул шуда метавонад [6,с.294]. Ба зиммаи он додани аксарияти кредитҳо дар шакли бенақд амалӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, предмети шартномаи кредит маблағҳои пулӣ, на ашёҳои дигар шуда метавонанд. Аз ин ҷо шартномаи кредит ҳам бо ҳайати субъектҳои худ ва ҳам бо предмети худ, нисбат ба шартномаи қарз доираи маҳдуди татбиқнамоиро дорад.

Ҳамин тариқ, мавзӯи шартномаи кредит амали ташкилоти қарзӣ оид ба пешниҳоди маблағ ба қарзгиранда ва амали қарзгир оид ба баргардонидани онҳо ва пардохти фоизи бонкӣ аз қарз мебошад.

Мувофиқи м. 840 КГ ҶТ, шартномаи кредит бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Риоя накардани шарти хаттӣ боиси беэътибор донистани шартномаи кредитӣ мегардад. Чунин шартнома қурб надорад.

Бояд қайд кард, ки дар аксари ҳолатҳо, ҳангоми бастани шартномаҳои кредит ташкилотҳои қарзӣ шаклҳои намунавии шартномаҳо, ҳуҷҷатҳои таҳиякардаи ташкилотҳои қарзиро (шаклҳои намунавии дархостҳо, пешниҳодҳо, шартҳои қарзӣ ва ғ.) истифода мебаранд.

Мувофиқи м. 830 КГ ҶТ, муҳлати пардохти қарз бояд дар шартнома пешбинӣ карда шавад. Агар муҳлати баргардонидани қарз дар шартнома пешбинӣ нагардида бошад, он бояд аз ҷониби қарзгиранда дар муҳлати сӣ рӯз аз рӯзи пешниҳод намудани талабот аз ҷониби қарздиҳанда баргардонида шавад.

Аз муқаррароти қонунгузории граждани бармеояд, ки субъектони шартномаи кредит махсус мебошанд, яъне бонк ва дигар намудҳои ташкилотҳои қарзӣ (кредитор) ва қарздор.

Тарафҳои шартномаи кредит қарздиҳанда (кредитор) ва қарзгиранда мебошанд. Танҳо бонк ё ташкилоти дигари қарзӣ, ки дорои иҷозатномаи дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон мебошад, метавонад ҳамчун кредитор баромад намояд. Яъне, ба сифати кредитор бонк ва дигар ташкилоти қарзӣ баромад менамояд. Мутобиқи муқаррароти м. 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ, бонк ташкилоти қарзие мебошад, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои сармояи оинномавии барои он муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуқуқи иҷрои на камтар аз се амалиёти зерин: ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ мебошад. Ташкилотҳои қарзӣ ин ахсони ҳуқуқие (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд) мебошанд, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо иҷро менамоянд. Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ташкилотҳои қарзие мебошанд, ки ҳуқуқи иҷрои баъзе аз амалиёти бонкиро доранд. Номгӯйи амалиёти бонкиро барои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Ба сифати қарздор дилхоҳ субъекти ҳуқуқи гражданӣ баромад карда метавонад. Шахсони воқеӣ, ки дорои қобилияти пурраи амал мебошанд, ҳуқуқ доранд, ки мустақилона шартномаи кредит банданд. Дар қонунгузории гражданӣ ягон меъёри махсус оид ба он ки ноболиғ ба сифати тарафи шартномаи кредит баромад карда метавонад, вуҷуд надорад. Фақат дар қ. 2 м. 27 КГ ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки ноболиғони то синни чордаҳсола ҳуқуқи дар муассисаҳои кредитӣ амонат гузоштанро доранд.

Ҳамзамон, дар асоси м. 3 Қонуни болозикр яке аз амалиёти бонкӣ додани қарзҳо (таъминшуда ва таъминнашуда), аз ҷумла: а) қарзҳои истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ;б) факторинг; в) форфейтинг ба ҳисоб меравад.

Тибқи банди 26, ташкилоти қарзӣ вобаста ба андозаи қарз, муҳлати кор бо дархост, омӯзиши ҳуҷҷатҳо, огоҳ намудани муштарӣ дар хусуси рад кардани додани қарз ва ғайраро муқаррар менамояд, аз ҷумла:

- дархост барои гирифтани қарз дар давоми то 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи ворид гардидани он баррасӣ карда мешавад;

- таҳлили ҳуҷҷатҳо ва қабули қарор вобаста аз маблағи қарз дар ҳаҷми то 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ - дар муддати то ду ҳафта ва зиёда аз 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ - то як моҳ аз лаҳзаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо амалӣ мегардад;

- огоҳӣ дар хусуси рад кардани додани қарз дар давоми то се рӯзи корӣ аз лаҳзаи қабули қарор амалӣ карда мешавад;

- робитаи доимӣ бо қарзгир, ҳангоми зарурат, санҷиши истифодаи қарз.

Қарзгиранда метавонад ҳар як шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ бошад. Ҳамзамон, бонк бояд сифатҳои қарзгиранда, пеш аз ҳама, имкониятҳои молиявии онро арзёбӣ кунад. Мутобиқи қ. 6 м. 55 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” аз 19 майи соли 2009 таҳти №524 [1] шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар интихоби ташкилоти қарзӣ озод буда, метавонанд дар як ё якчанд ташкилоти қарзӣ суратҳисоби бонкӣ кушоянд.

Ҳангоми бастани шартномаи кредит дар он ҳамаи шартҳое, ки мувофиқи онҳо қарз дода мешавад, пешбинӣ мегарданд, аз ҷумла: маблағ, муҳлат, намуди асъор, меъёри фоиз, таърихи бастани шартнома, шакли додани қарз, таъминнокӣ (агар зарур дониста шавад), тартиби додан ва манбаъҳои пӯшонидани қарз, тартиби пардохти қарз дар ҳолати ба таъхир афтодани он, ё дар ҳолати азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, мушаххасоти тарафҳо, маълумот оид ба пешниҳоди таърихи қарзи муштарӣ ба бюрои таърихи қарз бо розигии ӯ. Ҷадвали пардохти қарз бо тавсифи муфассали тартиб ва муҳлати пардохт таҳия ва якҷоя бо шартнома имзо гардида, ба шартномаи қарзӣ замима карда мешавад.

Шартномаи қарзро бояд шахсони имзошуда барои бастани чунин шартномаҳо имзо кунанд. Бо вуҷуди ин, мувофиқи муқаррароти м. 208 КГ ҶТ, дар сурати набудани ваколати амал кардан аз номи шахси дигар ё баромадан аз доираи чунин ваколат, агар шахси дигар (ваколатдиҳанда) минбаъд чунин аҳдро бевосита маъқул донад, аҳд аз номи шахси анҷомдодаи он ва ба манфиати ӯ суратгирифта эътироф карда мешавад. Аз ҷониби шахси намояндагикунанда минбаъд маъқул дониста шудани аҳд барои ӯ ҳуқуқу уҳдадориҳои гражданиро аз рӯйи ин аҳд аз лаҳзаи анҷом дода шуданаш ба вуҷуд меорад, тағйир медиҳад ва қатъ менамояд.

Ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ надорад, ки ба муштарӣ қарз дода ё хизмати дигар расонида, дар назди вай шарт гузорад, ки ҳатман аз дигар хизматрасониҳои ҳамин ташкилоти қарзӣ ё муассисаҳои он истифода барад.

Тибқи м. 30 Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” аз 19 майи соли 2009, таҳти №524 [1], ташкилоти қарзӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои зерин қарз намедиҳад, агар:

– маблағи умумии бақияи қарзҳои асосии ташкилоти қарзӣ ба ин шахс аз бист фоизи сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ зиёд бошад;

– маблағи умумии бақияи қарзҳои асосии калони ташкилоти қарзӣ аз андозаи секаратаи маблағи сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ зиёд бошад.

Бо мақсади татбиқи моддаи мазкур муқаррар карда мешавад, ки шахси дар ин модда зикршуда шахсест, ки бо шахси дигар бевосита ё бавосита тавре вобаста аст, ки устувории молиявии яке аз онҳо метавонад ба устувории молиявии дигарӣ ё дигарҳо таъсир расонад, ё ҳамин омилҳо метавонанд ба устувории молиявии якчанд нафар ё ҳамаи онҳо таъсир

расонанд ё вобаста аз муносибатҳои онҳо шахси дигар воқеан барои баргардонидани қарз дар назди ташкилоти қарзӣ ҷавобгар бошад.

Яке аз шартҳои асосии қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ пардохт мебошад.

КГ ҶТ муайян мекунад, ки қарзгиранда уҳдадор аст маблағи гирифтаашро баргардонад ва фоизи онро пардохт намояд. Ҳамин тариқ, қонунгузории ҶТ пардохти фоизи қарзро ҳамчун шарти ҳатмии шартномаи кредит мустақиман пешбинӣ мекунад.

Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, қарздиҳанда барои аз қарзгиранда аз маблағи қарз тибқи андоза ва тартиби муайяннамудаи шартнома гирифтани фоиз ҳуқуқ дорад. Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳо оид ба фоиз андозаи он тибқи ставкаи ба таври дахлдор муайяннамудаи фоизи бонк дар рӯзи аз ҷониби қарзгиранда баргардонидани қарзи худ ё як қисми дахлдори он муайян карда мешавад (қ. 1 м. 829 КГ ҶТ).

Қонунгузории граждани танҳо дар шакли фоиз пардохт кардани ҳаққи хизматрасонии бонкиро муқаррар намудааст. Ҳамзамон, дар адабиёти илмӣ пешниҳод мегардад, ки пардохт дар шартномаи қарз на танҳо дар шакли фоиз, балки дар дигар шаклҳо низ бояд анҷом дода шавад [3,с.11]. Дар шартномаи кредит принсипи муздноки тибқи қонун дар шакли фоиз мавҷуд аст, аммо муздноки метавонад бо созиши тарафҳо бо тартиби дигар низ муқаррар карда шавад.

Дар ҳолатҳое, ки қарз бо асъори хориҷӣ пешниҳод карда мешавад ва меъёри ҳисобкунии фоизи қарзҳои асъорӣ дар рӯзи иҷрои уҳдадории пулӣ дар маҳалли ҷойгиршавии қарздиҳанда вуҷуд надорад, ҳаҷми фоизҳо дар асоси нашрияҳо дар манбаъҳои расмии маълумот дар бораи меъёрҳои миёнаи фоизи бонкӣ аз рӯйи қарзҳои кӯтоҳмуддати асъори хориҷӣ дар маҳалли ҷойгиршавии қарздиҳанда муайян карда мешавад.

Агар чунин нашрияҳо мавҷуд набошанд, миқдори фоизҳои ситонидан дар асоси шаҳодатномаи яке аз бонкҳои пешқадам дар маҳалли ҷойгиршавии қарздиҳанда, ки аз ҷониби даъвогар ҳамчун далел пешниҳод карда шудааст ва меъёри аз ҷониби ӯ додашуда аз рӯйи қарзҳои кӯтоҳмуддати асъори хориҷӣ муқаррар карда мешавад.

Агар тартиби дигаре мувофиқа нашуда бошад, фоизҳо ҳар моҳ то рӯзи баргардонидани маблағи қарз пардохт карда мешаванд.

Шартномаи қарзе, ки байни шаҳрвандон ба маблағ на бештар аз андозаи сад нишондиҳанда барои ҳисобҳои тибқи қонун пешбинигардида баста шудааст ва ба анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ҳатто яке аз тарафҳо алоқаманд намебошад, агар дар он мустақиман тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, бидуни фоиз тахмин шуданаш мумкин аст. Агар тибқи шартномаи қарз ба қарзгиранда ашёи дорои аломатҳои навъи муайян супурда шавад, фоиз дар ҳолате бояд пардохта шавад, ки агар андоза ва шакли он (пулӣ ё дар шакли асл) дар шартнома пешбинӣ шудааст. Тартиб ва муҳлати пардохти фоизҳо тибқи шартномаи қарз муқаррар карда мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани чунин нишондод фоизҳо тибқи тартиб ва муҳлати пешбининамудаи шартнома оид ба баргардондани қарзи асосӣ пардохт карда мешаванд.

Андоза ва муҳлати пардохти (ситонидани) фоизи қарз вобаста ба ҳаҷми қарзи додашуда ва муҳлати баргардонидани он муқаррар карда мешаванд. Шартҳои тағйирёбии фоизи қарз ҳангоми дигар шудани вазъи макроиқтисодӣк (сатҳи таваррум, меъёри бозтамвил ва меъёри захираҳои ҳатмии Бонки миллии Тоҷикистон, вобаста аз тағйирёбии меъёри байналмилалии фоизӣ (LIBOR ё FIBOR), инчунин андозаи муҷозоти ҷаримавӣ барои саривақт напардохтани он мумкин аст дар шартномаи қарзӣ пешбинӣ карда шаванд. Ташкилоти қарзӣ бо сиёсати фоизии худро бо назардошти муҳлат, маблағ, намуди қарз ва хавфҳои қарзӣ ба таври инфиродӣ муқаррар менамояд.

Ҳисобкунии фоизи қарз танҳо аз бақияи қарз анҷом дода мешавад. Дар ҳолати пеш аз муҳлат пардохтани қарз ҳисоб кардани фоиз барои мӯуҳлати боқимондаи он ва истифодабарии дигар усулҳои ҳисобкунии қарз манъ аст. Инчунин, ситонидани ҳар гуна муҷозотҳои ҷаримавӣ барои саривақт иҷро накардани уҳдадорӣ (пардохти фоиз, маблағи қарз) танҳо аз ҳисоби бақияи уҳдадории иҷронашуда ҳисоб карда мешавад. Ташкилотҳои қарзӣ баҳисобгирии шумораи рӯзҳои тақвимии солро (360 ё 365) барои ҳисоб намудани фоизи қарзҳо мувофиқ ва ё вобаста ба воситаҳои ҷалбшаванда (пасандозҳо ва ғ.) ба роҳ

монда, сиёсати ягонаро ҳангоми ҳисобкунии фоизҳо вобаста ба шумораи рӯзҳои тақвимии сол бояд истифода намоянд.

Фоизҳои аз рӯйи амалиёти қарздиҳӣ гирифташуда - фоизҳое мебошанд, ки аз суратҳисобҳои қарздорон (суратҳисобҳои амонатӣ, суратҳисобҳои пасандозии ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла аз суратҳисоби муросилотии ташкилоти қарзӣ) гирифта шудаанд ва бо тартиби муқарраршуда ба суратҳисоб ё хазинаи ташкилоти қарзӣ гузаронида мешаванд.

Маблағи фоизи қарз ба тарзи зайл рӯёнида мешавад:

а) аз суратҳисобҳои қарздор (суратҳисоби пасандозӣ, суратҳисоби амонатии дархостӣ, суратҳисоби амонатии муҳлатнок), аз музди меҳнати ҳисобкардашудаи қарздор, дар асоси супоришномаи пардохтӣ, агар дар шартномаи қарзӣ чунин ҳуқуқ пешбинӣ шуда бошад;

б) аз суратҳисоби қарздор ба ҳисоби ташкилоти қарзӣ ба воситаи муассисаҳои алоқа ё дигар ташкилотҳои қарзӣ дар асоси супориши хаттии он;

в) дар асоси варақаи ворида ба хазинаи ташкилоти қарзӣ қабул кардани маблағи фоизи қарз.

Баҳисобгирии фоизҳои қарзи додашудаи ташкилоти қарзӣ дар асоси фармоиши воҳиди дахлдори ташкилоти қарзӣ ба воҳиди ҳисобдорӣ ё амалиётии ташкилоти қарзӣ амалӣ мегардад. Дар ҳолати барҳамхӯрии шахси ҳуқуқӣ-қарзгир, ташкилоти қарзӣ ҳисобкунии минбаъдаи фоизҳоро қатъ намуда, талаботро оид ба ҳамаи уҳдадориҳои шахси ҳуқуқӣ-қарзгир бо назардошти фоизи қарз бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба комиссияи барҳамдиҳӣ пешниҳод менамояд.

Фоизҳоро бо яке аз роҳҳои зерин ҳисоб кардан мумкин аст: бо формулаҳои фоизи одӣ, фоизи мураккаб, бо истифода аз меъёри фоизи муқарраршуда ё тағиирёбанда мувофиқи шартҳои шартнома. Агар дар шартнома усули ҳисобкунии фоизҳо пешбинӣ нашуда бошад, пас фоизҳо тибқи формулаи фоизи одӣ бо истифодаи фоизи муқарраршуда ситонида мешаванд.

Ҳангоми муқаррар кардани фоизи одӣ, пардохтҳо аз рӯйи ҳаҷм якхела ва мунтазам мебошанд (моҳона, семоҳа ё бо басомади дигар).

Ҳангоми татбиқи фоизҳои мураккаб, фоизи ҳисобшуда, вале пардохт нашуда ба маблағи асосӣ илова карда мешавад, яъне фоизҳо аз фоизҳо ҳисоб карда мешаванд ва маблағи аслии ҳисобкунии фоизҳо доимо меафзояд. Барои ҳисоб кардани фоизҳои мураккаб, санаҳои ҳисобкунии фосилавӣ дар тӯли тамоми давра муайян карда мешаванд, бинобар ин, ҳар як ҳисобу китоби минбаъда ба натиҷаҳои фоизи қаблӣ асос меёбад. Суръати афзоиши қарз аз басомади ҳисобкунӣ (моҳона, семоҳа ва ғ.) вобаста аст. Хусусияти ҳисобкунии фоизи мураккаб дар он аст, ки пардохти фоизҳо дар якҷоягӣ бо пардохти қарзи асосӣ сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, ин қоида на танҳо ба кортҳои кредитӣ, яъне, кортҳое, ки барои дорандаи он барои анҷом додани амалиётҳое пешбинӣ шудаанд, ки ҳисоббаробаркуниҳо аз ҳисоби маблағҳое, ки ташкилоти қарзии эмитент ба мизоҷ дар доираи лимити муқарраршуда мутобиқи шартҳои шартномаи қарз пешниҳод менамояд, анҷом дода мешаванд.

Дар айни замон, бисёре аз маҳсулоти кортҳо давраи бефоизро пешниҳод мекунанд (давраи имтиёзнок, грейсперио д), ки дар ин муддат барои истифодаи қарз фоиз ситонида намешавад. Мувофиқи қоида, схема тавре кор мекунад, ки агар қарз то муҳлати муайян пардохта шавад, аз он қарз фоиз ситонида намешавад. Яъне, агар муштарӣ ҳамеша қарзро то ба охир расидани муҳлати фоиз бидиҳад, қарз воқеан бидуни фоиз хоҳад буд.

Муқаррар кардани муҳлати бидуни фоиз барои истифодаи қарзи барои ҳисоббаробаркунӣ бо истифодаи кортҳои бонкӣ додашуда барои муштариён, махсусан барои онҳое, ки ин маҳсулот қисми ҷудонашавандаи ҳаёти муосир мебошад, хеле қулай аст. Муштарӣ соле як маротиба комиссия пардохт карда, барои истифодаи қарз фоизи бонкро пардохт намекунад. Ин имкон медиҳад, ки маблағҳои қарзӣ дар вақти дилхоҳ дар ҳаҷми лимити кредитӣ, бидуни андеша дар бораи фоизҳо истифода шаванд. Гузашта аз ин, тибқи қоида, муштарӣ имконият дорад, ки андозаи лимити қарзиро бидуни зиёд кардани андозаи пардохти яксолаи солона зиёд кунад.

Барои ташкилотҳои қарзӣ, қарздиҳӣ бо чунин шартҳо хеле муфид аст. Даромад аз тиҷорати кортҳо ба ду категория ҷудо мешавад. Аввалин даромади амалиётӣ, ки аз

ҷониби ташкилоти қарзӣ пешниҳод карда мешавад, аз он ҷумла корт воситаи молиявиест, ки қариб ҳамаи ҷузъҳои асосии хидматҳои анъанавии молиявиро (хадамоти ҳисоббаробаркунӣ, асъори хориҷӣ, хидматҳои қарзӣ, хидматҳои пасандоз) ҷамъ овардааст. Категорияи дувум даромади марбут ба ҷалб ва истифодаи маблағҳои дар суратҳисобҳо гузоштаи муштариён мебошад. Агар сухан дар бораи кортҳои пардохтӣ бо овердрафти имконпазир меравад, пас муштарӣ бо истифода аз корт амалиёт анҷом медиҳад, аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои худ, бақияи суратҳисобҳо дар ташкилоти қарзиро зиёд мекунад.

Дар робита бо гуфтаҳои боло, мушкилоти танзими ягонаи ҳуқуқии қарздиҳии бонкӣ ба миён омадааст, зеро қарзҳои кортӣ танҳо як намуди қарз мебошанд.

Ғайр аз ин, аксар шартномаҳои қарзӣ илова бар фоизҳо барои истифодаи қарзҳо ситонидани комиссияҳо ва пардохтҳои гуногунро низ пешбинӣ мекунанд.

Аз рӯйи принсипи озодии шартнома бонк ҳуқуқ дорад, ки дар шартномаи қарз уҳдадории қарзгирро оид ба пардохти на танҳо подош барои истифодаи қарз дар шакли фоизи солона, балки инчунин дигар подошро дар ҳама гуна шакл пешниҳод намояд [4].

Дар м. 55-и Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» муқаррар гардидааст, ки муҳлат ва меъёрҳои фоизии қарзҳо, амонатҳо, пасандозҳо, инчунин ҳаққи хизмат аз ҷониби ташкилоти қарзӣ дар шартнома бо муштарӣ муқаррар карда мешаванд.

Аз ин бармеояд, ки чунин мафҳумҳо, ба монанди «фоизи қарзҳо» ва «арзиши хизматрасонии бонкӣ» фарқ мекунанд. Мафҳуми «пардохт» на танҳо фоизи фоизҳои қарз, балки ситонидани ҳаққи хидматҳои бонкро низ дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, ҳуқуқи ташкилоти қарзӣ барои ситонидани маблағ аз муштариён илова ба фоизҳо истифодаи қарзи пардохтҳои дигар, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ кардааст, фаро мегирад.

Ҳангоми додани қарз ташкилоти қарзӣ ба қарзгиранда хидматҳо мерасонад, ки барои он пардохтҳои дахлдор мегирад, масалан, барои баррасии дархости қарз, гирифтани қарз, додани қарз ва ғайра.

Ҳангоми додани қарз ба шахсони ҳуқуқӣ ё воқеӣ бо тартиби ғайринақдӣ, ташкилоти қарзӣ хизматрасонии ҳисоббаробаркуниро пешниҳод менамояд, вақте ки қарз ба шахси воқеӣ бо пули нақд дода мешавад, вай ба қарзгиранда хидмати нақдӣ мерасонад.

Ба муқаррароти м. 839 КГ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» бояд тағйирот ворид карда шавад, то ки дар шартномаи кредит тартиби муқаррар намудани пардохти қарзро пешбинӣ намояд.

Принсипи пардохт бояд на танҳо ҳамчун пардохти фоизҳо ҳамчун шарти ҳатмии шартномаи қарз, балки ҳамчун пардохти ҳаққи хидмати тарафҳо муайян карда шавад.

Албатта, муҳим аст, ки иттилоот дар бораи хидматҳои бонкӣ бояд ҳама маълумотро дар бораи шартҳое муайян кунад, ки арзиши воқеии қарзро муайян мекунанд ва ба он таъсир мерасонанд, набояд тавассути пешниҳоди иттилоот ё пешниҳоди маълумоти бардурӯғ ё нопурра гумроҳкунанда бошанд.

Аксари қарордодҳое, ки дар амалия баста мешаванд ва пешниҳоди қарзро пешбинӣ мекунанд, шартномаҳои омехта мебошанд, ки дорои унсурҳои ҳам шартномаи кредит ва ҳам шартномаи суратҳисоби бонкӣ мебошанд. Шартномаи суратҳисоби бонкӣ ба категорияи шартномаҳо оид ба хизматрасонии молиявӣ (бонкӣ) таалуқ дорад. Мувофиқи м. 875 КГ ҶТ, молики суратҳисоб хизматрасонии бонкро ҷиҳати анҷом додани амалиёт бо маблағҳои пулии дар суратҳисоб мавҷудбуда тибқи шартҳои пешбининамудаи шартнома мепардозад. Чунин шартномаҳои омехта дорои шартҳои ситонидани комиссионӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ барои расонидани хидматҳое мебошанд, ки аз шартномаи суратҳисоби бонкии онҳо бармеоянд.

Шарти муҳимми дигари шартномаи кредит риояи шакли бастани он ба ҳисоб меравад. Тибқи назарияи ҳуқуқи граждани, агар шакли шартнома бевосита дар қонун муайян гардида бошад, дар ин ҳолат он шарти муҳимми шартнома ба ҳисоб меравад. Агар шакли шартнома дар қонун муайян нагардида бошад ва яке аз тарафҳо шакли муайяни ба расмият даровардани шартномаро пешниҳод намояд, дар ин ҳолат низ шакл ба сифати шарти ҳатмӣ эътироф мегардад, чунки “талаботе, ки аз ҷониби яке аз тарафҳои шартнома ба тарафи дигар ирсол мегардад”, шарти муҳимми шартномаҳои ҳуқуқи граждани мебошад. Бевосита дар м. 828 КГ ҶТ шакли шартномаи кредит муайян шудааст. Шартномаи қарз, агар маблағи он на камтар аз бист нишондиҳанда барои ҳисобҳои

муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузорӣ баландтар бошад, инчунин дар ҳолате ки як тарафи шартнома, сарфи назар аз маблағ, шахси ҳуқуқӣ мебошад, бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Риоя накардани шакли хаттӣ шартномаи и тарафҳоро аз ҳуқуқи дар мавриди баҳс ҷиҳати тасдиқи аҳд ва шартҳои он аз истинод ба баёноти шоҳидон маҳрум месозад, вале онҳоро аз ҳуқуқи овардани далелҳои хаттӣ ва далелҳои дигар маҳрум намесозад. Шартномаи қарз дар сурати мавҷуд будани забонхати қарзгиранда ё дигар ҳуҷҷате, ки ба ӯ аз ҷониби қарздиҳанда додани маблағи муайян ё теъдоди муайяни ашёро тасдиқ мекунад, дар шакли хаттӣ басташуда эътироф мегардад. Шакли хаттии шартномаи қарз, агар уҳдадории қарз бо вексел, вомбарг ё дигар коғази қиматноки додаи қарзгиранда, ки маблағи қарз ва ҳуқуқи қарздиҳандаро барои ситондани он муқаррар менамояд, риояшуда ба ҳисоб меравад.

Масъалаи дигари баррасишаванда мазмуни шартномаи кредит маҳсуб мегардад. Мазмуни шартномаи кредит маҷмӯи шартҳое мебошад, ки тарафҳо вобаста ба онҳо ба созиш омадаанд ва дар онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо дарҷ карда мешаванд.

Ташкилоти қарзӣ вазифадор аст ба қарзгиранда дар ҳаҷм ва шартҳои пешбининамудаи шартнома маблағ пешниҳод намояд. Бо дарназардошти он ки шартномаи кредит хусусияти консенсуалӣ дорад, аз ин рӯ, ба созиш омадани тарафҳо оид ба шарти муҳимми шартнома уҳдадории бонк ё дигар ташкилоти қарзиро ҷиҳати пешниҳоди маблағ ба миён меорад.

Аммо, мувофиқи қ.1 м. 841 КГ ҶТ кредитор ҳуқуқ дорад ба қарзгиранда додани кредити дар шартнома пешбинигардидаро пурра ё қисман дар сурати ғайри қобили пардохт эътироф гардидани қарзгиранда, аз ҷониби ӯ иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба таъмини кредит, вайрон кардани уҳдадории дар шартнома пешбинигардидаи мақсадноки истифодаи кредит, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи шартнома рад намояд. Чунин ҳолат метавонад бад шудани вазъи молиявию иқтисодии қарзгир бошад.

Дар сурати вайрон кардани уҳдадории истифодаи мақсадноки қарз, ки дар шартномаи қарз пешбинӣ шудааст, қарздиҳанда ҳуқуқ дорад, ки қарздиҳии минбаъдаро ба қарзгир тибқи шартнома рад кунад.

Қарзгиранда низ ҳуқуқи даст кашидан аз гирифтани маблағи пулиро дорад. Мутобиқи қ. 2 м. 841 қарзгиранда ҳуқуқ дорад аз гирифтани кредит пурра ё қисман даст кашида, дар ин мавриди кредиторро то муҳлати дар шартнома муқарраргардидаи фароҳам овардани кредит огоҳ созад. Ҳамин тариқ, тибқи қоида, қарзгиранда уҳдадории қабули маблағҳои пешниҳодкардаи бонкро надорад, қарзгиранда ҳуқуқ дорад аз гирифтани қарз даст кашад.

Дар сурати яктарафа рад кардан ё гирифтани қарз, шартномаи қарз қатъшуда ҳисобида мешавад.

Азбаски бонк бояд дар бораи вазъи молиявии қарзгиронаш донад, шартномаҳои қарзӣ ҳуқуқҳои бонкро оид ба назорати ҳолат ва фаъолияти қарзгир, гузаронидани санҷишҳо ва уҳдадориҳои қарзгиранда дар мавриди саркашӣ накардан аз чунин назорат, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурии молиявӣ бо дархости бонк ва дигар муайян менамоянд.

Мувофиқи м. 834 КГ ҶТ, шартномаи қарз метавонад шартеро барои истифодаи қарзгиранда барои мақсадҳои муайян пешбинӣ кунад. Аммо, шарт оид ба истифодаи мақсадноки маблағҳо нисбат ба шартномаи кредит муҳим нест ва на ҳамеша бояд ба матни шартнома дохил карда шавад, зеро вақте ки бонк муштарии худро ҳамчун эътимоднок ва боэътимод арзёбӣ мекунад, зарурати маҳдуд кардани қобилияти истифодаи маблағҳои қарзӣ вуҷуд надорад. Баръакс, бонк манфиатдор аст, ки чунин муштарӣ қарз гирад ва фоизҳо супорад.

Дар ҳолате ки, дар шартномаи кредит шарте барои истифодаи мақсадноки қарз муқаррар карда шуда бошад, қарздиҳанда вазифадор аст, ки аз болои истифодаи мақсадноки маблағҳои бадастомада назорат кунад.

Кредитор ҳуқуқ дорад, ки аз қарздор пешниҳоди маълумоти дахлдорро, ки барои таҳия ва бастани шартномаи қарз зарур мебошанд, талаб намояд.

Бонк ва дигар ташкилоти кредитӣ ҳуқуқ доранд, ки ҳангоми бастани шартномаи кредит маълумоти вобаста ба зомин ва кафилро, ки онҳо ҳамчун кафили иҷрои уҳдадорӣ баромад менамоянд, мавриди омӯзиш қарор диҳад. Агар ба сифати таъмини қарзи гирифташаванда кафолатнома ё замонат истифода шавад, дар ин маврид омӯзиши кафил ё

зомин, обрӯю эътибори касбии ӯ, доштани қобилияти қарзадокунӣ, масъулият ва омодагияш барои иҷрои уҳдадориҳо муайян карда мешавад.

Уҳдадориҳои қарзгиранда оид ба баргардонидани маблағи гирифташуда ва пардохти фоизи қарз мебошад. Қарзгиранда вазифадор аст, ки ба қарздиҳанда маблағи гирифтаашро тибқи муҳлат ва тартиби пешбининамудаи шартнома баргардонад.

Агар муҳлати баргардонидани қарз дар шартнома пешбинӣ нагардида бошад, он бояд аз ҷониби қарзгиранда дар муҳлати сӣ рӯз аз рӯзи пешниҳод намудани талабот аз ҷониби қарздиҳанда баргардонида шавад. Маблағи пешниҳодкардаи қарз пеш аз муҳлат баргардонида шуданаш мумкин аст.

Фоизҳо оид ба қарз дар ҳар лаҳза пеш аз муҳлат пардохта шуданашон мумкин аст. Агар дар шартномаи қарз тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, маблағи қарз аз лаҳзаи ба қарздиҳанда додани қарз ё гузаронидани маблағи пулии дахлдор ба суратҳисоби бонкии ӯ баргардонидашуда ба ҳисоб меравад.

Бояд махсус қайд кард, ки бонк вазифадор аст тамоми чорабиниҳои пешбининамудаи қонунро барои ситонидани қарз (аз ҷумла фоизҳо) аз муштарӣ – қарздор андешад.

Қарздор уҳдадор аст, ки маълумот ва ҳуҷҷатҳои дахлдорро, ки аз тарафи кредитор талаб карда мешаванд, пешниҳод намояд. Дар сурати пешниҳоди маълумоти нодуруст, носаҳеҳ ва ба воқеият мувофиқ набуда мумкин аст, ки бастани шартнома аз тарафи кредитор рад карда шавад ё минбаъд шартномаи бастаи онҳо беэътибор эътироф карда шавад. Ҳамчунин, агар ба сифати таъмини иҷрои уҳдадорӣ замонат ё кафил интихоб гардида бошад, дар чунин ҳолат қарзгиранда уҳдадор аст, ки маълумоти дахлдорро оид ба зомин ё кафил ба кредитор пешниҳод намояд.

Уҳдадории дигари қарздор истифодаи мақсадноки қарз мебошад. Дар ҳолате ки қарздор қарзро барои иҷрои мақсадҳои муайян гирифта бошад, дар ин маврид вай уҳдадор аст, ки маблағи пулии гирифтаашро танҳо барои мақсадҳои дар шартномаи пешбинишуда истифода барад.

Шахсе, ки барои гирифтани қарз дархост пешниҳод менамояд, ҳуқуқ дорад, ки оид ба шарт, тартиб, ҳаҷми фоиз, арзиши умумии қарз ва дигар ҳолатҳои дахлдор ба шартномаи кредит пешниҳоди маълумотро аз тарафи бонк ё дигар ташкилотҳои қарзӣ талаб намояд. Ташкилоти қарзӣ қабл аз пешниҳоди қарз ба муштарӣ (то ба имзо расонидани шартномаи қарзӣ), ба таври хаттӣ маълумот дар бораи ҳамаи намудҳои қарзҳои додашаванда, шартҳои қарз, шартҳои пардохт (муҳлатҳои воқеии пардохти қарзи асосӣ ва фоиз), арзиши умумии қарз, дар бораи розигии қарзгир оид ба додани маълумот ба Бюрои таърихи қарз, намудҳои таъминоти қабулшаванда ва ғайраро пешниҳод менамояд. Тибқи Дастурамал “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ”, ки бо қарори раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №73 аз 28 апрели соли 2011 тасдиқ шудааст, маълумотномаи мазкур дар шакли варақаи деворӣ ё китобчаи ташвиқотӣ тартиб дода мешавад, ки аз ҷониби раёсати ташкилоти қарзӣ тасдиқ мегардад.

Ҳамин тавр, дар шартномаи кредит тарафҳо дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои мушаххас мебошанд. Ба таври мушаххас ҳуқуқҳои зерини кредиторро муайян намудан мумкин аст:

– рад кардани додани кредит;

– талаб кардани маълумот ва ҳуҷҷатҳои дахлдор, ки барои бастани шартномаи кредит зарур мебошанд;

– назорат аз болои истифодаи мақсадноки қарз;

– талаб намудани саривақт пардохт намудани фоизи қарз;

– талаби баргардонидани қарз дар муҳлати дар шартнома пешбинишуда;

– воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадориро бо мақсади ба таври дахлдор иҷро кардани уҳдадориҳои шартномавӣ ва қонеъ намудани талаботи худ интихоб менамояд;

– қарзи мақсаднок диҳад.

Тибқи шартномаи кредит бонк ё дигар намуди ташкилоти қарзӣ уҳдадориҳои зерин дорад: додани маблағи пулӣ; фоизҳоро тибқи тартиб ва меъёри муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон муайян намояд.

Қарздор дар шартномаи кредит дорои ҳуқуқҳои зайл мебошад: талаб кардани пешниҳоди маблағи пулӣ дар муҳлатҳои дар қонун ва ё шартнома пешбинишуда; даст кашидан аз гирифтани кредит тибқи муқаррароти м. 841 КГ ҶТ.

Уҳдадориҳои қарздор тибқи шартномаи кредит:

– пешниҳоди маълумот ва ҳуҷҷатҳои муайян, ки аз тарафи кредитор талаб шудаанд;

– пардохт намудани фоизи муқаррарнамудаи кредитор;

– риояи истифодаи мақсадноки қарз (агар қарздор қарзи мақсаднок гирифта бошад);

– баргардонидани маблағи пулӣ дар муҳлати дар шартнома муайяншуда.

Аз муқаррароти қонунгузории гражданӣ бармеояд, ки субъектони шартномаи кредит махсус мебошанд, яъне бонк ва дигар намудҳои ташкилотҳои қарзӣ (кредитор) ва қарздор.Ба сифати тарафҳои шартномаи кредит қарздор ва кредитор баромад менамоянд.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор *Қурбонов Қ.Ш.*

АДАБИЁТ

1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 331; с. 2010, №7, мод. 555; с. 2011, №12, мод. 846; с. 2013, №11, мод. 786; с. 2014, №11, мод. 663; с. 2018, №7-8, мод. 532.
2. Брагинский М.М., Витрянский В.В. Договорное право. Договоры о займе, банковском кредите и факторинге. Договоры, направленные на создание коллективных образований. Книга 5. в 2-х томах. Том 1.2006. -С. 380. Ефимова Л.Г. Банковские сделки: право и практика. -М., 2001. -С. 520; Голышев В.Г. Указ. соч. -С. 22; Вишневский А.А. Банковское право: Курс лекций. -М. 2002. -С. 74.
3. Боннер, Е.А. Правовое регулированне банковского кредитоваиия. Дисс. канд. юрид. наук. -Москва, 2007. -С. 11.
4. Ефимова Л.Г. Финансовая консультация от 24.10.2005 г. / Правовая база «Консультант-Плюс»
5. Соҳибов М.М., Саидов Ҳ.М., Хоҷамуродов Д.Г., Бобохонов Ҳ.З. Ҳуқуқи шартномавӣ /Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: “Андалеб Р”, 2015. -С. 36.
6. Ҳуқуқи гражданӣ (китоби дарсӣ). Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғаюров Ш.К., дотсент Сулаймонов Ф.С. -Душанбе, 2014. -С. 294.
7. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми 1. – Душанбе: ЭР-граф, 2007. – С. 371 (Муаллифи боб – Раҳимов М.З.).
8. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. Қисми якум / Муҳаррирони масъул: д.и.ҳ., профессор Ғаюров Ш.К. ва н.и.ҳ., дотсент Сулаймонов Ф.С. -Душанбе: ЭР-граф, 2013. -С. 313 (Муаллифи боб – Сулаймонов Ф.С.).
9. Ҳуқуқи гражданӣ. Қ.1/ М.А. Маҳмудов. – Душанбе, 2007. - С.400.
10. Ҳимматов Ҳ.Н., Қурбонализода Н.Ш., Соҳибов М.М., Саидов Ҳ.М., Хоҷамуродов Д.Г., Бобохонов Ҳ.З. Ҳуқуқи уҳдадорӣ / Зери таҳрири профессор Ғаюров Ш.К. – Душанбе: “СИНО”, 2016. -С. 100.
11. Шершеневич Г.Ф. Курс торгового права. Т. IV. Торговый процесс. Конкурсный процесс. - М., 1912.-С. 172.
12. Шершеневич Г.Ф. Учебник торгового права / По изд. 1914 г. -М., 1994. -С. 242.
13. Экономическая теория / Под ред. А.И. Добрынина, Л.С. Тарасевича. СПб., 2002. С. 376; См.: Гукасьян Г.М. Экономическая теория: ключевые вопросы. Учебное пособие/Под ред. д.э.н., проф. А.И. Добрынина. -М., 2000. -С. 166.

ШАРТНОМАИ КРЕДИТ: МАЗМУН ВА ТАРАФҲОИ ОН

Муаллиф дар мақолаи мазкур шартномаи кредитро мавриди баррасӣ қарор дода, мазмун ва тарафҳои шартномаи мазкурро муайян намудааст. Зимни таҳлили адабиётҳои илмӣ кӯшиш намудааст, то фикру андешаҳои олимонро мавриди омӯзиш қарор дода, натиҷаҳои ниҳоиро манзур намояд. Ҳамчунин, қонунгузории кишвар дар хусуси шартномаи кредит мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мазмун ва тарафҳои шартномаи кредит дар мақолаи мазкур мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки шарти муҳимми дигари шартномаи кредит риояи шакли бастани он ба ҳисоб меравад. Тибқи назарияи ҳуқуқи гражданӣ, агар шакли шартнома бевосита дар қонун муайян гардида бошад, дар ин ҳолат он шарти муҳимми шартнома ба ҳисоб меравад. Агар шакли шартнома дар қонун муайян нагардида бошад ва яке аз тарафҳо шакли муайяни ба расмият даровардани шартномаро пешниҳод намояд, дар ин ҳолат низ шакл ба сифати шарти ҳатмӣ эътироф мегардад, чунки “талаботе, ки аз ҷониби яке аз тарафҳои шартнома ба тарафи дигар ирсол мегардад”, шарти муҳимми шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ мебошад.

Калидвожаҳо: шартномаи кредит, мазмун ва тарафҳои шартномаи кредит, қонунгузорӣ, бонк, ташкилотҳои бонкӣ, қарздор, кредитор.

КРЕДИТНЫЙ ДОГОВОР: СОДЕРЖАНИЕ И ЕГО СТОРОНЫ

В данной статье автор анализирует кредитный договор, определяет его содержание и стороны. При анализе научной литературы автор постарался изучить мнения ученых и сделать окончательные выводы. Также было проанализировано законодательство страны о кредитных договорах. В статье подробно анализируются содержание и стороны кредитного договора. Автор отмечает, что другим важным условием кредитного договора является соблюдение форм его заключения. В соответствии с теорией гражданского права, если форма договора

непосредственно определено в законе, в этом случае она считается важным условием договора. Если форма договора не определена в законе и одна из сторон предложит определенную форму оформления договора, в этом случае данная форма будет признано как обязательное условие договора так как “требование, предъявляемое одной стороной договора к другой” является важным условием договоров гражданского права.

Ключевые слова: договор займа; содержание и стороны кредитного договора; законодательство; банк; банковские организации; должник; кредитор.

LOAN AGREEMENT: CONTENT AND ITS PARTIES

In this article, the author analyzes the credit agreement and identifies the content and parties to the agreement. During the analysis of the scientific literature, he tried to study the views of scientists and draw the final conclusions. The country's legislation on credit agreements has also been analyzed. The content and parties to the loan agreement are analyzed in depth in this article. The author notes that another important condition of the loan agreement is compliance with the forms of its conclusion. In accordance with the theory of civil law, if the form of the contract is directly defined in the law, in this case it is considered an important condition of the contract. If the form of the contract is not defined in the law and one of the parties proposes a certain form of registration of the contract, in this case, this form will be recognized as a prerequisite of the contract, since “the requirement presented by one party to the contract to the other” is an important condition of civil law contracts.

Keywords: loan agreement; the content and parties to the loan agreement; legislation; bank; banking organizations; the debtor; creditor.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Асрорзода Зуҳуриддин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон **937830008.** E-mail: **asrorzoda.z@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Асрорзода Зухуриддин*** – Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон **937830008**. E-mail: **asrorzoda.z@mail.ru**

Information about the author: ***Asrorzoda Zuhuriddin*** – Tajik National University, applicant **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, prospect Rudaki, 17. Phone: **(+992) 937830008**. E-mail: **asrorzoda.z@mail.ru**

УДК: 32.019.52

ПРОБЛЕМЫ ОСОЗНАНИЯ И ВОСПРИЯТИЯ УГРОЗ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

Сафарализода Х.К.
Таджикский национальный университет

Политическая практика показывает, что уровень и качество национальной безопасности и состояние ее обеспечения часто зависят от своевременного выявления источников угроз и осознания их природы. Поэтому в разных странах мира событиям, политическим и социальным процессам и, в частности, поведению разных субъектов дают разные оценки. Признание негативных явлений угрозами, или в какой мере такие явления считаются опасными и вредными, больше зависят от знаний и опыта. В науке этот процесс называется «стигматизацией»[*]. То есть, в какой степени то или иное явление или фактор воспринимается как угроза и в какой степени общество готово принять их как угрозу.

Решения, принимаемые на уровне государственных органов, направлены в основном на преодоление существующих проблем. Потому что решение вопросов и устранение существующих проблем необходимы для обеспечения дальнейшего развития страны. Более того, изучение угрозы должно считаться важным элементом стратегической культуры. Потому что для выявления угроз необходимы политические, идеологические, технологические, экономические и, в конечном итоге, стратегические знания. В связи с этим отечественный политолог С.И. Шарипов высказывает интересные мнения в отношении угроз. По его мнению, «когда мы говорим об угрозах и вызовах, всегда представляется картина страшных последствий и предупреждений на неспокойное будущее. Однако перехватить инициативу и сделать предварительный ход нам всегда недостает либо смелости, либо информации. Современные угрозы и вызовы обладают сложной архитектурой и состоят не только из практических, но и теоретических, идеологических и даже социально-психологических аспектов [9,с.314]. Осознание угроз важно как для политического руководства страны, которое участвует в принятии важных решений, так и для других слоев общества. Наряду с высшим руководством страны научная элита и интеллигенция также могут внести значительный вклад в осознание угроз. Помимо высшего руководства страны, которому предоставляется необходимая информация по управлению государственными и политическими делами, ученые и интеллектуалы также считаются наиболее осведомленным сегментом любого общества. Даже ученые и интеллектуалы на основе своих научных и теоретических знаний могут подготовить свое видение перспектив и будущего развития конкретной отрасли. В общем, как врач определяет способы и средства лечения болезни, так и ученые занимают такую позицию в решении трудностей и преодолении проблем. Поэтому использование научного и интеллектуального потенциала ученых в области осознания угроз очень важно и может служить для выявления источника, потенциала и способов предотвращения нежелательных последствий негативных явлений. Ученые могут способствовать своевременному выявлению существующих или возникающих проблем. Участие ученых в этих процессах, их нейтральность и уровень их профессиональной подготовки - это другой вопрос, который требует рассмотрения в отдельных исследованиях. В целом, ученые и интеллектуалы могут не только предупреждать общество о существовании угроз и опасностей, но и проводить исследования для их предотвращения и предоставлять правительству способы их нейтрализации и защиты национальных интересов.

Кроме того, в нынешних условиях, когда наблюдается процесс распространения информационных и психологических войн, гражданам страны, особенно молодежи и подрастающему поколению, необходимы знания в области безопасности и осведомленность об угрозах. Если у них отсутствует критическое и аналитическое мышление, они не умеют различать друга и врага, пользу и вред, под влиянием информационных атак они легко попадают в ловушку экстремистов и террористов. Такая ситуация является реальной угрозой

[*] От греч. stigma – ярлык, клеймо и, следовательно, стигматизация – это клеймение, нанесение стигмы.

Дар демократияи эълонгаштаи ҷумҳуриҳои собиқи советӣ хосиятҳои демократияи ваколатӣ ё ҳолати авторитарӣ ба назар мерасанд. Низоми бисёрҳизбӣ вуҷуд дорад, аммо муборизаҳои кушоди сиёсӣ дар раванди интихобот мушоҳида намешаванд. Неруҳои мухолифин қудрати бунёди зиддият ва ҳалли онҳоро надоранд, заминаҳои қонунии мавҷудияти он фароҳам оварда нашудаанд. Даврабандии воқеии интихобӣ дар фаъолияти ҳокимияти сиёсӣ дида намешавад. Масъалаҳои иқтисодӣ дар баъзе аз кишварҳо ҳалли худро каму беш ёфта бошанд, ҳам имконияти бартарафсозии масъалаҳои иҷтимоиро муҳайё насохтаанд. Масъалаҳои зиёди фарҳангиву идеологӣ вуҷуд доранд, ки зиддиятҳои мафкуравии аз берун ба низоми сиёсӣ воридгаштаро бартараф карда наметавонанд. Бинобар ин, роҳи инкишофи минбаъдаи кишвар чандон равшан нест. Одатан кишварҳое, ки давраи гузариши сиёсиро аз сар мегузаронанд, режими омехтаи сиёсии демократию авторитариро таҷассум менамоянд. Зеро ҳалли масъалаҳо ва ҳадафҳо тарҳи дигари муносибатро истисно мегардонанд. Чунин сатҳи муносибатҳо хосияти объективӣ дошта, то андозае фаъолияти неруҳои сиёсиро маҳдуд мегардонад.

Баҳодиҳии воқеияти равандҳо ва ҳодисаҳои кишварҳо аз ҷониби ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ сурат гирад ҳам, дар асл, таъсиррасонии онҳо барои беҳтар сохтани унсурҳои муҳими ҷомеаи демократӣ чандон назаррас нестанд. Бешубҳа, барои давлатҳои муқтадири ҷаҳонӣ дар чунин ҳолат ҷой доштани кишварҳо хело муфидаст, зеро он идоракунии геополитикии кишварҳои оламро осон намуда, онҳоро дар тобеияти иқтисодиву идеологӣ нигоҳ медоранд.

Барои ҷумҳуриҳои собиқи советӣ зарурияти таъсиси мақомоти мониторингӣ ё мақомоти босалоҳияте зарур аст, ки ба ҳолатҳои дохилии кишвар каму беш ворид гардида, имконияти таҳлили дурусти инкишофи сиёсиро маълум созад. Мақомоти мазкур бе назардошти таъсиррасонӣ ба истиқлолияти сиёсии ҷумҳуриҳои собиқи советӣ, имконияти таҳлили ҳолати инкишофи сиёсиро марбут ба принсипҳои демократӣ баррасӣ намуда, садди роҳи ташаккул ва инкишофи монеаҳои зиддидемократӣ мегардад. Дар ҳолати набудани чунин назорати умумӣ кишварҳое, ки демократияро ҳамчун низоми давлатдорӣ эълон доштанд, танҳо бо ном хосияти демократӣ пайдо менамоянду халос. Ё кишварҳои эълонгардидаи демократӣ мавриде, ки ба ҳамгироии гуногуни сиёсӣ дохил мешаванд, бояд хосиятҳои аслӣ ва воқеии демократикунонии онҳо ба назар гирифта шаванд. Лекин таъсиси чунин ҳамгироӣ, махсусан, барои ҷумҳуриҳои собиқи советӣ кори осон нест. Зеро бештари кишварҳо хосияти демократиро вобаста ба манфиатҳои ҳизбҳои ҳукмрон тавсиф намуда, талаботу манфиатҳои неруҳои дигари сиёсӣ, ҳатто неруҳои бо ҳукумат дар мурособуда чандон ба эътибор гирифта намешаванд. Зеро аксари ҷумҳуриҳои собиқи советӣ ҷомеаи суннатию анъанавиро мемонанд, ки аз раванди собит намудани арзишҳои демократӣ то андозае ақиб мондаанд. Дар навбати худ неруҳо ё ҳизбҳои дигар ҳам гӯё бо чунин муносибат розӣ бошанд, дар идоракунии тӯлонии ҳизби ҳукмрон саҳмгузор мебошанд ва ё бо чунин ҳолат дар созиш қарор доранд. Баъзан чунин ҳолат ба хотири муътадили гардидани вазъи кишвар ва таъмини суботи сиёсӣ, баъзан бо хотири эмин будан аз таъсиррасонии берунӣ ба амал бароварда мешавад.

Омилҳои дигару зиёде мавҷуданд, ки ба ноустувории рушди демократия мусоидат мекунанд. Чунин омилҳо аз ҷониби С.Эресон ва Я.Э.Лейн чун нишондодҳои нооромии ҷомеа муайян гаштаанд: нишондодҳои иқтисодӣ (дараҷаи бекорӣ ва кашшоқӣ, камомади буҷет, ҳолати қарзи давлатӣ), иҷтимоӣ (сатҳи иштироки коргарон дар низоъҳои истеҳсолӣ, дараҷаи худкушӣ ва куштор, зиёд шудани ҷиноятҳои мухталиф, шумораи корпартоиҳо, муҳоҷират), сиёсӣ (сатҳи нокифояи азнавсозии ҳокимияти иҷроия, мутобиқшавии тӯлонии элитаи сиёсӣ ба имкониятҳои тағйирёбанда ва шакли беэътимоди системаи интихоботӣ) [5,с.515].

Омилҳои мавҷуда барои рушди демократия монеаҳо эҷод мекунанд. Ҳокимияти сиёсӣ бештар нишондодҳои пасти инкишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро тавассути тавонии худ маҳв сохта, кишварро чун кишвари демокративу устувор муаррифӣ мекунад.

Дар вазъияти сиёсии олами муосир бунёди ҷомеаи воқеан демократӣ хело душвор аст. Пеш аз ҳама, инкишофи кишварҳо аз омилҳои беруна, ба мисли низоми иқтисодии ҷаҳон, равандҳои интегратсионӣ, таъсиррасонии геполитикӣ ва геоиқтисодии кишварҳои бузург вобаста аст. Ин майлонҳо ба сиёсати дохилии кишвар таъсири муайянкунанда расонида, дар бештарин маврид номутаносибии инкишофи сиёсиро ба миён меоранд. Зиддиятҳо, муқовиматҳои сиёсии байналхалқӣ ва ифодаи онҳо дар ҳодисаю равандҳои ҷаҳонӣ, ки инқилобҳои ранга дар мисоли кишварҳои Европаи Шарқӣ, Америкаи Марказӣ, Осиёи Миёна ва баҳори араб дар кишварҳои арабӣ аз ҷумлаи онҳост.

Дар мисоли Тоҷикистон нусхабардории демократиясозии солҳои 90-уми асри XX ба фоҷиаи сиёсӣ мубаддал гашт. Баромадан аз фазои мудҳиши сиёсӣ ва созмон додани сохторҳои нави давлатдорӣ ва сиёсатофарӣ боиси ташаккули тарҳи нави муосиршавӣ гардид. Лекин дар ибтидои таҳаввулоти сиёсии охири асри гузашта тарҳи муосиршавии системаи сиёсии Тоҷикистон ба демократия айният надошт ва заминаҳои бунёди он дорои нуқсонҳои идеологиву маънавӣ, диниву экстремистӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ буданд. Аз ин рӯ, дар сатҳи паст қарор доштани худшиносии миллӣ ва фарҳанги сиёсӣ боиси ба зиддиятҳои оштинопазир дучор гардидани равандҳои ҷамъиятӣ гардиданд. Тадриҷан баъди навсозиҳо ва ислоҳоти мухталиф арзишҳо ва принсипҳои демократияи эълонгардида дар муносибати байни ҷомеа ва давлат мавзунияти сиёсиро пайдо менамоянд.

Тарҳи демократияи навташаккул дар раванди инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба шакли махсус, умедбахш ва маҷмӯи эътирофшудаи қоидаҳо ва усулҳои ҳокимияти халқӣ мубаддал гардад. Дар айни ҳол он на ҳамаи хосиятҳои демократияи тарҳи европоӣ – демократияи полиархиро ифода менамояд. Зеро қабули демократия дар ҳолати мавҷуд набудани заминаҳои ташаккули он ва неруҳои пешбару хосияти демократидошта натиҷаи интизориро ба бор намеоранд. Аз ҷониби дигар, низоми пешбари равандҳои модернизатсионӣ бо масъалаи «муътадил»-ӣ ва суботи ҷомеа пайваста аст, ки ба сифати заминаи ташаккули муфиди раванди иҷтимоиву иқтисодӣ дар шароити модерникунонии системаи сиёсӣ баромад намуда, дар маҷмӯъ натиҷаҳои дилхоҳро низ ба бор меорад. Дар ин маврид дар раванди демократикунонӣ ба устуворӣ ва муташаккилии амалишавии принсипҳои он таваҷҷуҳ дода мешавад, ки бе фаъолияти сарвар ва элитаи сиёсӣ пиёда гардида наметавонад. Дар ҳолати баръакс, дар мавриди тайёр набудани аҳолӣ ба идоракунии демократӣ, надонистани тарзи истифодаи самараноки фаъолияти институтҳои сиёсӣ ва инчунин ба натиҷаи дилхоҳи фаъолияти институтҳои сиёсӣ боварӣ надоштани мардум эиддиятҳои мухталифро ба раванди демократикунонӣ ва барқароршавии режими демократӣ ворид месозанд. Демократия дар бештари давлатҳои ғайриғарбӣ, ки заминаҳои зарурии инкишофро пайдо накардааст, наметавонад масъалаҳои ҳаёти рӯзмарраи ҷомеаро ба таври машвароративу дастаҷамъона ҳал намояд. Он метавонад дар шакли омезиш бо авторитаризми қудратманд ташаккул ёбад.

Ҳоло дар бораи инкишофи сиёсии кишварҳои олам ҳарф зада, қайд намудан зарур аст, ки раванди демократикунонӣ на танҳо аз таъсиррасонии омилҳои ғарбӣ, балки аз хоҳиш ва талаботҳои кишварҳо оғоз меёбад. Он натиҷаеро ба бор меорад, ки кишварҳои мазкур ба ҷараёни глобаликунонии олам дар як саф бо кишварҳои мутамаддин қарор гиранд. Инкишофи муосири кишварҳо дар раванди демократикунонӣ ба мақсади таъмини низоми ҷаҳонии идоракунии кишварҳо асос меёбад.

АДАБИЁТ

1. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. -Душанбе, 2015. -Ҷ. 1. -С. 351.
2. Индекс демократии. [Электронный ресурс]. URL:http:// eiu.com›topic /democracy-index/
3. Линц Х. Проблемы перехода к демократии и консолидации. Южная Америка и посткоммунистическая Европа / Х. Линц, А.Степан. - 1997. –С.152-157.
4. Муродова Н.С. Модернизатсияи сиёсӣ: моҳият, хусусиятҳо ва дурнамо / Н.С. Муродова. - Душанбе: Эр-граф, 2016. -200 с.
5. Мухаев Р.Т. Политология / Р.Т. Мухаев. - М.: Проспект, 2011.
6. О'Доннелл Г. Делегативная демократия [Электронный ресурс].URL: http://polit.msk.su/ library/dem /odonnell.html#_ ftn1
7. Пшеворский, А. Демократия и рынок. Политические и экономические реформы в Восточной Европе и Латинской Америке / А.Пшеворский. - М.: «РОССПЭН», 1999.– 319 с.
8. Растоу Д.А. Переходы к демократии: попытка динамической модели / Д.А. Растоу // Полис. -1996. -№5. -С.5-15.

9. Хантингтон С. Будущее демократического процесса: от экспансии к консолидации / С.Хантингтон //Мировая экономика и международные отношения. -1995. -№ 6. –С. 90-103.
10. Хантингтон С. Третья волна. Демократизация в конце XX века / С. Хантингтон. - Пер. с англ. Л. Ю. Лапшиной. - «РОССПЭН», 2003. – 365 с.
11. Хорос В.Г. Авторитаризм и демократия в развивающихся странах / В.Г. Хорос. - М., 1996.–334 с.
12. Штомпка П. Социология социальных изменений / Пер. с англ. А. С. Дмитриева; Под ред. В. А.Ядова / П. Штомпка. – М.: Аспект Пресс, 1996.
13. Эйзенштадт Ш.Н. Базовые характеристики модернизации / Ш.Н. Эйзенштадт // Концепция модернизации в зарубежной социально-политической теории, 1950-1960 гг. Отв. ред. Д.В. Ефременко, Е.Ю. Мелешкина. –М.: ИНИОН РАН. 2012. – С. 187-210.
14. Эпштейн М. Информационный взрыв и травма постмодерна / М. Эпштейн. [Электронный ресурс] URL: https://Royallib.ru/

ДУРНАМОИ ИНКИШОФИ СИЁСӢ Ё РАВАНДИ «ДЕМОКРАТИКУНОНӢ»

Дар мақолаи мазкур оид ба дурнамои инкишофи демократия ва ҳолати воқеии он андешаҳои мухталиф баён шудаанд. Муаллифон дар асоси таҳлили маводҳои сершумори илмӣ ҳолати рушдёбии режими сиёсии демократиро муайян кардаанд ва се муносибати илмиро нисбати ташаккули демократия дар кишварҳои олам маълум месозанд. Муносибат ба демократия олимонро ба ҷонибдорони режими демократӣ (муносибати умедбахшона), тарафдорони ғояи шикасти демократия (назари ноумедона) ва тараннуми демократияи олудаи авторитаризм (пессимистҳои муътадил) муттаҳид месозад. Дар мақола оид ба омилҳои устувор ва ноустувори рушди демократия назари хосса баён шудааст. Ба андешаи муаллифон, ба таври комил рушд наёфтани демократия дар ҷумҳуриҳои собиқи советӣ, пеш аз ҳама, бо мавҷуд набудани институти мониторингӣ алоқаманд мебошад. Ташкилотҳои арзёбикунандаи ченакҳои демократия қобилияти таъсиррасонӣ надоранд ва ҳар кишвар бештар кӯшиш мекунад, ки демократияро дар ҳар шакле ворид созад, аммо мазмунан аз демократия дур мебошад. Таъкид мегардад, ки масъалаи инкишофи демократӣ дар кишварҳои олам ба демократияи ваколатдор айният дорад ва мутобиқи демократияи либералӣ ташаккул наёфтани онҳо бо омилҳои дохиливу берунӣ вобаста мебошанд. Муаллифон нишондодҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии кишварро дар рушди демократия ва таъсири онҳоро ба рушди демократия муайян мекунанд. Инкишофи демократияро бештар аз таъсири сарварони сиёсӣ ва элита вобаста медонанд, ки одатан кӯшиши дар ҳолати муътадил нигоҳ доштани рушди ҷомеа ва системаи сиёсиро доранд. Дар охири мақола андеша оид ба инкишофи демократия ҳамчун зуҳури режими сиёсӣ, ки нуқсонҳои мавҷудаи сиёсиро начандон бартараф карда метавонад, баён гардидааст.

Калидвожаҳо: демократия, сиёсат, иқтисодиёт, режими сиёсӣ, либерализм, давлат, дурнамо, нишондодҳои демократия, муваффақиятҳои демократия.

ПЕРСПЕКТИВЫ ПОЛИТИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ИЛИ ПРОЦЕСС «ДЕМОКРАТИЗАЦИИ»

В статье представлены взгляды авторов на перспективы развития демократии и ее реальное состояние. На основе анализа многочисленных научных материалов авторы определяют состояние развития демократического политического режима и выделяет три научных подхода к формированию демократического режима в мире. Первый подход к демократии объединяет ученых поддерживающих демократический режим (оптимисты). Вторая группа исходят из идеи несостоятельности демократии (пессимисты) и третье ученые поддерживают делегативную демократию (умеренные пессимисты). В статье автор рассматривает факторы, стабилизирующие и дестабилизирующие развитие демократии. По мнению автора, неразвитость демократии в постсоветских странах в первую очередь связана с отсутствием институтов мониторинга оценки состояния демократического развития. Организации, измеряющие состояние демократии, неспособны оказать влияние на страны, и каждая страна все больше пытается принять демократию как форму политического режима, но не в полном соответствие с ним. В статье отмечается, что проблема демократического развития в мире связана с делегативной демократией, и их неспособность сформировать либеральную демократию зависит от внутренних и внешних факторов. Авторы определяют экономические, политические и социальные показатели страны в развитии демократии и их влияние на судьбу демократии. В статье авторы считает, что развитие демократии в большей степени зависит от влияния политических лидеров и элит, которые часто пытаются сохранить развитие общества и политическую систему в стабильном состоянии. В конце статьи высказывается мнение о развитии демократии как политического режима, не способного преодолеть существующие политические недостатки.

Ключевые слова: демократия, политика, экономика, политический режим, либерализм, государство, перспектива, индикаторы демократии, достижения демократии.

POLITICAL DEVELOPMENT PERSPECTIVE OR THE PROCESS OF "DEMOCRACY"

The article presents the author's views on the prospects for the development of democracy and its real state. Based on the analysis of numerous scientific materials, the authors determine the state of development of a democratic political regime and identify three scientific approaches to the formation of democracy in the world. The first approach to democracy brings together scientists who support a democratic regime (optimists). The second group proceeds from the idea of the failure of democracy (pessimists) and the third scholars support delegative democracy (moderate pessimists). In the article, the author examines the factors that stabilize and destabilize the development of democracy. According to the author, the underdevelopment of democracy in post-Soviet countries is primarily associated with the lack of institutions for monitoring the assessment of the state of democratic development. Organizations that measure the state of democracy are unable to influence countries, and each country is increasingly trying to accept democracy as a form of political regime, but

not in full compliance with it. The article notes that the problem of democratic development in the world is associated with delegative democracy, and their inability to form a liberal democracy depends on internal and external factors. The authors define the economic, political and social indicators of the country in the development of democracy and their impact on the fate of democracy. In the article, the authors believe that the development of democracy largely depends on the influence of political leaders and elites, who often try to keep the development of society and the political system in a stable state. At the end of the article, an opinion is expressed about the development of democracy as a political regime that is unable to overcome the existing political shortcomings.

Keywords: democracy, politics, economics, political regime, liberalism, state, perspective, indicators of democracy, achievements of democracy.

Сведения об авторах: ***Зокиров Гулмаҳмад Нозимович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-70-89-57; 919-60-69-66**
Муродова Нигина Сулаймонова – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **munisu71@mail.ru** Телефон: **93-941-17-00**

Сведения об авторах: ***Зокиров Гулмахмад Нозимович*** – Таджикский национальный университет, доктор политических наук, профессор кафедры политологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **918-70-89-57; 919-60-69-66**
Муродова Нигина Сулаймонова – Таджикский национальный университет, кандидат политических наук, доцент кафедры политологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **munisu71@mail.ru** Телефон: **93-941-17-00**

Information about authors: ***Zokirov Gulmakhmad Nozimovich*** - Tajik National University, Doctor of Political Sciences, Professor of the Department of Political Science. **Address** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17
Murodova Nigina Sulaimonova - Tajik National University,Candidate of Political Sciences, Associate Professor at the Department of Political Science **Address** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **munisu71@mail.ru.** Phone: **93-941-17-00**

УДК: 323.11

ИТТИҲОДИЯҲОИ ДИНӢ ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РАВАНДҲОИ ҲАЁТИ ИҶТИМОИВУ СИЁСИИ ҶОМЕА

Маҳмудҷони Эркин
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Нақши институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз қабили иттиҳодияҳои динӣ дар рушди соҳаҳои ҳаёти кишвар дар баробари бахши давлатӣ нақши назаррас доранд. Институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асоси Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда ба таври худташаккулдиҳӣ ва озодона ташкил ва фаъолият намуда, дар ҳалли муаммоҳои ҷомеа саҳми муносиб мегузоранд. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: “Ҷомеаи шаҳрвандӣ маҷмӯи муносибати сохтори байнишахсӣ, оилавӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ буда, дар ҷомеа бе дахолати бевоситаи давлат ва берун аз сохтори давлат инкишоф меёбад ва барои ҳуқуқу озодиҳои шахсият ва ҷомеа шароит муҳайё мекунад”[9,с.12]

Иттиҳодияҳои динӣ ҳамчун институти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаёти одамон, хосатан дар ҷомеае, ки аксарияти шаҳрвандон пайрави дину мазҳаби ягона мебошанд, нақши муҳим мебозанд. Бо назардошти рушди низоми демократӣ ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, хосса пас аз ташаккули низоми ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ дар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон, зарурати муайян кардани доираи муносибатҳои байни мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои динӣ ба миён омад.

Айни замон муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ хусусияти ҳуқуқӣ пайдо карда, онҳо дар заминаи Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешаванд. Дар ин замина эътиқод ҳамчун интихоби ҳар шахс, ҳамчун озодиҳои демократӣ эътироф ва муайян карда мешавад. Интихоби дин барои ҳар як нафар бозёфти маънавии ӯ буда, давлат барои бароварда сохтани эътиқодмандии шахсият шароит фароҳам оварда, риояи қонунро талаб менамояд. Аз ҷониби аксари давлатҳои муосир

барои шаҳрвандони худ нисбати интихоби озодонаи дин имконият фароҳам оварда шудааст. Оид ба масъалаи муносибати байни дин ва давлат олимон андешаҳои гуногун баён намудаанд. А.Раҳнамо аз пуштибонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати дин ва иттиҳодияҳои динӣ ёдовар шуда, қайд менамояд: “Давлат соли бузургдошти имоми мазҳабро баргузор мекунад, Президент тарҷумаи чопи Қуръон ва нашри силсилаи осори исломиро сармоягузорӣ намуда, дар назди худ Маркази исломшиносӣ бунёд мекунад, Ҳукумат донишкадаи исломӣ таъсис менамояд, қонун маросимҳои диниро танзим месозад ва ғайра, сухан гуфтан аз ҷудоии дину давлат ва ё ислому сиёсат ҳеҷ маъное надорад. Пас, касоне, ки ҳанӯз дар Тоҷикистон аз ҷудо будани дин аз сиёсат ҳарф мезананд, ё аз дин огоҳии дуруст надоранд, ё аз сиёсат, ё аз ҳар ду” [2,с.194].

Олими фаронсавӣ Шарл Луи Монтеске (1689-1755) муносибати давлату ҳукуматро нисбати дин тариқи ташбеҳ мисол оварда, чунин зикр намудааст: “Давлате, ки динро азиз доштаву эҳтиром мекунад, монанди шере аст, ки ҳини навозиш додан ҳамла нахоҳад кард, аммо давлате, ки аз тарси дин канорҷӯӣ мекунад, монанди ҳайвони ваҳшиест, ки ба занҷири бастаи ромкунандаи худ дандон мезанад, вале ба нафари наздикшуда маҷоли ҳамла кардан намеёбад. Аммо давлате, ки умуман дин дар он вуҷуд надорад, ба мисоли ҳайвони даҳшатнокест, ки оромию озодии худро танҳо хангоми азоб додани сайди худ ва ё нӯши ҷон кардани он ҳис мекунад” [10].

Пӯшида нест, ки фароҳам овардани шароити мусоид барои интихоби озодонаи эътиқоди динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соли 1991, аниқтараш баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ба амал омад. Дар ин марҳила барои инкишофи арзишҳои динии на танҳо аксарияти шаҳрвандон, яъне дини ислом, имкон фароҳам гардид, балки зиёда аз ин ҳамзамон ақида, забон ва фарҳанги барои ҷомеаи мо бегона низ паҳн гардиданд. Ба шарофати соҳибистиқлолӣ, ки пас аз он ба озодии интихоби дин, озодии виҷдон иҷозат дода шуд, дар ҷомеаи Тоҷикистон, инчунин, иттиҳодияҳои динии ғайриисломӣ марҳила ба марҳила таъсис ёфтанд. Мутобиқи қонунгузории кишвар ташкилоти динии ғайриисломӣ иттиҳодияи ғайритиҷоратии шаҳрвандонест, ки як динро пайравӣ мекунанд ва мехоҳанд, ки онро паҳн кунанд. Ҳар яке аз ин ташкилотҳои динӣ догмаҳои муайяни мазҳабӣ, эътиқод, маросимҳо, маданият, расму оинҳои махсус ва инчунин, таълим ва тарбияи ахлоқии худро доро мебошанд [4]. Ҳар як иттиҳодияи динӣ барои ҷалби пайравони худ аз воситаҳои гуногун истифода намуда, шаҳрвандонро ба равияҳои динӣ ҷалб менамояд. Дар ҳудуди вилояти Суғд баъзе аз ташкилоти динии ғайриисломӣ аз мушкилоти муваққатии иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии мардум суиистифода намуда, бо пеш гирифтани фаъолияти таблиғотӣ (миссионерӣ) дар байни аҳолӣ, аз ҷумла барои ҷалби ҷавонон онҳоро ба ҳар гуна машғулияти варзишӣ дар намуди каратэ ва теквандо, барои калонсолон бошад, ташкили табобати ройгонро ба роҳ монданд. Дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ бархе мардум, хосса ҷавонон, ташнаи маълумоту ақидаи нав буданд, аз ин рӯ, зуд ба дини насронӣ рӯ оварданд. Мутаассифона, ин ҳолат сабабгори ба вуҷуд омадани заминаҳои хусумату низоъҳои динию мазҳабӣ байни ҷомеа шуда метавонад. Ин нукта дар қисми 2 - и Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин қайд гаштааст [7].

Агар дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҳудуди вилояти Суғд 3 ибодатгоҳи насронӣ вуҷуд дошта бошад, баъди истиқлолияти давлатӣ шумораи ба 17 расид, ки онҳо то ба имрӯз озодона тибқи муқаррароти қонунҳои мавҷуда фаъолияти худро идома дода истодаанд. Иттиҳодияҳои динии ғайриисломӣ низ ба корҳои хайриявӣ ҳамқадами давлату ҳукумат буда, дар ҷашнҳои давлатӣ ба оилаҳои камбизоат дасти ёрӣ дароз менамоянд. Зеро яке аз ҳадафҳои ҳама гуна ташкилотҳои динии мавҷуда кумак ба шахсони ниёзманд аст.

Мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ”, иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлат дахолат намекунанд [15,с.37]. Дар навбати худ, принсипи ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ аз давлат бошад, яке аз хусусиятҳои давлати дунявӣ аст. Дар моддаи 1 Конститутсияи кишварамон Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ эълон гардидааст [8,с.4].

Ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ аз давлат маънои онро надорад, ки давлат тамоман ба кору фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ бетафовут аст. Давлат танзими ҳуқуқии амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандонро ба озодии виҷдон ва фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ

таъмин намуда, ба таври муътадил амалигардии онро кафолат медиҳад. Иттиҳодияҳои динӣ низ, дар навбати худ, ҳамчун ҷузъи таркибӣ ва ҷудонопазири ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон талаботи қонунгузории кишварро риоя намуда, ба муқаддасот ва дастовардҳои миллату халқи тоҷик арҷгузорӣ менамоянд.

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ниҳодҳои бисёр муҳимме, ки имрӯз мо бояд бозшиносӣ бикунем ва нақшу ҷойгоҳи ҳақиқии онро дарк созем, масҷид мебошад. Пас аз истиқлолият дар аксари маҳаллаву деҳаҳои Тоҷикистон масҷидҳо фаъолият мекунанд ва бахше аз мардум барои парастиши илоҳӣ ва қонеъ гардонидани талаботи динии худ ба он ҷо мераванд.

Масҷид маҷмӯаи нақшу вазифаҳои бисёр муҳиммеро дар ҷомеаи мусалмонон бар дӯш дошта, ҳамчун як ниҳоди нигаҳбони ахлоқу маънавияти инсонӣ, зиндадории арзишҳои волои исломӣ, ташаккулдиҳандаи тафаккури ваҳдонияти ҷомеа ва танзимкунандаи бисёре аз масъалаҳои фарҳангию иҷтимоии рӯзгори мусалмонон фаъолият мекунад. Азбаски масҷид ҷойи ҷамъиятӣ ва муассисаи динӣ аст, даромадан ба он метавонад мақсадҳои гуногун дошта бошад: якум, ҷиҳати анҷом додани намозҳои ҷамоат, ҷумъа ва идайн; дуюм, ҷойгоҳи баргузор намудани чорабиниҳои таълимӣ, тарбиявӣ, ахлоқӣ ва ҷамъиятӣ; сеюм, зиёрати масҷид ҳамчун объекти меъморӣ ва сайёҳӣ [14,с.48].

Дар ин робита, ба таври мухтасар метавон нақшҳои зерини масҷидро дар ҳаёти ҷомеа қайд намуд:

Нақши ибодатию маънавии масҷид. Муҳимтарин нақши масҷид нақши ибодатию маънавии он аст. Намоз, ки тибқи таълимоти динӣ, яке аз сутунҳои ислом ва ибодати асоситарини мусалмонон ба ҳисоб меравад, пеш аз ҳама, бояд дар масҷид ба таври ҷамоат барпо карда шавад. Масҷид маконест, ки бандаи муъмин дар фазои маънавии он, дур аз ҳама ташвишҳои дунёӣ бо Парвардигори худ ба мулоқот медарояд ва рози дил мекунад ва талаби бахшиши гуноҳон ва баровардани ҳоҷатҳояш мекунад.

Нақши тарбиявию ахлоқии масҷид. Масҷид чун муҳимтарин ниҳоди исломӣ нақши бузурги тарбиявию ахлоқиро дорост. Аз як тараф, худи рафтан ба масҷид инсонро водор мекунад, ки ӯ барои ворид шудан ба фазои поки масҷид, чи аз назари ҷисмонӣ ва чи аз назари маънавӣ, ботаҳорату покиза бошад. Аз сӯйи дигар, дар масҷид ҳамвора аз сарчашмаҳои исломӣ дарси накукорӣ ва ахлоқи ҳамида мешунавад, ки ба рафтори шахсию ҷамъиятии ӯ таъсири назаррас дорад. Ҳамин тавр, нақши масҷид дар ислоҳи ҷомеа ва пешгирии ҷиноят, падидаҳои номатлуб, ахлоқҳои бади инсонӣ ва фаҳшо ниҳоят бузург буда, имрӯз метавонад дар ҳалли ин масъалаҳо барои мақомоти давлатӣ ёрии калон расонад.

Нақши илмию омӯзишии масҷид. Масҷид аз оғози ислом дар канори нақши ибодатию ахлоқӣ ҳамеша нақши бузурги илмию рӯшангарӣ низ доштааст. Илова бар он ки худи мавъизаву хутбаи рӯзи намози ҷумъа як дарси илмию ахлоқист, дар қадим дар вақтҳои ғайринамоз низ дар масҷидҳо ҳамеша илмҳои гунонун таълим дода мешуданд. Дар гузашта ҳамаи шахсиятҳои бузурги илмӣ ва пешвоёни динӣ дар таърихи ислом дар ҳалқаҳои дарсии масҷидҳо тарбия ёфтаанд. Яке аз шахсиятҳои мумтози ҷаҳони ислом, фарзанди фарзонаи миллати тоҷик муаллифи китоби “Ҷомеъ-ус-саҳеҳ” Муҳаммад ибни Исмоил – машҳур ба Имом Бухорӣ дониши худро аз ҳалқаҳои дарсии масҷидҳои Бухоро, Самарқанд, Нишопур, Бағдод, Басра, Мадина ва Макка омӯхтаву шогирдонро низ таълим додааст [1,с.24].

Нақши фарҳангию рӯшангарии масҷид. Илова бар нуктаҳои зикршуда масҷидҳо метавонанд вазифаи бузурги фарҳангию рӯшангариро низ ба ҷой оваранд. Худи бинои масҷид, ки аксаран таҷассумгари санъати меъморӣ ва ҳунарҳои наққорию кандакорию хаттотии мусалмонон аст, дар маҷмӯъ як асари арзишманди фарҳангист. Бисёре аз намунаҳои волотарини ҳунарҳои мусалмонон, аз ҷумла гузаштагони мардуми тоҷик, маҳз дар биноҳои масҷиду мадрасаҳо маҳфуз мондаанд. Хонақоҳи қадимаи масҷиди ҷомеи Шайх Муслиҳиддини шаҳри Хуҷанд, ки дар даромади он аз ҷониби рост воқеъ мебошад, авродхона ном дорад. Хонақоҳи авродхона таърихи зиёда аз 400 - сола дошта, қисман нақшу нигор ва сутунҳои кандакорӣ ва сақфи қадимаи он то ба имрӯз нигоҳ дошта шудааст. Чунин биноҳои масҷидҳои таърихиро дар ҳудуди маҳаллаҳои қадимаи шаҳру навоҳии вилояти Суғд мушоҳида кардан мумкин аст [11,с.23-24].

Нақши пайвандгару ваҳдатбахши масҷид. Масҷид ҳамчун макони гирд омадани мардуми зиёд дар эҷоди ошноиву ҳамдигаршиносии одамон низ нақши муҳим дорад. Ҷамъ омадан дар масҷид фурсати муносибест, ки мардуми чанд маҳал ҳамдигарро мебинанд ва аз ҳолу аҳволи ҳамдигар бохабар мегарданд. Илова бар ин, гирд омадани мардуми маҳалла ё деҳа дар масҷид имкон медиҳад, ки масъалаҳои ҳалталаби рӯз миёни онҳо баррасӣ гашта, бо тавофуқи умумӣ ҳаллу фасл шаванд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд дар анҷоми кори хайре ё ободонии маконе якҷо камар банданд.

Тибқи маълумоти омори расмӣ, ҳоло дар ҳудуди вилояти Суғд 907 масҷиди ҷомеъ ва панҷвақта расман амал мекунанд. Фаъолияти масҷидҳо асосан аз ходимони дин вобаста буда, дар доираи ваколатҳои худ тибқи оиннома ва ё низомномаи дохилии худ фаъолият менамоянд. Ходимони масоҷид ҳамчун масъул дар мавъизаҳои худ доир ба мавзӯъҳои ибодат, саховатмандӣ, корҳои ободонӣ, муомила, шинохти ҳалолу ҳаром, ватандорӣ, оиладорӣ ва эҳтироми якдигар изҳори андеша намуда, шаҳрвандонро ба роҳи дуруст раҳнамоӣ менамоянд. Аз ҷумла, ба корҳои хайру дастгирии табақаҳои ниёзманд ва ободонии шаҳру ноҳияҳо ҳидоят менамоянд. Аслан, тибқи маълумоти сарчамаҳои муътамад, саховатмандиву ҷавонмардӣ ва ғамхориву дилсӯзӣ яке аз воҷиботи дини мубини ислом ба шумор рафта, ба таври равшану возеҳ дар ояти 60-уми сураи “Тавба” ба кадом табақаи одамон додани хайроту садақа баён шудааст [9,с.196].

Дар давоми солҳои 2018-2019 доир ба амалҳои хайриявӣ ва корҳои ободониву созандагӣ аз ҷониби ходимони иттиҳодияҳои динӣ якчанд корҳо ба анҷом расонида шудааст. Масҷидҳои ҷомеи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз 2 то 6 нафар ятимонро ба масҷидҳо вобаста намуда, ҳар моҳ онҳоро бо маблағҳои пулӣ ва дигар маводи зарурӣ таъмин намуданд.

Иттиҳодияҳои динӣ ба хона-интернатҳо барои пиронсолону маъюбон, бепарасторон, оилаҳои ниёзманд, оилаҳои аз ду нафар зиёд маъюбдошта ва ятимон пайваста ёрии беғаразонаи худро расонида истодаанд. Умуман, аз ҷониби иттиҳодияҳои динӣ ва ходимони динии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд корҳои ободонӣ, таъмир ва асфалтпӯш намудани роҳ, таъмири мактабу беморхона, бунгоҳи тиббӣ, бунёди кӯпрук, таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ва гулкорӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, ходимони динии шаҳри Хуҷанд дар атрофи масҷидҳо ва дигар кӯчаву хиёбонҳои шаҳр зиёда аз 10 000 бех гулҳои ороишӣ ва дарахтони сояафкан шинонидаанд. Илова бар ин, ҳар моҳ аз ҷониби масҷиди ҷомеи “Нури Ислом”-и шаҳри Хуҷанд барои 490 нафар ятимон хӯрокворӣ аз қабили шакар, равған, макарон, тухм, чойи хушк ва ғайра расонида мешавад. Ходимони динии ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд бошад, барои таъмири роҳ 50 000 сомонӣ маблағ додаанд. Аз ҷониби ходимони динии шаҳри Конибодоми вилояти Суғд барои таъмири роҳ ва гузаронидани қубури оби нӯшокӣ 29400 сомонӣ кумак карда шудааст. Аз ҷониби иттиҳодияҳои динии қаламрави шаҳри Исфараи вилояти Суғд бошад, барои мумфарш намудани роҳи марказии деҳаи Ворух 140 000 сомонӣ ва барои мактаб-интернатҳо, сохтани синфхонаҳои иловагӣ ва барои мактабу толори варзишии он 5000 сомонӣ кумак расонида шудааст. Илова бар ин, зиёда аз 5000 бех гул ва 100 бех дарахтони ороишӣ дар кӯчаву хиёбонҳои шаҳр шинонида шудааст.

Дар маъракаҳои сиёсиву ҷамъиятӣ ҳамасола дар ғунучини ҳосили пахтаи саҳро ва гузаронидани шанбегиҳо фаъолнокии назаррас нишон медиҳанд. Бахшида ба таҷлили идҳои Рӯзи Модарон, Наврӯз, Рамазон, Қурбон ва Истиқлолият аз тарафи иттиҳодияҳои динии вилоят кумакҳои пуливу моддӣ ва расонидани кумак ба хона–интернатҳо, хона-парваришгоҳҳо, қисмҳои ҳарбӣ ба ҳукми анъана даромадааст [3].

Албатта, фаъолнокии иттиҳодияҳои динӣ дар ин самт ба беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардум каму беш ёрии амалии худро расонида метавонад. Зеро ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд муқарраргардида, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ҳамчун вазифаи асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудааст. Давлат барои риояи эҳтироми байни шаҳрвандони диндор ва ҳам бедин, байни иттиҳодияҳои динии дину мазҳабҳои гуногун, инчунин, байни пайравони онҳо шароити мусоидат фароҳам намуда, ба зуҳуроти таассуб ва ифротгароӣ дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ роҳ намедиҳад. Дар қаламрави вилояти Суғд, чи хеле ки зикраш дар боло рафт, иттиҳодияҳои динии исломӣ ва ғайриисломӣ амал менамоянд ва

фарҳанги таҳаммулпазирӣ байни онҳо риоя мешавад ва қонун, дар навбати худ, онро аз ҳар як шаҳрванди кишвар талаб менамояд.

Иттиҳодияҳои динӣ, ҳамчун институти ҷомеаи шаҳрвандӣ, бо мақсади ба танзим овардани муносибатҳои ҷузъие, ки дар фаъолияти онҳо ба вуҷуд меоянд, меъёрҳои дохилии худро муқаррар менамоянд. Меъёрҳои дохилии иттиҳодияҳои динӣ дар шакли фармон, қарор, дастурамал ва монанди инҳо қабул карда мешаванд. Тартиби қабули меъёрҳои дохилии иттиҳодияҳои диниро оиннома ва ё низомномаи онҳо муқаррар мекунанд. Меъёрҳои дохилии иттиҳодияҳои динӣ мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд.

Иттиҳодияҳои динӣ мутобиқ ба низоми парастишӣ ва қонунгузории кишвар фаъолияташонро ба роҳ монда, ходимонашонро интихоб, таъйин ва иваз менамоянд. Дар ин хусус қарори ҳайати муассисон қабул карда мешавад. Дар чорабиниҳои характери сиёсидошта, ба монанди интихобот ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иштирок намекунанд ва дар ҷараёни тарғиботу ташвиқоти пешазинтихоботӣ ба тарафдории ин ё он ҳизби сиёсӣ ё номзад фаъолият намекунанд. Бояд гуфт, ки ин талабот ба худи иттиҳодияҳои динӣ, ҳамчун ташкилот дахл дошта, ба аъзои иттиҳодияҳои динӣ (имом ва дигар ходимони дин) маҳдудият пеш намеорад. Ин талаботи қонун маънои онро надорад, ки ҳамаи аъзоёни ин ё он иттиҳодияи динӣ аз ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан маҳрум бошанд. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз он ки ба иттиҳодияи динӣ аъзо ҳаст ё не, ҳуқуқи конститутсионии интихоб кардан ва интихоб шуданро соҳиб аст.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ”, иттиҳодияҳои динӣ ба ду шакл тақсимбандӣ карда шудаанд: шаклҳои ҷамоаи динӣ инҳо – масҷиди ҷомеъ, масҷиди панҷвақта, ҷамоатхона, ибодатгоҳ, зиёратгоҳ; шаклҳои ташкилоти динӣ бошанд – маркази динии ҷумҳуриявӣ, масҷиди ҷомеи марказӣ, ҷамоатхонаи марказӣ, муассисаи таълими динӣ, калисо, куништ [15,с.72-73].

Фарқи асосии байни ҷамоаи динӣ ва ташкилоти динӣ дар он аст, ки ҷамоаи динӣ шахси ҳуқуқӣ набуда, ташкилоти динӣ бошад, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ фаъолият мекунад.

Дар навбати худ, иттиҳодияҳои динӣ низ якчанд ҳуқуқу уҳдадориҳои худро доро мебошанд. Иттиҳодияҳои динӣ бо дастрасии меъёрҳои дахлдоре, ки дар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд ва ба соҳаи фаъолияти онҳо дахл доранд, фаъолият намуда, аз тамоми ҳуқуқу имтиёзҳои барои онҳо муқарраргардида бархӯрдор мебошанд.

Иттиҳодияҳои динӣ, ҳамчун институти ҷомеаи шаҳрвандӣ, метавонанд, дар бораи фаъолияти худ озодона маълумот паҳн намоянд. Паҳн кардани маълумот бояд ба тариқи демократӣ сурат гирад ва ҳуқуқу озодиҳои дигаронро халалдор насозад. Иттиҳодияҳои динӣ метавонанд, ҳуқуқҳои худро дар суд ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва намояндагӣ ҳимоя кунанд. Онҳо, ҳамчун ҷузъи таркибии ҷомеаи имрӯза, ҳуқуқ доранд, ки баҳри беҳбудии кор ба манфиатҳои динии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ таклифҳо пешниҳод намоянд ва ба фаъолияти хоҷагидорӣ ва истеҳсолӣ машғул шаванд.

Бар замми ҳуқуқҳои номбаршуда иттиҳодияҳои динӣ дорои дигар ҳуқуқҳое мебошанд, ки дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, яъне доираи ҳуқуқҳои иттиҳодияҳои динӣ васеъ буда, иҷрояшон танҳо риояи талаботи қонунҳои ҷумҳуриро тақозо менамояд.

Фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар соҳаи танзими рафтори шаҳрвандон ниҳоят муҳим аст. Аз рӯйи низоми ҳамаи динҳо, одамон бояд на танҳо дар фазои масҷиду ибодатгоҳҳо рафтори хуби инсониро ба анҷом расонанд, балки берун аз макони ибодат ва дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ низ татбиқ намоянд. Ҳамаи иттиҳодияҳои динӣ ҳангоми адои ибодат ва дигар маросимҳои динӣ бо пайравонашон муколама барпо мекунанд. Дин ва иттиҳодияҳои динӣ ягонагии мардумро на танҳо мустақиман дар ҷойҳои ибодат, балки берун аз макони ибодат низ таъмин мекунанд. Масалан, ваҳдату ягонагиро дар оила, дар маъракаҳо, дар маҳфилҳои чи илмию фарҳангӣ ва чи дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ки натиҷаҳои мусбат медиҳад, мушоҳида кардан мумкин аст. Инсон ҳангоми ба душвории зиндагӣ рӯ ба рӯ шудан ва ё пайдо намудани эҳтиёҷоти шахсӣ аз рӯйи эътиқоди динии худ ба мазору зиёратгоҳҳо, ки ҷузъи иттиҳодияҳои динӣ ба шумор мераванд, рӯй меоваранд. Шахси

диндори равияи католикӣ гоҳи зарурат барои арзу шикоят ва ё маломату пушаймонӣ аз амали кардаи худ ба ибодатгоҳ назди ходими дин ҳозир мешавад. Инро як марҳилаи табодули муносибати шахс байни дин ва иттиҳодияи динӣ гуфтан мумкин аст. Файласуфи олмонӣ Георг Зиммел (1858-1918) қайд менамояд, ки аз ҳамаи муносибатҳои одамон, аз ҷумла аз муносибати падару модар ба фарзанд ва ё баръакс, аз муносибати корфармо ба коргар ва ё баръакс, устод ба шогирд ва ё баръакс, аз муносибати шахс нисбати ватандорӣ, афсар нисбати хизмати ҳарбӣ ва ғайраҳо, аз як тараф, агар тибқи илми равоншиносӣ баҳо дода шавад, аз тарафи дигар, тибқи илми диншиносӣ, яъне неку бад будани муносибат хулоса баровардан мумкин аст [13,с.209].

Дин ва иттиҳодияи динӣ, ҳамчун ҷомеаи шаҳрвандӣ, барои беҳтар намудани муносибату муомилот ба таври бояду шояд таъсири худро расонида метавонад. Дин, дар навбати худ, байни мардум вазифаи баранда, ноқил, коммуникатсионро иҷро мекунад. Диндорон, чи мусалмон бошанд, чи насронӣ ва чи яҳудӣ, ки дар кишварҳои мухталифи дунё зиндагӣ мекунанд, аз рӯйи эътиқодоти умумии дину мазҳабиашон бо якдигар дар шакли бояду шояд муттаҳид мешаванд, одатан бо ҳам бо осонӣ равобит пайдо мекунанд, ҳамдигарро хубтар мефаҳманд ва андешаи ҳамдигарро мепазиранд. Дин ва иттиҳодияҳои динӣ, ҳамчун як механизми ҳамгироии идеологии одамони гуногун фаъолият мекунанд [7].

Мутаассифона, бахше аз манфиатдорон бо суиистифода аз эътиқод ва эътимоди динии мардум динро дар муборизаи шахсиву сиёсӣ истифода мебаранд. Ҳоло ки ифротгароӣ ва таассуб дар ҳар шакл ба ҳар миллату давлат ва дину эътиқоди мардум хатари зиёд дорад, пешгирии он вазифаи на танҳо давлат, балки пайравони ҳар як дин мебошад.

Дин ва иттиҳодияҳои динӣ ҳаёти ҷомеаро ба таври васеъ фаро мегиранд. Онҳо ба ҷомеа ба ҳар як инсон ба таври назаррас таъсир мерасонанд. Ин таъсир, тавре ки қаблан зикр шуд, метавонад ҳам мусбат ва ҳам манфӣ бошад. Иттиҳодияҳои динӣ функсияҳои худро тавассути ҳамкориҳои фаъолона бо ҷомеа амалӣ менамоянд, дар натиҷа ҳадафҳои онҳо ба даст оварда мешаванд ё баъзе вазифаҳои динӣ амалӣ мешаванд.

Ҳамин тавр, иттиҳодияҳои муосири динӣ як ниҳоди муҳимми ҷомеа мебошанд. Иттиҳодияҳои муосири динӣ як иттиҳодияи ғайритиҷоратии шаҳрвандоне мебошанд, ки як динро пайравӣ мекунанд ва мехоҳанд, ки онро паҳн кунанд. Фаъолияти ҳар як иттиҳодияҳои динӣ як қисми ҳатмии фаъолияти умумии иҷтимоии ҳар як давлат мебошад. Муносибатҳои иттиҳодияҳои динӣ ҳамеша ба равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ё дар ин ё он шакл таъсир мерасонанд. Тамоми вазифаҳоеро, ки иттиҳодияҳои динӣ иҷро мекунанд, ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: вазифаҳои дохилии иттиҳодияҳои динӣ ва вазифаҳои умумии иттиҳодияҳои динӣ. Вазифаҳои дохилии иттиҳодияҳои динӣ вазифаҳое мебошанд, ки танҳо ба ташкилоти динӣ дахл доранд, яъне интихоби ходимони дин, тозаву обод нигоҳ доштани ибодатгоҳ ва ғайра.., аммо вазифаҳои умумӣ ҳамон вазифаҳое мебошанд, ки берун аз корҳои дохили ташкилоти динӣ, яъне иштирок дар корҳои ҳайриявӣ, шарикӣ бо мақомоти давлатӣ дар тарғибу ташвиқоти шаҳрвандон бобати пешгирии ҳодисаҳои номатлуб байни ҷамъият, ташриф дар маъракаҳои дафну азодорӣ ва ғайра дохил мешавад [5].

Иттиҳодияҳои динӣ дар алоқамандӣ бо ҳаёти ҷомеа пеш мераванд. Махсусан дар ҷомеаҳое, ки аксарияти аҳолии онҳоро намояндагони як дин ташкил медиҳад, нақши дин назаррас мебошад. Мисол, 97%-и аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайрави дини ислом мебошанд ва дин ҷузъи муҳимми ҳаёти мардумро ташкил медиҳад ва фарҳанги динӣ ҷузъи муҳимми фарҳанги миллиро ташкил медиҳад. Ибтидо аз рӯзҳои аввали таваллуди кӯдак, баъди аз таваллудхона овардани ӯ ҳатман аз ҷониби ходими дин ба гӯши кӯдак азон хонда мешавад ва тифли навзодро тибқи шартҳои ислом хатна мекунанд. Дар вилояти Суғд аз қадим расм шудааст, ки аксар вақт пеш аз оғози тӯйи хонадоршавӣ соҳибмаъракаи ҳатман ба хотири гузаштагон хатми Қуръон мекунанд. Хулоса, тӯйи хонадоршавӣ бе иштироки ходими дин намегузарад ва ҳатман тибқи талаботи дини ислом байни хонадоршавандагон никоҳи шаръӣ карда мешаванд. Вақте инсон вафот мекунад, пеш аз ба қабр супурдан дар ҳаққаш бо ширкати ҷамоати калон намози ҷаноза хонда мешавад. Аз рӯйи нақлҳои калонсолон, ҳатто дар даврaҳои шӯравӣ, ки ҷаҳонбинии атеистиро тарғиб мекард, бидуни ғуслу кафан ва намози ҷаноза ягон майит ба хок супурда намешуд. Дар бештари хонаводаи тоҷик ҳар шаби душанбеву ҷумъа тиловати Қуръон карда мешавад. Дар моҳи

шарифи Рамазон аксари мардум рӯза гирифта, дар шабҳои қадр шабзиндадорӣ мекунанд. Агар шахс доро бошад, ҳатман дар рӯзҳои Иди Қурбон мол (гов, гӯсфанд) забҳ намуда, гӯшти онро ба ҳамсоягону наздикон ва асосан ба нафарони камбизоат тақсим менамоянд.

Ба пайравони дини масеҳӣ назар афканем, онҳо низ тифлони навзоди худро ба калисо бурда, ғусли тамъид медиҳанд ва аз ходими калисо дуо мегиранд. Агар шахси каме боимонтар бошад, дар манзилаш иконаҳои Исои Масеҳ ва авлиёҳоро дар ҷойи назаррас гузошта, ба онҳо сачда мекунанд. Ҳангоми хонадоршавӣ барои бастани акди никоҳи динӣ ба калисо ҳозир мешаванд. Пеш аз дафн низ ходими калисо ҳатман дар ҳаққи майит дуову зикр менамояд.

Хулоса, иттиҳодияҳои динӣ, ҳамчун институти ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар ҳаёти иҷтимоии мардум нақши назаррас доранд. Иттиҳодияҳои динӣ дар баробари иҷрои вазифаҳои асосӣ, ки барои пайравони худ анҷом медиҳанд, ҳамзамон дар шарикӣ бо мақомоти давлатӣ дар ҳаллу фасли муаммоҳои ҳаёти ҷомеа, аз қабили пешгирии воридшавии ҷавонон ба ҳизбу созмонҳои ифротӣ, пешгирии ҷинояткорӣ, ободу зебо намудани шаҳру ноҳияву маҳалҷойҳо, тарбияи ватандӯстӣ ва тарғиби созандагиву ободкорӣ саҳмгузорӣ менамоянд. Ҳамкории дурусту мутақобилан судманди байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ метавонад, дар оянда дар ҳалли бисёр мушкилоти иҷтимоии ҳаёти мардум, ки бидуни онҳо таҳкими давлат ва рушди соҳибистиқлолии Тоҷикистон имконнопазир аст, мусоидат намояд.

Муқарриз: н.и.с. дотсент Ҳукмишоев З.Д.

АДАБИЁТ

1. Абдулмунъими Қандил. Зиндагонӣ ва сирати Имом Бухорӣ. – Хуҷанд: Муқова, 2010. – 149 саҳ.
2. Абдуллоҳи Раҳнамо. Уламои исломӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2009, – 256 с.
3. Ахбороти солонаи шуъбаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар соли 2019.
4. Бакун А.С. Правовая природа соглашений между государством и религиозными организациями. [Электронный ресурс]. https://elibrary.ru/item.asp?id=22921527 (дата обращения 10.02.2021)
5. Власюк А.В. Взаимодействие общественных организаций с органами государственной власти. [Электронный ресурс]. https://scienceforum.ru/2015/article/2015008244 (дата обращения 15.02.2021)
6. Клименко Е.Н. Практика взаимодействия органов власти с религиозными организациями и общественными объединениями. [Электронный ресурс]. http://mirznanii.com/a/187332/praktika-vzaimodeystviya-organov-vlasti-s-religioznymi-organizatsiyami-i-obshchestvennymi-obedineniyami (дата обращения 12.01.2021)
7. Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 апрели соли 2018, №1042.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
9. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). – Душанбе: Ирфон, 2007. – 616 с.
10. Монтескье Ш.Л. “О духе законов”. URL: http://www.civisbook.ru/files/File/Monteskye.Odukhe.pdf
11. Мӯсозода Ҳоҷӣ Ҳусайн. Масҷидҳои Хуҷанд. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 204 саҳ.
12. Паёми Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (4-уми апрели соли 2003). – Душанбе: Шарқи озод, 2003. – 47с.
13. Религия и общество: Хрестоматия по социологии религии / Сост. В.И. Гараджа, Е.Д. Руткевич. – М.: Аспект Пресс, 1996. – 775 с.
14. Тавсияи Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Одоби намозгузорӣ дар масҷидҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Маҷаллаи “Дин ва ҷомеа” - №2 феврали соли 2018.
15. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии вичдон ва иттиҳодияҳои динӣ”. – Душанбе: Дақиқӣ, 2015. – 180 с.

ИТТИҲОДИЯҲОИ ДИНӢ ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РАВАНДҲОИ ҲАЁТИ ИҶТИМОИВУ СИЁСИИ ҶОМЕА

Дар мақола масъалаи мақом ва нақши иттиҳодияҳои динӣ ба сифати яке аз навъҳои институти ҷомеаи шаҳрвандӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар он асосҳои меёъриву ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, заминаи рушду инкишофи иттиҳодияҳои динӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Зикр меравад, ки дар Тоҷикистон баъди соҳибистиқлолӣ шароити зарурӣ барои таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ фароҳам оварда шуд, ки дар муддати кӯтоҳ на танҳо иттиҳодияҳои динии исломӣ, ҳамчунин ғайриисломӣ таъсис ёфта, озодона фаъолияти худро пеш бурданд. Ҳангоми таҳлили масъалаи нақши иттиҳодияҳои динӣ дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсии ҷомеа бештар масҷид ба сифати яке аз навъҳои иттиҳодияҳои динӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Ҳамзамон, нақши маънавӣ, тарбиявию ахлоқӣ, илмию омӯзишӣ, фарҳангию рӯшангарӣ, пайвандгариву ваҳдатбахшии масҷид ба таври алоҳида таҳлил гардидааст. Барои бо далелҳои равшан нишон додани мақому нақши иттиҳодияҳои динӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ дар ҳаёти ҷомеа фаъолияти иттиҳодияҳои динии вилояти Суғд ҳамчун мисол оварда шудааст. Ҳамчунин, аҳамияти ҳамкории байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои ҷомеа ва аз байн бурдани падидаҳои номатлуби замони муосир, ба монанди ифротгароӣ,

терроризм, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу созмонҳои ифротӣ, ҷиноятқорӣ, тарғиби тафаккури созандагӣ, ҳисси хештаншиносӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва ғ. инъикос гардидааст.

Калидвожаҳо: иттиҳодияҳои динӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳаёти иҷтимоиву сиёсии ҷомеа, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, масҷид, ҳамкории давлат бо иттиҳодияҳои динӣ.

РЕЛИГИОЗНЫЕ ОРГАНИЗАЦИИ КАК ИНСТИТУТ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА И ИХ РОЛЬ В СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ ОБЩЕСТВА

Анализируется проблема места и роли религиозных организаций как одного из институтов гражданского общества. Рассматриваются нормативно-правовые основы формирования и действия религиозных организаций, предпосылки развитие религиозных организаций в период государственной независимости Республики Таджикистан. Отмечено, что после обретения государственной независимости были заложены достаточные условия для создания и деятельности религиозных организаций, так что за короткий период сформировались исламские и неисламские религиозные организации, которые свободно вели свою деятельность. Рассматривая роль религиозных организаций в социально-политической жизни общества, в основном изучается роль мечетей в качестве одного из видов религиозных организаций. По отдельности показана воспитательно-нравственная, научно-образовательная, культурно-просветительская и обединительная роль мечетей в жизни общества. Для фактологического показа роли и места религиозных организаций в обществе в период независимости в качестве примера отмечена деятельность религиозных организаций Согдийской области. Также отражена значимость сотрудничества между государством и религиозными организациями в решении проблем общества и в предотвращении современных негативных явлений, такие как экстремизм, терроризм и различные общественные преступления, особенно среди молодежи.

Ключевые слова: религиозные организации, институты гражданского общества, социально-политическая жизнь общества, Республика Таджикистан, Согдиский область, мечеть, сотрудничество государства с религиозными организациями.

RELIGIOUS ORGANIZATIONS AS AN INSTITUTION OF CIVIL SOCIETY AND THEIR ROLE IN THE SOCIO-POLITICAL LIFE OF SOCIETY

The article analyzed the problem of the place and role of religious organizations as one of the institutions of civil society. The article deals with the legal framework of formation and operation of religious organizations, the prerequisites for the development of religious organizations during the period of state independence of the Republic of Tajikistan. It is noted that after gaining state independence, sufficient conditions were laid for the creation and operation of religious organizations, so that in a short period Islamic and non-Islamic religious organizations were formed, which freely conducted their activities. Considering the role of religious organizations in the socio-political life of society, the role of mosques as a type of religious organizations is mainly studied. The educational, moral, scientificl, cultural and unifying role of mosques in the life of society was separately studied. In order to demonstrate the role and place of religious organizations in society during the period of independence, the activities of religious organizations in Sughd region were mentioned as an example. It also reflects the importance of cooperation between the state and religious organizations in solving the problems of society and in preventing modern negative phenomena, such as extremism, terrorism and various social crimes, especially among young people.

Keywords: religious organizations, civil society institutions, socio-political life of society, Republic of Tajikistan, Sughd region, mosque, cooperation of the state with religious organizations.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Маҳмудҷони Эркин*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, Микрарайони 17, бинои 1

Сведения об авторе: ***Махмуджони Эркин*** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, соискатель кафедры политологии. **Адрес**: 735700, Республики Таджикистан, город Худжанд, 17 мкр-н, дом 1

Information about the author: ***Makhmudjoni Erkin*** – Tajik State University of Law, Business and Policy, Applicant of the Department of Political Science. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, 17 microdistrict, house 1

УДК: 321.022

СИМОИ САРВАРИ СИЁСӢ ВА ТАТБИҚИ ЛЕГИТИМИЯТИ ҲОКИМИЯТ

Некрӯзи Маҳмадҳоҷа
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Самаранокӣ хусусияти муҳимми ҳокимияти сиёсӣ ба ҳисоб рафта, муайянсозии он татбиқи кафолатнокии фармоишҳои ҳокимиятро ба арзиши камтарин имконпазир мегардонад, ки ин далели қонунӣ будани ҳокимият аст. Вале тавассути қонунгузорӣ расмӣ гардонидани ҳокимият маънои онро надорад, ки онро шахсони итоаткунанда бояд қабул

намоянд. Самаранокии ҳокимият бештар аз қонунӣ (легитимӣ) будани он вобаста аст. Қонунгузорӣ муносибати расмии таърихан муқарраршуда ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабул аст, ки пайдоиши созиши сохторҳои ҳокимияти сиёсиро ҳам байни худ ва ҳам дар ҳамкорӣ бо ҷомеа муайян мекунад, ки ин роҳи қабул кардани таъсири иҷтимоӣ мебошад. Сарвари сиёсӣ расман ҳокимиятро тавассути тартиби тасдиқшуда, яъне (интихобот, ворисӣ) ба даст меорад, аммо барои амалӣ гардонидани ин ҳокимият боварии ҷамъиятӣ лозим аст, ки он эътирофи легитимияти ҳокимият буда, амалӣ намудани ваколатҳоро пешниҳод месозад. Механизми психологии фардсозии ҳокимият дар шуури омма нисбат ба роҳбарӣ ба ягон шахси мушаххас аст. Ин шахсият барои муносибати гуногуни интихобкунандагон ба рӯйдодҳои муайяну мушаххаси худи субъекти сиёсӣ асос меёбад. Сарвари сиёсӣ муаррифгари ғояҳои маъмул, курсии муайяни амал, умед ба оянда, нишонаи некӣ ё бадӣ мешавад. Сарвари сиёсӣ муносибати мушаххасро дар сиёсати давлатӣ дар асоси арзишҳои инсондӯстӣ фароҳам менамояд ва ба интихобкунандагон имкон медиҳад, ки масъулиятро дар раванди маъракаи сиёсӣ, ҷараёнҳо ва ҳодисаҳо ба дӯши худ гиранд. Пишулин Н.П. ва Соколов С.Ф. роҳбарии сиёсиро ба маънои васеъ ҳамчун муносибати ҷудонопазирӣ мавзӯъҳои ҳукмронӣ ва итоат, таъсир ва пайравӣ дар мавриди нигоҳ доштан ва истифодаи ваколат дар асоси салоҳиятҳои муайяншуда тавассути қонунгузорӣ муайян мекунанд [8,с.123].

Таъсири «ҷанги сард», ислоҳот дар системаи сиёсӣ ва пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ боиси таъсисёбии давлатҳои мустақил дар минтақа гардид. Интихоби режими сиёсии демократӣ барои давлатҳои тозаистиқлол масъалаи рӯз ба ҳисоб мерафт. Дигаргунсозии куллии системаии сиёсии ҷомеа ба устувории институтҳои сиёсӣ ва фаъолияти онҳо таъсири ҷиддӣ расонид, ки ин ба мушкилии ҳокимияти сиёсӣ тааллуқ дошт. Самаранокии идораи сиёсӣ дар шароити тағйири низоми сиёсӣ ҳамоҳангсозии амалдорони сиёсиро дар масъалаи истифодаи ҳокимият талаб менамояд. Мақоми қонунӣ доштани ниҳодҳои давлатӣ эътимоди шаҳрвандонро ба сиёсате, ки онҳо пеш мебаранд, инъикос месозад. Махсусан, барои кишвари мо дар раванди таҳаввулот дар системаи сиёсӣ ташаккули легитимияти ҳокимияти сиёсӣ кори саҳл набуд, зеро вобаста ба он ки як сарвари сиёсӣ то кадом андоза метавонад бо ҷомеа як муколамаи саривақтӣ ва муассир барқарор намояд ва онҳоро ба амали сиёсии институтҳои ҳокимияти сиёсӣ бовар кунонад, кори басо мушкил маҳсуб меёфт. Асоси фаъолияти самараноки идораи давлатӣ аз муносибати мусбати ҷомеа ба ҳокимияти сиёсӣ ва қарору амалҳои он, арзишҳо ва тамоюлҳои иҷтимоӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, сарвари сиёсиро зарур буд, ки муносибати мутақобила бо оммаро барқарор намуда, эътимодро нисбати амалиёти ҳокимият инкишоф диҳад. Муайянсозии легитимияти ҳокимияти сиёсиро метавон ба меъёрҳое, ки қонунияти режими сиёсиро инъикос менамоянд ва ҷомеа онҳоро ҷонибдорӣ мекунад, вобаста намуд, ки ба сифати арзиши эътирофшуда заминаи фаъолияти ҳокимияти сиёсиро ташкил месозад. Дар ин замина муайян намудани робитаи сабабӣ байни арзишҳо ва муносибатҳои дар шуури омма ташаккулёфта барои легитимияти ҳокимият шароит фароҳам меоварад. Сарвари сиёсӣ ҳамчун ҳимоякунандаи тартиботи муайяншуда ва кафолати таъмини арзишҳои режими сиёсӣ шинохта шуда, тасаввуротро дар бораи ҳокимият ва амалу фаъолият, ки ба идораи давлатӣ мувофиқат менамояд, ба даст меораду муносибати оммаро нисбати идораи давлатӣ инкишоф медиҳад [4,с.62].

Раванди гузариш марҳилаи ҳассоси идораи давлатӣ дар доираи таҳаввулоти системаи сиёсӣ буда, асосан бо номуайянӣ дар ин самт ва натиҷаҳои рушд тавсиф меёбад ва дар навбати дигар номуайянии ҳамкории давлат ва ҷомеаро инъикос менамояд. Дар доираи муносибатҳои боло ба хотири легитимияти ҳокимияти давлатӣ гузариш аз як система ба системаи дигар, махсусан гузариш ба низоми демократӣ, ҳадди ақал давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд бунёд карда шавад. Асоси қонунигардонии ҳокимият дар ин раванд ба сарвари сиёсӣ вобаста аст, махсусан, батартибандозии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар натиҷаи ташкили тарҳрезии ҳамгироии иҷтимоӣ ва ҳамзамон таҳия ва татбиқи қарорҳои идоракунӣ дар раванди идораи давлатӣ масъалаи рӯз ба ҳисоб мераванд. Сарвари сиёсӣ дар ин шароит бояд нақши муайянкунандагиро дар идораи давлатӣ аз даст надиҳад ва тамоми идораи давлатро зери назорати худ гирад. Дар идораи сиёсӣ, ки мақом ва нақши асосӣ ба сарвар дода мешавад, раванди қонунӣ ва касби самаранокии ҳокимияти сиёсӣ аз дараҷаи ҳадафҳои стратегии он низ муайян карда

мешавад. Самаранокии ҳокимияти сиёсӣ ба дараҷаи сатҳи зиндагӣ вобаста аст, ки он барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум нигаронида шудааст. Дар сатҳи дигар мафҳуми ҳокимият имконияти худтаъминкунӣ барои ҳамагон таъриф мешавад. Масъалаи асосии ин раванд мушкилиҳои соҳаи иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, сарвари сиёсиро лозим аст, ки сиёсати иҷтимоии давлатро дар сатҳи баланд назорат намояд ва пайваста барои бартараф сохтани мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта чораҳои зарурӣ андешад. Зеро сиёсати иҷтимоии давлат ягона воситаи таъсири самаранок ба ҷомеа буда, имконият медиҳад, ки сарвари сиёсӣ ва институтҳои давлатӣ ба ин васила эътимоди худро баланд бардоранд. Махсусан, пешравӣ дар самти иҷтимоӣ ва таъмини шароити зиндагӣ бо дарназардошти имкониятҳои ҷойдошта ва бо баинобатгирии ҳадди ақали талаботи мардум, инчунин боло гузоштани манфиатҳои миллӣ аз манфиатҳои гурӯҳӣ мақоми сарвари сиёсиро арзанда нишон дода, дар раванди баргузории интихобот имконияти соҳиб шудан ба ҳокимияти сиёсиро пешниҳод менамояд. Ба андешаи муҳаққиқи рус Волков И.П., муваффақияти сарвари сиёсӣ ба он вобаста аст, ки ҷонибдорон то кадом андоза нуфуз ва роҳбарии ӯро қабул менамоянд. То даврае, ки ҷонибдорон ба ӯ эътимод доранд, сарвари сиёсиро дастгирӣ мекунанд. Дастгирии сарвари сиёсӣ падидаи оморӣ нест, он ташаккули муносибатҳо ва андешаи ҷомеаро дар бар мегирад, ки марҳилаҳои муайянро аз сар мегузаронад. Масалан, дастгирии ҳадафҳои гузошташуда аз ҷониби омма, ба даст овардани боварии мардум нисбат ба амалу фаъолияти мақомоти давлатӣ, шинохти сарвари сиёсӣ ҳамчун баёнгари мафиатҳои миллӣ ва ғ. [3,с.4].

Дар раванди идораи давлатӣ мақом ва нақши марказӣ ба ҳокимияти сиёсӣ ва сарвари сиёсӣ гузошта шудааст. Ба хотири бартараф сохтани монеаҳои асосии ҷойдошта, махсусан, нисбат ба самаранокии он, сарвари сиёсӣ нақши калидиро соҳиб мешавад, то ки тавонад эътирофи оммавии ҳокимият ва адолати ҳокимияти сиёсиро таъмин созад. Соҳиб будан ба шахсияти аввали идоракунӣ дар системаи сиёсӣ, гарчанде ба сарвари сиёсӣ истифодаи тамоми захираҳои ҳокимияти сиёсиро пешниҳод намояд ҳам, ин фазои муносибатҳо кафолати устувории ҳокимияти амалкунандаро инъикос карда наметавонанд. Аз ин рӯ, сарвари сиёсиро лозим меояд пайваста бо ҷомеа бошад, эътироф ва розигии онҳоро ҷиҳати муносибатҳои амалӣ дар идоракунӣ ба даст оварад. Ба даст овардани захираи ҳалкунанда, яъне розигии ихтиёрии аксарияти аҳолӣ кафолати пояҳои ҳокимияти сиёсии амалкунанда ва ҳукмронии сарвари сиёсиро то давраи анҷоми салоҳиятҳо пешниҳод менамояд. Раванди амалинамоии самаранокии ҳокимияти сиёсӣ ба фаъолияти сарвари сиёсӣ ва татбиқи қарору қонунҳои қабулгардида вобастагии зич дошта, легитимиятро нисбати ҳокимият кафолат медиҳад. Фаҳми легитимияти ҳокимияти сиёсӣ, эътирофи он аз ҷониби ҷомеа нисбат ба амалу фаъолияти институтҳои давлатӣ, қарорҳо ва раванди амалии муносибатҳои ҳокимияти сиёсӣ баррасӣ мегардад. Бояд қайд намуд, ки раванди легитимияти ҳокимияти сиёсӣ ба раванди самаранокии он алоқаи зич дошта, консепсияи легитимият бошад, муносибатро ба ҳокимияти сиёсӣ инъикос менамояд ва ҳамчун воситаи созанда дар ташхиси самаранокии ҳокимият ифода мешавад. Дар навбати дигар метавон раванди легитимикунонии ҳокимияти сиёсиро аз мувофиқати низоми идора ба идоракунии амалии давлат, ҳадафҳои гурӯҳи интихобшуда, принсипҳо ва усулҳои идора дар ҷомеа, баинобатгирии меъёрҳои муайяншуда дар қонунгузорӣ ва маъруфияти сарвари сиёсӣ вобаста намоем. Муҳаққиқи рус Скиперских А.В. бо дарназардошти қонунигардонии ҳокимияти сиёсӣ иброз медорад, ки «маҷмӯи чораҳо оид ба баланд бардоштани мақоми сарвари сиёсӣ онро чун унсури системаи сиёсӣ муаррифӣ менамояд» [2,с.56].

Дар фазои муносибатҳои сиёсӣ омили дигаре, ки қонунигардонии ҳокимияти сиёсиро пешниҳод менамояд ва асоси самаранокии идоракунии сарвари сиёсиро таъмин месозанд, метавон ба доираи муносиабтҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, динӣ, шахсӣ ва идеологӣ пайваст намуд. Доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба эътироф ва нақшаи асосии қонун дар идораи давлат, ки сарвар то кадом андоза нақш ва мавқеи муассирро бо баинобатгирии қонун ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар идоракунӣ равона менамояд ва ҷомеаро ба сифати манбаи ҳокимият пуштибонӣ мекунад, легитимиятро дар ҳокимият таъмин месозад. Фазои муносибатҳои ахлоқӣ кафолати қонунии ҳокимиятро пешниҳод менамояд. Сарвари сиёсӣ дар идоракунии давлат ба сифати симои ҳокимияти сиёсӣ шинохта

мешавад ва тамоми устувории ҷомеа ва давлат дар муносибатҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба он вобаста аст. Раванди эътирофи легитимияти ҳокимияти сиёсӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ, дар навбати дигар, ба фаъолияти мақомоти давлатӣ вобаста мегардад. Ҳамин тариқ, ҷомеа муносибати худро бо сарвари сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ ташаккул дода, муносибати худро бо худидоракунии шахсӣ дар тафаккури худ нисбат ба сарвари сиёсӣ ва ҳокимияти сиёсӣ пайваст менамояд. Маҷмуи чунин муносибатҳои худидоракунии шахсиро, ки заминаи меъёрии чунин муносибатро ташкил медиҳанд, ба се қисм ҷудо кардан мумкин аст:

1. Идеологӣ - муносибатҳоеро фаро мегирад, ки ба манфиатҳои танҳо қишрҳои ҷомеа нигаронида шудаанд ва маҳз ҷомеа ояндаи худро ба он алоқаманд мекунад. Худидоракунии шахсӣ дар асоси арзишҳои идеологӣ нобаробарии иҷтимоии мавҷударо гарчанде инъикос намояд ҳам, онҳо созишномаи иҷтимоии эътирофшудаи шарикии иҷтимоиро тасдиқ мекунанд. Махсусан, онҳое, ки мансабҳои давлатӣ надоранд, воситаҳои таъсиррасониро соҳиб нестанд, вале розиянд, ки дигарон онро дошта бошанд, барои таъмин кардани мавҷудияти худ дар сатҳи идораи давлатӣ қобили қабул дониста шуда, аз ҷониби ҷомеа ба сифати қонеъкунандаи талаботи иҷтимоии умумиятҳо шинохта мешавад.
2. Ҳуқуқӣ - талаботи ҷомеаро дар танзими давлатии муносибатҳои тарафҳо инъикос намуда, шартномаи иҷтимоиро оид ба шарикии иҷтимоӣ дастгирӣ менамояд ва ё дар навбати дигар шартномаи иҷтимоии ошкоро баста мешавад.
3. Дастгоҳи ахлоқии дорои табиати универсалӣ [6,с.86-118].

Ҳокимияти сиёсии аз ҷониби ҷомеа арзёбишаванда дорои сохтори махсус аст. Субъекти олии ҳокимияти сиёсӣ сарвари сиёсӣ буда, ҳадафҳо ва воситаҳои идеологияи ҳокимиятро ифода менамояд. Мутобиқан се ҳолати легитимияти ҳокимияти сиёсиро метавон ёдовар гардид: шахсӣ, идеологӣ ва сохторӣ. Барои ташаккул додани легитимияти ҳокимияти сиёсӣ зарур аст, ки ҷомеа ҳадафҳо, режими сиёсӣ ва сарвари сиёсиро эътироф намояд ва онро ба доираи муносибатҳои легалӣ пайваст созад. Дар ин фазои муносибат, ки арзишҳои режими сиёсӣ ба сифати арзиши идеалӣ аз ҷониби ҷомеа дастгирӣ меёбанд ва муносибатҳои мушаххасро дар шуури омма ташаккул медиҳанд, бартарии ҳукумати амалкунандаро инъикос намуда, омодагии ҷомеаро ба итоат кардан ба мақомоти давлатӣ баён менамояд. Легитимикунонӣ як раванд аст ва мисли дигар равандҳои сиёсӣ аз унсурҳои зерин иборат мебошад: объект, воситаҳо, усулҳо, захираҳо ва иҷрокунандагон [10,с.40]. Объектҳои қонунигардонии ҳокимият дар раванди ташаккулёбии он мақоми махсус доранд. Масалан, муҳаққиқи рус Макаренко В.П. сарвари сиёсӣ, институтҳои сиёсӣ, низоми сиёсӣ, системаи сиёсӣ, стратегияҳои рушд, қарорҳо, амалҳо ва нақшаҳои мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро ба сифати объектҳои легитимикунонии ҳокимияти сиёсӣ муаррифӣ менамояд [9,с.229].

Легитимияти ҳокимияти сиёсиро пайваста ба фаъолияти сарвари сиёсӣ вобаста менамоянд. Муносибатҳои амалӣ дар идораи давлат далели онанд, ки мавҷудияти ҳокимият дар ҳукумат, дастгирии он аз ҷониби аксарияти шаҳрвандон, розигии тарафайни шаҳрвандону мақомот дар раванди идоракунӣ, эътирофи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва монанди инҳоро инъикос менамояд.

Системаи сиёсии ҷомеа маҷмӯи институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки унсурҳои асосии онро ҳокимияти сиёсӣ ва сарвари сиёсӣ ташкил менамояд. Асоси эътирофи ҳокимияти сиёсӣ дар системаи амалкунанда аз амал ва фаъолияти сарвар вобастагӣ дорад. Дар навбати дигар, ҳокимият ягона воситае мебошад, ки ба сарвари сиёсӣ имконияти амалисозии иродаи ӯро пешниҳод менамояд. Ҳокимият ҳамчунин кӯшиши шахс барои мағлуб кардани иродаи умумиятҳои дигар дар шакли ҳукмронӣ ё таслим ифода меёбад. Дар доираи муносибатҳои системавӣ нисбати ҳокимият чунин таъриф мешавад, ки ҳокимият ҳамчун қобилияти системаи амалкунанда буда, институтҳои ҳокимият уҳдадориҳои худро барои ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ равона менамоянд. Таълимоти марксизм асоси устувории ҳокимиятро ба моликият ва бартарияти иқтисодии табақаҳои муайян мепайвандад. Муҳаққиқи рус Соколов А.В. дар бораи нақши афзояндаи симои сарвари сиёсӣ ҳамчун омили қонунигардонии ҳокимият чунин қайд менамояд, ки шинохт ва эътирофи симои сарвари сиёсӣ аз ҷониби омма легитимияти ҳокимиятро пешниҳод намуда, сохтмони мақсадноки шифоҳӣ ва рамзии он муаррифӣ мешавад [12,с.7].

Дар ҷомеаи демократӣ раванди соҳибшавӣ ба ҳокимият тавассути муносибатҳои легалии эътирофшуда амалӣ мешавад. Асоси устувории қонун ва меъёрҳои муайяншуда, ки имкониятро ба сарвари сиёсӣ барои даст ёфтан ба ҳокимияти сиёсӣ пешниҳод менамояд, бояд хосияти устуворӣ дошта бошанд. Зеро оммаи мардум эътирофи ҳокимияти амалкунандаро аз мақоми қонун дар раванди идораи давлат муайян мекунанд ва ба сарвари сиёсӣ умед мебанданд. Сарвари сиёсӣ мақоми махсусро дар ҷомеаи демократӣ дар асоси эътирофи меъёрҳои ҷомеаи демократӣ соҳиб мегардад. Мақому нақши сарвари сиёсӣ дар раванди муносибатҳои амалӣ ва эътирофи он аз ҷониби шаҳрвандон баёнгари ризоияти онҳо нисбати ҳокимияти сиёсии амалкунанда мебошад, ки легитимияти ҳокимият асоси устувор пайдо менамояд.

Масалан, муроҷиат ба раванди соҳибшавии сарвари сиёсӣ дар ҳокимияти шӯравӣ далели он аст, ки дар натиҷаи табаддулот марҳилаи муайяни таърихӣ ба сари ҳокимият омад ва хусусияти харизматикии сарвари сиёсӣ нисбат ба ҷомеа истифода гардида, тавассути механизмҳои коркарди таблиғотӣ пайваста истифода мегардад, ки раванди рӯоварии ҷомеаро ба чунин система муваффақият анҷом додаанд. Чунин доираи муносибат ба худи ҷомеа тааллуқ дошта, умед ба як шахсияти таърихӣ мебастанд ва хусусиятҳои ғайрифавқултабииро нисбати он эътироф мекарданд, ки мушкилиҳои ҷойдоштаро дар ҳаёти онҳо, аз қабили ноустувории мақоми ҷомеа дар идораи давлат, кафолати ҳуқуқу озодиҳои онҳо, ба қонун ва мақоми он дар идораи давлатӣ арҷ гузоштан, таъмини шароити зиндагии арзанда вобаста ба талаботҳои ҷойдошта, ҳимояи манфиатҳои синфи поёнӣ ва ғайра муносибати мушаххасро амалӣ менамояд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, ҳар як насле, ки дар ҷомеа вобаста ба гузашти айём тавлид мешавад, дорои талабот ва манфиатҳои махсуси худ аст. Системаи амалкунанда дар Иттиҳоди Шӯравӣ, ки муваффақияти беназирро дар сиёсати ҷаҳонӣ соҳиб гардида буд, лагери бузурги сотсиалистиро ташкил намуда, дар солҳои 80-уми қарни гузашта марҳилаи таназзулро аз сар гузаронида, аз байн рафт. Вале ин маънои паст гардидани сатҳи соҳаи иҷтимоии шаҳрвандон дар охири солҳои 80-умро надорад, баръакс аз ҷиҳати даромад имкониятҳои шаҳрвандон зиёд гардид, махсусан, имкониятҳо барои фаъолияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар натиҷаи паст гардидани фишори таблиғоти системаи сиёсӣ ба таври васеъ инкишоф ёфтанд. Меарзад сабаби асосии пошхӯрии системаи сиёсии амалкунандаи Иттиҳоди Шӯравиро аз фаъолияти субъекти олии сиёсат, яъне сарвари сиёсии ҳамонвақтаи шӯравӣ вобаста созем. Зеро ислоҳоти сиёсии бе дарназардошти заминаи воқеӣ амалишуда сабаби асосии аз байн рафтани легитимияти ҳокимияти сиёсӣ дар сатҳи шуури оммавии шӯравӣ гардид. Дар ин доираи муносибат арзишҳои режими тоталитарӣ нақш ва мавқеи худро аз даст дод ва раванди идоракунӣ рукуд кард. Хосияти рукуд касб кардани идоракунӣ ҳолати нобоваріро нисбат ба ҳокимияти амалкунанда зиёд гардонид, зеро идоракунӣ воситаи асосии татбиқи ҳокимияти сиёсӣ буда, амалишавии онро аз эҳтимолият ба воқеият табдил медиҳад.

Дар навбати дигар метавон мақоми ҳокимияти сиёсиро дар ҷомеа мавриди бврраси қарор диҳем. Ҳокимияти сиёсӣ воситаи асосии татбиқи муносибатҳо дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ буда, раванди самаранокии он ба фаъолияти сиёсии сарвари сиёсӣ вобаста мегардад. Дар раванди идораи давлатӣ ҳамаи ҷомеа наметавонад пурра иштирок намояд, аммо дар навбати дигар, аз таъсири ташкилотҳои сиёсӣ дур будан ғайриимкон аст. Дар раванди идораи давлат мақом ва нақши марказӣ ба сарвари сиёсӣ ва ҳокимияти сиёсӣ марбут аст. Раванди касби самаранокии легитимияти ҳокимият ба фаъолияти сарвари сиёсӣ вобаста дониста мешавад, зеро вобаста ба фаҳми мафҳуми ҳокимият ва раванди амалишавӣ нақши асосӣ ба идоракунанда ва ҳукмрони он дода мешавад. Саймон Г. ҳузури ҳокимияти идоракунандаро ба идорашаванда вобаста менамояд. Қобилияти муайян кардани рафтори онҳо бо мавҷудияти муносибатҳои ҷойдошта пешбинӣ мегардад, ки ҳадафноканд ва то ҳадде ба мақсади гузошташуда дар идораи давлат ноил мешаванд. Ҳамин тариқ, ҳокимияти сиёсиро ҳамчун муносибати тобеият ба сиёсат метавон маънидод кард. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон аз нуқтаи назари идоракунӣ ҳокимияти сиёсиро таъсири бевоситаи сарвари сиёсӣ ба ҷомеа номид. Дар навбати дигар, маҷмӯи вазифаҳои идоракуние, ки тавассути он сарвари сиёсӣ нисбат ба идоракунандагон муносибаташро дар заминаи бунёдшудаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ амалӣ намуда, механизмҳои давлатиро барои идораи ҷомеа истифода мебарад.

Идораи давлатӣ раванди пурихтилофи идораи ҷомеа буда, аз ҷониби субъекти он, шахсияти олии сарвари сиёсӣ дар ҳамбастагӣ бо гурӯҳи идоракунандагон ба хотири минбаъдаи инкишофи давлат тарҳрезӣ мегардад. Ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда вобаста аст ба арзишҳои режими сиёсӣ ва муносибати мусбат ва хайрхоҳонаи ҷомеа нисбат ба ҳокимияти сиёсӣ, ки то кадом андоза ҷомеа онҳоро дастгирӣ менамояд. Марҳилаи истифодаи усулҳои зӯроварии мустақим аз ҷониби давлат ба ҷомеа ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ шакли канораи муносибатро нисбат ба ҳокимият ва сарвари сиёсӣ меангезад ва ҳолати нокомиро дар идораи сиёсӣ тақвият мебахшад [6,с.109].

Дар шароити ташаккули ҷомеаи муосир рушди шуури сиёсӣ ва маданияти сиёсии умумият ба тобеияти дигарон беш аз пеш вобастагӣ дорад. Зеро амалияи ҷамъиятӣ собит месозад, ки қобилияти зеҳнии сарвари сиёсӣ мақом ва нақши онро дар раванди идораи ҷомеа вусъат мебахшад ва истифодаи вазъияти бавуҷудомадаро ба ӯ пешниҳод менамояд. Ҳатто баъзан мавридҳо дониш ва таҷриба ба сарвар аз ваколатҳои ҷойдошта дида шароити мусоид барои назорати вазъ ва идораи сиёсӣ фароҳам менамояд.

Ҳамин тариқ, раванди идораи ҷомеа муносибати махсусро талаб намуда, амалишавии ҳоимияти давлатиро дар асоси манфиатҳои омма тақозо мекунад. Ба хотири касби самаранокии идораи давлатӣ, ки ҳокимияти сиёсӣ унсури меҳварии он мебошад, вазифаҳои мушаххаси худро барои амалишавии мақсадҳо ва ҳадафҳои гузошташуда талаб менамояд. Аз ин рӯ, метавон ба чор вазифаи асосии ҳокимияти сиёсӣ, аз ҷумла қабули қарор, ташкил, танзим ва баҳисобгирӣ диққати махсус зоҳир намуд. Дар ҷараёни таҳаввули идораи давлатӣ инсоният шаклҳои ташкилиеро, ки ба ин вазифаҳо мутобиқатанд, созмон додааст: қабули қарор – соҳибихтиёрӣ, ташкилот -ҳокимияти иҷроия ва маъмурият, танзим - арбитраж, суд ва мақомоти репрессивӣ, баҳисобгирӣ - шуъбаҳои оморӣ, хадамоти иҷтимоӣ ва марказҳои таҳлилӣ.

Тақсими ҳокимият, ки моҳияти он вобаста ба таҳаввулоти ҷомеа собит шудааст, заминаи ҷиддии илмӣ дорад. Ба андешаи мутафаккири фаронсавӣ Монтеске Ш., бояд тартиботе вуҷуд дошта бошад, ки дар он мақомоти ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судӣ нисбатан мустақил бошанд, ки ҳамдигарро маҳдуд намоянд. Аз зарурати ҷомеа ба санҷишҳо ва мувозинатҳо ҳамчун як навъи зарурати тақсими ҳокимият истифода намоянд [7,с.291].

Мустақилияти нисбии онҳо ба яке аз принсипҳои бунёдӣ дар фаъолияти низоми сиёсӣ муайян гардида, инчунин дар конститутсияҳо низ инъикос ёфтааст. Махсусан, раванди тақсими ҳокимият дар асоси принсипи таҷзияи он нишонаи асосии легитимияти ҳокимият ба ҳисоб рафта, муносибати воқеиро аз сарвари сиёсӣ ҳамчун шахсияти аввал дар идораи давлатӣ талаб менамояд. Заминаи тақсими чунин тарзи ҳокимият дар режими сиёсии демократӣ зуҳур намуда, нишонаи соҳибихтиёрӣ ва соҳиб будани омма ба ҳокимияти давлатӣ мебошад. Чунин тарзи муносибатро моддаи 9-уми Коститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муайян намуда, ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба се шохаи асосӣ: қонунбарор, иҷроия ва судӣ тақсим мешавад [5,с.9].

Вазифаи баҳисобгирӣ дар идораи давлатӣ мақом ва нақши махсус дошта, ба таври ғайримуқаррарӣ мақоми нақшаи даркшударо мебозад. Раванди чунин муносибат моҳияти ташаккули идеяи муносиби вазъият дар раванди амалишавии муносибат вобаста ба самтҳои соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар идораи давлатӣ буда, иҷрои он барои тамоми мақомоти ҳокимият зарур аст. Ғайр аз ин, баррасии дуруст ва саривақтии омилҳои ҳалкунанда дар идоракуни давлатӣ бе мавҷудияти иттилоот дар идораи давлат ва татбиқи уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ мушкилӣ эҷод намуда, ба қабули қарори самаранок монеа мешаванд.

Тасодуфӣ нест, ки дар системаи мураккаби иҷтимоӣ кӯшиши ғасби ваколати як шохаи ҳокимият барои ишғоли мавқеи бартаридошта барои шохаҳои дигари ҳокимият ноустувориро инкишоф медиҳад ва дар ниҳоят ба коҳиш ёфтани назорат оварда мерасонад. Зарурияти тақсими ваколатҳо мустақиман аз фарқияти функсияҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии онҳо дар самтҳои гуногун ба самаранокии идора вобаста мешавад. Ҳокимияти қонунбарор ҳамчун ниҳоде дониста мешавад, ки ирода ва манфиатҳои ҷомеаро ҳимоя мекунад ва фаъолияти он ба ҳадафҳои иҷтимоию идеологӣ, ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ нигаронида шудааст. Инчунин, ҳокимияти қонунбарор дар ҷомеаи демократӣ амалҳои худро ба андешаи интихобкунандагон вобаста менамояд, ки ин меъёри асосии

самаранокии он мебошад. Ҳокимияти иҷороия ҳамчун шохаи дигари ҳокимияти давлатӣ вазифаи дигарро низ дорад, ки таъмини иҷрои иродаи ҷамъиятӣ дониста мешавад. Самаранокии он мутаносибан аз дараҷаи ноил шудан ба ҳадаф ва кӯшишу воситаҳои барои он сарфшуда вобаста буда, арзиши иҷтимоии амал арзёбӣ мегардад ва раванди эътирофи ҳокимиятро инкишоф медиҳад. Раванди касби легитимияти ҳокимияти сиёсӣ дар навбати дигар аз фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ вобаста гардида, муносибати мусбати омма нисбати ҳокимият аз амал ва фаъолияти мақомоти мазкур вобастагии калон дорад. Ташаккули коррупсия дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан прокуратура ва суд ҳолатест, ки вазъи нохубро дар муносибати мутақобилаи омма ва ҳокимият инкишоф дода, мақом ва нақши сарвари сиёсиро коста мегардонад. Шахси мансабдор бояд уҳдадорӣ ва вазифаҳои худро дарк намояд, соҳаи кори худро донад ва менеҷери касбӣ бошад.

Сарвари сиёсӣ меҳвари идораи давлатӣ, муттаҳидкунандаи ҷомеа, институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ бояд идораи давлатиро зери назорати худ қарор диҳад. Зеро ташаккули одатҳои идеологӣ дар идораи давлатӣ ва ба сатҳи давлатӣ бурда расонидани арзишҳои идеологӣ ноустуворӣ ва хусуматро байни субъектҳои идора ва ҷомеа инкишоф дода, умри идора ва ҳокимияти сиёсиро кӯтоҳ намуда, ҳолати бухрониро ташаккул медиҳад. Бояд қайд намуд, ки дар раванди идораи давлатӣ ҷараёни қабули сарвари сиёсӣ аз ҷониби ҷомеа як ҷузъи инфиродии қонуният буда, муҳимтарин унсури таъсири ҳокимияти сиёсӣ ба омма мебошад [4,с.58].

Ҳамин тариқ, қонунӣ будани ҳокимияти сиёсӣ ба самаранокии он алоқаманд буда, консепсияи қонуният бошад, муносибати оммаро ба ҳокимият инъикос менамояд ва ба воситаи созанда дар ташхиси самаранокии он табдил меёбад. Эътирофи қонунияти ҳокимияти сиёсиро дар навбати дигар ба ҳолатҳои муайян аз мувофиқати арзишҳои режими сиёсӣ ба идораи давлатӣ ва фаъолияти субъектҳои сиёсӣ низ метавон арзёбӣ намуд. Барои ба даст овардани эътирофи сартосарии ҷомеа сарвари сиёсӣ дар раванди идора ва амалисозии ҳокимияти сиёсӣ бояд манфиатҳои табақаҳои гуногуни ҷомеаро ҳимоя созад.

Муқарриз: н.и.с., дотсент *Сафарализода Х.Қ.*

АДАБИЁТ

1. Аржаев, Е.В. Имидж политических институтов как фактор легитимации власти в современной России [текст] / Е.В. Аржаев // Известия Саратовского университета. – 2008. – Т.8. –№3. –С.89-97.
2. Березкина, О.П. Политический имидж в современной политической культуре: дис. … д-ра полит. наук [текст] / О.П. Березкина. – СПб., 1999. – 404 с.
3. Волков, И.П. Исследование лидерства как функции групповой задачи [текст] / И.П. Волков // Социальная психология в трудах отечественных психологов. – СПб., 2000. – 512 с.
4. Голубева, Л.Л. Природа волевого начала: механизмы и технологии его трансляции: дис. … канд. филос. наук [текст] / Л.Л. Голубева. – Коломна, 2000. – 210 с.
5. Конститутсияи Чумњурии Тољикистон. – Душанбе, 2016. – 36 с.
6. Майер, Г. Демократическая легитимность в посткоммунистическом обществе: концепции и проблемы [текст] / Г. Майер // Легитимность и легитимация власти в России. – СПб.: СПбГУ, 1995. – С.86-118.
7. Монтескье, Ш. О духе законов // Избранные произведения. – М., 1995. – 690 с.
8. Пищулин, Н.П. Политическое лидерство [текст] / Н.П. Пищулин, С.Ф. Соколов. – М., 1992. – 88 с.
9. Пономарев, Н.Ф. Стратегии и технологии медиалегитимации власти: монография [текст] / Н.Ф. Пономарева. – Пермь, 2010. – 192 с.
10. Склифус, С.В. Легитимация государственной власти в Российской Федерации: вопросы теории: дисс…канд. юрид. наук [текст] / С.В. Склифус. – Белгород, 2009. – 137 с.
11. Скиперских, А.В. Механизмы легитимации политической власти на постсоветском пространстве: дисс… д-ра полит. наук [текст] / А.В. Скиперских. – Воронеж, 2007. – 379 с.
12. Соколов, А.В. Имидж политического лидера как фактор легитимации политической власти: дисс… канд. полит. наук [текст] / А.В. Соколов. – М., 2009. – 186 с.
13. Саликов М.С. Централизм и демократия: проблемы поиска баланса / М.С. Саликов // Централизм, демократия, децентрализация в современном государстве: конституционно-правовые вопросы : материалы международной научной конференции. Москва, 7-9 апреля 2005 г. / под ред. С.А. Авакьяна. – М. : ТК Велби, 2006. – С. 73–78.
14. Чиркин В.Е. Конституция и современные модели публичной власти: идеологемы и реалии / В.Е. Чиркин // Государство и право. – 2011. – № 6. – С. 5–12.
15. Цишковский Е.А. Идея народовластия в российской правовой идеологии и доктрине (критический очерк) / Е.А. Цишковский, С.С. Кузакбирдиев // Органы государственной власти Российской Федерации в условиях разделения властей. – Тюмень : Изд-во Тюменского юридического ин-та МВД РФ, 2005. – С. 97–103.

СИМОИ САРВАРИ СИЁСӢ ВА ТАТБИҚИ ЛЕГИТИМИЯТИ ҲОКИМИЯТ

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба омӯзиши масъалаи татбиқи легитимияти ҳокимият пардохта, нақши симои сарвари сиёсиро дар ин раванд нишон додааст. Муаллиф дар таҳқиқи ин масъала ба хусусиятҳои симои сарвари сиёсӣ ва самаранокии фаъолияти сиёсии сарвар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба ин васила механизмҳои дар амал татбиқ гардидани легитимияти ҳокимиятро нишон додааст. Дар раванди баланд бардоштани легитимияти ҳокимият нақши сарвари сиёсӣ, имиҷи сиёсии сарвар хеле муҳим аст. Сарвари сиёсӣ ҳамчун субъекти марказии идоракунии давлатӣ дар заминаи иҷроиши пурраи ваколатҳо ва салоҳиятҳо фаъолияти қонунии давлат ва самаранокии идоракунии давлатиро таъмин месозад. Гузашта аз ин, хислатҳои шахсии сарвар, муваффақият ва дастовардҳои ӯ, махсусан иродаи сиёсии вай имкон медиҳад, ки эътимод ва боварии одамон дар муносибат ба мақомоти давлатӣ афзоиш ёбад. Механизми муҳимтарини татбиқи легитимияти ҳокимияти давлатӣ бо дарназардошти амалигардонии манфиатҳои миллӣ ва ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Яъне, фаъолияти сиёсие, ки дар заминаи манфиатҳои миллӣ ва оммавӣ амалӣ мегардад, боиси афзоиши легитимият ва татбиқи самараноки он мешавад. Аз ин рӯ, дар мавриди ин масъала хулоса ин аст, ки механизми ташаккулёбӣ ва татбиқи легитимияти ҳокимияти давлатӣ раванди мураккаб ва гуногунпаҳлу ба ҳисоб рафта, аз самаранокии фаъолияти сиёсии сарвари сиёсӣ, симои сиёсии ӯ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобаста аст.

Калидвожаҳо: симои сарвари сиёсӣ, имиҷи сиёсии сарвар, легитимияти ҳокимият, самаранокии фаъолияти сиёсӣ, мақомоти давлатӣ, идоракунии давлатӣ.

ОБРАЗ ПОЛИТИЧЕСКОГО ЛИДЕРА И УТВЕРЖДЕНИЕ ЛЕГИТИМНОСТИ ВЛАСТИ

В данной статье автор исследует вопросы легитимности власти и показывает роль политического лидера в этом процессе. При изучении данного вопроса автор уделяет больше внимания характеристикам имиджа политического лидера и эффективности политической деятельности лидера, а также показывает механизмы утверждения легитимности власти. Роль политического лидера в процессе повышения легитимности власти очень важна. Политический лидер как центральный субъект государственного управления обеспечивает легитимное функционирование государства и эффективность государственного управления на основе полного осуществления полномочий. Более того, личные качества лидера, его успехи и достижения, особенно его политическая воля, позволяют повысить доверие и уверенность людей в их отношении к государственной власти. Важнейший механизм реализации легитимности государственной власти определяется реализацией национальных и общественных интересов. То есть политическая деятельность, осуществляемая на основе национальных и общественных интересов, ведет к повышению легитимности и ее эффективной реализации. Таким образом, вывод по данному вопросу заключается в том, что механизм формирования и реализации легитимности государственной власти представляет собой сложный и многогранный процесс и зависит от эффективности политической активности политического лидера, его политического имиджа и деятельности органов государственной власти.

Ключевые слова: образ политического лидера, политический имидж лидера, легитимность власти, эффективность политической деятельности, органы государственной власти, государственное управление.

IMAGE OF A POLITICAL LEADER AND APPROVAL OF THE LEGITIMITY OF POWER

In this article, the author examines the issues of the legitimacy of power and shows the role of the political leader in this process. When studying this issue, the author pays more attention to the characteristics of the image of a political leader and the effectiveness of the political activity of the leader, and also shows the mechanisms of asserting the legitimacy of the authorities. The role of the political leader in the process of increasing the legitimacy of the authorities is very important. The political leader as the central subject of public administration ensures the legitimate functioning of the state and the effectiveness of public administration based on the full exercise of powers. Moreover, the personal qualities of a leader, his successes and achievements, especially his political will, make it possible to increase people's trust and confidence in their attitude to state power. The most important mechanism for realizing the legitimacy of state power is determined by the realization of national and public interests. That is, political activity carried out on the basis of national and public interests leads to an increase in legitimacy and its effective implementation. Thus, the conclusion on this issue is that the mechanism for the formation and implementation of the legitimacy of state power is a complex and multifaceted process and depends on the effectiveness of the political activity of a political leader, his political image and the activities of state authorities.

Keywords: the image of a political leader, the political image of a leader, the legitimacy of power, the effectiveness of political activity, government bodies, public administration.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Некрӯзи Маҳмадхоҷа*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail**: nekruzi.mahmadkhoja@mail.ru** Тел.: **(992) 918508268**

Сведения об авторе: ***Некрузи Махмадходжа*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры политических процессов в Таджикистане. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail**: nekruzi.mahmadkhoja@mail.ru Тел**.: **(992) 918508268**

Information about the author: ***Nekruzi Mahmadhodzha*** - Tajik National University, applicant for the Department of Political Processes in Tajikistan. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **nekruzi.mahmadkhoja@mail.ru** Tel.: **(+992) 918-50-82-68**

УДК: 681.518 (1-925.3)

ТАЪСИРИ ХАТАРҲОИ ИТТИЛООТӢ БА ФАЗОИ АМНИЯТИ МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Фозилов К.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯз бо рушди техникаву технологияи муосир ё шабакаҳои интернетӣ иттилоотро метавон ба тамоми олам паҳн кард. Тавассути иттилоот ва сухан метавон ҷомеаро дигаргун сохт ва ё идора кард. Иттилоот дар ҳама даврaҳои рушди ҷомеа мавқеи муҳим дошт ва он ҳамчун объекти мубориза истифода мешуд. Имрӯз бошад, зиёдтар аз ҳар вақти дигар ин падида аҳамияти муҳим пайдо кардааст. Зеро, дигар на ҷангҳои иттилоотӣ, балки ҷангҳои иттилоотии ҳадафмандона истифода бурда мешаванд.

Минтақаи Осиёи Марказӣ дар баробари фарогир будан ба таҳдид ва чолишҳои хатарнок чун экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, коррупсия, ҷиноятқории муташаккилона ва ғайра боз аз доираи хатарҳои иттилоотӣ берун нест.

Вақтҳои охир дар тамоми минтақаи пасошӯравӣ, таҳдидҳое, ки дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ба амал меоянд, ба маротиб меафзоянд. Рушди босуръати Интернет, маҳз ба афзоиши корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Ҳамаи ин имкониятҳоро намудҳои гуногуни ташкилотҳо, ҳаракатҳо ва иттиҳодияҳо барои таъсиррасонии мақсаднок ба сокинон ва таблиғи ғояҳо ва ақидаҳои ифротӣ ва радикалӣ, ҷалби аъзои нав ба сафҳои худ ва ҷустуҷӯи манбаъҳои маблағгузорӣ истифода мебаранд.

Таҳдидҳои амнияти иттилоотиро ба ду намуд ҷудо кардан мумкин аст: табиӣ ва сунъӣ. Ба падидаҳои табиӣ падидаҳое дохил мешаванд, ки ба одамон вобастагӣ надоранд, аз қабили тӯфон, обхезӣ, оташ ва ғайра. Таҳдидҳои техногенӣ мустақиман ба худи шахс вобастаанд ва метавонанд дидаю дониста ва ё тасодуфӣ бошанд. Таҳдидҳои ногаҳонӣ аз беэҳтиётӣ, бетаваҷҷуҳӣ ва ҷаҳолат ба вуҷуд меоянд. Намунаи чунин таҳдидҳо насби барномаҳое мебошад, ки ба шумораи зарурӣ барои кор дохил карда нашудаанд ва кори системаро боз ҳам вайрон мекунанд, ки боиси аз даст додани иттилоот мегардад. Таҳдидҳои қасдан, бар хилофи таҳдидҳои қаблӣ, барқасдона сохта мешаванд. Ба он ҳамлаҳои ҷиноятқорон ҳам аз берун ва ҳам аз дохили ширкат дохил мешаванд. Натиҷаи татбиқи ин навъи таҳдид аз даст додани маблағ ва моликияти зеҳнии ин ё он муассиса ва ё ташкилот мебошад [10,с.91-95]. Ҳолати вазнини бархе аз соҳаҳо, вазъи номусоиди ҷиноятқорӣ, ки бо афзоиши таъсири ҷиноятқории муташаккил ба ҳаёти ҷомеа, паст шудани дараҷаи ҳимояи манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат дар соҳаи иттилоотӣ ба назар мерасанд, аз ҷумла метавонанд ҳамчун таҳдиди ҷиддии дохилӣ бошанд. Ҳамоҳангсозии нокофии фаъолияти мақомот дар ташаккул ва татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти иттилоотии кишварҳо низ метавонад ба ин гурӯҳи таҳдидҳо мансубият дошта бошад.

Навъҳои зерини таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ дар сатҳи маҳаллӣ мавҷуданд:

• Вирусҳои компютерӣ, ки амнияти иттилоотиро вайрон мекунанд. Онҳо пас аз ворид шудан ба барнома ва таҷдиди мустақил ба системаи иттилоотии як компютер ё шабакаи компютер таъсир мерасонанд. Вирусҳо қодиранд, ки фаъолияти системаро бездоранд, аммо бештар онҳо дар маҳал амал мекунанд.

• "Вирусҳои кирммонанд", ки метавонанд ба таври мунтазам барномаҳои компютерӣ ва системаи иттилоотро тағйир диҳанд. Ин намуди вирусҳо бештари вақт ба таври мустақилона, ҳангоми ҳар як пурборкунии компютер фаъол ва такрор карда мешаванд, ки ба маҳв шудани хотираи компютер оварда мерасонад.

• "Аспҳои троянӣ" - барномаҳое, ки дар компютер зери ниқоби худмухтор муфид ворид карда мешаванд. Аммо дар асл, онҳо файлҳои шахсиро нусхабардорӣ мекунанд, ба ҳамлагар интиқол медиҳанд ва маълумоти муфидро нест мекунанд [1].

Аз ин рӯ, ба барномасозон лозим аст, ки санҷиши параметрҳои системаи муҳофизатиро ба назар гиранд. Пешакӣ муқаррар кардани параметрҳои системаи муҳофизатӣ, хусусиятҳои он ва таъмин намудани роҳҳои эҳтимолии гардиш муҳим аст.

Ифшои параметрҳои системаи муҳофизатӣ ҳамчун таҳдидҳои ғайримустақими амниятӣ тасниф карда мешавад. Ҳақиқат он аст, ки ифшои параметрҳо ба қаллобон имкон

намедиҳад, ки нақшаи худро амалӣ кунанд ва маълумотро нусхабардорӣ ва билохира ба он тағйирот ворид намоянд.

Дар корхонаҳои калон усулҳои муҳофизати амнияти иттилоотиро бояд хадамоти махсуси амнияти ширкат идора кунанд. Кормандони он бояд роҳҳои таъсиррасонӣ ба иттилоот ва бартараф кардани ҳама гуна пешрафтҳои вайронкоронро ҷустуҷӯ намоянд. Тибқи санадҳои маҳаллӣ, сиёсати амният таҳия мешавад, ки риояи қатъии он муҳим аст.

Дараҷа ва зуҳури зарари хатарҳои иттилоотӣ метавонанд гуногун бошанд:

• Зарари маънавӣ ва моддӣ ба ашхосе, ки маълумоташон дуздида шудааст.

• Зарари молиявии қаллоб дар робита бо хароҷоти барқароркунии системаҳои иттилоотӣ.

• Хароҷоти моддии вобаста ба имконнопазирии иҷрои кор бо сабаби тағйирёбии системаи амнияти иттилоотӣ.

• Зарари маънавии марбут ба эътибори кории ширкат ё боиси вайрон шудани муносибатҳо дар сатҳи на танҳо минтақавӣ, балки ҷаҳонӣ.

Ғайр аз ин, зарар метавонад новобаста аз мавзӯъ бо иттилоот, вале бо таъсири омилҳои беруна (офатҳои техногенӣ, офатҳои табиӣ) расонида шавад.

Мавриди зикр аст, ки зарар ба фазои иттилоотӣ барои молик оқибати номатлуб ҳисобида мешавад (дар ин ҳолат, иттилоот), ки ба оқибатҳои марбут ба гум шудани амволи моддӣ мусоидат мекунад. Оқибатҳо дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунӣ зоҳир мешаванд. Зарар ба системаҳои иттилоотӣ метавонад дар шакли кам шудани фоида ё зиёни фоида ифода ёбад, ки онро фоидаи гумшуда меҳисобанд.

Марҳилаи ҳифзи иттилоот имрӯз яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини фаъолияти инсон ба ҳисоб меравад. Яъне, инсон на танҳо компютер, балки ҳамаи дастгоҳҳои техникиро, ки бо маълумот тамос доранд, вазифадор аст муҳофизат намояд. Зеро ҳама маълумот метавонад силоҳ дар дасти вайронкорон гардад, аз ин рӯ махфияти системаҳои муосири IT бояд дар сатҳи баландтарин роҳандозӣ гардад.

Таъхири амнияти иттилоотии ҳамла танҳо дар робита ба гузариши системаи муҳофизатӣ имконпазир аст. Аслан роҳҳои мутлақи муҳофизат аз таҳдидҳо мавҷуд нестанд, бинобар ин системаи ҳифзи иттилоот бояд ҳамеша такмил дода шавад, зеро қаллобон низ усулҳои худро такмил медиҳанд. Усули универсалӣ бошад, ҳанӯз ихтироъ нашудааст, ки ба ҳама мувофиқ бошад ва комилан муҳофизат кунад.

Ҳамин тариқ, қарни XXI-ро даврони муборизаҳои шадиди идеологӣ, таҳоҷуми фазои иттилоотӣ дар тамоми ҷаҳон, бахусус дар Осиёи Марказӣ медонанд, ки ҳадафаш ба даст овардани манфиатҳо мебошад. Дар ин давраи мураккаби таърихии ҷангҳои равонӣ, хатарҳои иттилоотӣ ва муқовимат ба он, кишварҳое ғолиб мешаванд, ки имкониятҳои фарохи молиявӣ ва неруҳои бузурги зеҳниро доранд. Имрӯзҳо ҳама гуна таҳқиқот ва омӯзишҳои хатарҳои иттилоотӣ ва муқовимат бо онро, муборизаҳо, ҷангҳои равониву забонӣ, асосан бо воситаи радио, телевизион, инчунин интернету рӯзномаву маҷалла ва шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегиранд, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ аз он истисно нестанд.

Дар давлатҳои Осиёи Марказӣ ба амнияти иттилоотӣ ва идоракунии Интернет, ҳалли ин масъалаҳо аҳамияти хосса зоҳир менамоянд. Сарфи назар аз шабоҳати усулҳои аз ҷониби ҷумҳуриҳо истифодашуда дар рафъи мушкилоти нобаробарии иттилоотӣ, рушди сегменти миллӣ дар Интернет, ташаккули заминаи меъёрӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, равишҳои ягонаи минтақавӣ барои ҳалли ин масъалаҳо мавҷуд нестанд. Аз ин лиҳоз, ин ба муносибатҳои нисбатан мураккаб ва аксар вақт ихтилофи байни давлатҳои Осиёи Марказӣ вобаста ба хусусияти гуногуни рушди сиёсати дохилии хориҷии давлатҳои минтақа вобаста аст [2].

Бо афзоиши таҳдидҳои иттилоотии ҷаҳонӣ, ки ба тамомияти давлат ва субот таҳдид мекунанд, элитаи сиёсии Осиёи Марказӣ дарк мекунад, ки тадбирҳо дар сатҳи як давлат на ҳамеша самарабахш ва кофӣ мебошанд. Хусусияти фаромиллии рушди фазои иттилоотӣ хусусияти фаромарзии мушкилот ва таҳдидҳоро муайян мекунад. Аз ин рӯ, барои таъмини амнияти иттилоотӣ дар доираи ҳатто як давлат, қабули либоси ягонаи минтақавӣ ё тадбирҳои ҷаҳонӣ кам аст.

Мавриди зикр аст, ки ҳар як ҷумҳурии Осиёи Марказӣ равишҳои хосси амнияти иттилоотиро таҳия мекунад, ки дар қонунгузории миллӣ инъикос ёфтаанд. Амалан, дар минтақа комиссияҳои махсус оид ба масъалаҳои амнияти иттилоотӣ амал мекунанд, барои

ҳифзи фазои иттилоотӣ созишномаҳои байниҳукуматӣ қабул карда мешаванд. Аммо, бояд иқрор шуд, ки масъала ҳанӯз ҳам ба таври мукаммал аз ҷиҳати назариявӣ кор карда нашудааст.

Бо ин назардошт, Тоҷикистон аввалин давлати Осиёи Марказӣ буд, ки Консепсияи миллии амнияти иттилоотиро қабул кард - ҳанӯз дар соли 2003 чунин санад аз ҷониби Ҳукумати кишвар таҳия ва тасдиқ карда шуда буд. Консепсия нақши иттилоотро барои рушди ҷумҳурӣ таъкид намуда, соҳаи иттилоотро ҳамчун омили ташаккулёфтаи ҳаёти ҷомеа й намуд. Ҳуҷҷат барои муайян кардани бисёр шартҳо ва механизмҳои таъмини амният дар соҳаи иттилоотӣ фаъолона истифода мешавад, муқаррароти онро мақомоти давлатӣ барои ташаккул ва татбиқи сиёсати амнияти иттилоотӣ истифода мебаранд [9].

Метавон гуфт, ки амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳолати ҳимояи манфиатҳои миллии он дар соҳаи иттилоот, ки бо маҷмӯи манфиатҳои мутавозини шахс, ҷомеа ва давлат муайян карда мешавад, дарк карда мешавад. Дар таъмини амнияти иттилоотии Тоҷикистон нақши роҳбарикунандаро давлат мебозад, ки масъули ташаккули инфрасохтори иттилоотӣ дар асоси манфиатҳои миллӣ аст. Хусусияти назарраси Консепсия аз он иборат аст, ки он ҳадафҳои стратегии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро барои таъмини амнияти иттилоотӣ тасниф мекунад.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон бошад, самтҳои асосии амнияти иттилоотӣ то ба солҳои наздики дар Консепсияи амнияти иттилоотӣ дар соли 2006 сабт шуда буданд. Дар ин санад типологияи умумии таҳдидҳо ба амнияти иттилоотии ҷумҳурӣ пешниҳод карда шуда, вобаста ба пайдоиши онҳо, ба беруна ва дохилӣ, техникӣ ва идеологӣ тақсим карда мешаванд. Вазифаҳои стратегии консепсия ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ дар Қазоқистон ва фароҳам овардани шароит барои рушди босифати он буданд [8].

Бояд қайд кард, ки ҳатто қабл аз қабули ин мафҳум, масъалаҳои амнияти иттилоотӣ дар як қатор қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ инъикос ёфтаанд. Аммо фаровонии ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқие, ки қабл аз қабули консепсия дар як система муттаҳид карда нашуда буданд, ба ҳолати бесарусомонии бахши амнияти иттилоотӣ ва набудани доктринаи ягонаи равшан оварда расониданд.

Яке аз хусусиятҳои Консепсияи соли 2006 дар он буд, ки бори аввал дар амалияи ИДМ мафҳуми идоракунии Интернет ҷорӣ карда шуд, ки маънои таҳия ва истифодаи ҳукумат, бахши хусусӣ ва тамоми ҷомеаи шаҳрвандиро дар самти принсипҳои умумӣ, қоидаҳо ва расмиёти қабули қарорҳо, ки ба истифодаи Интернет иртибот доштанд, дар бар мегирифт [8].

Марҳилаи навбатии рушди қонунгузории Қазоқистон дар ин соҳа Консепсияи амнияти иттилоотӣ то соли 2016 буд, ки 30 сентябри соли 2011 тасдиқ карда шудааст. Консепсия таҷрибаи байналмилалии таъмини амнияти иттилоотиро ҷамъоварӣ ва инъикос намудааст [14].

Рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар сиёсати давлатии Ӯзбекистон низ ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад. Масалан, истифодаи ТИК-и муосир дар системаи сохтори давлатӣ ва иҷтимоӣ омили муайянкунандаи навсозии сиёсӣ шуда истодааст, аммо тафсири истилоҳи иттилоотонӣ ба тариқи сирф техникӣ аҳамияти онро маҳдуд мекунад.

